**Правда,** следовало бы отметить, что тогда и в последующем, фактически этих сил и групп для ведения переговоров с талибами никто, ни афганский народ и, ни его руководство, не уполномочивал.

Отсюда и определение неопределенности и турбулентности в развитии «афганского узла», внешне сыгравшего благополучную картину в период 2016 года.

Поэтому, представляет политический и геостратегический интерес точка зрения Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, изложенное еще 29 июня 2004 года, в ходе выступления на Саммите НАТО (Совета Северо-Атлантического партнерства) в Стамбуле, где отчетливо было проанализирована и выражена многократно мысль, преостерегающая мировое сообщество с самого начала антитеррористической операции о том, что в нынешних условиях: «…для реального улучшения обстановки необходимо расширение сферы влияния международных сил по поддержанию безопасности в Афганистане за пределами Кабула и на всей территории государства» [5, С.413].

Это обстоятельство акцентирует внимание на то, что Международная коалиция, не исключено, что в тактическом плане, выиграла бой с международным террористическим движением талибов и при содействии и помощью сил «Северного Альянса», под руководством Президента Исламского Государства Афганистана Бурхануддина Раббани, где после трагической гибели легендарного министра обороны страны Ахмадшаха Масуда (9 сентября 2001 года), на пост командующего силами альянса был назначен генерал Мухаммад Касим Фахим, заняли столицу страны, город Кабул.

Однако, как показывает последующее время пребывания Международной коалиции вплоть до 2004 года, ее военно – политическое влияние и активное присутствие не распространялось дальше столицы, что и повлекло серьезные последствия, о чем и неоднократно упомянул международному сообществу Глава государства Таджикистана Эмомали Рахмон, на различных саммитах и встреч высоко уровня, об укреплении их стратегии, что могло бы оказать существенное и практическое воздействие на общее положение в Афганистане, что и ускорило бы последующее распространение и способствовало бы дальнейшему закреплению и упрочению мира и стабильности в стране.

Еще тогда была выражена мысль о том, что целесообразными считаются, чтобы страны - члены Международной коалиции по обеспечения безопасности в Афганистане (ISAF) под эгидой НАТО, усиливали контакты с государствами, граничащими с Афганистаном, тем самым, содействуя всеобъем-

лющему их задействованию в постконфликтном возрождении экономики этой страны.

В этом контексте было акцентировано внимание на то обстоятельство, что существующий тесный контакт между НАТО и государствами-соседями Афганистана сможет продвинуть этот фактор, как дополняющий, - т.е., гуманитарное составляющее. Потому и, он, выражает позицию Таджикистана, высказав о том, что: «Мы, приветствуем принятие 1 апреля 2003 года Берлинской Декларации по Афганистану, в которой определены ближайшие задачи государств-участников этого процесса по обеспечению стабилизации ситуации, экономического возрождения, реконструкции и развития страны» [5, С.413 - 414].

Следовало бы отметить, что по этому направлению, с целью исполнения Берлинской Декларации по Афганистану, Таджикистан, в силу своих возможностей, приложил максимум усилий, чтобы это направление было обеспечено на высоком уровне.

Основываясь на этом, следовало бы отметить, что позиция Республики Таджикистан во взаимоотношениях с Афганистаном приобретают качественно новое содержание, где множество обстоятельств из числа ранее существующих проблем Афганистана, в том числе всеобщая борьба против международного терроризма, экстремизма, контрабанды наркотических веществ, оружия и торговля людьми, выходя на первый план, одновременно акцентируют стремление к тому, чтобы, постконфликтное возрождение экономики этой страны, со всеми своими специфическими особенностями не уступали другим предпринимаемым шагам.

Данное обстоятельство вновь подтверждает свое право на жизнь. Так как время, прошедшее со дня начала боевых операций Международной коалицией, не принесли и не подтвердили долгожданное ожидание афганского народа, мир и стабильность так и не были установлены по всему периметру территории Афганистана, более того, определенные районы, относящиеся к южным провинциям, и юго – восточной части, а также на севере, по прежнему давали о себе знать, в плане лояльности к движению талибов, что и сводило всю эту огромную работу по их уничтожению, к нулю.

В этом контексте представляет большой интерес анализ ситуаций, касающееся одной из важных составляющих в деле финансового поддержания международного терроризма, посев, производство, незаконная торговля, контрабанда наркотиков в Афганистане, которое, несмотря на активное присутствие Международной коалиции, с самого начала, не имело тенденции к сокращению, а наоборот, все более новые площади земель, подверглись выращиванию этого зелья.

С учетом того обстоятельства, что данная проблема, а также всеобщая борьба является наиважнейшим вопросом современного мира, период пребывания Международных сил по содействию безопасности в Афганистане (ISAF) и активные боевые операции не дали ощутимых результатов.

Поэтому и возникает вопрос, так кто же способен искоренить эту проблему в Афганистане, если сто тысячная армада Международной коалиции, оказалась не способной, наряду с уничтожением террористического движения талибов, в свое время покровительствовавшие международному террористу №1 с его последователями, искоренить его?

Более того, следовало бы упомянуть и тот факт, что за время пребывания Международной коалиции в Афганистане, производство наркотических веществ не то, что не сократилось, наоборот, увеличилось во много раз, где самым противоречащим вопросом остается еще один не простой момент, теперь, качество производимого в этой стране наркотиков, в особенности, героина, приобретает высокий уровень. То есть, в стране работают соответствующие лаборатории, техническая оснащенность которых, главным компонентом-уксусным ангидридом (acetic anhydride $C_4H_6O_3$) [6], в деле производства высококачественного героина, приобретают немыслимые до селе обороты.

Не лишним будет упомянуть, что производство уксусного ангидрида под силу только промышленно и индустриально развитым странам и к тому же экспорт данной продукции реализуется по строгим правилам между государствами.

В этой связи, возникает вопрос, как стало возможным, что в Афганистане, вовсе не нуждающимся по производственным потребностям, в силу определённых обстоятельств, в уксусном ангидриде, этот стратегический препарат возникает в немыслимых масштабах, способствуя, производству смертельного зелья для всего человечества.

К тому же, определенная часть производимого в Афганистане наркотических веществ продается среди потребителей самого Афганистана, общее число которых, согласно данным соответствующих управлений ООН, достигает одного миллиона человек.

Также известно, что основная часть производимого в Афганистане наркотиков контрабандным путем вывозится за пределами страны.

В 2016 году в исследованиях, проведенных соответствующими институтами ООН по противодействию наркотиками, также отмечается, что по результатам сбора урожая наркосодержащих культур в Афганистане, в 2015 году, общая площадь посевов, составляет 3 300 тонн, что по сравнению 2014 на 48% меньше. Тогда, когда эта цифра в то время составляла 6 400 тонн зелья. Статистика показывает, что по средним подсчетам, с каж-

дого гектара было собрано 18, 3 кг опиума, где этот показатель в 2014 году, приравнивается к 28, 7 килограммов [2]. Интересным является и тот факт, что 47% посевов опиатов в Афганистане в 2015 году приходится на провинцию Гильменд, что на юге страны.

В последние четыре года, согласно данным Агентство по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан, общий объем конфискованных наркотических веществ из опиумной группы (героин, опиум, морфин) в Афганистане, которое составляло 78,5% от 82т.261 кг в 2010 году, увеличилось и составляло 146т.827 кг в 2013 году [1].

Поэтому, научный анализ конструктивных инициатив Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона показывает, что проблема в Афганистане, как была, так и остается в качестве главного вопроса, в центре его внимания и в 2016 году о чем и свидетельствует особое место, отведенное в его Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан, произнесённое 20 января 2016 года, где, освещая вопросы основных направлений внешней политики страны, он акцентирует внимание на афганскую проблему, подчеркивая, что и теперь, наркобизнес в качестве одного из мощных источников финансового обеспечения терроризма, становится аксиомой и требует еще более консолидированной борьбы с этой проблемой, приобретшей чрезвычайно важное составляющее в деле достижения международного сообщества в этой стране, в том числе и в процессе активного содействия реформам, происходящим в центральноазиатском регионе.

Таджикистан прилагает максимум стремлений по противодействию этому явлению. Согласно данным ООН, Таджикистан в качестве страны, находящейся на первой линии борьбы с этой проблемой, имеет самые лучшие показатели и «…объемы изъятия наркотиков занимает третье место в мире, изъяв за последние четыре года из незаконного оборота более 32 тонн наркотиков» [1]. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, наряду с этими успехами, считает, что инициативы отдельных стран во всеобщей борьбе против проблемы международного масштаба не достаточно.

К тому же, он, привлекая внимание на тот факт, что в нынешних условиях, когда происходит обострение политической ситуации в мире, сопровождающееся её трансформацией и разрастанием межгосударственных и межконфессиональных конфликтов, вместе с усилением транснациональной организованной преступности, именно защита границ и обеспечения безопасности государства, в качестве наиважнейших вопросов, приобретает жизненно важное значение.

Исходя из этого, Глава Республики Таджикистан привлекает внимание руководителей, а также личного состава правоохранительных органов и соответствующих структур, к тому, чтобы: «…постоянно быть чуткими и

бдительными, вести беспощадную борьбу против современных угроз и вызовов – терроризма, экстремизма, незаконного оборота наркотических средств, других организованных трансграничных преступлений ради обеспечения верховенства закона, правопорядка, защиты стабильности и спокойствия общества [3]. То есть, обращая взор, в том числе и международного сообщества, к проблеме международного терроризма и экстремизма, вызовы и угрозы которых из Афганистана, несмотря на приличное пребывание Международной коалиции, не то, что не убавилось, а наоборот, представляет по прежнему опасность в свете происходящих вдобавок событий: «…на Ближнем Востоке, Азии, в Северной Африке, Европе, других регионах мира показывают, что терроризм и экстремизм превратились в первостепенные угрозы современного мира» [3].

Где он акцентирует внимание на то обстоятельство, что результаты соответствующих стратегических анализов свидетельствую о том, что: «Деятельность террористических организаций все больше расширяется, еще больше осложняет ситуацию их активизация, в том числе в соседнем нам Афганистане [3], сравнивая их вызовов и угрозу в качестве опасности для всего человечество, как ядерное оружие.

Представляют интерес те воззрения Главы Республики Таджикистан о том, что всеобщая борьба против международного терроризма и экстремизма в нынешний период требует от мирового сообщества формирования атмосферы доверия, уважительного отношения к взаимным интересам, что и способствует всеобъемлющему стремлению против этой общей угрозы.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Анализ ситуации связанной с контрабандой героина из Афганистана через маршруты: Север и Север-Черное море. 09 сентября 2014.Агентсво по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан. http://taj.akn.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=1419:2014-09-09-09-24-11&catid=41:pazhuhish&Itemid=44
2. Организация Объединенных Наций: относительно сокращения площади посевов опиума в Афганистане. Более подробно смотрите: http://taj.akn.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=1857:2015-10-15-06-54-29&catid=41:pazhuhish&Itemid=44
3. Послание Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 20.01.2016. http://prezident.tj/ru/node/10587
4. Саидов З. С. 25 лет внешней политики Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона (1992-2017 гг.): исторические аспекты становления и развития. Душанбе , 2020. С. 241

5. Эмомали Рахмонов. Выступление на Саммите НАТО (Совета Северо-Атлантического партнерства). Стамбул, Турция, 29 июня 2004 г.// Эмомали Рахмонов. Независимость Таджикистана и возрождение нации: В 11 т., т.5. – Душанбе, 2006, С. 413.

6. Уксусный ангедрид - является прекурсором в производстве героина и других наркотиков опиоидной группы, в связи с чем оборот уксусного ангидрида в РФ, Белоруссии, Украине и в некоторых других государствах законодательно ограничен. https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%A3%D0%BA%D1%81%D1%83%D1%81%D0%BD%D1%8B%D0%B9_%D0%B0%D0%BD%D0%B3%D0%B8%D0%B4%D1%80%D0%B8%D0%B4

## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА АФҒОНИСТОН - УФУҚҲОИ ҲАМКОРӢ ДАР МАСИРИ АНҶОМЁБИИ (МАВҚУФШАВИИ) МИССИЯИ ЭЪТИЛОФИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМНИЯТ ДАР АФҒОНИСТОН (ISAFF) (НИМАИ АВВАЛИ СОЛИ 2016)

**САФОЛЗОДА МУҲАММАДИ КУРБОН,**
доктори илмҳои таърих, профессори Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро 35/1;

*Мақола ба мавзуи давраи ҷолиби ҳамкориҳои байни Тоҷикистону Афғонистон, нимаи аввали соли 2016, дар партави ташаббусҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати танзими қазияи ин кишвар бахшида шудааст. Ин ҳамон замонест, ки бештари ҳолатҳои ҳифзгардида, аз хатароти боқимонда далолат медиҳанд, ки новаобаста аз ҳузури доманадори Эътилофи байналмилалӣ дар Афғонистон, мутассифона, "идома"-и худро ёфтанд, ки ин ҷараён баъди даҳсолаҳо аз оғози амалиёти зиддитеррористӣ, наздики солҳои 2016 – 2017 низ давом хоҳанд ёфт. Бар илова, ҳаракати террористии байналмилалии толибон, на танҳо аз ҳузури худ дар фазои сиёсии Афғонистон дарак медиҳанд, балки манзараи ҳузнангези бозгашт ба ба даврони гузашта, яъне, замони "бозиҳои дугона", равшан мегардад, ки акторони мушаххас, бо барқарории тамос бо толибон, ҳамзамон музокироти пинҳониеро низ бо онон дар миён гузоштаанд, ки ҳадаф аз он, мақсадҳои ҷиддиеро дар пеш доранд. Дар партави ин ҳаводис, яке аз сарчашмаҳои таъмини молии террористони байналмилалӣ, кишт, тавлидот ва қочоқи маводи мухаддир дар афғонистон боқӣ мемонад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, сулҳу субот, Афғонистон Республика Таджикистан,*

*СММ, САҲА, маводи мухаддир, ҳаракати террористии байналмилалии толибон.*

# THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND AFGHANISTAN - HORIZONS OF COOPERATION IN THE LIGHT OF THE COMPLETION (DETENTION) OF THE MISSION OF THE INTERNATIONAL SECURITY COALITION IN AFGHANISTAN (ISAF) (FIRST HALF OF 2016)

**SAFOLZODA MUKHAMMADI QURBON,**
Doctor of Historical Sciences, Professor of the Branch of Moscow State University named after M.V. Lomonosov in the city of Dushanbe. 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Bukhoro street 35/1;

*The article is devoted to the most interesting period of relations between Tajikistan and Afghanistan, the first half of 2016, in the light of the constructive initiatives of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to resolve the Afghan problem, when many circumstances indicate the persistence of an explosive component that was not eradicated either then or and during the subsequent period of the stay of the International Coalition in Afghanistan, but unfortunately, they found their "continuation", which very sadly evolved a decade later and closer to 2016 and 2017. Moreover, the international terrorist movement of the Taliban is not only making itself felt on the political horizon of Afghanistan, but a depressing picture is emerging more and more of a return to the sad past, that is, the times when certain actors, in contact with the Taliban, do something different with it. that the "double game", but also secret negotiations with reference points to far-reaching goals. Against this background, one of the sources of financing for international terrorists, the sowing, production and smuggling of drugs from Afghanistan, remains.*

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, peace and stability, Afghanistan, UN, OSCE, drugs, Taliban international terrorist movement.*

УДК: 320195

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ – БУНЁДГУЗОРИ АРТИШИ МИЛЛӢ

**ШАРИПОВ САЙҲОМИД САФАРМАДОВИЧ,**
номзади илмҳои таърих, сардори Раёсати таҳлил ва
ояндабинии сиёсати дохлии Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

*Дар мақола масъалаи касби истиқлол, буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати таъсиси Артиши миллӣ бо мақсади таъмини сулҳу субот дар кишвар ва саҳми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди Артиши миллӣ баррасӣ гардидааст.*

*Аз тарафи дигар, дар мақола саҳми Пешвои миллат дар ташаккули низоми меъёрии ҳуқуқӣ, сохтор ва бунёди инфрасохтори ҷузъу томҳои Артиши миллӣ ва тақвияти иқтидори кадрии он таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Дар мақола таъкид мегардад, ки Артиши миллии Тоҷикистон, ҷузъу томҳои он ва дигар сохторҳои низомӣ дар шароити мураккаби вазъи буҳронӣ дар ҷойи холӣ таъсис дода шуда, вазъи имрӯзаи таъмини ҷузъу томҳои он талошҳои шабонарӯзии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад.*

*Зиёда аз ин, дар мақола таъкид гардидааст, ки дар шароити мураккаби вазъи ҷаҳони муосир ва зуҳури хатарҳои ғайрианъанавӣ бояд ба масъалаи муҷаҳҳазгардонии Артиши миллӣ ва боло бурдани касбияти ҳайати кадрӣ вобаста ба истифодаи технологияи нави ҳарбӣ таваҷҷуҳи асосӣ равона гардида, дар ин замина қадамҳои амалӣ ва чораҳои таъхирнопазир андешида шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *Артиши миллӣ, бунёдгузор, буҳрони сиёсӣ, зуҳури хатарҳои ғайрианъанавӣ, технологияи нави ҳарбӣ, муҷаҳҳазгардонии Артиш, ҷанги шаҳрвандӣ, савганди ҳарбӣ, доктринаи ҳарбӣ, қӯшунҳои сарҳадӣ, машқҳои муштараки ҳарбӣ.*

Истиқлоли давлатӣ дар соли 1991 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки дар баробари дигар кишварҳои дунё ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ шинохта шавад. Маҳз ин ҳодисаи таърихӣ оғози марҳалаи нави давлатдории тоҷикон ба ҳисоб мерафт. Мутаассифона, бо талоши гурӯҳҳои манфиатдори дохилӣ ва хориҷӣ бо гузашти як сол Тоҷикистони тозаистиқлол ба вартаи ҷанги таҳмилии

шаҳрвандӣ кашида шуд. Дар натиҷа, алангаи оташи ҷанги хонумонсӯзи бародаркуш тамоми манотиқи кишвари соҳибистиқлоли моро фаро гирифта, боиси ба амал омадани буҳрони шадиди сиёсӣ ва иқтисодӣ гардид.

Буҳрони сиёсӣ дар кишвар пояҳои ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, сохторҳои қудратиро фалаҷ намуда, Тоҷикистони ҷавонро хатари нобуд гардидан аз харитаи сиёсии ҷаҳон таҳдид менамуд. Дар шароити мураккаби вазъи сиёсӣ дар кишвар ниҳодҳои давлатӣ аз уҳдаи вазифаҳои дар назди онҳо гузошташуда набаромада, кормандони давлатиро тарсу ваҳм фаро гирифта буд ва аксари онҳо аз ишғоли вазифа дар ин ё он сохтор даст мекашиданд. Маҳз дар чунин вазъи барои миллату сарзамини мо фавқулода мураккаб, хиради азалӣ ва ҷонфидоии фарзандони асилу меҳандӯсти он зарур буд. Вазъи баамаломада тақозо менамуд, ки нафаре бояд зимоми идораи давлатдориро ба даст гирад, ки худро қурбон созад ва кишварро аз вартаи нобудӣ наҷот диҳад.

Ба қавле, "Худо он миллатеро сарварӣ дод, ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт"- баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шуро, оғози марҳалаи нав дар ташаккули низоми давлатдории навини тоҷикон буд. Яке аз аввалин масъалаҳое, ки роҳбари тозаинтихоби кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар назди худ гузошта буданд, таъмини сулҳу субот дар кишвар ба ҳисоб мерафт, зеро Роҳбари давлат дарк менамуданд, ки бе мавҷудияти сулҳу суботи сартосарӣ дар кишвар таъмини рушди устувори дигар самтҳои давлатдорӣ ғайримкон буд. Дар ин давраи ниҳоят душвори вазъи сиёсӣ пояҳои фаъолияти сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пурра фалаҷ гардида буданд. Вазъи мавҷуда тақозо менамуд, ки фаъолияти ниҳодҳои мазкур аз сифр оғоз карда шавад ва чунин масъулияти сангинро Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бар зимма гирифтанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар рафти баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида буд, таъмини суботи сиёсӣ дар мамлакат, хотима бахшидан ба ҷанги бародаркуш ва дар ин замина, таъсис додани Артиши миллӣ ҳамчун кафили таъмини соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии кишвар буд.

Пӯшида нест, ки яке аз сабабҳои ҷиддии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва вусъат ёфтани он мавҷуд набудани Артиши миллӣ буд, ки он яке аз рукнҳои асосӣ ва пойдевори ҳастии кишварҳо мебошад. Дар он шароити мураккаби солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ҷойи Артиши миллӣ неруҳои низомии гурӯҳҳои мухолиф аксар ноҳияҳои кишварро зери итоати худ даровара, амал мекарданд, ки низоми ягонаи тобеият надоштанд. Ҳатто

дар он шабу рӯзҳое, ки Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ кори худро идома медод, дар мамлакат зиёда аз 13 ситоди гурӯҳҳои мусаллаҳ ҳукм меронданд, ки аксари онҳо ба касе итоат намекарданд. [14]

Бо мақсади таъмини сулҳу субот ва бақои давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Раиси вақти Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 18 декабри соли 1992 Қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси қувваҳои муссалаҳи Тоҷикистон» қабул гардид, ки роҳбарии он ба зиммаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шуд. Дар ин замина 23 феврали соли 1993 дар шаҳри Душанбе аввалин Паради ҳарбии Артиши миллӣ баргузор гардида, маҳз ҳамин санаи таъсиси Артиши миллӣ эълон шуд.

Ногуфта намонад, ки кишвари мо дар солҳои аввали таъсисёбии Артиши миллӣ ба мушкилиҳои зиёд дучор гардид. Тавре Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: “Аз собиқ давлати Шӯравӣ барои мо ягон қисми ҳарбӣ ё техникаи низомӣ мерос намонда буд.” Аз ин рӯ, таъмини Артиши миллӣ бо қароргоҳу биноҳои лозима, техникаи ҳарбӣ, муҳимоти ҷангӣ, либос ва озуқаворӣ мушкилоти зиёде дошт. Вале ба мушкилоти мавҷуда нигоҳ накарда, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд марҳала ба марҳала тамоми шароити мусоидро дар низоми Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар фароҳам оваранд. Бо талоши бевоситаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қисмҳои ҳарбӣ аз ҳисоби давлат бо техникаю лавозимоти ҳарбӣ ва дигар маводи зарурӣ таъмин карда шуданд.

Агар саҳми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ташаккули Артиши миллӣ таҳлил намоем, метавонем иброз намоем, ки он дар се ҷанбаи асосӣ ташаккул дода шуд:

–Заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки асоси фаъолияти босамари Артиши миллиро ташкил менамояд, фароҳам оварда шуд. Дар ин замина, Фармони раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи тасдиқи матни савганди ҳарбӣ (17.02.1993.), [15] содир гардид. Бояд таъкид намуд, ки муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар танзими фаъолияти ҳарбии кишвар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (06.11.1994) ба ҳисоб меравад, ки он ба ҳайси қонуни асосӣ асли фаъолияти моро дар соҳаи низомӣ муайян менамояд. Маҳз дар асоси моддаи 43 омадааст: “Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.” [4] Зиёда аз ин дар кишвар, 4 ноябри соли 1995 № 208, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

“Дар бораи мудофиа” қабул гардида он асосҳо ва ташкили мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандонро дар соҳаи мудофиа муайян мекунад. Дар асоси Қонуни мазкур “Сиёсати ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи сиёсати дохили ва берунаи давлат буда, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад”. [6]

Тавре аз Конститутсияи Тоҷикистон маълум аст, “Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро дар амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд”. Аз ин рӯ, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мудофиа” Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он асос меёбад, ки ҷанг ё истифодаи қувваи ҳарбиро чун воситаи ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ эътироф намекунад ва муҳофизати сулҳ ва амнияти байналмилалиро чун кафолати пойдории аҳли башар эътироф менамояд. [6]

Инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун “Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон” (25 июни соли 1993) бо таҳрири нав 13 декабри соли 1996, №317 қабул гардидааст. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, таъинот, вазифаҳо, ҳайат, принсипҳои ташкил ва фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд. Дар асоси қонуни номбурда, роҳбарии умумии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон–Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад (Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 №1099), ки роҳбари он Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. [5]

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ”, аз 29 ноябри соли 2000, №30 фаъолият намуда, он 29 январи соли 2021, №1753 дар тарҳи нав қабул гардид, ки муносибатҳои ҷамъиятиро доир ба иҷрои уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд. [8]

–Ташаккули сохтор ва бунёди инфрасохтори зарурӣ, таҳкими заминаҳои моддиву техникии Қувваҳои Мусаллаҳ. Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини таъсисёбии Артиши миллӣ, бо вуҷуди вазъи номусоиди ҳарбиву сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар кишвар, ба сохтори ташкиливу штатӣ, таъминоти моддиву техникӣ, бунёди инфрасохтори зарурӣ, таҷҳизонидани қисмҳои ҳарбӣ ҷиҳати баланд бардоштани омодагии ҷангии хизматчиёни ҳарбӣ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамоянд. Зеро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки Артиш ё худ Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳар давру замон барои ҳар як

кишвари соҳибистиқлол кафили амният ва таъминкунандаи ҳаёти осоиштаи мардуми он ба ҳисоб меравад. [3]

Бо заҳматҳои бевоситаи Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Эмомалӣ Раҳмон дар сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар марҳала ба марҳала Қӯшунҳои хушкигард (соли 1997), Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ (соли 1994) ва Қӯшунҳои зудамалро (соли 2003) таъсис дода, ба таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ (соли 1994), Қӯшунҳои дохилӣ (соли 1993), Гвардияи миллӣ (соли 1995) ва дигар сохторҳои низомӣ таъсис дода шуда, бо вуҷуди мушкилоти зиёде, ки дар тули солҳои гузашта дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар ҷой доштанд, тадриҷан ба як неруи тавонои ҳарбӣ табдил ёфтаанд.

Бо дарназардошти зарурати ҳифзи сарҳадоти кишвар, соли 1997-ум Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил гардида, аз соли 2005 ҳимояи марзҳои кишварамонро ҳамчун давлати соҳибистиқлол пурра ба ихтиёри худ гирифтем. Ҳоло Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ ҳамчун ҷузъи таркибии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатиро таъмин карда истодаанд. [12]

Тибқи маълумоти расмӣ бо ташаббусу талоши бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар барои таъмин намудани ҳимояи сарҳади давлатӣ 3 раёсати минтақавӣ, 17 отряди сарҳадӣ, 2 отряди таъиноти махсус, эскадриляи алоҳидаи ҳавопаймоӣ, 7 комендатураи сарҳадӣ, 158 дидбонгоҳи сарҳадӣ дар минтақаҳо, 35 нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ, Донишкадаи олии сарҳадӣ, Гимназияи ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ бо номи "Ворисони Куруши Кабир", 4 маркази таълимӣ, 3 госпитали ҳарбӣ, 5 қисми ҳарбӣ дар самти таъминоти техникӣ таъсис ёфта, 187 иншооту бинои ёрирасон бунёд карда шуд. [3]

Дар баробари ин, ҷиҳати таҳкими ҳимояи минтақаҳои осебпазири сарҳади давлатӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомот 92 дидбонгоҳи сарҳадии назоратӣ бунёд ва 173 иншооти сарҳадӣ таҷдиду азнавсозӣ карда шудааст. Инчунин, садҳо километр роҳҳои нави мошингарди сарҳадӣ ва дигар иншооти ҳифзи сарҳад бунёд гардидааст. [3] Бояд зикр намуд, ки бо супориши бевоситаи Пешвои миллат ҳанӯз аз соли 2008 Нақшаи дурнамои бунёди шаҳрчаҳои ҳарбӣ ва сохтмони манзил барои хизматчиёни низомӣ барои солҳои 2009–2020 таҳия шуда, давра ба давра дар амал татбиқ намудани он мушкилоту камбудиҳои дар ин бахш мавҷударо бартараф намуд. [11]

– Тақвияти иқтидори кадрии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба масоили вобаста ба тарбияи кадрҳои касбии афсарӣ дар Қувваҳои

Мусаллаҳи Тоҷикистон, таҳсили онҳо дар дохил ва хориҷи кишвар ва даъвати босифати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, таъкид месозанд, ки роҳу усулҳои ғайриқонунии даъват ба сафҳои Артиши миллӣ бояд комилан аз миён бурда шавад. [2] Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки муҳимтарин роҳи ҳалли ин мушкил тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии наврасону ҷавонон аз муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мактабҳои олӣ ва академияи ҳарбӣ, аз ҷумла Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, мактабҳои олии тарбияи кадрҳо барои вазоратҳои мудофиа, амният ва Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатӣ таъсис ёфтаанд. Пешвои миллат пайваста ба тарбияи кадрҳои ҳарбӣ дар дохил ва хориҷи кишвар низ таваҷҷуҳи махсус равона менамоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид менамоянд, ки таҳаввулоту авзои мураккаби сиёсию амниятӣ дар минтақа ва ҷаҳон ҳушдор аз он медиҳад, ки барои ба талаботи замони имрӯз мутобиқ гардонидани сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ, таълиму тарбияи мутахассисони баландихтисоси низомӣ, таъминоти ҷузъу томҳо бо техникаву технологияи замонавию лавозимоти муосири ҷангӣ ва тақвият бахшидани иқтидори мудофиавии кишвар тадбирҳои иловагиро татбиқ намоем. [9]

Вобаста ба масоили болозикр таъкид намудан зарур аст, ки тибқи маълумоти расмӣ, дар замони Истиқлоли давлатӣ барои Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат беш аз 10 ҳазор нафар, аз ҷумла танҳо барои Вазорати мудофиа дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон зиёда аз 3100 нафар ва дар Донишкадаи ҳарбии вазорат қариб 3000 кадрҳои баландихтисоси низомӣ омода карда шудаанд ва қариб 1000 нафар академияҳои ҳарбиро хатм намуданд. Ҳоло зиёда аз 90 дарсади афсароне, ки имрӯз дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат мекунанд, хатмкардагони донишкадаву академияҳои ҳарбӣ мебошанд. [13]

Инчунин, тибқи оморҳои расмӣ, даврони Истиқлоли давлатӣ 2800 нафар ҷавон, аз ҷумла 1500 нафар Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1300 нафар донишкадаҳои олии хориҷи кишварро хатм намуда, ҳоло дар вазифаҳои афсарии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ хизмат карда истодаанд. [3]

Аз тарафи дигар, бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати қадрдонии кормандони соҳаи ҳарбӣ, барои комёбиҳо дар роҳбарӣ ва саҳми шахсӣ дар таъмини қобилияти мудофиавӣ

ва омодагии олии ҷангӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, инчунин, комёбиҳо дар роҳбарӣ ва идораи қӯшунҳо, таъмини қобилияти мудофиавӣ ва омодагии олии ҷангӣ, ташкили хизмати аълои ҳарбӣ, ҷасорату фидокорӣ ҳангоми иҷрои қарзи ҳарбӣ мукофотҳои давлатӣ, аз қабили ордену медалҳо, ба монанди орденҳои "Исмоили Сомонӣ", "Спитамен", "Шараф", медалҳои "Ҷасорат", "Хизмати шоиста", "Шафқат", "Марзбони шуҷои Тоҷикистон" ва унвони фахрии "Корманди шоистаи Тоҷикистон" ва Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [7] таъсис дода шудааст, ки тартиби супоридани онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян гардидаанд. Аз тарафи дигар, таъсиси медалу орденҳо ва мукофотҳои давлатӣ, инчунин номгузории онҳо ба эҳтироми қаҳрамонон ва сипоҳсолорони миллати куҳанбунёди тоҷикон ва инъикоси ҷасорату шараф дар онҳо далели таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат ба эҳёи хотираи таърихӣ ва боло бурдани ҳисси худшиносию ватандӯстии хизматчиёни ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки Тоҷикистон аз оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва зуҳуроти номатлуб, ба монанди терроризм ва экстремизм сабақҳои талх бардошта, ҷомеаи ҷаҳониро низ доим аз хатари густариши онҳо хушдор намуда, дар мубориза бо ин зуҳуроти хатарнок ва харобиовари ҷаҳони муосир бо тамоми кишварҳо ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд.

Илова бар ин, дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии низомӣ Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар машқҳои муштараки фармондеҳиву ситодии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Созмони Ҳамкории Шанхай фаъолона иштирок намуда, қобилияти баланди омодагии ҷангии худро собит месозанд ва дар айни замон маҳорат ва таҷрибаи худро дар ин самт такмил медиҳанд. [12]

Дар доираи рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ метавон иброз намуд, ки дар Тоҷикистон вабаста ба мавқеи геополитикии он бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои амниятӣ дар чаҳорчӯбаи ниҳодҳои болозикр машқҳои ҳарбӣ баргузор мегарданд.

Шакли маъмули ҳамкорӣ дар самти таъмини амният миёни кишварҳо машқҳои муштараки ҳарбӣ дар чаҳорчӯбаи ИДМ, СҲШ ва СААД, аз ҷумла машқҳои зиддитеррористии «Рубеж–2005»,[1.С.69] машқҳои тактикии махсус «Гром-2015», машқҳои махсуси муштараки қувва ва воситаҳои иктишофии қувваҳои мусаллаҳи кишварҳо «Поиск–2016», «Боевое братство–2017», машқҳои муштараки оперативӣ-стратегӣ таҳти унвони «Боевое братство–2018», тамриноти муштараки «Нерушимое

братство–2019», инчунин «Взаимодействие–2021», «Поиск–2021» ва «Эшелон–2021», «Рубеж–2022» (СААД, Тоҷикистон) баргузор гардидаанд, ки ҳадафи асосии онҳо таъмини ҳамоҳангии ҳамкориҳо дар мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ, фурӯши маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, гардиши силоҳ ва дигар таҳдиду хатарҳо ба ҳисоб меравconfigured. [16. С.46.]

Аз ин рӯ, бо қаноатмандӣ метавон иброз дошт, ки бо талоши бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ташаккули симои дохилӣ ва байналмилалии Артиши миллӣ фароҳам оварда шуда, инфрасохтори ҷузъу томҳои он мустаҳкам гардида, ҳайати кадрии он тақвият бахшида шудааст.

Дар маҷмуъ, дар зарфи 30 соли мавҷудияти Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фаъолияти ватандӯстонаи родмардони Ватан, асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар мустаҳкам гардида, арзишҳои Истиқлоли давлатӣ ҳифз ва ба ҷаҳониён муаррифӣ гардид. Маҳз таъкидҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки таъкид менамоянд: “хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ маҳсуб меёбад”, [10] моро бояд водор созад, ки барои ҳифзи марзу буми Ватани аҷдодиамон бо ҳисси баланд ва дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ хидмат намоем.

Вобаста ба шароити мураккаби вазъи ҷаҳони муосир ва зуҳури хатарҳои ғайрианъанавӣ, ба монанди терроризм, экстремизм, ҷудоихоҳӣ ва дигар таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, бояд ба масъалаи муҷаҳҳазгардонии Артиши миллӣ ва боло бурдани иқтидори мудофиавии кишвар, касбияти ҳайати кадрӣ, малакаи истифодаи технологияи нави ҳарбӣ таваҷҷуҳи асосӣ равона гардад. Маҳз дар заминаи гуфтаҳои боло, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд: “Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир моро водор менамояд, ки ҷиҳати суръат бахшидан ба навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ, баланд бардоштани омодабошии ҳарбӣ ва тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар тадбирҳои зарурии иловагиро амалӣ намоем.” [10] Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои низомиро вазифадор намуданд, ки ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар “Консепсияи мудофиаи миллӣ"-ро таҳия ва пешниҳод намоянд. Маҳз ин масъала бори дигар аз

таваҷҷуҳи Пешвои миллат ҷиҳати таҳкими иқтидори мудофияи Артиши миллӣ дарак медиҳад.

Аз нуқтаи назари муаллиф бо дарназардошти тамоюлҳо ва мушкилоти болозикр бояд ба масъалаҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:

–Баҳри рушди минбаъдаи мудофиавии кишвар харидорӣ намудани таҷҳизоти наву замонавӣ, ҷиҳати шиносоӣ намудани хатару таҳдидҳои амниятӣ дар низоми иттилоотӣ ва ҳарбӣ-ҳавоӣ;

–Боло бурдани сатҳи омодагии ҷангии ҳайати шахсии афсарону сарбозон баргузор намудани машқҳои муштарак бо кишварҳои дорои таҷрибаи кофӣ ба монанди Чин ва Русия ҷиҳати муайян намудани нуқтаҳои хатар бо истифода аз технологияи муосир;

–Муҷаҳҳаз намудани дидбонгоҳҳои сарҳадӣ бо лавозимоти зарурӣ баҳри муайян ва безарар намудани хатарҳои эътимолӣ ба амнияти милии кишвар;

–Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати тақвияти ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон бо гузаронидани чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ, машқҳои омодабошӣ оид ба фарзияти ҳимояи марзу буми кишвар ва тарғиби мафҳуми “ХИЗМАТ” ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ дар байни ҷавонону наврасон;

–Бо роҳи пешниҳоди имтиёзҳо боло бурдани мақоми афсарону сарбозон дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар хизматнамуда, ба монанди озод ва сабук намудани баъзе андозҳои муқарраршуда ҳангоми кор дар мақомоти низомӣ ва ғайринизомии давлатӣ бо пардохти маоши иловагӣ, кумакпулиҳо ва ғайра. Аз дигар тараф, хизмат дар сафи Артиш барои ҳар як ҷавонони синни даъватӣ бояд бе пешниҳоди имтиёз ё озод будан аз ин ё он чиз бошад, зеро ифтихорро аз замири ҷавонон нобуд месозад. Яъне баъд аз адои хизмат дар сафи Артиш ҷавонон бояд ифтихор намояд, ки сирф барои Модар-Ватан хизмат намудаанд, на барои кадом як имтиёз;

–Беҳтар намудани шароити хизмат дар сафи Артиш, аз қабили мавҷудияти низоми интизомноки хизмат, василаҳои обу тоб ёфтани ҷавонон дар ин мактаби мардонагию ҷасорат ва ватанпарастӣ ва таблиғу ташвиқи шароити воқеии хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, ки аз нигоҳдошти сирри давлатӣ бархӯрдор набошанд.

## АДАБИЁТ

1. Аляев А. ОДКБ как система коллективной безопасности. Современное состояние и перспективы [Текст]/ А. Аляев, С. Дехканов // Журнал Обозреватель. - 2007. - № 1. - С.69.

2. Боздид аз Комендатураи сарҳадии “Сари ғор”-и Отряди сарҳадии “Шамсиддин Шоҳин”. 26.05.2022, ноҳияи Шамсиддини Шоҳин. [манбаъи электронӣ]. URL:http://www.president.tj/node/28359. (санаи муроҷиат: 22.01.2023).

3. Боздид аз отрядҳои сарҳадии ноҳияҳои Панҷ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон. 16.07.2021. [манбаъи электронӣ]. URL:http://www.president.tj/node/26151. (санаи муроҷиат: 02.01.2023).

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаъи электронӣ]. URL:http://mmk.tj/content. (санаи муроҷиат: 02.02.2023).

5. Қонун “Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон” (25 июни соли 1993) бо таҳрири нав 13 декабри соли 1996, №317, моддаи 7. [манбаъи электронӣ]. URL: https://parlament.tj/news/553--onuni-um-urii-to-ikiston-dar-borai-uvva-oi-musalla-i-um-urii-to-ikiston. (санаи муроҷиат: 12.01.2023).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мудофиа”, аз 4 ноябри соли 1995 № 208, моддаи 2. [манбаъи электронӣ]. URL: https://majmilli.tj. (санаи муроҷиат: 20.02.2023).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, (Қонуни ҶТ аз 17.12.2020 № 1732). [манбаъи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content. (санаи муроҷиат: 21.01.2023).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” , аз 29 январи соли 2021, № 1753. [манбаъи электронӣ]. URL: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 23.01.2023).

9. Мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани бинои нави факултаи ҳавопаймоии Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа. 21.02.2018, шаҳри Душанбе. [манбаъи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/17137. (санаи муроҷиат: 10.02.2023).

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022, шаҳри Душанбе. [манбаъи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/29823. (санаи муроҷиат: 17.01.2023).

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 25.04.2008, шаҳри Душанбе. [манбаъи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/195. (санаи муроҷиат: 02.02.2023).

12. Суханронӣ ба ифтихори 15-солагии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 23.02.2008, шаҳри Душанбе. [манбаъи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/3455. (санаи муроҷиат: 12.02.2023).

13. Суханронӣ ба ифтихори 27-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ. 22.02.2020, шаҳри Душанбе. [манбаъи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/22540. (санаи муроҷиат: 23.01.2023).

14. Суханронӣ ба муносибати даҳумин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 15.11.2002, шаҳри Душанбе. [манбаъи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/6698. (санаи муроҷиат: 11.01.2023).

15. Фармони Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи матни савганди ҳарбӣ". [манбаъи электронӣ]. URL: https://majmilli.tj. (санаи муроҷиат: 02.01.2023).

16. Шарипов, С.С. Особенности развития взаимоотношений Таджикистана с Казахстаном в начале XXI века (2001-2016 гг.). [Текст]: автореф. дисс….к.и.н: 07.00.15: защищена 16.04.2021: Шарипов Сайхомид Сафармадович. -Душанбе, 2021. 62 с.

## ЛИДЕР НАЦИИ–ОСНОВАТЕЛЬ НАЦИОНАЛЬНОЙ АРМИИ

**ШАРИПОВ САЙХОМИД САФАРМАДОВИЧ,**
кандидат исторических наук, начальник Управления анализа и прогнозирования внутренней политики ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

*В статье рассматривается вопрос независимости, политический и экономический кризис в Республике Таджикистан в 90-х годах прошлого века и необходимость создания национальной армии для обеспечения мира и стабильности в стране, а также вклад Лидера нации Эмомали Рахмона в создание национальной армии.*

*С другой стороны, анализируется и подчёркивается вклад Лидера нации в формирование нормативно-правовой системы, структуры и строительства инфраструктуры частей Национальной армии и укрепления ее кадрового потенциала. В статье подчеркивается, что национальная армия Таджикистана создавалась на пустом месте в сложных условиях кризиса, а нынешнее состояние снабжения ее подразделений – это результат повседневных усилий Лидера нации Эмомали Рахмона.*

*При этом в статье подчеркивается, что в сложных условиях современного мира и появлении нетрадиционных угроз, основное внимание должно быть сосредоточено на вопросе оснащения Национальной армии и повышения профессионализма личного состава в связи с учётом применения новай воен-*

*ной техники, и в этом контексте необходимо безотлагательно предпринимать практические шаги и меры.*

*Ключевые слова: Национальная армия, строительство, политический кризис, возникновение нетрадиционных угроз, новая военная техника, оснащение армии, гражданская война, военная присяга, военная доктрина, пограничные войска, совместные военные учения.*

## LEADER OF THE NATION - FOUNDER OF THE NATIONAL ARMY

**SHARIPOV SAIHOMID SAFARMADOVICH,**
Candidate of Historical Sciences, Head of the Department for Analysis and Forecasting of Domestic Policy of the Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tell: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

*The article discusses the issue of independence, the political and economic crisis in the Republic of Tajikistan and the need to establish a national army in order to ensure peace and stability in the country, as well as the contribution of the leader of the nation, Emomali Rahmon, to the creation of the national army.*

*On the other hand, the contribution of the leader of the nation in the formation of the normative-legal system, the structure and the construction of the infrastructure of the units of the National Army and the strengthening of its personnel capacity is analyzed and discussed in the article. The article emphasizes that the National Army Tajikistan was created in a vacuum in the complex conditions of the crisis, and the current state of supply of its units is the day-to-day efforts of the leader of the nation, Emomali Rahmon.*

*Moreover, the article emphasizes that in the complex conditions of the modern world and the appearance of non-traditional threats, the main attention should be focused on the issue of equipping the National Army and increasing the professionalism of personnel in connection with the use of new military technology, and in this context, practical steps and measures should be taken urgently.*

***Keywords:*** *National army, construction, political crisis, emergence of non-traditional threats, new military technology, Army equipping, civil war, military oath, military doctrine, border troops, joint military exercises.*

УДК: 329

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИДЕОЛОГӢ ДАР РАВАНДИ ТАШАККУЛЁБИИ СОХТОРИ ҶАМЪИЯТӢ

**САФАРАЛИЗОДА ХУҶАМУРОД ҚУДДУСӢ,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи равандҳои сиёсии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 988127383; e-mail: quddusov@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур марҳилаҳои ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ нишон дода шуда, арзишҳои идеологияи давлати миллӣ ҳамчун заминаи ғоявии меъёрҳои татбиқи амалии онҳо муаррифӣ гардидаанд. Инчунин дар мақола масъалаи таъмини амнияти идеологӣ бо назардошти марҳилаҳои ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Омӯзиши ин масъала нишон дод, ки таъмини амнияти идеологӣ дар ҳар марҳилаи ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ хусусияти хос дорад. Марҳилаи дуюм – мафкурасозӣ ва марҳилаи чорум – ба буҳрон дучор шудани сохтори ҷамъиятӣ барои ҳифзи идеологияи давлати миллӣ тақдирсоз мебошанд. Консепсияи мазкур барои таъмини амнияти идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти зиёди методологию назариявӣ дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *идеологияи сиёсӣ, амнияти идеологӣ, буҳрони идеологӣ, ҷангҳои идеологӣ, арзишҳои сохтори ҷамъиятӣ, мафкурасозӣ, таъмини амнияти идеологӣ, таҳдидҳои идеологӣ.*

Дар шароити муосир барои ҳамаи давлатҳо, бахусус барои давлатҳои тозаистиқлол таъмини амнияти идеологӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Махсусан, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ зери таъсири идеологияи тундгароӣ бо ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ рӯ ба рӯ гардид, таъмини амнияти идеологӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим дошта, кафили рушди минбаъдаи кишвар ба шумор меравад. Таҷрибаи сиёсии кишварҳои олам аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки амнияти идеологӣ омили муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ буда, кафили рушди минбаъдаи ҷомеа мебошад. Баръакс, дар он ҷомеаҳое, ки бухрони идеологӣ ба амал меояд, рушди соҳаҳо ба мушкилиҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ мешаванд. Дар ҷомеаҳое, ки гузариш аз як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигар якчанд даҳсола пеш ба амал омадааст (масалан, кишварҳои пасошуравӣ) ва арзишҳои сохтори нав ҳанӯз ҳам аз ҷониби аксари шаҳрвандон дар сатҳи зарурӣ дарк нагардидаанд, буҳрони

идеологӣ ба мушоҳида мерасад. Дар чунин шароит аз байн бурдани буҳрони идеологӣ кори саҳл нест, зеро чи гунае, ки ба сари мардум бор намудани як идеяи нав хеле мушкил аст, аз сари онҳо дур намудани идеяҳои кухна аз он ҳам мушкилтар мебошад. Чунин воқеиятро дар мисоли кишварҳои пасошӯравӣ, бахусус дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ба хубӣ эҳсос намудан мумкин аст. Ҳарчанд Иттиҳоди Шуравӣ 32 сол қабл аз байн рафта бошад ҳам, дар ҷомеаҳои пасошӯравӣ кам нестанд нафароне, ки меҳру муҳаббати худро аз арзишҳои коммунистию сотсиалистӣ ҳанӯз ҳам канда наметавонанд ва дар кору фаъолияти худ онҳоро фаровон истифода мебаранд. Чунин нафарон асосан дар байни насли калонсол бештар во мехӯранд. Аз ҷониби дигар созмонҳо ва ташкилотҳои экстремистию террористӣ ҳамарӯза дар фазои маҷозии интернет, ки макони асосии ҷавонон мебошад, ба тарғибу ташвиқи ғояҳои идеологияи радикалӣ машғуланд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки идеологияи радикалӣ, бахусус радикализми исломӣ ба зеҳну шуури ҷавонони кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири зиёд мерасонанд. Зеро аҳолии кишварҳои минтақаи мазкур асосан аз дини ислом пайравӣ менамоянд ва чунин вазъ барои ташкилотҳои экстремистию террористӣ имконияти муносиб ба шумор меравад. Дар чунин шароит таъмини амнияти идеологии кишвар ба яке аз масъалаҳои мубрам мансуб гардида, суботи сиёсии ҷомеа ва рушди минбаъдаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз он вобаста мебошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, ки ҷомеаҳои пасошуравӣ ба шумор меравaнд, бештар намудани ҷонибдорони сохтори конститутсионии давлат ва сохтори ҷамъиятии интихобгардида, дар ин самт ҷоннок намудани фаъолиятҳо ва бо назардошти воқеиятҳои навин ташаккул додани дастгоҳи идеологии давлат, баланд бардоштани симои мароқангези арзишҳои дар конститутсия муқарраргардида, шарҳу тавзеҳи ҳамаҷонибаи онҳо ва нишон додани дурнамои рушди мамлакат дар заминаи арзишҳои мазкур масъалаҳое мебошанд, ки таъмини амнияти идеологии ҷомеа аз ҳалли онҳо вобастагии зиёд дорад.

Таҳлилу таҳқиқи ин масъала нишон дод, ки ҳар як сохтори ҷамъиятӣ, ки дар асоси арзишҳои идеологӣ мавҷудияти худро нигоҳ медорад, дар давраи мавҷудияти худ чаҳор марҳилаи ташаккулёбиро тай менамояд. Марҳилаҳои мазкурро шартан ба таври зерин муаррифӣ намудаем: якум, институтсионализатсияи арзишҳои идеологӣ; дуюм, идеализатсияи арзишҳо дар сатҳи афкори ҷамъиятӣ ва бештар намудани ҷонибдорони онҳо; сеюм, бештар шудани ҷонибдорони арзишҳои идеологияи давлатӣ ва дар сатҳи баланд татбиқ гардидани меъёрҳои он; чорум, ба буҳрони навбатӣ дучор шудани арзишҳои идеологӣ. Бояд гуфт, ки зимни таъмини амнияти идеологӣ ба инобат гирифтани марҳилаҳои мазкур хеле муҳим мебошад,

зеро ҳар як марҳилаи ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ қонуниятҳои худро дорад. Омӯзиши ин масъала дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар кишвари мо марҳилаи якум – институтсионализатсия анҷом ёфта, марҳилаи дуюм – идеализатсия (ё худ мафкурасозӣ) оғоз гардидааст. Акнун зарур дониста мешавад, ки барои дар сатҳи баланд татбиқ намудани меъёрҳои сохтори конститутсионӣ ва сохтори ҷамъиятӣ бояд ҷонибдорон ва эътиқотмандони онҳо тадриҷан бештар карда шавад. Чунин корҳоро тавассути дастгоҳи идеологии давлат анҷом додан мумкин аст. Дар таҳқиқоти мазкур дар навбати аввал таъмини амнияти идеологӣ бо назардошти марҳилаҳои сохтори ҷамъиятӣ нишон дода шудааст.

**Зарурати идеология дар раванди давлатдории миллӣ**

Ҳарчанд идеология ҳамчун зуҳуроти хеле мураккаби иҷтимоӣ ва низоми ғояҳо ва доктринаҳо ҳанӯз дар аҳди қадим пайдо шуда бошад ҳам, ташаккулёбии босуръати он баъди инқилобҳои буржуазӣ ва пайдоиши давлатҳои миллӣ ба амал меояд. Дар тули ду асри сипаригардида идеологияҳои сиёсӣ се марҳилаи ҷудогонаро паси сар намуданд: якум, идеологизатсия; дуюм, деидеологизатсия; сеюм, реидеологизатсия [1]. Ба ибораи дигар, аввал неруҳои сиёсии ба сари қудратомада ба идеологияи мушаххас такя намуда, онро ҳамчун барномаи сиёсии дарозмуддати худ интихоб намудаанд. Баъд аз оне, ки дар охири асри XIX ва дар нимаи аввали асри XX ҷангҳои идеологӣ шиддат гирифта, боиси ба амал омадани Ҷангҳои Якум ва Дуюми ҷаҳонӣ шуданд, як гурӯҳ олимон даст кашидан аз идеология ва такя намудан ба арзишҳои умумиинсониро тарғибу ташвиқ менамуданд, ки дар заминаи чунин баррасиҳо консепсияи деидеологизатсия ташаккул ёфта, пайравон ва ҷонибдорони зиёд пайдо намуд. Аммо дигаргуниҳои ҷиддие, ки солҳои 70-80-ум зери таъсири пешрафти илмию техникӣ ба вуҷуд омаданд, як қатор олимонро маҷбур сохтанд, ки пайомадҳои манфии чунин тамоюлотро муайян намоянд. Дар натиҷаи чунин пажӯҳишҳо онҳо ба хулосае омаданд, ки барои мутобиқ намудани тафаккури одамон бо шароити навин бояд идеология эҳё карда шуда, нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ баланд бардошта шавад. Аз он давра сар карда эҳёи идеология ва ба талаботи давру замон ҷавобгӯ намудани он ҳамчун раванди «реидеологизатсия» номида мешавад. Чӣ гунае, ки мушоҳида намудан мумкин аст, дар шароити имрӯза давлат бе идеологияи сиёсӣ манфиатҳои худро дар сатҳи зарурӣ ҳимоя карда наметавонад. Бахусус дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва зери таъсири ҳуҷумҳои иттилоотӣ қарор гирифтани афкори ҷамъиятӣ ба роҳ мондани фаъолияти идеологӣ, ташаккули дастгоҳи идеологии давлат ва таъмин намудани амнияти идеологии кишвар хеле муҳим мебошад.

Зарурати идеологияро, пеш аз ҳама, бо назардошти мазмуну мундариҷаи он асоснок намудан мумкин аст. Олими рус К.Ю. Мочар андешаҳои олимону донишмандони зиёдро таҳлилу таҷзия намуда, нишонаҳои асосии идеологияро ба таври зерин муайян кардааст:

– омили самтдиҳандаи рафтори одамон ва асоси мантиқию психологии низоми идоракунии сиёсӣ;

– низоми ғояҳо ва андешаҳо, шиорҳо ва барномаҳои сиёсӣ, консепсияҳои фалсафие, ки тавассути онҳо муносибати одамон бо ҳамдигар ва бо муҳити ҷамъиятӣ асоснок карда мешавад ва баҳогузорӣ мегарданд, инчунин, манфиатҳои ҷомеаҳо, синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ифода мегарданд;

– маҷмуи принсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳое, ки барои муайян намудан, ташаккул додан ва танзим кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мешаванд [5, с.79].

Сиёсатшиноси амрикоӣ С.Ҳантингтон иброз медорад, ки ҳамаи идеологияҳо дар Ғарб пайдо шудаанд ва ҳамаи динҳо дар Шарқ [6]. Бо андешаҳои мазкур аз лиҳози хусусияти динӣ доштани баъзе идеологияҳо розӣ шудан номумкин аст, зеро вобаста ба мавқеи дин дар ҳаёти ҷамъиятӣ идеологияҳои динӣ, дунявӣ ва атеистиро аз ҳам фарқ намудан мумкин аст. Чунин дар шароити имрӯза кам нестанд давлатҳое, ки идеологияи динӣ доранд. Ҳатто дар баъзе давлатҳо идеологияи радикализми исломӣ таҷриба мешавад. Аммо идеологияи атеистӣ низ мавҷуд буд. Агар С.Ҳантингтон мегуфт, ки ҳамаи идеологияҳои дунявӣ дар Ғарб пайдо шудаанд, шояд дуруст мебуд. Ба ҳар ҳол, амалияи сиёсию ҷамъиятӣ ва таҷрибаи таърихӣ собит намуд, ки идеологияи дунявӣ нисбат ба шаклҳои канории он (манзур идеологияҳои теократию атеистӣ аст) афзалияти бештар доштааст, зеро дар шароити интихоб намудани принсипи дунявият ҳеҷ дин инкор намешавад ва ҳеҷ гуна дин афзалият дошта наметавонад. Дар чунин шароит пайравӣ кардан ё накардан аз дину мазҳаб ҳуқуқи истисноии инсон муқаррар мегардад ва чунин озодӣ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Дар маркази чунин идеология инсон, шаъну шарафи ӯ, ҳуқуқу озодиҳои истисноии вай қарор дода шудаанд. Ин навъи тафаккур натиҷаи рушди назарияҳои илмӣ, тафаккури мантиқӣ ва ба сатҳи баландтар баромадани ақлу хирад мебошад.

Идеология барои ҳар як давлат барномаи умумимиллие мебошад, ки аз маҷмуи ғояҳо, идеалҳо, меъёрҳо ва арзишҳо иборат буда, барои таъмини рушду инкишофи соҳаҳои гуногун ва таҳкими пояҳои истиқлолияти миллӣ истифода бурда мешавад. Бинобар ин, ҳеҷ як давлат бе идеологияи сиёсӣ наметавонад, ки шаҳрвандони кишварро муттаҳид созад, зеро муттаҳид намудану ба самти муайян сафарбар кардани ҷомеа яке аз вазифаҳои муҳимтарини идеологияи сиёсӣ маҳсуб меёбад. Гузашта аз ин, ҷавҳари

ҳама гуна идеологияи давлати миллиро арзишҳо ва мақсадҳои миллӣ ташкил медиҳанд. Ба ибораи дигар, дар амал татбиқ намудани мақсадҳои миллӣ ва расидан ба ормонҳои таърихию давлатдорӣ аз ташаккули минбаъдаи идеологияи давлати миллӣ вобастагии зиёд дорад. Аз ин рӯ, ташаккули идеологияи давлати миллӣ ҳамчун заминаи муҳимтарини рушди минбаъдаи давлатдории навин, ҳимояи сохтори конститутсионии давлат ва тарғиби ҳамаҷонибаи онҳо дар сатҳи афкори ҷамъиятӣ дар самти мубориза бо ҳама гуна бегонапарастию таҳмили фарҳанги бегона, бахусус дар муқовимат бо терроризм ва экстремизм, ниҳоят муҳим мебошанд [7, с.23].

Бояд гуфт, ки дар илмҳои сиёсии замони муосир идеологияҳои консерватизм, либерализм, коммунизм, фашизм, миллатгароӣ ва шаклҳои омехтаи онҳо ба мисли идеологияҳои сотсиал-демократӣ, миллӣ-демократӣ ва ғайраро муайян намудаанд. Ғайр аз ин, шаклҳои мураккаби он низ ба мушоҳида мерасанд. Масалан, дар Ҷумҳурии Мардумии Чин айни замон соҳаи сиёсат хусусияти коммунистӣ, соҳаи иқтисодиёти ин кишвар хусусияти либералӣ ва соҳаи фарҳанг ва маънавиёташ хусусияти миллатгароӣ ва консервативӣ доранд. Ба гуногунрангии идеологӣ нигоҳ накарда, унсурҳои таркибии ҳар як идеология ҳамчун системаи арзишҳо ва идеалҳо барои нигоҳ доштани мавҷудияти хеш мубориза мебарад. Дар чунин маънӣ идеологияҳои дунявӣ ҳамчун системаи худташаккулёбандае мебошанд, ки: якум, ҳамчун дастовард маҳсули тафаккури инсонӣ аст; дуюм, нишонаи тамаддун аст; сеюм, барои бақои худ мубориза мебаранд. Дар ин ҷо ҳаёти идеологӣ, агар дар доираи қонуниятҳои назарияи эволютсионии Ч.Дарвин таҳлил гардад, пас гуфтан мумкин аст, ки «идеологияҳои тавоно ва қудратманд дар амалияи сиёсӣ боқӣ мемонанд, идеологияҳои заиф аз амалияи ҷамъиятӣ нест мешаванд». Чунин тамоюлотро дар асри XX мо мушоҳида намудем. Аввал фашизм ҳамчун идеологияи радикалию нотавон аз байн рафт. Сипас коммунизм ҳамчун идеологияи атеистӣ дар амалияи ҷамъиятӣ мавҷудияти худро аз даст дод. Айни замон идеологияҳои теократӣ ва дунявӣ дар набард қарор доранд. Набардҳои идеологӣ шадидтарин муқовиматҳои таърихи инсоният маҳсуб меёбанд. Аксари низоъҳое, ки дар тули ду қарни гузашта ба амал омадаанд, зери таъсири набардҳои идеологӣ рух додаанд. Дар шароити имрӯза низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки набардҳо байни идеологияи дунявӣ ва теократӣ чӣ гуна сурат мегиранд. Дар ҷабҳаҳои идеологӣ миллатгароии канориро низ дидан мумкин аст, ки хавфу хатари таҳдидҳои идеологиро боз ҳам бештар месозанд. Ҳам идеологияи дунявӣ ва ҳам идеологияи теократӣ то андозае таҳмили фарҳанги бегонаи миллиро дар худ нигоҳ медоранд. Дар чунин шароит таъмини амнияти идеологӣ, бахусус ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, маънавиёт, хотираи таърихӣ, худшиносии миллӣ хеле мубрам мегарданд. Бояд иқрор

шуд, ки дар набардҳои идеологӣ музаффарият насиби он ҷонибе мешавад, ки арзишҳои таркибии хешро дар заминаи дастовардҳои илму техника ташаккул медиҳад ва марҳила ба марҳила худро ба замона мувофиқ месозад. Тавоноии идеология дар он зоҳир мешавад, ки то кадом андоза пайравону намояндагони он ба илму дониш такя намуда, то кадом андоза илму донишро барои ҳимояи арзишҳои ҷомеаи худ истифода мебаранд. Сиёсатшиноси ватанӣ С.С. Ятимов дар ин маврид андешаҳои худро ба таври зерин иброз намудааст: «Миллатҳое, ки илму дониш фарогири аксарияти онҳо шуд, дар арсаи ҷаҳон тасаллут пайдо карданд. Аҳволи мардуми хешро беҳбуд бахшиданд. Зиндагии шоиста доранд. На танҳо истифодаи захираҳои табиии оламро ба манфиати худ ба роҳ монданд, балки ақли мардумони бегонаро ҳам мутеи худ гардонданд. Ва баръакс, дар ҷое, ки хурофот ва таассуб аксариятро фарогир шуд, зиёӣ дар ақаллият монд. Сарзамин бо мардумони содаву гумроҳу нодонбачаҳои худ абзори арзони бозиҳои аҷнабиён гардид» [8, с.34].

Ҳамзамон, ҳар як идеология кӯшиш менамояд принсипҳоеро дар худ ташаккул диҳад, ки дар заминаи он рушду инкишофи соҳаҳои гуногун ё рушди ҷомеаро таъмин намудан имконпазир бошад. Масалан, барои либерализм чунин принсипи марказӣ идеяи «рақобат» мебошад. Тибқи назарияи либералӣ, дар ҳар соҳае, ки рақобат дида мешавад, дар он соҳа рушду инкишоф низ ба амал меояд. Онҳо рақобати иқтисодӣ, рақобати сиёсӣ, умуман, шаклҳои гуногуни рақобатро асоси пешрафти ҷамъиятӣ медонанд. Ташаккулдиҳандагони идеологияи либералӣ муътақиданд, ки рушди сармоядорӣ ва демократия ҳамчун система аз сатҳу сифати амалишавии рақобат вобаста аст. Дар ҷомеае, ки яке аз соҳаҳои он, ё ҳамаи соҳаҳои ҷамъиятӣ дар асоси идеологияи либералӣ ташаккул ёфта бошад, ҳама гуна омилҳои монеасоз барои баамалоии рақобат аз байн бурда мешавад. Тибқи консепсияи «давлати минималӣ», ки таълимоти либералӣ мебошад, давлат бояд кӯшиш намояд, ки дар соҳаи иқтисодиёт монополистон пайдо нашаванд, зеро монополия омили асосии азбайнбарандаи «рақобат» мебошад. Дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ташаккул додани системаҳои дуҳизбӣ ё бисёрҳизбӣ низ ба хотири ба вуҷуд овардани рақобати сиёсӣ мебошад. Ҷолиби диққат аст, ки тӯли ду даҳсолаи охир кишварҳои дорои идеологияи либералӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ба таҳияи «рейтингҳо» ва ташаккул додани механизмҳои рушди минбаъдаи онҳо машғуланд. Масалан, дар соҳаи маориф рейтинги коллеҷҳо, литсейҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, рейтинги донишҷӯён, омӯзгорон ва ғ. дидан мумкин аст. Дар соҳаи илм рейтинги маҷаллаҳои илмӣ, нашриёт, олимон, муҳаққиқон, марказҳои илмию таҳқиқотӣ, пажӯҳишгоҳҳо ва ғ. ба мушоҳида мерасад. Барои хубтару беҳтар намудани рақобат ва дар шароити навин мутобиқ кунонидани он

технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъиро ба таври васеъ истифода бурда истодаанд. Барои мисол, пойгоҳҳои иттилоотии «Scopus», «Web of Science», «Springer», «Agris» ва ғайраҳо бо ин мақсад сохта, ба истифода дода шудаанд. Дар пойгоҳҳои мазкур рейтинги маҷаллаҳои илмӣ, марказҳои илмию таҳқиқотӣ, нашриёт, олимону муҳаққиқон амалӣ карда мешавад. Ба ҳамин монанд, дар соҳаҳои дигар низ чунин механизмҳои ташаккулдиҳандаи рақобат анҷом дода шудааст. Ғайр аз ин, таҳияи рейтингҳо аллакай дар сатҳи байналмилалӣ низ роҳандозӣ гардида истодаанд, ки аз миқёси ҷаҳонӣ касб намудани идеологияи либералӣ дарак медиҳад. Барои мисол, марказҳои илмию таҳқиқотии кишварҳои ғарбӣ ҳамарӯза ба таҳияи чунин рейтингҳо машғул ҳастанд. Аз ҷумла, рейтинги ҳукумати электронӣ, неруи нарми давлатҳо, рейтинги кишварҳои боамн, рушди инноватсионӣ ва ғ.

Дар идеологияи коммунистӣ бошад, ба сифати меъёри марказии таъминкунандаи рушду инкишоф идеяи «антагонизм», ё худ «зиддият» ҳамчун омили таъминкунандаи рушду инкишоф баромад менамояд. Дигар ҳамаи арзишҳо дар асоси ин принсип ташаккул дода мешуд. Барои мисол, манъ намудани моликияти хусусӣ ба хотири ба вуҷуд овардани зиддият бо сармоядорон, мамнуъ эълон намудани фаъолияти ҳизби дуюм (ҳизби ғайриҳукмрон) барои ба вуҷуд овардани зиддияти сиёсӣ, ҳамаҷониба тарғибу ташвиқ намудани атеизм ба хотири нигоҳ доштани мавҷудияти зиддият дар соҳаи маънавиёт ва ғ. буд. Ба ҳамин монанд, идеологияҳои дигар низ агар ба таври ҷиддӣ таҳлил гарданд, принсипи марказии онҳо муайян карда мешавад, зеро ҳеҷ як идеология ҳамчун низоми мукаммали арзишҳо, бе чунин унсури системасоз ва низомсоз мавҷудияти худро нигоҳ дошта наметавонад.

Агар масъалаҳои рушди идеологӣ ва таъмини амнияти миллӣ аз ин мавқеъ таҳлилу баррасӣ гарданд, дар навбати аввал як мушкилии асосӣ ошкор мешавад. Истифодаи арзишҳои як сохтори ҷамъиятӣ (арзишҳои як идеология) дар сохтори ҷамъиятии дигар. Масалан, дар кишварҳои пасошуравӣ истифода гардидани принсипҳои коммунистӣ дар ҷомеаҳои демократию сармоядорӣ чунин ҳолатро пеши назар меоварад. Сабабҳо ва оқибатҳои чунин вазъро дар идомаи мақола дар мисоли марҳилаҳои ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ шарҳ хоҳем дод.

### Марҳилаҳои ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ

Ҳамаи кишварҳо дар ин ё он шакл дар давраи гузариш қарор доранд. Аммо бояд муайян намуд, ки дар кадом марҳилаи давраи гузариш? Чунин ҳолатро дар асоси таҳлилу баррасии марҳилаҳои ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ асоснок намудан мумкин аст. Аз таърих ба мо маълум аст, ки инсоният форматсияҳои гуногуни ҷамъиятиро таҷриба кардааст. Му-

шоҳидаҳо ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як сохтори ҷамъиятӣ дар давраи мавҷудияти худ шартан чаҳор марҳилаи ташаккулёбиро аз сар мегузаронад. Барои оне, ки аз лиҳози рушди идеологӣ дар кадом марҳилаи инкишоф қарор доштани давлатҳо нишон дода шавад, марҳилаҳои мазкурро ба таври зерин муаррифӣ намудан мумкин аст:

Марҳилаи якум – институтсионализатсияи арзишҳои идеологӣ. Ҳар як идеология дар амалияи ҷамъиятӣ аввал ба таври институтсионалӣ пайдо мегардад. Арзишҳо, принсипҳо ва меъёрҳои он дар конститутсия, қонунҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ, консепсия ва стратегияҳо ҷойгир карда мешаванд. Аз сабаби оне, ки ба сари мардум бор намудани як идея он тараф истад, аз сари онҳо дур намудани идеяҳои кӯҳна хеле душвор аст, дар раванди риояи меъёрҳои нав мушкилиҳои ҷиддӣ пеш меоянд. Аниқтараш дар ин марҳила аллакай бӯҳрони идеологиро эҳсос намудан мумкин аст. Эътирофи арзишҳо ва меъёрҳои сохтори ҷамъиятии нав, ки аз идеологияи (идеологияҳои) мушаххас сарчашма мегиранд, дар кадом дараҷа қарор доштани сатҳу сифати эътирофи арзишҳои мазкур метавонанд аз мавҷудияти бӯҳрони идеологӣ дарак диҳанд. Дар марҳилаи аввали ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ одатан бӯҳрони идеологӣ зери омилҳои зерин ба вуҷуд меояд: якум, ҷонибдорони сохтори ҷамъиятии пештара, ки арзишҳо ва меъёрҳои сохтори навро қабул надоранд (ҳеҷ набошад ба моҳияти он сарфаҳм рафта наметавонанд ё эътироф намекунанд, яъне руҳияи консервативӣ доранд); дуюм, неруҳои сиёсие, ки идеологияи радикалистиро тарғибу ташвиқ менамоянд ва бо мақсади аз байн бурдани сохтори ҷамъиятии нав дар байни аҳолӣ ҷонибдорони худро бештар ва ҷонибдорони арзишҳои навро камтар кардан мехоҳанд. Дар чунин шароит аз ҳама бештар радикализми рост (эҳёи сохтори ҷамъиятии чандин аср пеш мавҷуда) ба амнияти идеологии кишвар таҳдид менамояд. Бинобар ин, баъд аз оне, ки дар сатҳи конститутсия, қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои сиёсию маъмурӣ арзишҳо ва меъёрҳои сохтори нав пурра ворид карда шуда, риояи он талаб карда мешавад, бояд марҳилаи мафкурасозӣ, аниқтараш бештар намудани ҷонибдорони арзишҳои нав ба роҳ монда шавад.

Марҳилаи дуюм – идеализатсияи арзишҳои идеологӣ дар сатҳи афкори ҷамъиятӣ (мафкурасозӣ). Марҳилаи мазкур хеле муҳим ва тақдирсоз аст. Аммо анҷом додани он ниҳоят мураккаб ва баъзан ғайриимкон низ мебошад. Марҳилаи мазкурро шартан марҳилаи мафкурасозӣ низ номидан мумкин аст, зеро баъди институтсионализатсияи меъёрҳо ва арзишҳои сохтори ҷамъиятӣ акнун бештар намудани сафи ҷонибдорони он зарур дониста мешавад. То замоне, ки ҷонибдорони арзишҳо ва меъёрҳои нав аксарияти (бештар аз 75%)-и аҳолиро ташкил надиҳад, марҳилаи мафкурасозиро анҷомёфта шуморидан ғайриимкон аст. Дар ин марҳила давлатро зарур

аст, ки дар доираи масъалаҳои сохтмони давлатӣ ба ташаккули дастгоҳи идеологии худ диққати бештар дода, фаъолияти идеологии ниҳодҳои ин дастгоҳро бо талаботи сохтори нави ҷамъиятӣ мутобиқ созад. Барои тезтару нармтар сипарӣ намудани ин марҳила идеологҳои касбӣ зарур меоянд. Бинобар ин, як қатор давлатҳо дар заминаи мактабҳои олии касбии худ дар ин марҳилаи давлатдорӣ ба омода кардани идеологҳои касбӣ машғул шудаанд. Таҷрибаи давлатҳои гуногуни олам нишон медиҳад, ки дар таркиби дастгоҳи идеологии давлат чунин ниҳодҳо ва субъектҳо шомил карда мешаванд: мактабҳои олӣ (омӯзгорон, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, раванди таълим); ниҳодҳои илмӣ (олимон, таҳқиқоти илмӣ, популяризатсияи донишҳои илмӣ); муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва табъу нашр; ВАО; оила; ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳо, созмонҳо ва ғ.); мақомоти ҳокимияти давлатӣ (PR ё робита бо ҷомеа) ва ҳизбҳои сиёсӣ. Ба ибораи дигар, ҳамаи имкониятҳои идеологии мамлакат бояд барои сипарӣ намудани марҳилаи мафкурасозӣ истифода бурда шаванд. Дастгоҳи идеологии давлат, ки таркиби мураккаби он дар боло номбар гардид, арзишҳои сохтори ҷамъиятиро, ки дар конститутсияи давлат ҷойгир кунонида шудаанд, бояд ҳамаҷониба тарғибу ташвиқ намоянд ва аҳаммияти онҳоро барои рушди ояндаи мамлакат ба аҳли ҷомеа шарҳ диҳанд.

Марҳилаи сеюм – дар амал татбиқ гардидану дар миқёси васеъ мавриди истифода қарор гирифтани арзишҳо ва меъёрҳои идеологӣ. Замоне, ки ҷонибдорони арзишҳои сохтори нав аксариятро ташкил медиҳанд, риояи меъёрҳои он ва дар кору фаъолият мавриди истифода қарор гирифтани арзишҳои мазкур ба амал меояд. Гузашта аз ин, дар ин марҳила таъсири идеологияҳои ғайр ба афкори ҷамъиятӣ ночиз мегардад. Аз ин рӯ, таҳдиду хатарҳои идеологияи радикалӣ низ ночиз мегардад. Зеро арзишҳои идеологияи радикалӣ дар назари мардумоне, ки аллакай ба моҳияти сохтори ҷамъиятии худ сарфаҳм рафтаву онро ҳамчун идеали ҷамъиятӣ эътироф намудаанд, дигар мароқангез нестанд. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, баланд бардоштани машруияти арзишҳои идеологиро ҳамчун омили муҳимтарини таъмини амнияти идеологӣ шуморидан мумкин аст.

Марҳилаи чорум – ба бӯҳрони навбатӣ дучор гардидани арзишҳои идеологӣ. Кам нестанд ҳолатҳое, ки зери таъсири омилҳои гуногун боз ҷонибдорони арзишҳо ва меъёрҳои сохтори ҷамъиятӣ кам шудан мегиранд ва барои ба вуҷуд омадани бӯҳрони идеологӣ замина фароҳам меоваранд. Чунин ҳолатро, пеш аз ҳама, дар раванди баамалоии ҷангҳои идеологӣ, заиф гардидани фаъолияти дастгоҳи идеологии давлат ва ҷомеа, дар натиҷаи дигаргуниҳои муҳити берунаи мамлакат, тавассути арзишҳои маз-

кур ғайриимкон гардидани қонеъсозии талаботи одамон ва соҳаҳои фаъолият мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, дар адабиёти илмӣ сабабҳои гуногуни пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ (ба буҳрон дучор шудани сохтори ҷамъиятии сотсиалистӣ) нишон дода мешаванд, аммо агар масъалаи мазкур бо дар назардошти марҳилаҳои ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ баррасӣ шавад, ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки яке аз сабабҳои асосии он зери таъсири ҷангҳои идеологӣ (тарғибу ташвиқи ғояҳои либералӣ) кам шудани ҷонибдорони арзишҳои сотсиалистӣ мебошад. Чунин тамоюлотро, пеш аз ҳама, дар сатҳи номенклатура (роҳбарияти сиёсии давлат) мушоҳида намудан мумкин буд, ки ниҳоятан ба пошхӯрии давлат ва аз байн рафтани сохтори ҷамъиятӣ оварда расонид.

Чунин ҳолатҳоро дар мисоли давлатҳои дигар низ нишон додан мумкин аст. Мисоли дигар аз байн рафтани идеологияи миллии давраи Мейдзи (охири асри XIX ва ибтидои асри XX) дар Ҷопон мебошад. Сохтори ҷамъиятии аз ҷониби Мейдзи ташкилшуда се марҳилаи аввалро, ки дар боло номбар гардиданд, паси сар намуда буд. Аммо солҳои 1930 насли наве, ки давлатро идора менамуд, аз арзишҳои идеологияи миллӣ ва сохтори ҷамъиятии ташаккулёфта хеле дур шуданд ва ниҳоятан чунин ҳолат дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ боиси аз байн рафтани сохтори ҷамъиятии онҳо гардид (яъне, арзишҳои сохтори ҷамъиятӣ ба буҳрон дучор шуд - муаллиф) [2, с.118-161].

Аммо агар буҳрони идеологии баамаломада саривақт дарк карда шуда, барои бартараф намудани он чораҳои зарурӣ ва мақсаднок андешида шаванд, пеши роҳи пошхӯрии сохтори ҷамъиятӣ гирифта шуда, мавҷудияти он дар оянда таъмин мегардад. Барои исботи ин фикр низ далелҳои зиёд овардан мумкин аст, аммо бо як далели таърихӣ дар мисоли идеологияи либералӣ, ки дар чандин набарди идеологӣ ва марҳилаи буҳронӣ мавҷудияти худро нигоҳ доштааст, иктифо менамоем. Идеологияи либералӣ дар тули 200 соли охир даҳҳо маротиба ба буҳронҳои гуногун мувоҷеҳ шудааст. Бо назардошти инқилобҳои саноатӣ, ки аз ҷониби сармоядорон ба амал оварда шудаанд, гуфтан мумкин аст, ки он чаҳор маротиба чунин буҳрони ҷиддиро паси сар намудааст. Ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XIX олимони шинохтаи немис К.Маркс ва Ф.Энгелс дар асари машҳури худ «Манифести Ҳизби Коммунистӣ» эътироф намуда буданд, ки системаи буржуазӣ (сохтори сармоядорӣ) бинобар сабаби барзиёд истеҳсол намудану пурра қонеъ кардани талаботи бозор зуд-зуд ба буҳрон дучор мешавад, аммо чунин буҳронро тавассути ба вуҷуд овардани талаботи нав бартараф менамояд. Бинобар ин, низоми сармоядорӣ ба кашфиёту ихтирооти илмии бештар ниёз дорад, то ки ҳам талаботи нав офарад ва ҳам аз уҳдаи қонеъ намудани талаботи мазкур баромада тавонад [4]. К.Маркс ва

Ф.Энгелс ҳамзамон, эътироф намуда буданд, ки «Буржуазия дар давраи камтар аз сад соли ҳукмронии синфии худ қувваҳои истеҳсолиеро ба вуҷуд овард, ки ҳамаи қувваҳои истеҳсолии наслҳои пешина ба он баробар шуда наметавонанд. Фатҳи қувваҳои табиат, тавассути дастгоҳҳо ба роҳ мондани истеҳсолот, истифодаи кимиё дар саноат ва соҳаи заминдорӣ, рушди киштиҳои буғӣ, роҳҳои оҳан, телеграфи барқӣ, барои рушди заминдорӣ ворид шудан ба ҳамаи минтақаи олам, мутобиқ намудани дарёҳо барои ҳаракати киштиҳо ва ғ. ба онҳо мисол шуда метавонанд. Дар садсолаҳои қаблӣ тасаввур ҳам карда наметавонистанд, ки дар умқи меҳнати ҷамъиятӣ чунин қувваҳои истеҳсолкунанда мавҷуданд» [4, с.44]. Бояд гуфт, ки дар давраи зиндагии К.Маркс ва Ф.Энгелс инқилобҳои якум (кашфи муҳаррики буғӣ) ва дуюми саноатӣ (кашфи қувваи барқ) аллакай ба амал омада буданд. Аммо бо ташаббуси сармоядорон, яъне ҳамон буржуазҳо дар асри XX инқилобҳои сеюм (кашфи МЭҲ) ва чоруми саноатӣ (ихтирои интернет ва зеҳни сунъӣ) низ ба амал оварда шуданд. Дар мавриди он, ки шабакаи интернет, зеҳни сунъӣ ва дигар технологияҳои ҷадид барои аз байн бурдани буҳрони сармоядорӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ҳеҷ шакку шубҳае вуҷуд надорад. Зеро ба омӯзиши ин масъала чанде пеш таҳқиқоти алоҳида бахшида шуда буд ва муайян гардид, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳни сунъӣ ҳамчун технологияҳои ҷадиди ҷамъоварии иттилооти стратегӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои истеҳсолӣ ва нигоҳ доштани симои мароқангези идеологияи либералӣ истифода бурда мешаванд [3].

Ҳамин тариқ, ҳар як сохтори ҷамъиятӣ, ё худ идеологияи давлати миллӣ дар давраи мавҷудияти худ чаҳор марҳилаи ташаккулёбиро аз сар мегузаронад. Дар ҳар яке аз ин марҳилаҳо таъмини амнияти идеологӣ хусусиятҳои хос доранд, аммо марҳилаҳои дуюм ва чорум тақдирсоз мебошанд. Зеро дар марҳилаҳои мазкур сохтори ҷамъиятӣ метавонад мавҷудияти худро аз даст диҳад. Дар марҳилаи дуюм, ки мафкурасозӣ номида мешавад, бояд ҷонибдорони арзишҳои идеологияи давлати миллӣ бештар карда шавад, вагарна идеологияҳои ғайр метавонанд онро ба буҳрони шадид дучор намоянд. Дар марҳилаи чорум бошад, зери таъсири омилҳои гуногун айни чунин воқеа, яъне ба буҳрон дучор шудани арзишҳои идеологияи ҳукмрон ба вуҷуд меояд. Дар марҳилаи чорум бартараф намудани буҳрон ягона воситаи нигоҳ доштани сохтори ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори ҷамъиятӣ марҳилаи якумро сипарӣ намуд ва мамлакат ба марҳилаи дуюм, яъне раванди мафкурасозию бештар намудани ҷонибдорони арзишҳои идеологияи давлати миллӣ ворид шуд. Дар ин марҳилаи тақдирсоз бештар намудани симои мароқангези арзишҳои идеологии кишвар ва ба идеали ҷамъиятӣ табдил додани онҳо масъалаи меҳварии таъмини амнияти идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистонро

ташкил медиҳад. Хусусиятҳои таъмини амнияти идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии давлатдории миллӣ дар мақолаи навбатӣ барои чоп пешниҳод мегардад. Пеш аз анҷоми ин амал, дар назди худ мақсад гузоштем, ки дар навбати аввал консепсияи таъмини амнияти идеологиро бо дар назардошти марҳилаҳои ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ нишон дода, меъёрҳои онро асоснок намоем. Таҳқиқоти мазкур дар асоси мушоҳидаи рушди таърихии идеологияҳои сиёсӣ анҷом дода шуд.

## АДАБИЁТ

1. Гуревич П.С. Идеологизация и деидеологизация // Философия и культура. – 2014. – № 2. – С. 155-161. DOI: 10.7256/1999-2793.2014.2.10940

2. Даймонд Д. Кризис. Каков механизм преодоления кризиса? / Пер. с англ. –М.: Изд-во АСТ, 2020. –544 с.

3. Сафарализода Х.К. Польза и вред социальных сетей // Международные отношения и безопасность. – 2022. – № 4 (4). – С. 31-49.

4. Маркс К., Энгельс Ф. Манифест коммунистической партии: принципы коммунизма / Пер. с немец. –М.: Эксмо, 2022. – 320 с.

5. Мочар К.Ю. Идеология как созидающая сила общества // История и современность. – 2019. –№4. –С.78-94.

6. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций / Пер. с англ. –М.: Изд-во АСТ, 2017. – 576 с.

7. Хушвахтзода К.Х., Сафарализода Х.К. Обеспечения идеологической безопасности - важная предпосылка борьбы с терроризмом и экстремизмом // Социальные сети интернета как реальная угроза национальной безопасности: Материалы республиканской научно-теоретической конференции (г.Душанбе, 29 ноября 2022 г.). – Душанбе, 2022. – С. 22-28.

8. Ятимов С.С. Дунявият ва амният // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2022. –№ 2 (2). –С.18-37.

# ОСОБЕННОСТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИДЕОЛОГИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ПРЕЦЕССЕ ФОРМИРОВАНИЯ ОБЩЕСТВЕННОЙ ФОРМАЦИИ

**САФАРАЛИЗОДА ХУДЖАМУРОД КУДДУСИ,**
кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой политических процессов Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17;
тел.: (+992) 98 812 7383; e-mail: quddusov@mail.ru

*В данной статье показаны этапы формирования общественной формации, и ценности идеологии национального государства представлены как идеологическая основа принципов практической реализации идеологии. Также в статье анализируется и обсуждается вопрос обеспечения идеологической безопасности с учетом этапов формирования общественной формации. Изучение данного вопроса показало, что обеспечение идеологической безопасности на каждом этапе формирования общественной структуры имеет свои особенности. Судьбоносным для защиты идеологии национального государства является второй этап – идеализация ценностей и четвертый этап – кризис общественной формации. Данная концепция имеет методологическое и теоретическое значение для обеспечения идеологической безопасности Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *политическая идеология, идеологическая безопасность, идеологический кризис, идеологические войны, ценности общественной формации, идеализация ценностей, обеспечение идеологической безопасности, идеологические угрозы.*

## FEATURES OF ENSURING IDEOLOGICAL SECURITY IN THE PROCESS OF FORMATION A SOCIAL FORMATION

**SAFARALIZODA KHUJAMUROD QUDDUSI,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Political Processes of the Tajik National University
734025,Tajikistan, Dushnabe city, Rudaki ave. 17;
tel.: +992 98 812 7383; e-mail:quddusov@mail.ru

*In this article shows the stages of the formation of a social formation, and the values of the ideology of the national state are presented as the ideological basis of the principles of the practical implementation of ideology. In the article also analyzes and discusses the issue of ensuring ideological security, taking into account the stages of the formation of a social formation. The study of this issue showed that the provision of ideological security at each stage of the formation of a social structure has its own characteristics. The second stage, the idealization of values, and the fourth stage, the crisis of the social formation, are crucial for the defense of the ideology of the nation state. This concept has methodological and theoretical significance for ensuring the ideological security of the Republic of Tajikistan.*

***Keywords:*** *political ideology, ideological security, ideological crisis, ideological wars, social formation values, idealization of values, ensuring ideological security, ideological threats.*

УДК: 323.4

# ПОТЕНЦИАЛ КОНТРНАРРАТИВОВ В ПРОТИВОДЕЙСТВИИ ИДЕОЛОГИИ ЭКСТРЕМИЗМА И МЕЖДУНАРОДНОГО ТЕРРОРИЗМА

**ДОДИХУДОЕВ ХУРШЕД АЗАМДЖОНОВИЧ,**
кандидат политических наук, старший научный сотрудник Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ
734025,Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 918-75-64-75; e-mail: lettera76@mail.ru

*В данной статье автором анализируется потенциал нарратива в противодействии идеологии экстремизма и международного терроризма. Автором отмечается роль нарратива в повышении уровня информированности местного сообщества, в разоблачении информационных продуктов деструктивных групп, а также укреплении консолидации и устойчивости местного сообщества. Также в статье раскрываются наиболее актуальные моменты, повышающие эффективность нарративов в противодействии идеологи деструктивных группировок.*

***Ключевые слова:*** *контрнарратив, экстремизм, терроризм, потенциал, устойчивость, местное сообщество, целевая аудитория, идеология.*

Уровень развития современных печатных и электронных ресурсов способствовует тому, что информация стала главным фактором жизни общества. Важно отметить и тот неоспоримый факт, что сегодня информация является очень доступной в связи научно-техническим прогрессом цифровых технологий. В результате они оказывают самое сильное влияние на формирование мировоззрения и мироощущения человека. Сегодня не один маломальский значимый социальный процесс не проходит без активного информационного сопровождения.  В результате именно средства массовой информации формируют как индивидуальное восприятие, так и общественное сознание.

Анализируя методы противодействия угрозе экстремизма и международного терроризма в информационном пространстве нельзя не отметить нарративы. Сам метод получил признание у представителей различных гуманитарных наук. Способность использовать нарративы в качестве оружия превращает их в грозное оружие, обладающее экстраординарной мощью. Такое оружие атакует восприятие и осмысление мира, мифы и легенды общества, групповую идентичность и критерии, позволяющие проводить различие между своими и другими. На протяжении всей мировой истории религиозные лидеры, филосо-

фы, политики рассматривали нарративы в качестве мощного инструмента по изменению убеждений и поведения аудитории. Все институты общества, - от государственных структур и политических партий до организаций и корпораций, непрерывно разрабатывают и поддерживают собственные нарративы, призванные затенить противоречия, структурировать дебаты и сделать приемлемыми и принимаемыми интересы институтов для общества. [1] В результате сегодня мы наблюдаем его активное использование с их стороны. Как показало практика именно нарративы оказывают самое сильное воздействие на мышление человека. Причиной популярности данного инструмента кроется в его универсальности и простоте. Другим достоинством метода является принцип его построения.

Нарратив — специфическая форма дискурса, то есть текст, связанный с совокупностью социальных, культурных, психологических факторов, взятый в событийном аспекте. Нарратив — это речь, рассматриваемая как целенаправленное социальное действие, как компонент, участвующий во взаимодействии людей и в их когнитивных процессах. В нарративе также заложена составляющая самопрезентации личности другому через повествовательные формы о событиях, к которым рассказчик или причастен сам, или хочет выразить свое отношение. [2]

Привлекательность нарративов заключена в их оригинальности, эмоциональной яркости, даже предвзятости. Они ориентированы на выражение, прежде всего, субъективной позиции говорящего, его авторского мнения, а не на донесение объективной информации. Формирование нарративов, конечно, не исключает использование фактов и апелляций к реальным событиям, однако при этом объективные данные получают заметную оценочную окраску. Это происходит, во-первых, за счёт прямого авторского комментирования, а во-вторых, за счёт такого выстраивания исходно нейтральной информации, чтобы читатель мог с лёгкостью восполнить «недосказанное» и прийти к вполне однозначным выводам. То есть, нарративы интересны аудитории именно потому, что они нестандартны и оригинальны, а не по тому, что содержат в себе объективные данные. К тому же, нарративы психологически хорошо воспринимаются, поскольку содержат уже готовые тезисы и переработанную информацию. [3]

Сегодня разрушительная идеология экстремизма и международного терроризма затрагивает по сути все сферы жизни современного человека. Подобная агрессивная идеологическая экспансия не проходит бесследно. Её печальным итогом становится то, что определенные люди начинают разделять деструктивное мировоззрение. Более того, они готовы идти на совершение преступных деяний.

Деструктивная пропаганда манипулирует сознанием людей по принципу «цель оправдывает средства». Основной целью такой пропаганды является

разжигание межнациональных конфликтов, обострение противоречий в обществе, развитие у людей низменных инстинктов. Пробуждение низменных чувств человека позволяет разделить структуру общества, сделать их послушными идеям пропаганды. Основным способом деструктивной пропаганды является создание образа врага, которое позволяет управлять послушным обществом. В основе деструктивной пропаганды лежит перевернутая система ценностей, убеждений и взглядов. Негативная пропаганда, в отличие от позитивной, используется в интересах узкой группы людей с целью манипулирования сознаниями масс. [4]

В этой связи следует подчеркнуть, что сами деструктивные группы придают первостепенное значение к пропаганде своей идеологии. Как показывают анализы, их информационные продукты из года в год только совершенствуются. В своей пропагандистско-агитационной работе они используют самые новейшие информационно-коммуникационные технологии. При этом, они также совершенствуют саму подачу информации. Столь серьезное отношение обусловлено тем, что она помогает успешно решать поставленные стратегические задачи. В частности, идеологическую, последствием которого является формирование в головах людей необходимого им формата мышления. Другим значимым моментом пропаганды является постоянный и непрерывный поиск все новых сторонников, готовых совершать деструктивные действия.

Через популярные социальные сети по всему миру вербуются сторонники террористов, а также осуществляется информационная поддержка террористических акций. Зачастую публикации с мест инцидентов пропагандисты террористической активности делали через час с небольшим после произошедшего. Во многих случаях для отправки коротких сообщений с места события использовался популярный сервис микроблогов Twitter, большинство пользователей которого публикуют сообщения с мобильных устройств. [5]

Вовлечение людей в группы насильственного экстремизма с их последующим участием в насильственных действиях это не только результат работы вербовщиков, которые ищут потенциальных новобранцев. Часто люди сами проявляют инициативу в отношении участия в насильственных действиях в силу их постепенной и последовательной радикализации. Различные современные формы радикализации в среде молодежи, которые в сегодняшнем обществе имеются в большом количестве и разнообразии могут стать достаточно привлекательными для тех, кто находится в так называемой «зоне риска». Это, как правило, область жизненного пространства личности, находящаяся за пределами комфорта. [6]

В целом в настоящее время одним из приоритетных направлений в научном и экспертно-аналитическом сообществе является разработка целевых программ по противодействию в информационном поле. Классические методы

противодействия уже не являются столь эффективными. В этой связи на первый план выходят именно инструменты, которые обладают наибольшим потенциалом в противодействии идеологии экстремизма и терроризма в информационном поле. Одним из таковых, безусловно является нарратив. Сам высокий уровень его эффективности обусловлен, главным образом, его структурой. Так У. Лабов выделял шесть элементов структуры нарратива, каждый из которых несет определенную функциональную нагрузку:

1) краткое изложение для слушателя существа происшедших событий, о которых пойдет речь;

2) ориентация слушателя относительно времени, места, ситуации, участниках событий;

3) передача последовательности событий;

4) оценка значимости и смысла действий, выражение отношения рассказчика к событиям и действиям;

5) разрешение ситуации (что случилось в конце концов),

6) кода: возврат к настоящему времени. [7]

Сама динамика использования нарративов свидетельствует, о том, что он стал неотъемлемой частью нашей жизни. Он эффективен как для повышения уровня информированности местного сообщества, так и в разоблачении информационных продуктов деструктивных групп. Важно также то, что он как правило формируется непосредственно под конкретный локальный аспект, беря во внимание всю его специфику. Логично подготовленный нарратив обладает огромным созидательным потенциалом. Он содействует в воспитании устойчивой психики, гармоничной личности, потенциально способной к социализации в рамках существующих правовых и морально-ценностных норм. В контексте местного сообщества наиболее востребованные нарративы, являются направленные на повышение правовой и религиозной культуры местного населения. Неоднократные проведенные исследования выявили, что одной из причин вовлечения граждан в деструктивные группы является их правовая и религиозная неграмотность.

Другим важным следствием использования нарративов заключается в том, что они способствуют укреплению консолидации и устойчивости местного сообщества. В контексте успешного противодействия угрозе экстремизма и терроризма, является чрезвычайно важным. Достижения данной цели требует огромных усилий, а также наличия ряда факторов. Так оно возможно лишь при наличии знаний, навыков и, конечно, практического опыта. Другим фактором укрепления консолидации и устойчивости является индивидуальная ответственность. И наконец, активное взаимодействия всех заинтересованных сторон из числа с правоохранительных и государственных органов, а также институтов гражданского общества. В совокупности всё это позволяет защитить

местное сообщество от различных негативных факторов, которые способны подорвать устойчивость местного сообщества.

Другим важным преимуществом контрнарративов в противодействии идеологии экстремизма и международного терроризма состоит в том, что его имплементатором может быть любой социальный актор. Соответственно это может быть, как государственный орган, так институты гражданского общества.

Для большей эффективности нарратив должен учитывать ряд значимых моментов, а именно:

Эффективный контрнарратив должен учитывать местный контекст, быть заточен под конкретную целевую группу. Очень важно правильно подобрать основной посыл, который вы хотите донести до целевой аудитории. Аргументы, идеи и мессаджи будут разными в целях общей профилактики радикализации или при работе с группами риска. Наиболее распространенными ошибками тех, кто создает антиэкстремисткий информационный продукт, является неадаптированность аргументов к целевой аудитории.

Распространять контрнарративы должны люди, вызывающие доверие у аудитории и имеющие авторитет в своей области знания. Большое значение имеют и коммуникационные каналы, которые следует выбирать с учетом целевой аудитории. Важно использовать платформы, популярные у молодежи.

Использование личных историй и знакомство с личным опытом гораздо эффективнее отвлеченных разговоров и работы он-лайн. Не надо преувеличмвать значение интернета, работа онлайн не может заменить личного общения, личные отношения – ключ к успешной профилактике радикализации. [8]

Следует отметить, что государства Центральной Азии также начинают проявлять практический интерес к использованию контртеррористических нарративов в профилактике экстремизма. В этой связи подчеркнем опыт Республики Казахстан. Основой формирования контртеррористических нарративов в Казахстане выступает соответствующая нормативно-правовая база, регулирующая антитеррористическую деятельность. В Казахстане можно выделить две группы институтов, формирующих контртеррористические нарративы:

Светские (Ассамблея народа Казахстана, Агентство по делам религии, Антитеррористический центр КНБ, неправительственные организации, центры по изучению проблем религии, средняя и высшая школа, масс медиа).

Религиозные (Духовное управление мусульман Казахстана, имамы, работающие на местах). [9]

Таким образом контрнарративы как инструмент противодействия идеологии экстремизма и терроризма несмотря на свою новизну полностью себя оправдал. Причиной является то что, именно контранарративы смогли внести

серьезный вклад в разоблачении идеологии деструктивных группировок. Экспертно - аналитическое сообщество в своей позиции единогласно подтверждают огромный потенциал. Главным ценностью же, заключается, в том, что направленны на качественное изменение внутреннего состояния человека. Именно контрнарративы по своей сути являются источниками позитивной созидательной информации в обществе.

Следовательно, активное использование контрнарративов может оказать сильное влияние на противодействие идеологии экстремистских и террористических группировок. Именно контрнарративы будут на практике содействовать в формировании в обществе качественно иной точки зрения. Тем самым контрнарративы является наиболее сильным заслоном на пути проникновения деструктивной идеологии в социуме. И наконец, то, что именно природа контрнарративов содействует формированию духовных основ традиционного общества.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Арзуманян Р. Применяемые в качестве оружия информация и нарративы на ландшафте нарративов Южного Кавказа. Режим доступа. https://www.academia.edu/37407261/%
2. Обухов А. С., Чурилова Е. Е. Современные подходы к исследованию личности через нарративные тексты. Режим доступа. https://cyberleninka.ru-/article/n/sovremennye-podhody-k-issledovaniyu-lichnosti-cherez-narrativnye-teksty-1
3. Дорошенко Е. И. Нарративы в информационном противодействии идеологическим установкам терроризма и экстремизма (на примере ИГ*). Режим доступа https://cyberleninka.ru/article/n/narrativy-v-informat-sionnom-protivodeystvii-ideologicheskim-ustanovkam-terrorizma-i-ekstremizma-na-primere-ig
4. Матвиенко В.В. Современная пропаганда как система: терминологический аппарат. Режим доступа. https://cyberleninka.ru/article/n/sovremennaya-propaganda-kak-sistema-terminologicheskiy-apparat
5. Угроза международного терроризма и религиозного экстремизма государствам-членам ОДКБ на центральноазиатском и афганском направлениях. / под. ред. Панарина И.В., Казанцева А. А. М.: Аналитическая ассоциация ОДКБ; Институт международных исследований МГИМО МИД России. 2017. https://mgimo.ru/upload/2017/03/imi-odkb-igil.pdf
6. Арифханова С. Деструктивные нарративы экстремистских групп. Режим доступа. https://crss.uz/2018/11/18/destruktivnye-narrativy-ekstremistskix-grupp/
7. Евстигнеева Н.В., Оберемко О.А. Модели анализа нарратива. Режим доступа. https://cyberleninka.ru/article/n/modeli-analiza-narrativa
8. Сокирянская Е., Гуревич В. Основы профилактики насильственного экстремизма. Практическое руководство. Режим доступа. https://cap-center.org/wp-content/uploads/2019/06/

9. Черных И. Контртеррористические Нарративы: Практики Казахстана. Режим доступа. https://perconcordiam.com/ru/%

## ЗАРФИЯТИ ЗИДДИНАРРАТИВҲО ДАР МУБОРИЗА БА ИДЕОЛОГИЯИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**ДОДИХУДОЕВ ХУРШЕД АЗАМҶОНОВИЧ,**
номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмӣ Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддинова АМИТ
734025, Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки 33;
тел.: (+992) 918 – 75 – 64 - 75; e-mail: lettera76@mail.ru

*Муаллиф дар мақолаи мазкур зарфияти нарративро дар муқовимат ба идеологияи ифротгароӣ ва терроризми байналмиллалӣ таҳлил кардааст. Муаллиф нақши нарративро дар баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеаи маҳаллӣ, фош кардани маҳсули иттилоотии гурӯҳҳои тахрибкор, инчунин таҳкими муттаҳидшавӣ ва устувории ҷомеаи маҳаллӣ қайд кардааст. Дар макола нуктаҳои муҳимтарине низ ошкор карда шудаанд, ки дар мубориза ба мукобили идеологҳои гуруҳҳои вайронкор самараи нарративро зиёд мекунанд.*

***Калидкалимаҳо:*** *зиддинарратив, экстремизм, терроризм, зарфият, устуворӣ, ҷомеаи маҳаллӣ, гурӯҳи мақсаднок, идеология*

## THE POTENTIAL OF COUNTER-NARRATIVES IN THE COUNTERING OF IDEOLOGY OF EXTREMISM AND INTERNATIONAL TERRORISM

**DODIKHUDOEV KHURSHED AZAMJONOVICH,**
candidate of Political Sciences, Senior Researcher at the A. Bakhovaddinov
Institute of Philosophy, Political Science and Law NAST
734025 Tajikistan, Dushanbe, Ave., Rudaki 33;
tel: (+992) 918 – 75 - 64 - 75; e-mail: lettera76@mail.ru

*In this article, the author analyzes the potential of the narrative in countering the ideology of extremism and international terrorism. The author notes the role of narrative in raising the level of awareness of the local community, exposing the information products of destructive groups, as well as strengthening the consolidation and sustainability of the local community. The article also reveals the most relevant points that increase the effectiveness of narratives in counteracting the ideologists of destructive groups.*

***Keywords:*** *counternarrative, extremism, terrorism, potential, sustainability, local community, the target audience, ideology*

УДК: 327.5

# ТАЪСИРИ НАБАРДҲОИ ИДЕОЛОГӢ БА ИМИҶИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН

**БАРОТОВ ИСРОИЛ ИБРОҲИМОВИЧ,**
муовини сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (+992) 900-70-90-00; e-mail: barotov_2020@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур таъсири набардҳои идеологӣ ба имиҷи байналмилалии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо мақсади устувор нигоҳ доштани мавқеи давлатдории миллии ҷумҳурии Тоҷикистон дар набардҳои идеологӣ, таҳкими идеологияи миллӣ, тарбияи идеологӣ ва таъмини амнияти идеологиро дар набардҳои идеологӣ махсусан муҳим арзёбӣ намуда, хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод намудааст. Инчунин, аҳаммияти ҳисси баланди миллӣ ва тарбияи ватандӯстию ватанхоҳӣ низ дар раванди мазкур таҳқиқ гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *технологияҳои иттилоотӣ, набардҳои идеологӣ, имиҷи байналмилалии давлат, интернет, дастгоҳи идеологии давлат, манфиатҳои иттилоотӣ, амнияти идеологӣ, идеологияи миллӣ*

Дар шароити тағйирёбандаи ҷаҳони муосир ҳимояи имиҷи байналмилалии Тоҷикистон ҳадафи стратегӣ мебошад. Мубрамияти падидаи мазкурро таъсири омилҳои идеологӣ ба имиҷи мусбати кишвар аҳаммияти амалию назариявӣ бахшидааст, зеро дар манзараи идеологии олам ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ ангезаи бархурди фарҳангҳоро ба бор оварда, боиси омезиш ва ҳатто аз байн рафтани арзишҳои меҳварии тамаддуни миллатҳои алоҳида гардидааст. Таъсири омилҳои мазкур марҳала ба марҳала мавқеи фарҳангии давлатҳои миллиро дар равандҳои минтақа ва ҷаҳон коҳиш додааст. Тамоюли мазкур миллатҳоро аз асолати миллии хеш дур сохта, дар мафкура ва зеҳнияти ҷавонон ва насли навраси онҳо андешаи бегонапарастиро тақвият бахшидааст. Мунтазам, гуногунтаркибу мураккаб гардидани фазои идеологии минтақа ва ҷаҳони муосир таъсири омилҳои идеологиро ба имиҷи байналмилалии Тоҷикистон афзун гардонида, зарурати бақодорӣ аз нигоҳи сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ ва маърифатию тарбиявиро дар масири шиддат гирифтани равандҳои идеологӣ ба миён овардааст. Аз тарафи дигар, «зиддияти синфӣ» заминаи асосии дигаргуниҳои таърихи

башар будааст. [3]. Тоҷикон аз рӯзҳои нахустини пайдоиш то ба имрӯз марҳалаҳои гуногуни ҷангҳои тамаддуниро паси сар намудаанд. Дар шароити давлатдории навини тоҷикон низ мавҷудият ва эҳёи баъзе нишонаҳои фарҳанги миллӣ ва тамаддуни аздастрафта боиси нороҳат гардидани баъзе доираҳои тоҷикситези минтақа ва ҷаҳон гардидааст.

Айни замон дар муҳити фикрии кишвар набардҳои идеологӣ ва нигилизми миллии як қатор доираҳои манфиатдори хориҷӣ нисбат ба арзишҳои сиёсию фарҳангӣ ва илмию таърихии мо, тоҷикон, бараъло эҳсос гардида, дар аксар мавврид муборизаҳои мазкур моҳияти мафкуравӣ, психологӣ, итиллоотӣ-назарфиребӣ касб намудаанд. Ҳадафи асосии роҳандозӣ гардидани набардҳои идеологиро таъсири манфӣ расонидан ба руҳияи миллӣ ташкил медиҳад. Хусусан, таъсири набардҳои идеологии доираҳое, ки дар фаъолияти фарҳангию тамаддунсозии онҳо андешаи ба яғмо бурдани таърих, арзишҳои фарҳангӣ, арзишҳои моддию маънавӣ ва ҳатто мутафаккирони тоҷику форс, аз қабили Абуалӣ ибни Сино, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Абурайҳони Берунӣ, Закариёи Розӣ, Абунасри Форобӣ ва дигарон мушоҳида мешавад, метавонад аз нигоҳи идеологӣ ба асолати миллӣ ва пайкараи фарҳангии миллати мо асаргузор бошад. То имрӯз арзишҳои фарҳангию тамаддунии тоҷикон ба фаъолияти ақлонии ақаллиятҳои гуногун табдил ёфта бошад ҳам, вале набояд аз дидгоҳи ақаллиятҳои мазкур тобиши миллӣ касб намоянд, яъне мо бояд рисолати ҳувиятсози арзишҳои миллии худро ҳамчун омили неруи нарм дар набардҳои идеологӣ нигоҳ дорем.

Аз ин рӯ, дар шароити бунёди давлатдории миллӣ таҳкиму густариши идеологияи миллӣ, тарбияи идеологӣ ва таъмини амнияти идеологӣ зарурати таърихӣ буда, ҳамчун ниёзи стратегӣ барои ҳимояи давлату миллати тоҷик дар масири набардҳои идеологӣ нақши ҳаётан муҳим дорад. Идеологияи миллӣ шакли махсуси ҷаҳонбинӣ, мафкура ва андешаи миллии тоҷикон дар шароити пуртазоди муборизаҳои идеологию мафкуравии замони муосир маҳсуб гардида, ҳамчун унсури стратегияи таҳкими давлатдории миллӣ дар масири тағйирпазирии муносибатҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеа, нақши муассир дорад. Ба ибораи дигар, идеологияи миллӣ бояд мансубият ба ҳувият, хун, хислати миллӣ ва табори мо тоҷиконро, ки решаҳои амиқи таърихии он аз ғурури ниёгонамон сарчашма мегирад, ифода намояд. Маҳз идеологияи миллӣ метавонад дар ташаккули мафкураи миллӣ ва таъмини мавҷудияти сиёсии фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон нақши таърихӣ гузошта, таъсири набардҳои идеологиро ба имиҷи байналмилии Тоҷикистон коҳиш диҳад. Ба андешаи Хосе Ортега-и-Гассет, «Тамаддун сунъӣ мебошад, бинобар ин, барои ҳифзи он санъат ва ҳунармандӣ даркор аст. Агар неъматҳои тамаддун ба

шумо писанд бошаду нисбат ба он ғамхорӣ накунед, дар кӯтоҳтарин муддат онро аз даст медиҳед». [10].

Идеологияи давлати миллии тоҷикон натиҷаи андешаи миллӣ, дастовардҳои беназири хиради миллӣ, ғурури миллӣ, тафаккури миллӣ, иродаи миллӣ ва ҳувияти миллию худогоҳии миллӣ буда, ба сифати захираи маърифатию маънавӣ, руҳи миллиро бо хотираи таърихӣ, гузаштаро бо имрӯзи Ватан, шуури миллиро бо сабақҳои таърихӣ, сабақҳои таърихиро бо сарнавишти ояндаи фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон пайваст менамояд. Идеологияи миллӣ на танҳо руҳу равони давлати миллист, балки ҷони фарҳангу тамаддун мебошад. Дарвоқеъ, «давлат ба мисли руҳи зинда метавонад танҳо ҳамчун воҳиди муташаккил дар натиҷаи иродаи ақлонӣ мавҷудияти комил дошта бошад».[2]. Маҳз иродаи ақлонӣ барои ҳимояи давлату миллат аз таҳдидҳои идеологӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Агар «тамаддун дар натиҷаи ба ҳукми анъана даромадани фаъолияти ақлонии як миллат шакл гирад», [7] пас идеология ҳамчун рисолати ташкилоти сиёсӣ (давлат) метавонад омили асосии тамаддунофар, фарҳангсоз, миллатсоз ва давлатсозу ҷомеасоз арзёбӣ гардад ва тамаддуни аз таваҷҷуҳ маҳрумшуда мавҷудияти худро аз даст медиҳад.

Миллати тоҷик баъди ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ дар самти эҳёи давладории миллӣ ба як қатор дастовардҳо ноил гардида бошад ҳам, вале бояд иқрор шуд, ки дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки асоси онро набардҳои идеологӣ дар сатҳи миллию минтақавӣ ташкил медод Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба бухрони идеологӣ гирифтор сохта, то андозае аз равандҳои идеологии минтақа ва ҷаҳон дар канор гузошта, ба имиҷи байналмилалии кишвар таъсири манфӣ расонид. Дар муҳити фикрию иҷтимоии ҷомеаи тоҷик халои идеологӣ ба миён омад. Як қатор доираҳои манфиатдор кӯшиш намуданд арзишҳои фарҳангию таърихӣ, хусусан мутафаккирони мо тоҷиконро аз нигоҳи ҳувиятии худ тобиши миллӣ бахшанд. Маҳз таъсири мухолифатҳои шадиди сиёсию иҷтимоӣ буд, ки идеологияи давлати миллӣ то кунун дар муҳити фикрӣ ва амалияи ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти моддию материалӣ касб накардааст. Низоъи таҳмилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назари идеологияи геополитикии доираҳои манфиатдор бояд на танҳо хусусияти фаромиллию фаромарзӣ касб менамуд, балки давлати мо, тоҷикон ва мавҷудияти мо, тоҷиконро ҳамчун умумияти томи сиёсӣ аз байн мебурд.

Аз ин рӯ, ҳамзамон, дар баробари идеяи миллӣ тақвияти арзишҳои идеологияи миллӣ ва ё идеологеммаҳое, ки тавонад масъунияти идеологии ҷомеа ва давлату миллатро ҳамчун омили аслии ҳамояи кишвар ифода намояд аҳамияти муҳим дорад. Дарвоқеъ, «арзишҳо ба сифати қолабҳои

зеҳние баромад менамоянд, ки инсонро баҳри зиндагӣ ва фаъолият дар доираи худ нигоҳ дошта метавонанд. Онҳо моҳияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ахлоқию маънавӣ фарҳангӣ ва ҷамъиятию иқтисодӣ доранд». [8. С. 244-249].

Ҳамзамон, бо мақсади аз байн бурдани таъсири набардҳои идеологӣ ба имиҷи байнадмилалии Тоҷикистон бояд бо ҳар шакле ки набошад масунияти (имуннитет) идеологии миллати тоҷикро тақвият бахшид, зеро маҳз имуннитети идеологӣ метавонад ба ҷангҳои итиллоотӣ ва набардҳои идеологӣ аксуламали муносиб нишон диҳад. Густариши арзишҳое, ки боиси ташаккули имуннитети идеологӣ мегарданд яке аз вазифаҳои асосии дастгоҳи идеологии давлат маҳсуб мегардад. Дар баробари ин, муаррифии шоистаи дастовардҳои кишвар дар сиёсати дохилию хориҷӣ ва таъмини иттилооти мусбат дар раванди ташаккули имиҷи байналмилалии кишвар ба фаъолияти дастгоҳи идеологии давлат мансуб мегардад.

Дуруст аст, ки тоҷикон дар набардҳои идеологӣ борҳо заҳри идеологияи бегонапарастиро чашида, ба таҳдиду хатрҳои пуриқтидоре, ки боиси парокандагии онҳо гардидаанд дучор шудаанд, вале тавассути дастовардҳои хиради миллӣ ҷойгоҳи намоёни хешро  дар таърих нигоҳ доштаанд.

Яке аз масъалаҳое, ки дар набардҳои идеологи нақши муҳим дорад, тарбияи идеологӣ мебошад. Тарбияи идеологӣ ва дар руҳияи идеологияи миллӣ тарбия намудани насли наврасу ҷавон метавонад дар зеҳну тафаккури миллат ангезаи эҳёи миллӣ ва ватанхоҳию ватандӯстиро бедор намуда, барои расидан ба қуллаҳои баланди истиқлоли сиёсӣ дар шароити набардҳои идеологӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ заминаи мусоид фароҳам оварад. Бо дарназардошти тақвияти арзишҳои идеологияи миллӣ ва шиддат гирифтани набардҳои идеологӣ бар зидди Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки нақши дастгоҳи идеологии давлат ҳамчун ниҳоди ваколатдори мафкурасоз, аз қабили оила, боғча, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳои хусусию давлатӣ, коллеҷҳо, пажӯҳишгоҳҳо, донишгоҳҳо, муаасисаҳои илмию академӣ, дар таълиму тарбия, эҳёи хотираи таърихӣ, тақвияти зиракии сиёсӣ, ташаккули ҷаҳонбинии сиёсию тарбияи идеологии ҷавонон ва насли наврас барҷастатар гардонида шавад. Ҳар як зерсохтори ниҳоди мазкурро зарур аст вобаста ба самти фаъолияти худ, сохти сиёсӣ ва арзишҳои мавҷудаи ҷомеа густариши идеологияи миллиро дар муҳити дохилию берунии кишвар тақвият бахшида мавқеи Тоҷикистонро дар набардҳои идеологӣ ҳимоя намояд. Аз ин нуқтаи назар, нақши дастгоҳи идеологии давлат дар тақвияти имиҷи миллӣ хеле барҷаста мебошад.

Дастгоҳи идеологии давлат аз маҷмуи воситаҳое иборат мебошанд, ки бо ёрии онҳо ба ҷаҳони ботинию маърифатии инсон ва рафтори он таъсири бошуурона ва мақсаднок расонида мешавад. Аҳаммияти дастгоҳи идеологии давлат баҳри тарбияи ҳувиятсозӣ, мафкурасозӣ, густариши арзишҳои дунявият дар рушди давлатдории миллӣ, арзишҳои мавҷудаи давлату ҷомеа, ташаккули ҷаҳонбинии сиёсӣ бо назардошти сохти сиёсии кишвар, аррзишҳои асосҳои сохти конститутсионӣ, мавқеи ватандорӣ, дарки равандҳои мураккаб ва пурпечутоби минтақа ва ҷаҳон ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар, ки боиси ташаккули маданияти имиҷсозии шахс ва ҳимояи давлату миллат дар набардҳои идеологӣ мегардад, назаррас аст. Дарвоқеъ, ташаккули ҳиси баланди ифтихор аз ҳувияту худогоҳӣ ва маърифати ватандӯстӣ дар зеҳну тафаккури фард ҳанӯз аз даврони хурдсолӣ оғоз ёфта марҳалаҳои мухталифи такомул ва иҷтимоишавиро паси сар менамоянд. Дар ин замина тақвият ёфтани идеологияи миллӣ дар зеҳну тафаккури ҷавонон ва насли наврас ҳамчун низоми арзишҳои муайяни ҷамъиятӣ муҳаррики асосии рушди муносибатҳои миллӣ ба ҳисоб рафта, на танҳо асоси пойдории давлатдории миллии тоҷикон, балки асоси мавҷудияти миллати тоҷик ҳамчун умумияти томи сиёсию таърихӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҷаҳони мутамаддин маҳз насли наврасу ҷавони миллате дар муқобили зоҳиршаваии таҳдидҳои идеологию иттилоотӣ аз назари фикрию равонӣ истодагарӣ карда метавонад, ки он дорои масунияти (иммунитет) идеологӣ бошад. Агар ҷаҳонбинии миллат дар асоси ҳувияти миллӣ, худогоҳии миллӣ, ватанхоҳиву ватандӯстӣ ва идеологияи миллию арзишҳои дунявият шакл гирад, пас дар сохтори ҷомеа ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар нақши назаррас пайдо намуда, таъсири таҳдидҳои идеологӣ низ коҳиш меёбад. Вале агар дар сохтори ҷаҳонбинии миллӣ идеологияи миллӣ бартарӣ пайдо накунад, муҳити ҷомеа ба буҳрони ҳувият гирифтор мегардад. Аз ин нуқтаи назар, эҷоди тавозуни ҳувияти миллӣ ва идеологияи давлати миллӣ дар ҷаҳонбинии миллӣ нақши калидӣ дорад ва баръакс, вайрон гардидани таносуби мазкур боиси бартарӣ пайдо намудани идеологияҳои иртиҷоӣ дар зеҳну тафаккури миллат мегардад, ки чунин ҳолат метавонад боиси  на танҳо халалдор гардидани амнияти миллӣ ва суботи сиёсӣ мегардад, балки метавонад кишварро дар набардҳои идеологӣ осебпазир гардонад. Дар заминаи мазкур як қатор кишварҳо тавонистанд густариши идеологияи миллии хешро дар минтақа ва ҷаҳон ҳамчун омили фарҳангсозу тамаддунсоз тақвият бахшанд. Аз ин рӯ, бо дарназардошти шиддат гирифтани набардҳои идеолдогӣ, давлат бояд субъекти асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ, ҳувияти миллӣ, ҳувияти фарҳангӣ, ҳувияти динӣ, ҳувияти таърихӣ ва худогоҳии миллии

шаҳрвандонаш бошад. Дар акси ҳол, мафкураи умумимиллӣ дар зери таъсири идеологияҳои иртиҷоию ғайримиллӣ ва тамоюлҳои бегонаи доираҳои хориҷии манфиатдор қарор гирифта, аввалан истиқлоли фикрӣ ва сипас истиқлоли сиёсии хешро аз даст медиҳад. Набардҳои идеологӣ дар муқобили истиқлоли фикрӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва моддию маънавӣ роҳандозӣ мегарданд. Дар чунин шароити тарбияи идеологии шаҳрвандон, хусусан ҷавонон ва насли наврас аҳамияти стратегӣ касб намудааст.

Мутафаккири Юнони Қадим Арасту вобаста ба таълиму тарбия, хусусан тарбияи идеологии ҷавонон ва насли наврас чунин андешаронӣ намудааст: «Магар бошад касе шубҳа кунад, ки қонунгузор бояд ба масъалаи тарбияи ҷавонон бо таваҷҷуҳи фавқулода муносибат намояд, зеро дар давлате, ки чунин ғамхорӣ нест худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад. Охир тарбия бояд ба ҳар як сохти давлатдорӣ мувофиқат намояд. Сифатҳои ба худ хоси ҳар як сохти давлатдорӣ, асосан, барои ҳифзи ҳамон сохти давлатдорӣ хизмат мекунанд». [1. С. 474].

Ҳамзамон, дар набардҳои идеологию мафкуравии замони муосир барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани тарбияи идеологии мардуми кишвар дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идеалҳои арзишманди умумимиллӣ зарурати фаъолтар гардонидани дастгоҳи идеологии давлат ба миён омадааст. Махсусан, дар шароити мураккаб гардидани фазои идеологии ҷомеа, идораи бошуурона ва танзими ҳадафманди афкори ҷамъиятӣ яке аз вазифаҳои асосии идеологияи сиёсӣ маҳсуб мегардад. Тақвият бахшидани заминаҳои мазкур дар набардҳои идеологӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад, зеро зоҳиршавии таҳдидҳои идеологӣ метавонанд дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ монеа эҷод сохта, раванди рушди бемайлони кишварро халалдор намояд, ки чунин ҳолат ба раванди ташаккули имиҷи байналмилалии давлат таъсири манфӣ мерасонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи суқути Иттиҳоди Шуравӣ бунёди давлати миллиро ҳадафи худ қарор дода аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти нави ҷамъиятӣ ворид гардид. Гузариш аз як марҳалаи рушду инкишоф ба марҳалаи сифатан нави рушду инкишофи мамлакат то андозае аз рушди сиёсию идеологӣ вобастагии амиқ дорад. Махсусан дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ, мафкурасозӣ ва дар маҷмуъ, устувории ҷомеа аз сатҳу сифати таъмини амнияти иттилоотиву идеологӣ вобаста мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамзамон мафкурасозӣ муҳимтарин самти идеологии давлат ба ҳисоб меравад, зеро дар шароити муосир таъсири омилҳои идеологӣ ба суботи сиёсӣ бештар гардидааст. Аз ин рӯ, бо мақсади тақвият

бахшидани омилҳои идеологии таҳкими суботи сиёсӣ таъмини амнияти идеологӣ мувофиқи мақсад аст.

Масъалаи дигаре, ки дар набардҳои идеологӣ нақши калидӣ дорад, масъалаи таъмини амнияти идеологӣ мебошад, зеро дар набардҳои идеологӣ бо мақсади тақвият бахшидани омилҳои идеологии таҳкими суботи сиёсӣ таъмини амнияти идеологӣ мувофиқи мақсад аст. Агар амнияти идеологиро ҳолати ҳимояшавандагии манфиатҳои идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдиду хатарҳои идеологӣ арзёбӣ намоем, пас унсурҳои муҳимтарини он дар моддаи якуми Конститутсияи кишвар таҷассуми равшан дорад. Моддаи якуми Конститутсия муайянкунандаи самтҳои идеологии давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки асосҳои идеологии модели давлатдории навини тоҷикон, вобаста ба оне, ки дар натиҷаи омезиши арзишу идеалҳои умумибашарии демократӣ ва арзишҳои умумимиллӣ бунёд гардидааст, махсусиятҳои ба худ хос дорад. Аз ин нуқтаи назар, бо дарназардошти асосҳои сохти конститутсионӣ, арзишҳои меҳварии тамаддун ва роҳи сиёсии интихобнамудаи тоҷикон дар бунёди давлатдории миллӣ таъмини амнияти идеологии мамлакат дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, хусусан таълиму тарбияи ҷавонон ва насли наврас, авлавияти стратегии давлату миллати тоҷик мебошад.

Бидуни шак, идеологияи миллӣ ниҳодҳои сиёсии ҷомеаро ба воқеиятҳои нави замони муосир мутобиқ сохта, ваҳдату ягонагии миллӣ, тарбияи руҳию маънавӣ, шуури ҷамъиятӣ, фарҳанги сиёсӣ, руҳияи имиҷсозӣ, афкори ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ, тарбияи идеологии миллати тоҷикро дар шароити дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеа таъмин менамояд. Аз назари рафтори иҷтимоӣ руҳияи идеологияи миллӣ намунаи барҷастаи бартарӣ ёфтани андешаи Ватану ватанхоҳӣ, рушду тараққиёти давлату ҷомеа, таҳкими имиҷи сиёсии давлат ва ҳимояи марзу буми аҷдодӣ дар зеҳният ва ақлонияти умумимиллӣ мебошад. Дарвоқеъ, «эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад». [6]

Агар арзишҳои идеологияи миллӣ ба воқеияти шуури ҷамъиятӣ ва ченаки зеҳнию иҷтимоӣ ва фарҳангии фаъолияти фикрию ақлонии умумимиллӣ табдил наёбад, пас он на танҳо наметавонад ба ниҳоди давлатӣ табдил ёбад, балки дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ афкори ҷамъиятӣ дар зери таъсири андешаҳои иртиҷоию ғайримиллӣ қарор мегирад, ки чунин ҳолат ба имиҷи мусбати кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин замина, «баъди ба даст овардани истиқлоли миллӣ дар Тоҷикистон дар раванди таҳаввули

тасаввуроти миллӣ ҷаҳиши назаррасе ба миён омад, ки боиси пайдо шудани шакли махсуси идеологияи миллӣ гардид».[5. С. 137].

Бо мақсади коҳиш додани таъсири набардҳои идеологӣ ба имиҷи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва устувор нигоҳ доштани мавқеи давлатдории миллии тоҷикон дар шароити тағйирёбандаи ҷаҳони муосир пешниҳод намудани якчанд нуқтаи назар мувофиқи мақсад мебошад.

1. Дар шароити шиддат гирифтани набардҳои идеологӣ идеологияи миллӣ ҳамчун шакли махсуси фарҳанги сиёсӣ фаъолияти давлат ва элитаи сиёсии ҳукмронро ҳамчун субъекти имиҷсозӣ барои беҳтар намудани имиҷи кишвар дар радабандиҳои байналмилалӣ сафарбар менамояд. Радабандиҳои ҷаҳонӣ ва нишондиҳандаҳои гуногуни сатҳи рушд яке аз меъёрҳои асосии муайян намудани имиҷи байналмилалии кишварҳо маҳсуб мегардад. Маҳз идеологияи миллӣ руҳияи имиҷсозии ҳамаи кормандони сохтору идораҳои давлатӣ ва ҳатто ҷомеаи шаҳрвандиро дар масири ҳимояи манфиатҳои миллӣ ташаккул дода, омили асосии беҳтар гардидани мавқеи кишвар дар радабандиҳои байналмилалӣ мегардад.

2. Идеологияи миллӣ воситаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ буда, ҳар як шахси дар ҷомеа мавҷудбударо барои дар амал татбиқ намудани мақсадҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии кишвар ба таври мафкуравию идеявӣ таҳрик медиҳад. Барои баланд бардоштани имиҷи мусбати кишвар дар арсаи байналмилалӣ заминаи идеологӣ фароҳам меоварад. Дар баробари ин, ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим аз қабили манфиатҳои ҳарбию бақодорӣ низ ҳадафи асосии идеологияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб гардида, барои таъмини амнияти миллӣ ва суботи сиёсӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Идеологияи миллӣ омили расидани ҳар як миллат ба ҳадафи ягона буда, воситаи асоисии мубориза дар набардҳои идеологӣ маҳсуб меёбад.

3. Дар равандҳои идеологию мафкуравии замони муосир маҳз зарфиятҳои идеологияи миллӣ боиси ҳимояи асосҳои маънавию фарҳангӣ ва тамаддунии давлатдории миллӣ буда, омили асоситарини таъмини сулҳ ва ваҳдату ягонагӣ дар раванди давлатсозию миллатсозӣ мебошад. Ҳамчунин, идеологияи миллӣ воситаи мубориза бар зидди тамоми тамоюлҳои нокасмалуб, аз қабили маҳалгароӣ, нигилизми миллӣ, марказгурезӣ, бегонапарастӣ, ки боиси парокандагии миллӣ мегарданд, пешгирӣ намуда, андешаи ватандӯсти ва имиҷсозиро дар зеҳну тафаккури миллат ташаккул медиҳад;

4. Таъсири идеологияи геополитикӣ ва махсусан ҳамгироии идеологии доираҳое, ки аз нигоҳи фарҳангӣ бо тоҷику тоҷикият ихтилофи назар доранд, афзун гардида истодааст. Дар чунин шароит идеологияи миллӣ ягона воситаи мубориза бар зидди идеологияҳои бегонаи иртиҷоию

зиддимиллӣ қарор мегирад. Роҳандозии идеологияҳои тоҷикситезӣ таърихи ҳазорсолаҳо дошта, то имрӯз дар ҷабҳаҳои илмию фарҳангӣ, сиёсию адабӣ, тамаддунию мафкуравӣ ва ҳатто низомию ҳарбӣ арзи ҳастӣ менамояд. Тамоюлоти мазкур боиси зоҳиршавии таҳдидҳо ба асолати миллию фарҳангии мо тоҷикон гардида, ба имиҷи миллию таърихӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

5. Идеологияи миллӣ ҳамчун зарфияти фикрӣ метавонад дар тақвияти ҳувияту худогоҳии миллӣ ва махсусан дар ташаккули ҷаҳонбинии сиёсии мардуми кишвар, дар масири бунёди давлатдории навини тоҷикон такони устувор бахшида ҳувияти фарҳангию таърихиро дар шароити муборизаҳои фарҳангӣ тақвият бахшад.

6. Дар шароити набардҳои идеологӣ идеологияи миллӣ метавонад ба сифати пойгоҳи технологияи таъмини Ваҳдати миллӣ баромад намуда, омилҳои идеологии ягонагии миллии мо тоҷиконро дар зеҳну тафаккури умумимиллӣ устувор намояд.

7. Идеологияи миллӣ метавонад дар набардҳои идеологии хусусияти радикалию экстремистӣ ва террористидошта ҳамчун воситаи мубориза бар зидди идеологияи экстремизми хушунатомез ва тафаккури ифротӣ, ки онҳо метавонанд суботи сиёсӣ ва амнияти миллиро халалдор кунанд баромад намояд. Инчунин, идеологияи миллӣ ягона воситаи мубориза бар зидди сиёсишавии дин буда, барои пешгирӣ намудани истифодаи дин ва умумиятҳои эътиқодӣ ҳамчун силоҳи идеологӣ дар муборизаҳои сиёсию набардҳои идеологӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар баробари ин, идеологияи миллӣ воситаи мубориза бар зидди идеологияи терроризм буда, нақши афкори ҷамъиятиро дар таъмини суботи сиёсӣ, амнияти миллӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ барҷаста менамояд, ки он барои ҳимояи имиҷи давлат дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон аҳаммияти назаррас дорад.

Ба назари мо, ҷанбаъҳои арзишии идеологияи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтор, ҷаҳонбинӣ ва заминаҳои миллӣ-таърихӣ, маърифатӣ, идеологӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ба худ хос дорад. Амалан то замоне, ки хотираи таърихӣ, ҷаҳонбинӣ ва маърифати сиёсии миллати тоҷик дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёбад, таъсири набардҳои идеологӣ ба раванди рушди устувори давлати миллӣ боқӣ мемонад, ки ҳолати мазкур ба имиҷи таърихию фарҳангӣ ва дар маҷмуъ, ба имиҷи байналмилалии Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад. Ҷаҳонбинии сиёсӣ ҷавҳари асосии миллати ҳушманд дар ҳама шароити таърихӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, маҳз худшиносии миллӣ ва ҷаҳонбинии сиёсии мардум метавонад ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишварро дар набардҳои идеологӣ тақвият бахшида, сиёсишавии дин ва

дигар воситаҳои таъсиррасонии идеологии доираҳои манфиатдори хориҷиро дар муҳити иҷтимоию фикрии ҷомеа пешгирӣ намояд.

Аз назари мантиқи сиёсӣ, милате, ки идеологияи миллӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ ва хотираи таърихӣ надорад, дер ё зуд ба кӯчаи сарбастаи таърих мерасад. Падидаҳои мазкур яке ба дигаре бартарию неруи нав мебохшанд.

Идеологияи миллӣ неруи бузурги давлатдориест, ки тамоюли тараққиёти кишварро дар шароити мубориазаҳои мафкуравию идеологӣ таҳким бахшида, ваҳдату ягонагии миллатро дар арсаи ҷангҳои иттилоотӣ таъмин менамояд. Ба андешаи профессор А.Н. Муҳаммад: «Идеологияи миллӣ ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятию сиёсӣ неруи қудратмандест, ки ба ҷомеа таъсири назаррас дошта, метавонад ҷиҳати ба ҳам омадани неруҳои гуногун ва сафарбарии онҳо баҳри ба даст овардани мақсадҳои миллӣ нақши калидӣ дошта бошад». [4].

Аз ин нуқтаи назар, меъёри асосии идеологияи миллии тоҷиконро манфиатҳои ҳаётан муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавҷудияти сиёсии арзишҳои меҳварии тамаддуни тоҷикон ташкил медиҳад. Ҳамзамон, мубориазаҳои мафкуравӣ дар фазои маҷозӣ боиси бархӯрдҳои нави идеологӣ ва фарҳангию тамаддунӣ гардидааст. Хусусан, зоҳиршавии таҳдидҳои идеологӣ барои густариши ифротгароӣ ва сиёсишавии динӣ мусоидат намуда, метавонад таъмини ваҳдату ягонагии миллӣ ва таҳкими суботи сиёсиро то андозае мушкил созад.

Идеологияи миллӣ барои дарку фаҳми манфиатҳои ҳаётан муҳим ҳамчун талаботи объективие, ки барои мавҷудият ва рушду инкишофи давлату миллат дар вақту фазои муайян заруранд заминаи мусоид фароҳам меорад. Идеологияи миллӣ дар оянда тоҷиконро ҳамчун умумияти томи сиёсӣ аз дучоршавӣ ба парокандагии миллӣ наҷот дода, осебпазирии онҳоро дар набардҳои идеологӣ коҳиш медиҳад.

Идеологияи миллӣ асоси ҳимояи арзишҳои меҳварии тамаддуни тоҷикон дар шароити мубориазаҳои фарҳангии кишварҳои минтақа мебошад, зеро тамоми арзишҳои маънавию фарҳангие, ки барои ақаллиятҳои дигар рамзи ҳувиятсоз дошт ва дорад, имрӯз аз ҷониби онҳо кушиши тобиши миллӣ бахшидан тавсеаи бесобиқа касб намудааст. Идеологияи миллӣ дар баробари ҳимояи арзишҳои меҳварии фарҳанг ва тамаддун, инчунин, барои тарбияи шахсиятҳои миллӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ба андешаи муҳаққиқи ватанӣ М.У. Хидирзода: «Низоми ғоявю арзишӣ асоси муттаҳидӣ ва таъмини ҳамгироии ҷомеаро ташкил дода, тавассути онҳо чаҳорчӯбаи рафтор ва фаъолият барои ҷомеа, аз элита то мардуми одӣ, ташаккул мёбад». [9. С. 21-31].

Дар набардҳои идеологӣ ҳувияти миллӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ нақши ҳалкунанда дорад. Идеологияи миллӣ ва амнияти идеологӣ ҳамчун рамзи

сиёсӣ хислати ҳувиятсоз дошта, муайянкунандаи марзи ҳувияти миллӣ ва таърихию фарҳангии мо тоҷикон мебошад. Падидаҳои мазкур пояҳои ҳувияти сиёсиро низ дар муҳити фикрӣ устувор намуда, ҳимояи манфиатҳои сиёсии кишварро дар масири таъмини легитимияти ҳокимияти сиёсӣ тақвият мебахшад. Идеологияи миллӣ ва амнияти идеологӣ метавонад асосҳои бунёдии рушди давлатдории миллиро дар дурнамо тақвият бахшад. Чунин ҳолат барои таъмини амнияти идеологӣ дар набардҳои идеологӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Албатта, таърихан дар набардҳои идеологӣ ҳамеша тоҷикон бар зидди тоҷикон истифода шудаанд. Аз нигоҳи сабақҳои таърихӣ дар замири миллати тоҷик ҷавҳаре нуҳуфта буд, ки дар сиёсати ҷаҳонӣ моҳирона мавриди истифода қарор мегирифт. Идеологияи миллӣ метавонад минбаъд аз истифодабарии тоҷикон бар зидди тоҷикон дар сиёсати ҷаҳони ҷилавгирӣ намояд. Аз ин рӯ, дар набардҳои идеологӣ идеологияи миллӣ бояд идеологияи асосии мубориза бар зидди душманони таърихӣ ва дигар доираҳои тоҷикситез қарор гирифта, имиҷи кишвар нигоҳ дошта мешавад.

Набояд фаромӯш кард, ки масъалаи дар зеҳну тафаккури миллат ҷойгир намудани арзишҳои идеологияи миллӣ ба раванди таълиму тарбия тавъаму мутаносиб мебошад. Масъалаи дар кадом руҳия тарбия ёфтани наслҳо, то ин ки онҳо дар ҳама шароити таърихӣ ба ватану миллат содиқ монда, онро чун гавҳараки чашм қадр намоянд ва ҳамеша дар мавқеи ҳимояи манфиатҳои миллӣ устувор боқӣ монанд, бевосита аз тарбияи ватандӯстӣ вобастагии амиқ дорад. Дар марҳалаи нави давлатдориамон низ таъсири манфии омилҳои идеологӣ-иттилоотӣ ба шуури миллӣ, хусусан ба мафкураи ҷавонон ва насли наврас ба назар мерасид, ки чунин ҳолат дар аксар маврид боиси осебпазир гардидани онҳо дар набардҳои идеологӣ гардидааст. Мутаассифона, рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ барои тарғибу ташвиқи мафкура ва идеологияҳои бегона заминаи мусоид фароҳам овардааст. Маҳз дур мондани ҷавонон аз тарбияи идеологӣ боиси гаравиши онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ гардидааст.

Ба андешаи мо, бо мақсади ташаккули маърифати ватандӯстӣ, рушди давлатдории миллӣ, мафкурасозӣ, таъмини амнияти идеологӣ, устувор намудани асосҳои идеологии ҳимояи истиқлоли сиёсию давлатӣ, тарбияи идеологии мардуми кишвар, хусусан ҷавонон ва насли наврас, таъмини сулҳу суботи давомдор, тақвияти ҳувияту худогоҳии миллӣ нигоҳ доштани руҳияи миллӣ дар муҳити фикрии кишвар ва устувор нигоҳ доштани мавқеи давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар набардҳои идеологӣ зарур мешуморем:

1. Роҳандозии Консепсияи идеологияи давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизмҳои дар амал татбиқ гардидани он омили таъсиргузор дар набардҳои идеологӣ буда, заминаҳои таҳкиму густариши арзишҳои миллию фарҳангиро дар зеҳну тафаккури насли наврасу ҷавон мавриди тақвият мебахшад. Хусусан, мавқеи фанҳои ҷомеашиносӣ, аз қабили сиёсатшиносӣ ва таърихи халқи тоҷик таҷдиди назар гардад, зеро бидуни донишҳои сиёсӣ зиракии сиёсӣ ва бидуни донишҳои таърихӣ эҳёи хотираи таърихӣ дар зеҳну тафаккури насли наврасу ҷавон ғайриимкон боқӣ мемонад. Бо мақсади мавқеи устувор доштани ҷавонон ва насли наврас дар набардҳои идеологӣ, ки метавонанд ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ таъсири манфӣ расонанд, ҷорӣ намудани фанҳои «Асосҳои идеологияи миллӣ», «Асосҳои истиқлоли миллӣ», «Асосҳои идеяи миллӣ», «Асосҳои маърифати ватандӯстӣ», «Асосҳои истиқлоли фикрӣ», «Фарҳанги истифодаи интернет ва технологияҳои иттилоотӣ», «Тоҷикшиносӣ» ва дар маҷмуъ, рушди фанҳои сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ мувофиқи мақсад мебошад. Ҳолати мазкур боиси тақвияти имунитети идеологии қишрҳои гуногуни ҷомеа, хусусан ҷавонон ва насли наврас гардида, осебпазирии онҳоро дар набардҳои идеологӣ коҳиш медиҳад.

2. Бо мақсади тақвият ёфтани донишҳои сиёсии миллати тоҷик дар самти бартараф намудани таҳдидҳои идеологӣ ва устувор гардидани пояҳои давлатдории миллӣ дар масири ояндаи таърихӣ зарур аст Барномаи давлатии рушди фанҳои ҷомеашиносӣ қабул карда шавад.

3. Бо мақсади эҳёи манзалати хирад дар зеҳну тафаккури миллат зарур аст эътибори муаллим дар ҷомеа баланд бардошта шавад. Дар ин замина қабул гардидани “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баланд бардоштани нақш ва мавқеи муаллим дар ҷомеа аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Ҳамин тариқ, идеологияи миллӣ ва амнияти идеологӣ дар набардҳои идеологӣ нақши калидӣ дошта, роҳнамои рушди сиёсию идеологии кишвар арзёбӣ гардида, дар шароити мураккаб гардидани мубориза҃ҳои фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Дар равандҳои идеологии ҷаҳони муосир таъсири идеологияҳои геополитикии қудратҳои бузурги минтақа ва ҷаҳон ба раванди рушди сиёсию идеологӣ эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, дар набардҳои идеологӣ маҳз ягонагии идеологӣ метавонад ҳамгироии умумимиллии миллати тоҷикро дар атрофи идеалҳои арзишманди таърихию ҷамъиятӣ боз ҳам муттаҳидтар намуда, заминаҳои идеологии ташаккули имиҷи байналмилалии Тоҷикистонро дар шароити тағйирёбандаи ҷаҳони муосир устувор намояд.

## АДАБИЁТ

**1.** Аристотель. Политика. М.: Изд-во РИПОЛ классик, –2017. –С. 474. –528 с.

**2.** Гегель. Энциклопедия философских наук. Том 3. Философия духа. Изд-во «Мысль», М.: – 1977, – С. 361. – 471 с.

**3.** К. Маркс, Ф. Энгелс. Манифест коммунистической партии. 1848.

**4.** Муҳаммад А.Н. Идеологияи миллӣ неруи бузурги давлатдорӣ // АМИТ Ховар. Манбаи электронӣ: Душанбе, 03.05.2022. Санаи мурoҷиат. 07.04.2023. https://khovar.tj/2022/05/ideologiyai-mill-nerui-buzurgi-davlatdor-andesha-oi-noibi-prezidenti-amit-professor-abdura-mon-mu-ammad/

**5.** Муҳаммад А.Н. Муқаддимаи идеяи миллӣ. Душанбе, «ЭР-граф» – 2013. С. 137. – 178 с.

**6.** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23.12.2022. ш. Душанбе.

**7.** Тоинби. А. Постижение Истории. Изд-во «Айрис-Пресс», М.: – 2002, – 1086 с.

**8.** Хидирзода М.У. Арзишҳо ва меъёрҳо ҳамчун ҷузъи когнитивии идеология // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2022. № 1 (55). С. 244-249.

**9.** Хидирзода М.У. Таҳаввулоти идеологӣ ва дигаргуниҳои сиёсӣ: моҳият ва хусусиятҳои онҳо дар ҷомеа // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2022. №1. (77). С. 21-31.

**10.** Хосе Ортега - и – Гассет. Восстание масс. Изд-во АСТ, – 2016, – 256 с.

## ВЛИЯНИЕ ИДЕОЛОГИЧЕСКИХ СРАЖЕНИЙ НА МЕЖДУНАРОДНЫЙ ИМИДЖ ТАДЖИКИСТАНА

**БАРОТОВ ИСРОИЛ ИБРОХИМОВИЧ,**
заместитель начальника управление анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследовании при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел: (+992)-900-70-90-00; e -mail: barotov_2020@mail.ru

*В данной статье рассматривается вопрос влияния идеологической борьбы на международный имидж Таджикистана. Для сохранения устойчивой позиции национальной государственности Республики Таджикистан в идеологической борьбе автор считает особо важным укрепление национальной идеологии, идеологическое воспитание и обеспечение идеологической безопас-*

*ности страны и приводит научно обоснованные выводы. Также в этом процессе исследовалась важность высокое национальное чувства и патриотическое воспитания.*

***Ключевые слова:*** *информационные технологии, идеологические баталии, международный имидж государства, Интернет, идеологический аппарат государства, информационные интересы, идеологическая безопасность, национальная идеология.*

## THE IMPACT OF IDEOLOGICAL STRUGGLE TAJIKISTAN'S INTERNATIONAL IMAGE

**BAROTOV ISROIL IBROHIMOVICH,**
Deputy Head of the Department for Analysis and Forecasting Domestic Policy of Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 89;
tel: +992-900-70-90-00, E-mail: barotov_2020@mail.ru

*This article discusses the impact of ideological struggle on the international image of Tajikistan. In order to maintain the position of the national statehood of the Republic of Tajikistan in ideological struggle, the author considers it especially important to strengthen the national ideology, ideological education and ensure ideological security in ideological struggle and presents scientifically based conclusions. Also in this process, was explored the importance of a high sense of nationalism and the education of patriotism.*

***Key words:*** *information technologies, ideological battles, international image of the state, Internet, ideological apparatus of the state, information interests, ideological security, national ideology.*

УДК: 32.019.51

# САБАБҲОИ БА АМАЛ ОМАДАНИ МУҲОҶИРАТИ ЗИЁИЁН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**ИСОЗОДА ТОҶИДДИН ИСО,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67;
тел.: (+992)918-18-18-48; e-mail: tojiddini-i.1984@mail.ru

*Ҳарчанд муҳоҷирати зиёиён дар асри бисти милодӣ хеле зиёд гардида бошад ҳам, тайи ду даҳсолаи охир ин раванд на танҳо бамаротиб афзоиш ёфт, балки хусусиятҳои навро низ соҳиб шуд. Агар дар асри XX муҳоҷирати зиёиён зери таъсири омилҳои объективӣ ба амал омада бошад, дар замони муосир ин тамоюл бештар зери таъсири омилҳои субъективӣ афзоиш ёфт. Агар даҳсолаҳои қаблӣ тамоюли муҳоҷирати зиёиён танҳо ба кишварҳои тараққикарда равона шуда бошад, айни замон олимону мутахассисон ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ низ сафар намуда истодаанд.*

*Дар шароити имрӯза дар баробари давлат ширкатҳои фаромиллӣ низ ба ҷалби мутахассисон иқдом гирифтаанд. Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ низ ба ин раванд таъсири амиқ мерасонад. Айни замон олимону мутахассисон тавассути шабакаи интернет дар бораи шарту шароити кору фаъолият дар кишварҳои хориҷӣ ба осонӣ маълумот пайдо менамоянд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи сабабҳои ба амал омадани муҳоҷирати зиёиён имкон медиҳад, ки роҳу воситаҳои таъмини амнияти зеҳнӣ пайдо карда шаванд.*

*Дар мақолаи мазкур омилҳои таъсиррасон ба раванди тавсеаи муҳоҷирати зиёиён таҳлилу арзёбӣ гардида, дар асоси он хулосаҳои мушаххас пешниҳод шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти зеҳнӣ, муҳоҷирати зиёиён, фирори мағзҳо, олимону мутахассисон, манфиатҳои зеҳнӣ.*

Дар шароити имрӯза барои як қатор давлатҳои олам *(асосан давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ)* яке омилҳои таъмин намудани рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ҷалби олимону мутахассисон ба шумор меравад. Чунин вазъ ба он хотир аст, ки дар замони рушди бемайлони илму техника дониш ва моликияти зеҳнӣ дар ҷаҳони муосир заминаи асосии муваффақиятҳо дониста мешавад. Бесабаб нест, ки сармояи зеҳнӣ дар ҷомеаҳои муосири тараққикарда сарвати миллии онҳо эътироф

гардидааст. Дар раванди ташаккули сармояи зеҳнии мамлакат ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозорӣ ҷалб карда мешаванд: ширкатҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ. Бинобар ин, ҳифз намудан ва афзоиш додани сармояи зеҳнии кишвар аз ҷониби сиёсатмадорон шарту шароити рушди ояндаи давлату мамлакат эътироф гардидаанд. Аммо афзоиш додани иқтидори зеҳнии мамлакат аз ҳисоби ресурсҳои дохилӣ каме мураккаб ва мушкил мебошад. Бинобар ин, як қатор кишварҳо тавассути ҷалби мутахасссион сармояи зеҳнии худро баланд мебардоранд.

Дар байни давлатҳои олам дар самти ҷалби мутахассисон афзалияти аз ҳама бештарро ИМА соҳиб гардидааст. Тайи ду даҳсолаи охир ба ин кишвар бештар аз 2,5 млн нафар олимону мутахассисон ҷалб шудаанд ва дар ин муддат аз Аврупои Ғарбӣ, ки давлатҳои тараққикарда дорад, беш аз 200 ҳазор мутахассис ба ИМА рафтаанд. Худи кишварҳои Аврупои Ғарбӣ низ барои пешгирии намудани муҳоҷирати зиёиён ва ба мамлакати худ ҷалб намудани мутахассисон корҳои зиёд анҷом дода истодаанд [3]. Дар солҳои 1930-юм, аниқтараш дар шароите, ки мавҷи гурезаҳо аз Олмони фашистӣ бештар шуда буд, ИМА барои ҷалби мутахассисон имконияти зиёд пайдо намуд. Аз ин давра сар карда, муҳоҷирати зиёиён дар шакли фирори мағзҳо оғоз мегардад [5].

Сабабҳои ба амал омадани муҳоҷирати зиёиён ба монанди муҳоҷирати одамони ғайрикасбӣ мебошад. Дар навбати аввал қайд кардан бамаврид аст, ки мамлакатҳои олам дар дараҷаҳои гуногуни рушди иҷтимоию иқтисодӣ қарор доранд. Олимон ва мутахассисон замоне кишвари худро тарк мекунанд, ки агар дар кишвари дигар шароити хубтаре барои худ пайдо карда тавонанд. Аз ҷумла, имкон барои пешбурди фаъолияти эҷодӣ, таъмини моддӣ, таҷҳизоти навини озмоишгоҳӣ, шароити хуби зиндагӣ, ҳуқуқҳои шаҳрвандии бештар, озодиҳои демократӣ ва ғайра.

Ҷалби мутахассисон ба кишварҳои дигар боиси ба амал омадани муҳоҷирати зиёиён гардидааст. Чунин вазъ дар шароити имрӯза хеле ҷиддӣ ба назар мерасад. Рақобатҳои шадиди иқтисодӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ, ба вуҷуд овардани молу маҳсулот ва хизматрасониҳои нав, аз ҳама муҳим кӯшиши баъзе давлатҳо барои ба даст овардани афзалиятҳои техникию технологӣ раванди муҳоҷирати зиёиёнро бештар намуда истодаанд.

Бухрони молияию иқтисодии глобалӣ ба тамоми ҷаҳониён нишон дод, ки системаҳои иқтисодию молиявии ҷаҳонӣ то кадом андоза номукаммал мебошанд ва аз ин рӯ, дар соҳаи истеҳсолот ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ягона роҳи баромадан аз бухрон муайян карда шудааст. Бо ин мақсад на танҳо давлатҳои аз лиҳози иқтисодӣ рушдкарда, балки давлатҳои рӯ ба тараққӣ низ барои ба даст овардани ресурсҳои зеҳнӣ мубориза худро оғоз намуданд. Дар ин раванд муайян гардид, ки ре-

сурсҳои зеҳнии ҷаҳонӣ хеле маҳдуд мебошанд ва аз ин рӯ, дар оянда низ мубориза барои ба даст овардани онҳо хеле зиёд мешавад.

Чунин вазъро ба инобат гирифта, олимону пажӯҳишгарони соҳа паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо таҳқиқ намуда истодаанд. Яке аз самтҳои муҳимтарини таҳқиқоти муҳоҷирати зиёиёнро сабабҳои ба амал омадани он ташкил медиҳад, ки дар ин маврид ҳам омилҳои объективӣ ва ҳам субъективиро номбар намудаанд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки агар дар солҳои қаблӣ муҳоҷирати зиёиён зери таъсири омилҳои объективӣ ба амал омада бошад, тайи ду даҳсолаи охир ин раванд бо манфиатҷӯйии субъектҳои равандҳои ҷаҳонӣ алоқамандӣ пайдо намудааст [2, с.45]. Ба ибораи дигар, як қатор давлатҳо дар шароити имрӯза барои ҷалби ресурсҳои инсонӣ ҳадафмандона амал менамоянд ва ин равандро метезонанд.

Самти дигари пажӯҳишҳои муҳоҷирати зиёиёнро омӯзиши шаклҳои зоҳиршавии он ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат мушоҳида мегардад, ки муҳоҷирати зиёиён раванди якнавохт набуда, навъҳои гуногунро доро мебошад. Ин аст, ки дар як қатор таҳқиқот типологияи муҳоҷирати зиёиён ба таври зерин муайян карда шудааст. Аз рӯйи миқёси муҳоҷират: муҳоҷирати зиёиён дар дохили мамлакат *(аз деҳа ба шаҳр, аз як соҳа ба соҳаи дигар)* ва муҳоҷирати зиёиён ба хориҷи кишвар *(аз як давлат ба давлати дигар);* аз рӯйи муддати будубош дар кишвари муҳоҷирпазир: муҳоҷирати зеҳнии корӣ (муваққатан) ва муҳоҷирати зеҳнии доимӣ, ки онро баъзан вақт кӯчидан низ ном мебаранд; аз рӯйи касбу ҳунарҳои муҳоҷирон: муҳоҷирати олимон ва кормандони илмӣ, муҳоҷирати донишҷӯён, муҳоҷирати намояндагони фарҳанг, муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос ва ғайра; аз рӯйи касбият: мавҷи умумии муҳоҷирати зиёиён ва муҳоҷирати олимони варзида ва ҳунармандони шинохта [6, с.17].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳама гуна шакли муҳоҷирати зиёиён сол то сол бештар мегардад ва яке аз воқеиятҳои замони имрӯзаро ташкил медиҳанд. Чунин тамоюлот ба сиёсат ва иқтисоди давлатҳо, соҳаҳои ҳарбӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад. Бинобар ин, идора намудани равандҳои муҳоҷирати зиёиён ва таъмини амнияти зеҳнии мамлакат яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ мебошад.

Мамлакате, ки олимону мутахассисон, муҳандисону техникҳо ва умуман, кормандони касбии худро аз даст медиҳад, зарару зиёни ҷиддӣ мебинад. Ин мамлакат ҳамаи сармояҳои харҷнамудаи худро, ки барои омода намудани кадрҳо сарф намуда буд, аз даст медиҳад. Бозори меҳнати ватанӣ қувваҳои асосии корӣ ва элитаи зеҳниеро, ки дар шароити пешрафти илмию техникӣ иқтидори илмию касбии онҳо кафили рушди иқтисодии ҷомеа мебошанд, аз даст медиҳад. Ҳамин тариқ, дар кишваре, ки мутахас-

сисонаш ба хориҷа сафар менамоянд, дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии ояндааш норавшан боқӣ мемонад. Бинобар ин, чӣ қадаре, ки кишвари осебпазир аз рафтани мутахассисони худ зарар бинад, ҳамон андоза кишвари муҳоҷирпазир аз қабули ин олимону мутахассисон фоида ба даст меорад. Тибқи баъзе нишондодҳо ИМА тайи даҳ соли охир дар соҳаи илм ва таҳсилот зиёда аз 15 млрд доллар сарфа намудааст. Дар Канада фоидае, ки аз ҳисоби мутахассисони хориҷӣ ба даст овардаанд, 7 маротиба зиёдтар аз фоидаи мутахассисони ватанӣ мебошад. Чунин нишондод дар Британия 3 маротиба зиёдтар аст [3, с.13].

Миқдори мутахассисони хориҷие, ки ба кишварҳои тараққикардаи саноатӣ ҷалб мегарданд, аз талаботи воқеии онҳо зиёдтар аст. Дар чунин шароит на танҳо дар байни мутахассисони маҳаллӣ ва хориҷӣ, балки дар байни худи муҳоҷирони хориҷӣ рақобати шадид ба амал меояд. Ҳамаи ин боиси он мегардад, ки музди меҳнати коргарон камтар шавад ва самаранокии фаъолияти онҳо баланд бараояд. Олимону мутахассисоне, ки дар самти ихтисоси худ ҷойи кор пайдо карда наметавонанд, дар соҳаҳои дигар мегузаранд. Масалан, ҳунармандон, табибон ва ҳатто олимон дар баъзе ҳолатҳо ба сифати ронандаи таксӣ, муҳофиз ё пешхизмат кор мекунанд. Чунин ҳолат ба он хотир ба амал меояд, ки ҳатто меҳнати ғайрикасбии нафарони номбаршуда дар кишварҳои тараққикарда нисбат ба фаъолияти касбии онҳо дар кишвари худ чандин маротиба зиёдтар пардохт мешавад. Бинобар ин, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва корношоям гардидани низоми робитаҳои хоҷагидорию иқтисодӣ, тамоюлоти бештар шудани муҳоҷирати зиёиён аз кишварҳои пасошӯравӣ ба мушоҳида мерасад.

Тайи солҳои охир дар муқоиса бо кишварҳои тараққикардаи ИМА ва Олмон, инчунин, барои ҷалби олимон ва мутахассисон фаъолнокии давлатҳои ҷаҳони сеюм низ ба назар мерасад. Дар Чин ба олимон ва ҳайати омӯзгорону профессорон талаботи зиёд ба вуҷуд омадааст. Эрон ва Ироқ кӯшиш намуда истодаанд, ки аз кишварҳои ИДМ ва Аврупои Шарқӣ мутахассисони соҳаҳои технологияҳои ядроӣ, химиявӣ ва биологиро ҷалб намоянд. Барои мутобиқ намудани технологияҳои ҷадид бо шароити навин дар Ҳиндустон, Покистон, Аморати Муттаҳидаи Араб ва дигар кишварҳои шарқӣ талабот ба мутахассисони ин соҳа ба вуҷуд оварда шудааст [1].

Дар бозори ҷаҳонии кадрҳои илмӣ тамоюлоти ихтилофнок низ ба мушоҳида мерасад. Аз як ҷониб, кишварҳои рӯ ба тараққие, ки қобилияти пардохт намудани музди баланди маошро доранд, аз кишварҳои тараққикарда олимон, омӯзгорон ва табибонро ҷалб менамоянд. Аморати Муттаҳидаи Араб, кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Лубнон ва чанде дигарон ба ин гурӯҳ дохил мешаванд. Аз ҷониби дигар, тамоюлоти баръакс,

муҳоҷирати мутахассисони варзида аз кишварҳои рӯ ба тарақӣ ва ба давлатҳои тараққикарда дида мешавад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми бозори байналмилалии меҳнати фикрӣ дар чунин вазъ ифода меёбад.

Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки талабот ба мутахассисони варзида дар кишварҳо ва минтақаҳои алоҳида маҳдуд аст ва аз ин рӯ, дар аксар мавридҳо муҳоҷирати зиёиён интихобан сурат мегирад. Замоне ки сухан дар бораи муҳоҷирати кормандони меҳнати фикрӣ ва эҷодӣ меравад, ба инобат гирифтани танҳо нишондодҳои микдории ин навъи муҳоҷират нокифоя мебошад. Бинобар ин, барои оне, ки асли масъала нишон дода шавад, нишондодҳои сифатӣ низ бояд муайян шаванд, зеро аз байни садҳо ҳазор одамоне, ки ба таҳқиқоти илмӣ машғуланд, шумораи хеле ками онҳо метавонанд мутахассисони варзида шаванд. Ғайр аз ин, талаботи бозори ҷаҳонии мутахассисони баландихтисос низ ба олимони варзида хеле зиёд аст, яъне ба нафароне, ки барои ихтирооти оянда метавонанд заминаи илмию методологӣ ба вуҷуд оваранд. Кормандони илмии дорои касбияти сатҳаш миёна наметавонанд аз рӯйи касбу ихтисосҳои худ дар кишварҳои ғарбӣ ҷойи кор пайдо намоянд, зеро дар бозори меҳнати фикрӣ ба чунин кадрҳо талабот камтар аст.

Талабот дар бозори ҷаҳонии кадрҳои илмӣ на танҳо аз рӯйи дараҷаи касбият интихобӣ аст, балки сохтори соҳаҳои илм низ ба инобат гирифта мешавад. Мутахассисони соҳаҳое, ки рушди илму технологияҳои муосир аз онҳо вобастаанд, дар бозори меҳнати фикрӣ харидори бештар доранд. Аз ҷумла, мутахассисони соҳаҳои физика, математика, техникаи ҳисоббарор, биология, химия, тиб, таҳқиқоти кайҳонӣ ва ғайра.

Дар замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба истисноҳи яҳудиён ва арманиҳо, муҳоҷирати зиёиён ба назар намерасид, зеро бе иҷозати давлат ба хориҷи кишвар рафтани мутахассисон манъ карда шуда буд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, то миёнаи солҳои 1980 аз Иттиҳоди Шуравӣ камтар аз 3 ҳазор нафар ба хориҷи кишвар мерафтанд. Бо оғози давраи бозсозӣ ва нармтар шудани маҳдудиятҳо раванди муҳоҷирати мутахассисон аз ИҶШС бамаротиб зиёд мегардад. Танҳо дар солҳои 1987–1990 аз Иттиҳоди Шуравӣ бештар аз 1 млн нафар мутахассис ба кишварҳои хориҷӣ сафар менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ҷанги шаҳрвандӣ сар зад. Чунин вазъият боиси пурра зери хавфу хатар қарор гирифтани амнияти зеҳнии кишвар шуд. Чӣ гунае ки маълум аст, дар кишварҳое, ки ҷанги шаҳрвандӣ рух медиҳад, одамони зиёд ба ҳалокат мерасанд ва қисми зиёда аҳолӣ ба ҳайси гуреза тарки ватан менамоянд. Ба чунин вазъият Ҷумҳурии Тоҷикистон мувоҷеҳ гардида буд. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар баробари шаҳрвандони қаторӣ, инчунин, олимону донишмандон низ ба ҳалокат расонида шуданд. Қисми зиёди олимону мутахассисон,

пеш аз ҳама, ақаллиятҳои миллию этникӣ ба киш-варҳои хориҷӣ рафтанд ва дигар барнагаштанд. Бинобар ин, таъсири ҷанги шаҳрвандӣ ба амнияти зеҳнии кишвар бояд ба таври муфассал таҳқиқ гардад, оқибатҳои манфии он бояд муайян карда шавад ва аз ҳама муҳим барои баланд бардоштани иқтидори зеҳнии кишвар роҳу усулҳои навин ба вуҷуд оварда шавад.

Баъди солҳои 2005 дар равандҳои муҳоҷирати зеҳнии байналмилалӣ хусусиятҳои нав пайдо гардид. Якум, дар ҷойи «фирори мағзҳо» муҳоҷирати зиёиён ба амал омада истодааст. Ҳарчанд то ҳанӯз ИМА маркази эътирофшудаи ҷалби мутахассисон ба шумор равад ҳам, ҳамзамон, мутахассисони варзида барои кору фаъолият ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ низ сафар менамоянд. Дуюм, ҳаракати мутахассисони варзида на танҳо ба ҷониби сармояҳои бузург мераванд, балки ҳамроҳ бо сармоя ё аз паси сармоя низ сафарбар мешаванд. Чунин тамоюлот бо фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ ва ташкили намояндагиҳои онҳо дар кишварҳои гуногун алоқаманд мебошад. Сеюм, муҳоҷирати мутахассисон дар баъзе мавридҳо зери таъсири шикори олимон ба амал меояд. Яъне баъзе давлатҳо ва ширкатҳо мутахассисони варзидаи соҳаҳои илм, идоракунӣ ва ихтироъкорро бо роҳу усулҳои гуногун ба ҷониби худ ҷалб менамоянд. Чорум, муҳоҷирати мутахассисон бо ҳамгироии низоми таҳсилоти олӣ алоқаманд мебошад. Чунин ҳолат ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки таҳсили худро дар кишварҳои хориҷӣ идома диҳанд. Баъди ба анҷом расидани таҳсилоти онҳо донишҷӯёни мазкур баъзан барои як муддати муайян ва баъзан ба таври доимӣ он кишварҳоро барои кору зиндагӣ интихоб менамоянд.

## АДАБИЁТ


1. Дусь Ю.П. Миграция специалистов и научных кадров в мировом хозяйстве. – Новосибирск, 2006.
2. Иванов Е.В. Интеллектуальная миграция: политологический аспект (в рамках г.Москвы). Монография. –М.: Изд-во РГСУ, 2010. –112 с.
3. Степанов Ю. Утечка мозгов // Деловые люди. – 2006. – №108. –С.12-14.
4. Супян В.Б. «Утечка умов»: мировые и российские тенденции // Человек и труд. – 2003. – № 7.
5. Супян В.Б. Наука и образование в США: главные приоритеты развития в «экономике знаний» // США – Канада: экономика, политика, культура. – 2008. – № 6.
6. Хасбулатова Н.Н. Политическое регулирование международной интеллектуальной миграции в условиях глобализации [Текст]: автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / Н.Н. Хасбулатова. –М., 2010. – С.17.

# ПРИЧИНЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ МИГРАЦИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**ИСОЗОДА ТОДЖИДДИН ИСО,**
кандидат политических наук, доцент кафедры политологии
Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава
735140, Таджикистан, город Бохтар, улица Айнӣ 67;
тел.: (+992) 918-18-18-48; e-mail: tojiddini-i.1984@mail.ru

*Хотя миграция интеллигенции значительно усилилась в XX веке, в последние два десятилетия этот процесс не только неуклонно нарастал, но и приобретал новые черты. Если в XX веке миграция интеллигенции происходила под влиянием объективных факторов, то в современном мире эти тенденции усиливаются под влиянием субъективных факторов. Если в предыдущие десятилетия тенденция миграции интеллигенции была направлена только в развитые страны, то сейчас ученые и специалисты едут и в развивающиеся страны. Также в сегодняшних условиях, наряду с государством, шаги по привлечению специалистов предприняли и транснациональные компании. Большое влияние на этот процесс оказывает и развитие информационно-коммуникационных технологий. В настоящее время ученые и специалисты могут легко найти информацию об условиях работы в зарубежных странах через Интернет. Поэтому изучение и исследование причин миграции интеллигенции позволяет найти пути и средства обеспечения интеллектуальной безопасности страны. В данной статье проанализированы факторы, влияющие на процесс расширения миграции интеллигенции, и на этой основе представлены конкретные выводы.*

***Ключевые слова**: интеллектуальная безопасность, миграция интеллигенции, утечка мозгов, ученые и специалисты, интеллектуальные интересы.*

# THE REASONS OF INTELLECTUAL MIGRATION IN MODERN CONDITIONS

**ISOZODA TOJIDDIN ISO,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the Department of Political Science of the Bokhtar State University named after Nosir Khusrav
735140, Tajikistan, Bokhtar citiy, Aini street 67;
tel: (+992) 918-18-18-48; e-mail: tojiddini-i.1984@mail.ru

*Although the migration of the intelligentsia intensified significantly in the 20th century, in the last two decades this process has not only steadily increased, but also acquired new features. If in the twentieth century the migration of the in-*

*telligentsia occurred under the influence of objective factors, then in the modern world these trends are intensified under the influence of subjective factors. If in previous decades the trend of migration of the intelligentsia was directed only to developed countries, now scientists and specialists are also moving to developing countries. Also in today's conditions, along with the state, steps to attract specialists have been taken by transnational companies. The development of information and communication technologies also has a great influence on this process. At present, scientists and professionals can easily find information about working conditions in foreign countries through the Internet. Therefore, the study and study of the reasons for the migration of the intelligentsia makes it possible to find ways and means of ensuring the intellectual security of the country. This article analyzes the factors influencing the process of expanding the migration of the intelligentsia, and on their basis specific conclusions are presented.*

***Keywords:*** *intellectual security, intellectual migration, brain drain, scientists and specialists, intellectual interests.*

УДК: 327.5

# ХУСУСИЯТҲОИ УМУМИИ ИНҚИЛОБҲОИ РАНГА ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

**АЛИЗОДА НУРАЛӢ АЛӢ,**
докторанти кафедраи сиёсатшиносии
Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67;
тел: (+992) 903-30-49-50.

*Дар мақолаи мазкур масъалаи ошкорнамоии хусусиятҳои умумии инқилобҳои ранга дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки барои ошкор намудани маҷмуи хусусиятҳои умумии "инқилобҳои ранга" зарурати муайян намудани таснифоти ин мафҳум ва нишондиҳандаҳои асосии тафовути он аз дигар падидаҳои илмҳои сиёсӣ ба миён меояд.*

*Барои муайян намудани хусусиятҳои умумии "инқилобҳои ранга" таҳлили муносибатҳои мухталифи таснифоти он зарур мегардад. Аксари муҳаққиқон "инқилоби ранга"-ро бо зуҳурои инқилоби классикӣ, табаддулоти давлатӣ ё ҳарбӣ, инчунин, бо "инқилобҳои бахмалин"-и нимаи дуюми асри XX монанд менамоянд. Мувофиқи чунин мавқеъ, хусусиятҳои умумии "инқилоби ранга" ба хусусиятҳои ин падидаҳо монанд аст.*

*"Инқилоби ранга" ҳамчун падидаи асри XX1 раванди гуногунҷабҳаи маҷмуи таъсиррасонии неруҳои сиёсӣ мебошад, ки ҳамчун навъи моҷарои сиёсӣ зоҳир мегардад ва бо хусусиятҳои инқилоб ҳамчун маҷмӯи тағйиротҳои сиёсӣ бо иштироки оммаи мардум, табаддулоти давлатӣ ҳамчун раванди ивазнамоии ҳокимият дар натиҷаи муборизаи элитаҳои сиёсӣ, ки тариқи ғайризӯроварона амалӣ мегардад, тасниф карда мешавад. Амалияи сиёсии муосир нишон медиҳад, «инқилоби ранга», дар низомҳои ноустувори сиёсӣ муваффақ аст, ки ҳатто пас аз анҷоми он низ ҳамон тавр боқӣ мемонад ва минтақаи ноустувории доимии сиёсиро ташкил медиҳад, ки бешубҳа барои бозигарони пурқуввати сиёсӣ тахтаи шоҳмоти ҷаҳонӣ манфиатдор аст.*

*Ҳамин тариқ, "инқилоюи ранга" ин як навъ технологияи сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки ба ивазнамоии режими сиёсии мавҷуда равона карда шуда, дар натиҷаи он низоми сиёсӣ тағйир намеёбад. Метавон "инқилоби ранга"-ро ҳамчун технологияи истифодаи "неруи нарм" ба хотири амалӣ намудани манфиатҳо номид.*

***Калидвожаҳо:*** *инқилоби ранга, неруи нарм, технологияи сиёсӣ, инқилоби бахмалин, табаддулоти давлатӣ, раванди сиёсӣ, ҳокимияти сиёсӣ, элитаи сиёсӣ, режими сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ.*

Дар шароити муосир, яке аз проблемаҳои муҳим–масъалаи "инқилобҳои ранга" ба ҳисоб меравад, ки диққати аксари муҳаққиқон ва сиёсатмадоронро ба худ ҷалб намудааст. Инқилобҳои ранга ин технологияи амалинамоии табаддулоти давлатӣ ва идоракунии берунаи вазъияти сиёсӣ дар давлати алоҳида дар шароити будёнди ноустувории сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он фишор ба ҳокимият дар шакли шантажи сиёсӣ бо истифодаи ҳаракатҳои эътирозии ҷавонон амалӣ мегардад. Ба тафовути назарраси давлатҳо нигоҳ накарда, тамоми "инқилобҳои ранга" мувофиқи нақшаи ягонаи ташкилӣ ба роҳ монда мешаванд, ки дар онҳо ҳаракати эътирозии ҷавонон, мубаддал гардонидани он ба издиҳоми сиёсӣ ва истифодаи ин неру бар зидди ҳокимияти амалкунанда ба сифати воситаи шантажи сиёсӣ пешниҳод карда мешавад. Ин нишон медиҳад, ки "инқилобҳои ранга" наметавонанд амалинамоии умеду орзуҳо ва кӯшиши аксари аҳолӣ бошанд. Мақсади ҳар як "инқилоби ранга" амалинамоии табаддулоти давлатӣ, яъне бадасторӣ ва нигоҳдории ҳокимият бо роҳи зӯроварӣ ба ҳисоб меравад.

Механизмҳои сохторӣ, ки дар асоси онҳо "инқилоби ранга" бунёд карда мешавад, ба такянамоӣ ба миқдори зиёди мисолҳо ошкор ва муқоиса карда мешавад, масалан, "инқилоби булдозерӣ" дар Югославия (2000), инқилоби дуюми миллӣ дар Филиппин (2000-2001), "инқилоби садбарг" дар Грузия (2003), "инқилоби норанҷӣ" дар Украина (2004), "инқилоби лола" дар Қирғизистон (2005) ва ғайраҳо [2,28].

Ба хотири ошкор намудани маҷмуи хусусиятҳои умумии "инқилобҳои ранга" зарурати муайян намудани таснифоти ин мафҳум ва нишондиҳандаҳои асосии тафовути он аз дигар падидаҳои илмҳои сиёсӣ ба миён меоянд. Муҳиммияти мавзуи мазкур бо пайдоиши мисолҳои нав ва мухталиф, ки таваҷҷуҳи таҳқиқи равандҳои "инқилоби ранга"–ро ба миён меорад ва падида нисбатан нав ба ҳисоб меравад, муайян гардидааст. Умуман, хусусиятҳои сифатии раванди мазкур дар сатҳи нокифоя омӯхта шудааст ва ҷамъбастнамоиву банизомдароририро талаб менамояд.

Падидаи "инқилоби ранга"-ро бо мақсади ошкорнамоии қонуниятҳои асосии рушди раванди мазкур ва бадастории тасвири низомноки "пухтарасӣ" ва гузариши он дар асоси таҳлили сохторӣ ва хусусиятҳои умумӣ омӯхтан зарур аст. Қайд намудан зарур аст, ки объекти таҳқиқот набояд танҳо бо ҳодисаву равандҳои "инқилобҳои ранга" маҳдуд гардад. Омӯзиши раванди сиёсӣ, ки ба "инқилоби ранга" оварда расонидааст, ҳодиса ва тарзи амалишавии "инқилоби ранга" ва раванди сиёсӣ пас аз "инқилоби ранга"

зарур аст, то ки хусусиятҳои умумии он муайян карда шавад. Илова бар ин зарур аст, ки барои ошкор намудани самтҳои ва қонуниятҳои умумӣ ин падида дар мисоли кишварҳои гуногун бо таҷрибаи муайяни "инқилоби ранга" омӯхта шавад.

Чунин мешуморем, ки ба хотири муайян намудани хусусиятҳои умумии "инқилобҳои ранга" таҳлили муносибатҳои мухталифи таснифоти он зарур мегардад. Аксари муҳаққиқон "инқилоби ранга"-ро бо зуҳурои инқилоби классикӣ, табаддулоти давлатӣ ё ҳарбӣ, инчунин, бо "инқилобҳои бахбалин"-и нимаи дуюми асри XX монанд менамоянд. Мувофиқи чунин мавқеъ, хусусиятҳои умумии "инқилоби ранга" ба хусусиятҳои ин падидаҳо монанд аст, лекин таҳқиқи амиқи масъала нишон медиҳад, ки падидаи "инқилоби ранга" ҳамчун падидаи сиёсии муосир то ба имрӯз таснифоти амиқ ва дақиқ надорад.

Дар доираи муносибати якум, "инқилоби ранга" ҳамчун мисоли муосири тағйирпазирии инқилобӣ, ки аз рӯйи қоидаҳои анъанавии инқилобӣ бо иштироки оммаи мардум ва ивазнамоии низоми сиёсӣ амалӣ мегардад, ба ҳисоб меравад. Бо мафҳуми "инқилоб" тағйироти зӯроваронаи низоми сиёсии давлат аз тарафи элитаҳои нави ҳокимиятӣ бо иштироки оммаи мардум дар муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ифода карда мешавад [8,75].

Агар инқилобро ҳамчун ивазнамоии зӯроваронаи режим баррасӣ намоем, пас метавон қайд намуд, ки онҳо таърихи сиёсиро дар тули ҳазорсолаҳо, махсусан дар кишварҳои навъи полисӣ, ҳамроҳӣ намудаанд [4,84]. Дар авввал асосҳои истеҳсолии ҷомеа дар натиҷаи инқилобҳо тағйир намеёфт, аз ин хотир, самараи прогрессивии онҳо дар сатҳи паст қарор дошта, нақши онҳо дар раванди таърихӣ назаррас набуд.

Дар давраи Замони нав гузариш ба принсипи саноатии истеҳсолот оғоз мегардад [6,17]. Бо чунин гузариш зарурати объективии тағйирдиҳии муносибатҳои дигар низ пайдо мегардад, зеро ба таври дигар ҷомеа наметавонист фазои зарурии рушди неруҳои нави истеҳсолиро бунёд намояд. Маҳз инқилоб метавонист ба шикасти муносибатҳо, ки барои инкишофи минбаъда монеа эҷод менамуданд, мусоидат намояд. Ҳамин тариқ, инқилобҳо яке аз неруҳои пешбари рушди таърихӣ гардиданд [5,88].

Хусусияти фарқкунандаи тағйирпазирии инқилобӣ – тағйироти сифатии тамоми низоми сиёсии давлат ба ҳисоб меравад. Дар ин самт метавон Инқилоби бузурги Фаронса (1789), Инқилоби буржуазии Англия (1848-1849), Инқилоби Октябр (1917) ва ғайраро номбар намуд. Лекин агар мисолҳои "инқилобҳои ранга"–ро таҳлил намоем, ошкор карда мешавад, ки дар натиҷаи онҳо ивазнамоии сифатии низоми сиёсии давлат амалӣ нагардидааст. Аммо тарзи амалишавии "инқилобҳои ранга" аз бисёр ҷиҳат инқилоби классикиро ба ёд меорад, монандии асосӣ дар равандҳои мазкур омили

иштироки оммаи мардум дар муборизаи сиёсии элитаҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки фаҳми "инқилоби ранга" аз фаҳми инқилоби классикӣ тафовут дорад ва мо наметавонем онро ҳамчун инқилоби классикӣ баррасӣ намоем, зеро хусусиятҳои онҳо ба пуррагӣ ба якдигар монанд нестанд.

Мувофиқи муносибати дуюм "инқилоби ранга" як навъи табадуллоти давлатӣ аст, ки дар доираи он ғасби ҳокимият аз тарафи неруҳои мухолиф бе иштироки фаъоли оммаи мардум амалӣ мегардад. Табаддулоти давлатиро метавон аз берун амалӣ намуд, он метавонад берун аз ҳукумат, дар доираи дастгоҳи давлатӣ, ки аз хидмати доимӣ ва касбии давлатӣ, артиш ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иборат аст, амалӣ гардад. Мақсади чунин табаддулот аз ҳам ҷудо намудани хизматчиёни доимӣ ва роҳбарияти сиёсӣ мебошад. Одатан, ин мақсад амалӣ намегардад, агар онҳо бо садоқати сиёсӣ, этникӣ ё анъанавӣ алоқманд бошанд [13,20].

Табаддулоти давлатӣ як навъ ғасби зӯроваронаи ҳокимият аз тарафи яке аз неруҳои сиёсии мухолиф бо мақсади тағйири режим ба ҳисоб меравад. Чун қоида, табаддулоти давлатӣ бе иштироки оммаи мардум аз тарафи гурӯҳи на он қадар калони суиқасдкунандагон амалӣ карда мешавад. Натиҷаи табаддулоти давлатӣ тағйироти сифатии низоми сиёсӣ ба ҳисоб намеравад, ки аз рӯйи ин хусусият он ба "инқилоби ранга", ки бо анҷоми он тағйирпазирии низомӣ ба миён намеояд, лекин элитаи сиёсии кишвар тағйир меёбад, монанд аст [7,157]. Лекин табаддулот бе иштироки оммаи мардум амалӣ мегардад, дар ҳолате ки тарзи амалишавии "инқилоби ранга" бе амалҳои оммавии эътирозӣ ғайриимкон аст.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки хусусиятҳои табаддулоти давлатӣ низ пурра ба хусусиятҳои "инқилоби ранга" мувофиқ нест. Танҳо як қатор хусусиятҳои ва аломатҳои онҳо мувофиқ аст, ки дар доираи илмҳои ҷомеашиносӣ чунин ҳолатҳои ба ҳам наздики падида ва ҳодисаҳо бештар мушоҳида карда мешавад.

Мувофиқи муносибати дигар "инқилоби ранга" як навъи муосири "инқилоби бахмалин" –и охири солҳои 80-уми асри XX баррасӣ мегардад. "Инқилоби бахмалин" ин инқилоб ба хотири ба роҳ мондани демократия ва озодии воқеӣ, беҳтар намудани некуаҳволии моддӣ ва маънавии халқ, тасдиқи доираи арзишҳои умумиинсонӣ, плюрализми сиёсӣ, адолати иҷтимоӣ, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад [1,91]. Илова бар ин, дар аксари таҳқиқотҳо қайд карда шудааст, ки "инқилобҳои ранга" натиҷаи бuҳрони пурраи низоми сотсиалистӣ ба ҳисоб меравад [17,33].

Баррасии монандӣ ва тафовути "инқилобҳои ранга" ва "инқилобҳои бахмалин" дар нимаи дуюми асри XX нишон медиҳад, ки онҳо аз рӯйи тарзи

амалишавии марҳилаи фаъол – эътирозҳои оммавӣ, муқовимату мухолифат, муборизаи элитаҳо барои ҳокимият монанд мебошанд. Лекин таҳлили мисолҳои “инқилоби бахмалин” дар Аврупои Шарқӣ нишон медиҳад, ки дар натиҷаи он низом тағйир меёбад, гузариш аз низоми сотсиалистӣ ба низоми либералӣ-демократӣ амалӣ мегардад, яъне инқилоби классикии ғайризӯроварона ба миён меояд. Лекин дар натиҷаи “инқилобҳои ранга” дар Гурҷистон, Қирғизистон, Лубнон ва Мексика чунин тағйирот ба миён наомаданд.

Муносибати дигар тасдиқ менамояд, ки “инқилоби ранга” на раванди объективӣ, балки технологияи сиёсӣ аст, ки аз ҷониби неруҳои беруна барои табаддулот дар давлат ҷорӣ карда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баррасии “инқилоби ранга” ҳамчун технологияи сиёсӣ, ки аз ҷониби неруҳои беруна барои табаддулоти давлатӣ истифода мегардад, дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи хоссаро касб намудааст. Дар ин радиф метавон консепсияи “ҷанги пешгирикунанда”–ро махсусан қайд намуд, ки дар доктринаи “Стратегияи миллии таъмини амнияти ШМА” ифода ёфтааст [2,280]. Ин консепсия барои амалии ҷавобии ШМА дар таҷассум ва огоҳнамоии имкониятҳои таҳдид ба амнияти миллӣ баён гардидааст. Мувофиқи ин консепсия ШМА ҳуқуқ дорад, ки ба режими таҳдидкунандаи амнияти давлатӣ тариқи дахолатнамоии ҳарбӣ, ивазнамоии режим, ғасби истиқлоли миллӣ ва бунёди миллати нав дар кишвари алоҳида зарбаи пешгирикунанда занад. Дар Ироқ ва Ливия ҷанги пешгиркунанда тариқи ҳарбӣ амалӣ карда шуд. Лекин таҳлили ҳодисаҳои “инқилобҳои ранга” дар кишварҳои дар ҳолати гузариш қарордошта имкони медиҳад чунин фарзияро пешниҳод намуд, ки тарзи “инқилобҳои ранга” зуҳуроти ғайриҳарбии зарбаи пешгирикунанда аст.

Дар кишварҳое, ки “инқилоби ранга” амалӣ гардидааст, барои ШМА манфиати муайяни геополитикӣ доранд ва самти ивазнамоии режимҳои сиёсӣ дар ин кишварҳо, бешубҳа, ба мустаҳкам гардидани мавқеи ШМА дар арсаи байналмилалӣ ва бунёди минтақаҳои нави ноустувории байналхалқӣ оварда мерасонад.

Дар ин самт зарур аст, ки шароити дохилии рушди равандҳои сиёсӣ дар кишварҳои алоҳида, ки “инқилобҳои ранга” амалӣ шудаанд ё заминаҳои амалинамоии он мавҷуданд, баррасӣ карда шавад. Муҳаққиқ Р.Купер чунин мешуморад, ки дар ҷаҳони муосир якчанд навъи давлат мавҷуд аст, ки ин ҷанбаи нави муносибати тамаддунии илмҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад [12,185]. Ба ақидаи ӯ, дар фазои ягонаи тартиботи ҷаҳонӣ давлатҳои то давраи муосир (томодернӣ) мавҷуданд, ки ба ин навъ давлатҳои Африқо, Шарқи Миёна, ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дохил мешаванд. Тафовути ин кишварҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар рушди ҷамъиятӣ дар марҳилаи

бунёди миллат қарор доранд, ба сиёсати дохилӣ диққати махсус дода мешавад ва асосан давлати пӯшида ҳисобида мешаванд.

Давлатҳои муосир аллакай миллатро бунёд намудаанд ва онро фаъолона инкишоф медиҳанд, лекин онҳо ҳанӯз сатҳи баъдимодернии ҷаҳонӣ ё давлатҳои баъди марҳилаи муосирро ба даст наовардаанд. Давлатҳои баъдимодернистӣ бо шуста шудани тафовути байни сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, амалинамоии стратегияи ҷоринамоӣ ва дахолатнамоӣ ба корҳои давлатҳои дигар бо мақсади ташкили бунёди миллат фарқ мекунанд [12,186].

Воситаи ягонаи бадастории ин мақсад ҷаҳони яккутба ё гегемония дар асоси принсипи эътирофи ихтиёрии гегемони ягонаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Воситаи бунёди режимҳои самтгирии ғарбӣ тариқи амалинамоии “инқилобҳои ранга” дар тули даҳсолаҳои охир воситаи нисбатан самараноки бадастории ин мақсад ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқ Ш.Г.Сеидов қайд менамояд, ки дар ҳолати тағйироти нави сохтори ҷаҳон эҳтимолияти ба қутбҳои алоҳида мубаддал гардидани на давлат, балки иттифоқи иқтисодӣ ё гурӯҳи давлатҳо, ки аз ҷиҳати ҳудудӣ ба ҳам наздик буда, дорои низомҳои сиёсии ба ҳам монанд мебошанд, ба миён меояд.Чунин иттиҳодияҳо дар Осиё, Америкаи Лотинӣ, Африқо пайдо мешаванд [14,23]. Чунин эҳтимолият аллакай имрӯз заминаи воқеӣ пайдо кардааст, ки метавон бо мисоли фаъолияти Созмони Аҳномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкории Шанхай, Иттифоқи кишварҳои Африқо ва ғайра тасдиқ намуд.

Ҳамин тариқ, “инқилоби ранга” ҳамчун падидаи асри ХХ1 раванди гуногунҷабҳаи маҷмуи таъсиррасонии неруҳои сиёсӣ мебошад, ки ҳамчун навъи моҷарои сиёсӣ зоҳир мегардад ва бо хусусиятҳои инқилоб ҳамчун маҷмӯи тағйиротҳои сиёсӣ бо иштироки оммаи мардум, табаддулоти давлатӣ ҳамчун раванди ивазнамоии ҳокимият дар натиҷаи муборизаи элитаҳои сиёсӣ, ки тариқи ғайризӯроварона амалӣ мегардад, тасниф карда мешавад.

Аз нуқтаи назари раванди сиёсии ҷаҳонӣ, мақсади асосии “инқилобҳои ранга” ҳамчун синтези раванди объективӣ ва технологияи сиёсӣ – кӯшиши сарвари ҷаҳонӣ дар бунёди миллати нави “вобаста” дар давлати алоҳида, ки дар он гузариш ба ҳокимияти нав амалӣ мегардад, ба ҳисоб меравад.

Таҳлили хусусиятҳои “инқилобҳои ранга” дар кишварҳои дорои мавқеи гуногуни ҳудудӣ, таркиби миллӣ ва манфиатҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки оид ба ин падидаи сиёсӣ ҳамчун захираи неруманди сиёсии ҷаҳони муосир, ки неруи ҷиддии харобиоварро пешниҳод намуда, шиддатнокии раванди сиёсиро пас аз ба итмом расидани марҳилаи фаъол дар ченаки ноустуворӣ, ки дар буҳрони демократияҳои нав ва ҷавон зоҳир мегардад, сухан ронд.

Тавре амалияи сиёсии муосир нишон медиҳад, «инқилоби ранга», дар низомҳои ноустувори сиёсӣ муваффақ аст, ки ҳатто пас аз анҷоми он низ

ҳамон тавр боқӣ мемонад ва минтақаи ноустувории доимии сиёсиро ташкил медиҳад, ки бешубҳа, барои бозингарони пурқуввати сиёсӣ тахтаи шоҳмоти ҷаҳонӣ манфиатдор аст.

Қайд намудан зарур аст, ки дар тарзи ивазнамоии режимҳои сиёсӣ дар ин кишварҳо як навъ монандӣ ҷой дорад, ки дар онҳо метавон амалҳои такроршавандаи ин ё он амал ё нақшаи ташкилнамоиро мушоҳида намуд. Дар ин такроршавиҳо хусусиятҳои умумии "инқилобҳои бахмалин" ба назар мерасад, ки режимҳои коммунистиро дар Аврупои Шарқӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ пароканда намудааст.

Чунин монандӣ тасодуфӣ нест, зеро эҳтимолияти монандии пурраи тарзи ивазнамоии режимҳои сиёсӣ дар кишварҳо, ки аз ҷиҳати сатҳи ташкили ҳокимият, сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, доираи мавҷудияти проблемаҳо тафовут доранд, хеле кам аст. Дар ин самт Сурия ва Лубнон аз Украина ва Гурҷистон тафовут доранд, лекин қайд намудан зарур аст, ки инқилоби соли 2014 дар Украина ба таври дақиқ ва саҳеҳ бо тарзи инқилоби "баҳори араб" дар Миср, ҳатто услуби рафтори тарафҳои мухолиф монандӣ дорад.

Чунин монандиҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар мисоли кишварҳо ва минтақаҳои гуногун мо ҳамон як падида – натиҷаи истифодаи технологияи "инқилоби ранга"-ро мушоҳида менамоем. Лекин ба номгузории ин падида нигоҳ накарда, дар он ҳатто ҷанбаҳои умумии инқилоб ҷой надоранд. Ҳатто, воситаҳои ахбори умуми кишварҳои Ғарб қайд менамоянд, ки инқилобҳои ранга, ки технологияи гузаронидани амалиёт оид ба содироти демократия тариқи амалҳои эътирозии шаҳрвандӣ амалӣ мегардад, чунин сайқал дода шудаст, ки методҳои он ба роҳнамои ивазнамоии режимҳои сиёсӣ мубаддал гардидааст [11,123].

Ҳамин тариқ, "инқилоби ранга" ин як навъ технологияи сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки ба ивазнамоии режими сиёсии мавҷуда равона карда шуда, дар натиҷаи он низоми сиёсӣ тағйир намеёбад. Метавон "инқилоби ранга"-ро ҳамчу технологияи истифодаи "неруи нарм" ба хотири амалӣ намудани манфиатҳо номид.

## АДАБИЁТ

1. Бутенко А.П. О «бархатных» и «небархатных» революциях в странах Центрально-Восточной Европы / А.П.Бутенко // Россия и современный мир. 2000. № 3. -С. 88-95.

2. Вердиханова З. Предпосылки возникновения и развития процессов «цветных революций» 2000-х гг / З. Вердиханова // Политическая регионалистика и этнополитология. -М.: Социально-политическая мысль, 2009. -С. 28-36.

3. Вердиханова, З. Политический кризис как следствие «цветной революции»: тенденции и перспективы / З. Вердиханова // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. - М., 2010. - С. 280-282.

4. Голдстоун Дж. Революции. Очень краткое введение / Дж. Голдстоун. -М., 2015. 263с.

5. Гринин Л. Е. Формации и цивилизации. Гл. 2 / Л.Е. Гринин // Философия и общество. 1997. № 2. -С. 5–89.

6. Гринин Л. Е. Производительные силы и исторический процесс / Л.Е. Гринин. -М.: КомКнига, 2006. -238с.

7. Гринин Л. Е., Коротаев А. В. Революции как особая стадия развития общества и Арабская весна / Л.Е. Гринин, А.В. Коротаев // Арабская весна в глобальном контексте / под ред. Л. Е. Гринина, А. В. Коротаева, Л. М. Исаева, К. В. Мещериной. –Волгоград, 2016. -С. 157–190.

8. Грицанов, А. А. Социология: энциклопедия / сост. А. А. Грицанов и др. - Минск: Книжный дом, 2003. -458 с.

9. Гришина, Н. В. Психология конфликта / Н. В. Гришина. - СПб: Питер,2002. - 464 с.

10. Джозеф Н. Мягкая сила: инструменты успеха в мировой политике. Нью-Йорк: Группа по связям с общественностью, 2004. № 3. –С. 84-99.

11. Кара-Мурза С. Экспорт революции: Саакашвили, Ющенко... / С. Кара-Мурза. -М., 2005. -246с.

12. Крупнов, Ю. Преэмптивная война / Ю. Крупнов // Национальная безопасность и геополитика России. - 2003. - № 7-8. - С. 185-188.

13. Люттвак Н. Государственный переворот / Н. Люттвак // Русский Фонд Содействия Образованию и Науке. М., 2012. -326 с.

14. Сеидов, Ш. Г. Информационные процессы как фактор развития современных международных отношений: политический анализ развивающегося мира: авто-реф. дис. докт. полит. наук. / Сеидов Ш. Г. - М., 2009. - 34с.

15. Филиу Ж.П. Арабская революция. Десять уроков демократического восстания / Ж.П. Филиу. -Лондон, 2011. 195 с.

16. Хэйл Н. Е. Демократия или автократия на марше? Цветные революции как нормальная динамика патронажа президентства / Н.Е. Хэйл // Коммунистические и посткоммунистические исследования. 2006. Том 39. № 3. с. 305-329.

17. Яжборовская И.С. Глобализация и опыт системной трансформации в странах Центрально- и Юго-Восточной Европы / И.С. Яжборовская. -М., 2008. -178с.

# ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ЦВЕТНЫХ РЕВОЛЮЦИЙ В ПРОЦЕССЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**АЛИЗОДА НУРАЛИ АЛИ,**
докторант кафедры политологии государственного
университета Бохтар имени Носира Хусрава,
735140, Таджикистан, Хатлонская область, г.Бохтар, улица Айни 67;
тел: (+992) 903-30-49-50.

*В данной статье рассматривается вопрос выявления общих характеристик цветных революций в современных условиях. Автор отмечает, что для выявления совокупности общих характеристик «цветных революций» необходимо определить классификацию этого понятия и основные показатели его отличия от других явлений политической науки.*

*Для того чтобы определить общую характеристику «цветных революций», необходимо проанализировать различные подходы ее определении. Большинство исследователей сравнивают «цветную революцию» с проявлениями классической революции, государственного или военного переворота, а также с «бархатными революциями» второй половины XX века. Согласно этой позиции, общие характеристики «цветной революции» аналогичны характеристикам этих явлений.*

*«Цветная революция» как явление XX1 века представляет собой многогранный процесс влияния политических сил, проявляющийся как разновидность политического конфликта, с характеристиками революции как совокупность политических изменений с участием масс, государственный переворот как процесс смены власти в результате борьбы политических элит, путем ненасильственного осуществления власти. Современная политическая практика показывает, что «цветная революция» успешна в нестабильных политических системах, которая остается неизменной даже после ее окончания, и формирует зону перманентной политической нестабильности, которая, несомненно, представляет интерес для сильных политических игроков на мировой шахматной доске. .*

*Таким образом, «цветная революция» считается разновидностью политической технологии, которая направлена на смену существующего политического режима, в результате чего политическая система не меняется. «Цветную революцию» можно назвать технологией использования «мягкой силы» для реализации интересов.*

***Ключевые слова:*** *цветная революция, мягкая сила, политическая технология, бархатная революция, государственный переворот, политический процесс,*

*политическая власть, политическая элита, политический режим, национальные интересы.*

## GENERAL CHARACTERISTICS OF COLOR REVOLUTIONS IN THE PROCESS OF GLOBALIZATION

**ALIZODA NURALI ALI,**
Doctoral student of the Department of Political Science of the
State University Bokhtar named Nazareth Khusrav
735140, Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar city, Aini street 67;
tel: (+992) 903-30-49-50.

*This article discusses the issue of identifying the general characteristics of color revolutions in modern conditions. The author notes that in order to identify the totality of the general characteristics of "color revolutions", it is necessary to determine the classification of this concept and the main indicators of its difference from other phenomena of political science.*

*In order to determine the general characteristics of "color revolutions", it is necessary to analyze the various approaches to its definition. Most researchers compare the "color revolution" with manifestations of the classical revolution, a state or military coup, as well as with the "velvet revolutions" of the second half of the twentieth century. According to this position, the general characteristics of the "color revolution" are similar to those of these phenomena.*

*The "color revolution" as a phenomenon of the 21st century is a multifaceted process of the influence of political forces, manifesting itself as a kind of political conflict, with the characteristics of a revolution as a set of political changes with the participation of the masses, a coup d'état as a process of change of power as a result of the struggle of political elites, through the non-violent exercise of power. Modern political practice shows that the "color revolution" is successful in unstable political systems, which remains unchanged even after it ends, and forms a zone of permanent political instability, which is undoubtedly of interest to strong political players on the world chessboard. .*

*Thus, the "color revolution" is considered a kind of political technology, which is aimed at changing the existing political regime, as a result of which the political system does not change. The "color revolution" can be called a technology for using "soft power" to realize interests.*

***Keywords:*** *color revolution, soft power, political technology, velvet revolution, state upheaval, political process, political power, political elite, political regime, national interests.*

УДК: 327

# ПРОЦЕСС ИНТЕГРАЦИИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: ПЕРСПЕКТИВЫ И БАРЬЕРЫ

**ИБРОХИМЗОДА УМЕДЧОН ХАЙДАР,**
научный сотрудник Института изучения проблем
стран Азии и Европы НАНТ
734025, Таджикистан, Душанбе, пр., Асадулло Гуломов 18/8;
тел: 992-909-02-01-40; e-mail: ibrohimzoda98@bk.ru

*Геополитическая неопределенность и глобальный экономический кризис подталкивают государства в различных регионах мира к более тесному сотрудничеству вплоть до институционализации отношений. Целью такого сотрудничества выступают как совместное решение внутри региональных проблем, так и глобальной повестки. Следует отметить, что сближение государств в рамках определённых региональных институтов не являются новым явлением и на практике имеет как работающие, так и менее дееспособные примеры.*

*Поскольку в Центральной Азии процесс внутрирегионального сотрудничества возобновился в 2018 году после первой консультативной встречи, в данной статье анализируется и дается объективная оценка этого процесса. Выделены основные барьеры и перспективы развития интеграционного процесса в Центральной Азии, а также намечены направления, по которым страны региона могут продвигаться.*

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, интеграция, кооперация, консультативные встречи, сотрудничество, барьеры.*

После проведения первой Консультативной встречи глав государств Центральной Азии в 2018 году, спустя десятилетие заново был запущен процесс внутрирегионального сотрудничества. Надо отметить, что появление формата Консультативных встреч сам по себе бесспорный успех, давший новый импульс развитию сотрудничества стран региона, и содействовавший решению ряда имеющихся проблем. Центральноазиатские страны провели уже четыре Консультативных встреч глав государств в Астане (Казахстан), Ташкенте (Узбекистан), Авазе (Туркменистан) и Чолпон-Ате (Кыргызстан), что говорит о желании и заинтересованности всех пяти государств в сотрудничестве и более тесной кооперации друг с другом. На трёх прошедших встречах обсуждались актуальные проблемы и насущные вопросы региона, были назначены почётные председатели, а также по

окончанию каждой из встреч лидерами государств принимались совместные заявления, которые отражают текущую повестку в регионе и подходы к пониманию глобальных процессов.

Символичным стала четвертая Консультативная встреча в Чолпон-Ате, где лидеры стран Центральной Азии приняли долгожданную Дорожную карту по развитию регионального сотрудничества на 2022-2024 годы и подписали (кроме Таджикистана и Туркменистана, которые подпишут данный документ после завершения внутригосударственных процедур) договор «О дружбе, добрососедстве и сотрудничестве в целях развития Центральной Азии в 21 веке» [1].

Настоящий договор является уникальным и беспрецедентным в истории стран Центральной Азии и содействует укреплению внутрирегионального сотрудничества в целях конкурентоспособности и субъективности региона в целом и стран в частности. Этот договор является существенным шагом на пути к более тесной кооперации стран региона.

Какие перспективы появились после четвертой Консультативной встречи? В данной статье попытаемся разобраться в существующих барьерах на пути (ре)институционализации Центральной Азии и тех направлений, в которые могут двинуться государства центральноазиатского региона.

Напомним ключевые моменты четвертой Консультативной встречи. Консультативная встреча глав государств в Чолпон-Ате была значимой в связи с изменениями как во внутрирегиональной, так и в глобальной повестке и произошедшими событиями в странах Центральной Азии: январские события в Казахстане; события в Бадахшане и Каракалпакстане; последние приграничные стычки между Таджикистаном и Кыргызстаном; нестабильное и неопределенное состояние в Афганистане после прихода к власти террористической группировки Талибан*. Впрочем, вопросов для обсуждения накопилось достаточно.

В своих выступлениях во время встречи лидеры стран региона изложили свои видения решения первостепенных задач регионального сотрудничества, на которые хотелось бы обратить внимание.

Во-первых, в выступлении президента Таджикистана был затронут вопрос о негативном влиянии на страны региона процессов, происходящих в Афганистане. В связи с этим Эмомали Рахмон предложил скоординировать общие усилия по линии специальных служб с целью постоянного мониторинга и создания механизмов для совместной борьбы против вызовов и угроз региональной безопасности, исходящих из этой страны [2]. Такое же предложение озвучил Шавкат Мирзиёев, президент Узбекистана.

Выдвинутое президентом Таджикистана предложение является важным в деле обеспечения безопасности в центральноазиатском регионе и предоставляет странам возможность совместно предотвратить исходящие из Афганистана угрозы. Также конструировать совместную систему региональной безопасности, что позволит странам Центральной Азии кооперировать свои действия в деле предотвращения угроз безопасности в регионе.

Во-вторых, для совместной выработки решений по предупреждению угроз безопасности президент Казахстана предложил запустить механизм регулярных консультаций Секретарей совета безопасности, министров иностранных дел минимум раз в полгода проводить совещания для выработки согласованных подходов к ключевым вопросам региональной и международной проблематики [3].

Так как геополитические реалии диктуют совершенствования механизмов совместного принятия решений, данное предложение стратегически важно в развитии политико-дипломатических контактов между государствами региона и будет серьёзным шагом к более тесной кооперации всех пяти стран.

В-третьих, была выдвинута инициатива активного внедрения новых форм и механизмов стимулирования взаимной торговли. То есть, создания зон приграничной торговли, с унифицированными правилами и процедурами поставки товаров. [4]

Стоит отметить, что наращивание взаимной торговли и расширение сотрудничества в разных областях соответствует теории интеграции с точки зрения школы функционализма, по которой кооперация может успешно эволюционировать, протекая из одной сферы в другую.

Страны Центральной Азии сотрудничают с Россией и Китаем в рамках региональных институтов как ШОС, ОДКБ и ЕАЭС, а также существует формат С5+1 с обеими странами. Поэтому, нет необходимости в приглашении этих стран в работу Консультативных встреч.

Существующие барьеры на пути (ре)институционализации Центральной Азии. Несмотря на определённые успехи и достижения стран Центральной Азии на пути к региональной кооперации, надо отметить, что существуют определённые проблемы и барьеры, тормозящие данный процесс. Часть этих барьеров исходит из внутрирегиональных проблем между странами Центральной Азии, а другая связана с внешними факторами, сдерживающими данную интеграцию. Существующие барьеры можно условно разделить на несколько групп:

Первая группа, внутрирегиональных проблем между странами Центральной Азии включают в себя: нерешенные приграничные вопросы в Ферганской долине. Напряженность на границе между странами периоди-

чески возобновляется, что тоже отрицательно влияет на ситуацию в регионе (1); вопросы водораспределения между странами верховья и низовья (2); вопросы совместного использования энергоресурсов (3); и вопросы лидерства в регионе, какое государство должно и может сыграть роль «локомотива» в процессе интеграции (4).

Вторая группа, кризисные ситуации, которые, по идее, должны объединять страны Центральной Азии. Но как показывает практика, у стран региона зачастую позиции не сходятся и видение кризисных ситуаций отличные друг от друга. Например, для Казахстана уроки Украинского кризиса звучат по-другому, чем для Таджикистана, Кыргызстана или Узбекистана. А угрозы безопасности, исходящие из Афганистана после прихода к власти террористической группировки «Талибан», воспринимается Таджикистаном и другими странами региона по-разному, по крайней мере, в публичной сфере и выступлениях представителей элит. Данное положение также является сдерживающим фактором на пути к интеграции стран Центральной Азии.

Третья группа, рассматривание ШОС и ЕАЭС как сдерживающего фактора региональной интеграции стран Центральной Азии. Существует мнение о том, что вошедшие в противостояние с западом Россия и Китай предлагают государствам Центральной Азии свои региональные проекты, что только отделяет их от собственных инициатив по регионостороению и объединение в любой форме не может осуществляться без участия вышеназванных региональных игроков. [5]

Но данное положение является надуманным в связи с тем, что формат региональной интеграции Центральной Азии не направлен в сторону отделения от других наднациональных структур, а инициирован исключительно для решения внутрирегиональных проблем своими силами, параллельно не забывая о сотрудничестве и укрепления политико-дипломатических контактов с ключевыми партнёрами в рамках ШОС и ЕАЭС.

Четвертая группа, ещё один барьер исходит из-за опасений о том, что интеграция государств Центральной Азии имеет за собой негативные геополитические последствия. Данное представление является необоснованным и мифическим по содержанию, так как ещё в ходе первой Консультативной встречи государств Центральной Азии было чётко и внятно заявлено, что взаимодействие между странами региона не направлено против других стран, а прежде всего нацелено на углубление сотрудничества между ними и поиск путей решения существующих проблем. Поэтому, проявлять осторожность и ослаблять процесс интеграции опираясь на иллюзорных представлениях не является целесообразным.

Перспективы после четвертой встречи. Одним из самых существенных моментов после четвёртой встречи стало принятие Дорожной карты по развитию регионального сотрудничества на 2022-2024 годы и подписание договора «О дружбе, добрососедстве и сотрудничестве в целях развития Центральной Азии в 21 веке». Само название договора и его содержание отвечают жизненно-важным интересам всех стран Центральной Азии. Так как руководители государств Центральной Азии осторожно идут к наращиванию региональной кооперации, принятие данного договора представляет собой юридическое оформление основополагающих сфер сотрудничества, которые включены в интеграционную повестку.

После проведения четвёртой Консультативной встречи глав государств Центральной Азии можно говорить о том, что страны региона активно развивают двустороннее и многостороннее сотрудничество во всех областях и усиливают механизмы принятия совместных решений для предотвращения угроз безопасности. С осторожным оптимизмом, данное положение можно расценивать как положительный сдвиг на пути к институционализации Центральной Азии. Опираясь на совместные заявления в целом, и выступления лидеров центральноазиатского региона по отдельности, можно выдвинуть тезис о том, что сама кооперация и в дельнейшем - интеграция имеет одинаковую важность для всех стран Центральной Азии.

Центральноазиатская модель интеграции вплоть до создания соответствующей организации является наиболее привлекательным и отвечающим жизненно-важным интересам всех пяти стран региона. Как отмечает таджикский политолог Ризоён Ш.Ш. «Положение и потенциал Центральной Азии обуславливают появления такой организации для решения внутрирегиональных проблем, противодействия современным вызовам и угрозам, связанным с транснациональной преступностью, религиозным экстремизмом и радикализмом, а также для разработки и реализации общих проектов экономического и культурно-гуманитарного характера, направленных на устойчивое развитие всех стран Центральной Азии».[6] На ряду с этим, появляется острая необходимость в рассмотрении вопросов воды и изменения климата, что тоже может стать катализатором кооперации стран Центральной Азии для совместного поиска путей решения этих проблем.

В этой связи, необходимо, чтобы частота Консультативных встреч не прерывалась, созывались также внеочередные совещания в рамках данного формата и постепенно переформатировалась в саммит глав государств Центральной Азии. Также надо подчеркнуть, что здесь появляется острая необходимость совместной поддержки экспертного сообщества, СМИ и гражданского общества стран региона, чтобы дальнейшая кооперация и, в

итоге – интеграция Центральной Азии не выглядела искусственным, а стала органичным, созревшим по истечении времени процессом.

Выводы и рекомендации

Исходя из всех вышеперечисленных перспектив и проблем региональной интеграции стран Центральной Азии можно сделать следующие обобщенные выводы:

Первое, формат Консультативных встреч глав государств Центральной Азии остаётся важной площадкой для наращивания тесного сотрудничества, поиска путей решения внутрирегиональных проблем и сверки позиций по актуальным вопросам геополитической повестки. Странам региона необходимо создать механизмы для совместного предотвращения угроз, исходящих из-за активизации террористических группировок на севере Афганистана, и конструировать общую систему региональной безопасности, что в среднесрочной и долгосрочной перспективе отвечает национальным интересам наших стран.

Второе, на пути к (ре)институционализации стран Центральной Азии всё же имеются определённые проблемы, которые тормозят процесс интеграции. В этой связи надо отметить, что имеющиеся барьеры при правильной расстановке акцентов так же могут стать катализатором региональной интеграции. Создание площадок для решения проблем водопользования между странами верховья и низовья; совместное рассмотрения стратегий по предотвращению негативных последствий в связи с изменением климата; конструирование площадки в формате «С5» для нахождения оптимальных вариантов в решении приграничных вопросов могут стать серьёзным шагом и практикой для дальнейшего ращения существующих проблем совместными усилиями.

Третье, участие государств региона Центральной Азии в таких организациях, как ОДКБ, ШОС и ЕАЭС показывает, что позиционирование одного или нескольких стран в качестве так называемых «старших братьев» не является целесообразным и уменьшает работоспособность наднациональной структуры, так как при рассмотрении вопросов, как региональной, так и глобальной повестки, интересы стран могут идти в разрез друг с другом. Исходя из этого нашим государствам необходимо учитывать эту практику и придерживаться принципу равенства и взаимовыгодного сотрудничества в процессе институционализации Центральной Азии. Так как обратный подход может быть чреват негативными последствиями и усложнить без этого сложный интеграционный процесс.

И последнее, стремясь избежать негативных геополитических последствий лидеры стран центральноазиатского региона рискуют попасть в серьёзную ловушку. Затормаживание процесса интеграции и затяжные Кон-

сультативные встречи лидеров стран Центральной Азии в обозримом будущем могут оказать влияние на эффективность встреч, превратив их в примитивную дискуссионную площадку. Такая тенденция, в конечном счете, приостановит достижение конечной цели – региональной интеграции в обозримом будущем. Исходя из этого, лидерам государств Центральной Азии необходимо проявить политическую волю и приложить усилия для ускорения процесса интеграции.

## ЛИТЕРАТУРА

1. По итогам Четвёртой Консультативной встречи глав государств Центральной Азии приняты итоговые документы. URL: https://www.president.kg/ru/sobytiya/22985_po_itogam_chevertoy_konsultativnoy_vsrechi_glav_gosudarstv_centralnoy_azii_prinyati_itogovie_documenti (дата обращения: 23.07.2022).

2. Президент Таджикистана принял участие на четвертой Консультативной встрече глав государств Центральной Азии. URL: https://www.president.tj/ru/node/28763 (дата обращения: 23.07.2022).

3. Выступление Президента К.К. Токаева на четвёртой Консультативной встрече глав государств Центральной Азии. URL: https://www.akorda.kz/ru/vystuplenie-na-iv-konsultativnoy-vstreche-glav-gosudarstv-centralnoy-azii-2163148 (дата обращения: 22.07.2022)

4. Выступление Президента Республики Узбекистан Шавката Мирзиёева на четвёртой Консультативной встрече глав государств Центральной Азии. URL: https://president.uz/ru/lists/view/5360 (дата обращения: 23.07.2022).

5. Центральная Азия – несложившаяся интеграция? URL: https://www.caa-network.org/archives/19909 (дата обращения: 15.08.2022)

6. Центральная Азии в новом измерении: взгляд из Душанбе. URL: https://www.caa-network.org/archives/19889/czentralnaya-aziya-v-novom-izmerenii-vz (дата обращения: 24.07.2022)

# РАВАНДИ ҲАМГИРОӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ДУРНАМО ВА МОНЕАҲО

**ИБРОҲИМЗОДА УМЕДҶОН ҲАЙДАР,**
ходими илмии Институти омӯзиши мушкилоти давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
734025, Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи. Асадулло Ғуломов 18/8;
тел.: (+992) 909-02-01-40; e-mail: ibrohimzoda98@bk.ru

*Номуайянии геополитикӣ ва буҳрони иқтисодӣ дар ҷаҳон тамоми кишварҳои сайёраро барои тавсеаи ҳамкориҳо бо якдигар то зарурати ниҳодигардонии муносибатҳоро ба вуҷуд овардааст. Ҳадафи асосии чунин ҳамкориҳо ҳалли мушкилоти дохилиминтақавӣ ва мувофиқа намудани мавқеи худ вобаста ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Бояд таъкид намуд, ки наздикшавии кишварҳо дар доираи сохторҳои муайяни минтақавӣ падидаи нав нест ва дар амалия ҳам намунаҳои мусбат ва ҳам манфиро дорад.*

*Азбаски дар Осиёи Марказӣ раванди ҳамкориҳои дохилиминтақавӣ соли 2018 баъд аз аввалин нишасти машваратӣ аз нав фаъол шуд, дар мақолаи мазкур таҳлил ва баҳогузории объективии ин раванд дода шудааст. Монеаҳои асосӣ ва дурнамои раванди ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ, ҳамчунин, самтҳои авлавиятноки сиёсати кишварҳои минтақа оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Осиёи Марказӣ, ҳамгироӣ, якҷояшавӣ, нишасти машваратӣ, ҳамкорӣ, монеаҳо.*

## INTEGRATION PROCESS IN CENTRAL ASIA: PROSPECTS AND BARRIERS

**IBROHIMZODA UMEDJON HAIDAR,**
researcher at the Institute for the Study of Asian and European Problems NAST
734025, Tajikistan, Dushanbe city, street Asadullo Gulomov 18/8;
tel: (+992) 909-02-01-40; e-mail: ibrohimzoda98@bk.ru

*Geopolitical uncertainty and the global economic crisis are pushing the states of various parts of the world to cooperate more closely, up to the institutionalization of relations. The purpose of such cooperation is both the joint solution of intraregional problems and the global agenda. It is worth noting that the rapprochement of states within certain regional institutions is not a new phenomenon and in practice has both working and less capable examples.*

*Since the process of intraregional cooperation in Central Asia resumed in 2018 after the first consultative meeting, this article analyzes and gives an objective assessment of this process. The main barriers and prospects for the development of the integration process in Central Asia are highlighted, and the directions in which the countries of the region can move are outlined.*

***Keywords:*** *Central Asia, integration, cooperation, consultative meetings, partnership, barriers.*

УДК: 327.2

# ТАШАККУЛИ МАНФИАТҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**САЙМАҲМАДОВ ЛУТФУЛЛО НАСРИДДИНОВИЧ,**
унвонҷӯйи шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 940-11-81-81; e-mail: cutmodest2@mail.ru

*Манфиатҳои геополитикии давлат ва раванди ташаккулёбии онҳо яке аз омилҳои таъсиррасон ба равандҳои сиёсии минтақавию ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Дар ҳама давраҳои таърихӣ раванди ташаккулёбии манфиатҳои геополитикӣ хусусиятҳои хоси худро дошт. Дар шароити муосир низ ин раванд зери таъсири воқеаву ҳодисаҳои гуногун шакли худро куллан тағйир дода истодааст. Чунин ҳолат ба вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон таъсири амиқ мерасонад. Айни замон аксари масъалаҳои минтақавию ҷаҳониро берун аз доираи манфиатҳои геополитикии давлат шарҳу тавзеҳ додан номумкин мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши заминаҳои ташаккулёбии манфиатҳои геополитикии давлат дар шароити муосир имкон медиҳад, ки вижагиҳои ин раванд муайян карда шаванд. Инчунин, ошкор намудани табиати манфиатҳои геополитикӣ ҷиҳати таъмини амнияти миллии кишвар низ хеле муҳим мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *манфиатҳои геополитикӣ, амнияти миллӣ, вазъи геополитикӣ, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ, манфиатҳои миллӣ, талаботи геоплитикӣ, фазоҳои геополитикӣ.*

Дар шароити имрӯза табиати умумии манфиатҳои геополитикӣ бо тағйирёбии манзараи геополитикии ҷаҳон дигаргун мешавад. Васеъ гардидани имконияти субъектҳои раванди сиёсӣ, ки дар ташкили иттиҳодияҳо, иттифоқҳо ва блокҳо ифода меёбад, дар минтақаҳои гуногуни олам тамоми гурӯҳҳои кишварҳоро фаро мегирад. Чи гунае ки маълум аст, муносибатҳои геополитикии давлатҳо дар сатҳҳои гуногун зоҳир мешаванд: сатҳи байналмилалӣ, сатҳи субъектҳои минтақавӣ, сатҳи давлатӣ. Аммо дар байни онҳо сатҳи байналмилалию ҷаҳонӣ омили таъсиргузор боқӣ мемонад, ки чунин ҳолат зарурати баррасии тағйири аҳамиятнокию афзалиятнокии манфиатҳои геополитикиро дар ҷараёни ҷаҳонишавии ра-

ванди сиёсии муосир муҳим мегардонад ва равандҳои сиёсии дохилию минтақавиро ба омили ташаккулёбии раванди ҷаҳонӣ табдил медиҳад.

Дар таърихи афкори сиёсӣ донишманди немис Карл Шмитт яке аз аввалин нафароне мебошад, ки масъалаи нақши манфиатҳоро дар геополитика ба миён гузоштааст. Ӯ бо дарназардошти фазои геополитикӣ аҳамияти манфиатҳои геополитикиро ҳамчун омиле таъкид мекунад, ки фазои ягонаи геополитикии мушаххасро муттаҳид месозад ва ё баръакс, барҳам медиҳад ва хароб мекунад [31, с.65].

Геополитикҳои фаронсавӣ дар асрҳои XIX-XX як қатор мафҳумҳоеро ба вуҷуд овардаанд, ки онҳо дар назарияи умумӣ ва усули ягонаи таҳлили геополитикӣ ин масъаларо ба таври мақсаднок ҷамъбаст намекунанд. Барои мисол, Ф.Моро-Дефарҷ барои геополитика мақоми фанни мустақили илмиро эътироф намекунад ва онро равише медонад, ки дар доираи он таъсири омилҳои фазо ва вақт ба табиати фаъолияти инсон, ташаккули манфиатҳои миллӣ ва сиёсати давлатӣ омӯхта мешавад. Дар асари «Муқаддима ба геополитика»-и Ф.Моро-Дефарҷ нақш ва аҳамияти манфиатҳои геополитикиро дар раванди ташаккули шуури геополитикии шаҳрвандон, давлат ва аҳаммияти онро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ошкор мекунад [15].

Манфиатҳои геополитикӣ самтгирии сиёсати хориҷии ҳар як давлатро инъикос мекунанд. Дар амал татбиқ карда натавонистани манфиатҳои геополитикӣ маънои мавҷуд набудани онҳоро надорад. Як қатор олимони ватанӣ низ чунин ҳолатро тасдиқ намудаанд. Дар баробари ин, онҳо иброз медоранд, ки ҳамаи давлатҳо манфиатҳои геополитикӣ доранд, аммо аз сабаби оне, ки онҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушду инкишоф қарор гирифтаанд, манфиатҳои геополитикии онҳо низ аз ҳамдигар фарқ менамоянд [22]. Худи мавҷудияти давлат мавқеи ҷуғрофӣ, дастрасӣ ба захираҳои табиӣ, бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҳама муҳим иштирок дар ҳамкорӣ бо дигар кишварҳоро дар назар дорад. Илова бар ин, манфиатҳои геополитикии давлат наметавонанд маҳдуд бошанд ва тибқи ҳадафҳои худ дар ҳамкорӣ байни кишварҳои дигар ширкат надошта бошанд. Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза дар фазои геополитикии ҷаҳон чунин кишварҳо, аз қабили Русия, ИМА, Олмон, Британия, Чин ва чанде дигарон амал мекунанд, ки барои нишон додани манфиатҳои геополитикии давлат ба инобат гирифтану таҳлил намудани фаъолнокии сиёсати хориҷии онҳо хеле муҳим аст.

Муҳаққиқи рус К.В. Сивков дар таҳқиқоти илмии худ манфиатҳои геополитикиро ҳамчун шартҳои зарурии инкишофи давлат дар доираи муносибатҳои иқтисодию сиёсии байналхалқӣ тавсиф мекунад [28, с.177]. Ин-

чунин, дар пажӯҳиши ӯ сохтори мураккаби манфиатҳои геополитикӣ нишон дода мешавад, ки онҳо аз се сатҳ иборат мебошанд:

- рушди мутамаддини давлат дар доираи сиёсати байналмилалӣ;
- мавқеи геополитикии давлат, ҷойгиркунии қувваҳои сиёсию ҳарбӣ дар нуқтаҳои ҷаҳон, иштирок дар иттиҳоди иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ;
- миқёси таъсири давлат ба манфиатҳои геополитикии дигар кишварҳо ва ҳамоҳангсозии неруҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар арсаи байналмилалӣ.

Донишманди дигари рус А.А.Драганов манфиатҳои геополитикиро категорияи афкори сиёсии муосир мешуморад, ки «ташаккули мураккаби ҷузъҳои арзишманди ба ҳам алоқаманд, пеш аз ҳама, фазои минтақавӣ, энергетикӣ, конфессионалӣ ва ғ.» мебошад [6, с.9]. Дар ҳоле, ки манфиатҳои асосии геополитикӣ ва манфиатҳои миллии давлатҳоро масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷуғрофӣ ташкил медиҳанд, баъзан вақт онҳоро аз ҳамдигар ҷудо менамоянд. Аммо дар асл байни манфиатҳои геополитикӣ ва манфиатҳои миллӣ робитаи зич вуҷуд дорад.

Ҳангоми омӯзиши манфиатҳои геополитикӣ дар шароити ҷаҳони муосир нақши назарраси манфиатҳои иқтисодиро ба назар гирифтан лозим аст. Ҳамин тариқ, самти нав – геополитикаи иқтисодӣ пайдо мешавад, ки ба гуфтаи В.В. Глушенко, «унсури нави сохтории ҳам геополитика ва ҳам иқтисоди ҷаҳонӣ» ба шумор меравад [4, с.25]. Мавзуи омӯзиши геополитикаи иқтисодӣ «равандҳои рушди иқтисодии на танҳо субъектҳои давлатию минтақавӣ, балки иттиҳодияҳои иқтисодию молиявии глобалӣ, минтақавӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ, инчунин, минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ба шумор меравад.

Аҳаммияти хосси рушди иқтисоди геополитикӣ бо омезиши манфиатҳои асосии давлатҳо ва бо хусусияти манфиатҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар доираи тиҷорати байналмилалӣ алоқаманд аст. Вазифаи стратегӣ – ба даст овардани бартарият дар содироти маҳсулоти худ ба бозорҳои хориҷӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои истеҳсолкунандаи мол ва хизматрасонӣ, маҳдуд кардани воридот ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории бахши воқеии иқтисодиёт бо мақсади ҷалби мустақим ва сармоягузории хориҷӣ мебошад.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба манфиатҳои геополитикии давлат таъсир мерасонанд, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ мебошанд. Глобализатсияи иқтисоди ҷаҳон раванди табдил ёфтани фазои ҷаҳонӣ ба як минтақаи ягонаест, ки дар он иттилоот, молу хизматрасонӣ ва сармоя озодона ҳаракат мекунанд, дар он ғояҳо озодона паҳн мешаванд ва интиқолдиҳандагони онҳо озодона ҳаракат мекунанд, рушди институтҳои

муосирро ҳавасманд мекунанд ва механизмҳои ташаккули онҳо ба амал меояд.

Глобализатсияи иқтисоди ҷаҳонро омилҳои гуногун ба вуҷуд меоранд, ки онҳоро ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

– пешрафти илмию техникӣ;

– либерализатсияи танзими иқтисодиёт;

– аз лиҳози иҷтимоию сиёсӣ ба ҳам монанд шудани ҷомеаҳо;

– ҳамгироии байналмилалӣ.

Ҳамкорӣ дар татбиқи манфиатҳои геополитикӣ бевосита ба чунин мафҳуми илмҳои сиёсӣ, ба мисли «анархия» иртибот дорад. Ба андешаи муҳаққиқон, ҳанӯз аз замони Фукидид сиёсати байналмилалӣ дар зери таъсири анархия шакл гирифтааст [33, с.317]. Ин маънои онро дорад, ки сарфи назар аз комёбиҳои назарраси тамаддуни муосир, аз ҷумла суқути режимҳои тоталитарӣ, ошноии шумораи афзояндаи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо арзишҳои демократӣ ва либералӣ, раванди сиёсии ҷаҳонӣ мисли пештара беназорат ва бенизом боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, дар бораи ҷанбаи геополитикии ҳамкориҳои байналмилалӣ сухан ронда, мо метавонем нуктаҳои зеринро қайд кунем. Пеш аз ҳама, стратегияи геополитикӣ ба таъсиси як тартиботи муайян дар ҷаҳон, яъне дар фазои дохилӣ ва берунӣ нисбат ба давлат нигаронида шудааст. Сониян, тартибе, ки стратегияи геополитикӣ ба он нигаронида шудааст, аз ахлоқ берун аст, новобаста аз идеология ва суханронии ташаббускори ин ё он стратегия. Ва ниҳоят, сеюм, стратегияи геополитикӣ, ки ба таъсиси тартиботи муайян нигаронида шудааст, ҳамкориҳои байналмилалиро дар бар мегирад.

Бартарияти фарҳангӣ, тамаддунӣ ва демографӣ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон муҳимтарин омили пешбурди манфиатҳои геополитикӣ мебошанд. Ин омилҳо ба «васеъ шудани» имкониятҳои давлат, фарҳанг, тамаддун ва ниҳоят, ба афзоиши аҳолӣ бевосита таъсир мерасонанд. Тамоми манфиатҳои кишвар, ки бо чунин густариш алоқамандланд, сирф хусусияти геополитикӣ доранд. Масалан, стратегияи геополитикии юнониҳо ба эҷоди як ҷаҳони шабеҳи берун аз Эллада (Юнон) нигаронида шуда буд. Дар натиҷа олами эллинистӣ, яъне олами томаддуни юнонӣ дар Шарқ ба вуҷуд омад. Бартарияти геополитикии Рим ба он оварда расонид, ки он ба муаррифии тамаддуни Баҳри Миёназамин шуруъ кард ва тавсеаи Рим воқеан боиси паҳншавии тамаддуни он дар баҳри Миёназамин гардид: Рим берун аз минтақаи тамаддуни худ ҷаҳонро ба симои худ офарид. Ҳамин тариқ, тамоми орзуҳои Юнон ва Рим табиати геополитикӣ доштанд ва дар натиҷа фарҳанги муосири ғарбӣ ба арзишҳои тамаддунии ҷаҳони қадим асос ёфтааст. Ғарбшавии имрӯзаи ҷаҳон, воқеан, ба он маъност, ки такони

маънавие, ки Юнону Рим дода буданд, ҳанӯз моҳияти худро аз даст надодааст.

Мафҳуми ҳамкориҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, ба ҳам мувофиқат намудани манфиатҳоро дар назар дорад. Азбаски сиёсати ҷаҳонӣ, чунонки таҷриба нишон медиҳад, раванди сусттанзимшаванда ва каме пешгӯйинашаванда аст, мафҳуми «манфиатҳо» барои фаҳмидани моҳияти ҳамкориҳои байналмилалӣ мафҳуми пешбаранда мегардад. Дар ҷаҳони зудтағйирёбанда манфиатҳо низ зуд тағйир меёбанд, зери таъсири чунин дигаргуниҳо гурӯҳҳои сиёсии муттаҳидшуда пароканда мешаванд. Аз ин рӯ, чунин ҳолатро ба инобат гирифта, эътироф намудаанд, ки дар ҷаҳон иттифоқчиёни доимӣ вуҷуд надоранд ва буда наметавонанд, танҳо манфиатҳо метавонанд доимӣ бошанд.

Моҳияти геополитикӣ касб намудани ҳамкориҳо дар хислати маҷбурӣ гирифтани муттаҳидсозии кушишҳои баъзе давлатҳо бар зидди экспансияи геополитикии давлатҳои дигар зоҳир мегардад. Масалан, дар замони собиқ шуравӣ ё фазои пасошуравӣ ангезаи муҳимтарини ҳамкориҳои байналмилалӣ хоҳиши ИМА барои барқарор намудани гегемония дар ҷаҳон, сохтани ҷаҳони яккутбӣ мебошад. Аз ин бармеояд, ки дар ҷаҳони муосир ҳама иттиҳодияҳои сиёсӣ аз ҷиҳати геополитикӣ пурмазмунанд, яъне онҳо бо хоҳиши ҳифзи худдорӣ дар муқобили зӯроварии эҳтимолӣ дар соҳаи иқтисод ва сиёсат ҳавасманд мешаванд. Тавре иддае аз муҳаққиқон қайд мекунанд, барои ноил шудан ба сатҳи муносиби амнияти миллӣ ҳар давлати муосир ба фаъолияти муайяни ҳамкорӣ дар сатҳи минтақавӣ ниёз дорад [32, с.144].

Дар муқоиса аз иқтидори геополитикӣ, мафҳуми манфиатҳои геополитикӣ категорияи мураккабтар арзёбӣ мешавад. Пеш аз ҳама, дар муқоиса бо ду хусусияти аввал, манфиатҳо ифодаи ҷисмонӣ/моддӣ надоранд ва аксаран ба доираи идеалҳо тааллуқ доранд, ки гузаронидани санҷиши объективиро хеле душвор мегардонад. Ва сониян, дар мубоҳисаи сиёсии муосир то ҳол нуқтаи назари ягона оид ба мазмун ва доираи ин мафҳум вуҷуд надорад [1].

Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои ҷудогонаи «манфиат» бояд муҳтаво ва мавқеи истифодабарии ин истилоҳ муайян карда шавад. Агар сухан дар бораи қонунҳое равад, ки сиёсати дохилиро танзим мекунанд, пас дар бораи манфиатҳои ҷамъиятӣ ё миллӣ сухан рондан лозим аст. Истифодаи «манфиат» нисбат ба муҳити байналмилалии анархистӣ онро ба категорияи «манфиатҳои геополитикӣ» табдил медиҳад. Ҳамин тариқ, манфиатҳои геополитикиро метавон ҳамчун майли устувори давлат барои нигоҳ доштани қаламрави худ, тавсеаи нуфузи ҳарбӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ,

фарҳангии худ ба қаламравҳои дигар кишварҳо, то ба вуҷуд овардани назорати пурра бар онҳо ва ба ҳайати худ дохил кардан муайян намуд [30].

Вобаста ба ин, дар асоси натиҷаи таҳлили муҳтавои категорияи «манфиатҳои геополитикӣ» як гурӯҳ нишондиҳандаҳоеро муайян намудаанд, ки барои баҳогузорӣ намудани сатҳи зоҳиршавии манфиатҳои кишвар мусоид аст. Тибқи чунин пажӯҳиш номгӯйи нишондиҳандаҳои тахминии манфиатҳои геополитикиро метавон ба тариқи зайл пешниҳод кард: низоми давлатдорӣ, идеология, ҳадафҳои миллӣ, иродаи сиёсӣ, обрӯ, нуфузи байналмилалӣ, амният/таҳдид. Бояд гуфт, ки тағйирёбандаҳои пешниҳодшуда асосан ба таври ғайримустақим сатҳу сифати манфиатҳои геополитикиро тавсиф мекунанд.

Бояд гуфт, ки амалӣ намудани манфиатҳои геополитикӣ раванди гуногунсоҳа мебошад: ба он на танҳо қарору фаъолиятҳои роҳбарияти мамлакат, ҳизбҳои алоҳидаи сиёсӣ, балки хусусиятҳои таърихан муқарраршудаи сохти психологӣ, муносибатҳои ахлоқӣ, афзалиятҳо ва арзишҳои сиёсӣ низ таъсир мерасонад [13].

Хусусияти дигаре, ки бо манфиатҳои геополитикии давлат зич алоқаманд аст, идеологияест, ки аз геополитика ҷудонашаванда буда, дар асл хусусияти ҳар як раванди сиёсиро муайян мекунад. Дар сиёсатшиносии муосир таърифҳои зиёди ин категория ва арзёбиҳои арзишӣ дар бораи аҳамият ва таъсири он ба паҳлӯи сиёсии ҳаёти ҷамъиятӣ мавҷуданд. Аз асарҳои Дестют де Траси ва Карл Маркс оғоз шуда, бо асарҳои сиёсатшиносони маъруфи муосир Даниел Белл ва Дэвид Истон, сарфи назар аз тафовути хулосаҳои таҳияшуда, дарки умумии идеология ҳамчун воситаи муассири эҷоди системаи мақсадҳои тараққиёти сиёсии ҷомеа муайян мегардад. Системанокӣ хусусияти таркибии идеология мебошад.

Манфиатҳои геополитикиро эҳтиёҷоти ҳаётан муҳимми кишвар барои ноил шудан ва минбаъд истифода бурдани манфиатҳои сиёсии хориҷӣ муайян мекунанд. Манфиати дуруст муайяншуда қодир аст маҷмуи оптималии қувваҳо ва воситаҳои заруриро барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ ташкил диҳад. Аммо худи мундариҷаи категория мавҷудияти пайдарпайии амалҳои ҳатмӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррасро дар назар надорад [9]. Ин вазифаро ҳадафҳое иҷро мекунанд, ки дар заминаи манфиатҳои геополитикӣ ҳамчун афзалияти миллӣ муайян карда мешаванд. Системаи мақсадҳо аслан натиҷаи бевоситаи ин ё он манфиати геополитикӣ мебошад.

Дар амалияи сиёсӣ ҳадафҳои миллӣ дар ҳуҷҷатҳои гуногуни ҳукуматӣ мураттаб гардида, дар шакли афзалиятҳои фаъолияти сиёсати хориҷии кишвар пешниҳод мешаванд. Ба ибораи дигар, худи давлат авлавияти амалҳоеро, ки барои расидан ба ҳадафи эълоншуда заруранд, муайян ме-

кунад. Аз ин рӯ, як қатор олимон пешниҳод менамоянд, ки ҳадафи миллӣ ҳамчун модели амалӣ намудани манфиатҳои геополитикии кишвар ва маҷмӯи афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ дониста шавад [29].

Татбиқи манфиатҳои дарозмуддати геополитикӣ аз роҳбарияти кишвар тақозо мекунад, ки ба ҳалли проблемаҳои тезутунди байналмилалӣ иқдомҳои пайгирона андешад. Яке аз омилҳои муҳимме, ки бевосита ба дараҷаи идорашавандагии раванди геополитикӣ таъсир мерасонад, «иродаи сиёсӣ» мебошад, ки онро қобилияти субъекти сиёсӣ барои пайваста ноил шудан ба мақсадҳои ҳокимияти сиёсӣ муайян кардан мумкин аст [19]. Иродаи сиёсӣ дар сиёсати хориҷии давлат ин майли устуворона барои ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ, қобилияти ҳалли мушкилоти таъхирнопазир сарфи назар аз таъсири омилҳои номусоиди берунӣ ва дохилӣ мебошад. Иродаи қавии сиёсӣ калиди амалишавии бомуваффақияти манфиатҳои геополитикӣ мебошад [11].

Татбиқи манфиатҳои геополитикӣ асосан аз мавҷудият ва сифати захираҳое, ки давлат барои ҳалли вазифаҳои стратегии худ омода кардааст, вобаста карда мешавад. Чунин захираҳои мушаххас эътибори байналмилалии кишвар мебошад, ки давлатро ҳамчун субъекти сиёсати ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд [3].

Дар заминаи экспертизаи геополитикӣ обрӯйи байналмилалии кишварро бояд ҳамчун арзёбии аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба фаъолият ё амалҳои субъект дар ҳалли масъалаҳои сиёсии байналмилалӣ баррасӣ кард. Ба ибораи дигар, вижагиҳои вокуниши кишвар ба тағйири вазъият, пайдоиши чолишҳо ва хатарҳои нав, пайвастагӣ дар ҳимояи манфиатҳои худ ва иттифоқчиён, риояи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ғайра эътибори байналмилалии давлатро ташкил медиҳанд, ба шарте ки давлатҳои дигар онро чунин баҳо дода бошанд.

Эътибори берунаи давлат дар давоми як давраи дуру дароз дар дохили раванди сиёсии байналмилалӣ ташаккул меёбад. Ба таври сунъӣ тағйир додани эътибори байналмилалии давлат хеле душвор аст, онро танҳо дар доираи муайян ислоҳ кардан мумкин аст [12]. Сохтори ин арзиш ба қонуниятҳои фаъолияти дохилӣ ва берунӣ асос ёфтааст. Ин аз як тараф, маҷмуи хосиятҳо ва сифатҳои дохилии субъект бошад, аз тарафи дигар, баҳодиҳии берунии фаъолияти субъект аз ҷониби афкори ҷамъиятӣ аст [21].

Нуфузи байналмилалии давлат маънои онро дорад, ки вай дорои қувваҳо, воситаҳо ва захираҳои зарурӣ, инчунин, омодагии истифодаи онҳо барои тағйир додани рафтори дигар кишварҳо ва таъсиррасонӣ ба муҳити байналмилалӣ дар мувофиқа ба мақсадҳои геополитикии худ мебошад [20, с.110]. Ба ибораи дигар, чунин нишондиҳанда қобилияти давлатро барои ноил шудан ба ҳадафҳои миллии худ бо дараҷаҳои гуногуни муваффақият

тавсиф мекунад. Он ба механизми муҳими шомил шудани кишвар ба равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонию минтақавӣ асос ёфтааст. Дараҷаи баланди иштирок дар сиёсат ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ имкониятҳои васеътари кишварро барои таъсир расонидан ба ташаккули шароити мусоиди сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ муайян мекунад. Ғайр аз ин, симои мароқангези давлат дар арсаи байналмилалӣ кафили таъмини амнияти миллӣ ва аз ҷониби дигар, дар сатҳи зарурӣ қарор доштани ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллию геополитикӣ заминаи афзоиши нуфузи байналмилалии давлат ба шумор меравад [23].

Нуфузи байналмилалии давлат ҷузъҳои таркибии худро дорад. Фаъолияти давлат ва нуфузи байналмилалии он ба доираи истифодабарии «неруи сахт» ва «неруи нарм», ки дар назарияи муносибатҳои байналмилалӣ мавҷуданд, мувофиқат мекунад. Ба таври дуруст баҳогузорӣ намудани ин нишондод имкон медиҳад, ки иқтидори иқтисодӣ, иштироки кишвар дар созмонҳои байналмилалии ҷаҳонию минтақавӣ ва неруи ҳарбии вай ҳамчун унсурҳои сохтории нуфузи байналмилалии давлат муайян карда шаванд [17]. Тули ду даҳсолаи охир аксари кишварҳои олам ба афзоиши неруи нарми худ диққати бештар медиҳанд ва онро ҳамчун воситаи амалигардонии манфиатҳои миллию геополитикӣ эътироф менамоянд [24; 25].

Мисли хусусиятҳои дигари манфиатҳои геополитикӣ, ин нишондодҳо барои ҳама навъи давлатҳо универсалӣ мебошанд. Ба ибораи дигар, ҳар кадоме аз кишварҳои мавҷуда дар фазои сиёсӣ аз ҷиҳати назариявӣ қодир аст соҳиби ин василаҳои таъсиррасонӣ бошад. Аммо дар амал имкониятҳои онҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд.

Муваффақияти татбиқи манфиатҳои геополитикӣ аз ҷониби давлат бештар аз вазъи муҳити беруна вобаста аст, ки нисбат ба барандаи манфиатҳо шароити гуногун – мусоид, нисбатан ором ё агрессивиро ташкил медиҳад. Азбаски қонеъ гардонидани талаботи давлатҳо дар рушди устувор воқеан ба ҳамон захираҳо асос ёфтааст ва чунон ки маълум аст, тамоми захираҳо, сарфи назар аз пайдоишашон, маҳдуданд, бинобар ин, бархӯрди кишварҳо барои соҳиб шудан ба онҳо ногузир мегардад. Дар рафти бархӯрд манфиатҳои кишварҳо зери фишори беруна қарор мегиранд, ки дар ниҳояти кор метавонад ба амнияти онҳо таҳдид кунад [26].

Таҳдидро метавон ҳамчун хатаре муайян кард, ки аз омил ё маҷмӯи омилҳо иборат буда, ба қонеъ гардонидани манфиатҳои геополитикии кишвар монеъ мешаванд ё ба онҳо зарар мерасонанд. Зуҳури таҳдидҳо ба системаи қабули қарорҳои сиёсӣ таъсири манфӣ мерасонад ва метавонад таносуби қувваҳо ва воситаҳои заруриро барои ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда тағйир диҳад. Таҳдидҳо ба манфиатҳои геополитикии ки-

швар бояд дар заминаи хатарҳое баррасӣ шаванд, ки хавфи татбиқ нагардидани онҳоро ба таври назаррас афзоиш медиҳанд [27].

Бинобар ин, пайдоиши таҳдиду хатарҳои замони муосир, бахусус низоъҳои мусаллаҳона, натиҷаи бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ мебошанд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар илмҳои сиёсӣ таърифи ягонаи манфиатҳои геополитикӣ то ҳануз мавҷуд нест. Ин масъала аз мавқеъҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Чунин ҳолат боз аз он ҷиҳат зоҳир мешавад, ки худи давлатҳо манфиатҳои якхела надоранд ва ин вазъ ба мазмуну мундариҷаи манфиатҳои геополитикӣ таъсири мустақим мерасонад. Дар энсиклопедияи фалсафӣ манфиатҳои геополитикӣ ҳамчун рақобат ва муқовимати давлатҳо берун аз ҳудуди худашон муаррифӣ карда мешавад [10, с.183]. Дар таҳқиқоти муҳаққиқи рус Н.В. Каледин ба таври бошуурона дарк гардидани номувофиқатии фаъолияти сиёсии давлат бо сатҳу сифати фазои ҷуғрофӣ ҳамчун манфиати геополитикӣ дониста шудааст [8, с.92]. Кам нестанд он ҳолатҳое, ки муҳаққиқон манфиатҳои геополитикиро бо манфиатҳои миллӣ ҳаммаъно медонанд. Агар манфиатҳои геополитикии давлат унсури таркибии манфиатҳои миллии мамлакат ва манфиатҳои миллӣ васеътар аз манфиатҳои геополитикӣ тасаввур гардад, мувофиқи мақсад мебошад. Аммо худи мафҳуми манфиатҳои миллӣ низ каме баҳсбарангез ва номушаххас боқӣ мемонад. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки ҳар як муҳаққиқ манфиатҳои миллиро ба таври худ ва дар заминаи методологияи таҳқиқоти худ шарҳу тавзеҳ медиҳад. Масалан, сиёсатшиносони беларус Н.П. Денисюк, Т.Г. Соловей ва Л.В. Старовойтова иброз медоранд, ки дарк гардидан ва дар сиёсати давлатӣ инъикос ёфтани талаботи бунёдии ҷомеа манфиатҳои миллиро ифода менамоянд [5]. Олими рус Д.П. Зеркина тамоман ҳолати дигарро нишон медиҳад. Ба ақидаи ӯ, манфиатҳои миллӣ–манфиатҳои миллат ва ҷомеа мебошанд. Ӯ муътақид аст, ки манфиатҳои давлатӣ ҳамчун инъикоси манфиатҳои ниҳодҳои давлатӣ бо манфиатҳои ҷомеа дар мисоли талаботи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ҳам мувофиқат намекунанд [7, с.514-517]. Олими рус А.А. Коробов муътақид аст, ки манфиатҳои геополитикӣ бо манфиатҳои миллию давлатӣ шабеҳ нестанд ва аз ҳамдигар ба таври ҷиддӣ тафовут доранд. Чунин ҳолатро ӯ бо масъалаҳои зерин асоснок намудааст: аввалан, субъектҳои дорои манфиатҳои геополитикӣ на танҳо давлатҳо ва мақомоти давлатӣ, балки ҳаракатҳои ҳарбию сиёсӣ ва тамаддунҳо низ баромад менамоянд; дуюм, манфиатҳои миллӣ мафҳуми нисбатан васеътар буда, манфиатҳои ҳарбӣ-стратегӣ, сиёсӣ, молиявию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангиро фаро мегирад [14, с.69]. Дар мактаби илмии реализми сиёсии амрикоӣ масъалаҳои марбут ба бақодории давлат манфиатҳои миллиро ифода менамояд [2, с.263].

Аз сабаби оне, ки ҳудуд ва фазо категорияҳои муҳимтарини геополитика мебошанд, мазмуну мундариҷаи манфиатҳои геополитикии давлат низ бояд бо назардошти онҳо муайян карда шаванд. Ин аст, ки геополитика ғолибан ба омӯзиши фазоҳои геополитикӣ, қонеъсозии талаботи субъектҳои сиёсат тавассути фазоҳои мазкур ва мубориза барои ба даст овардани ресурсҳои фазоҳои мазкур машғул мегардад. Аз ин рӯ, зимни баррасии ҳудуди фазои геополитикӣ онро набояд бо ҳудуди ҷуғрофӣ омехта созем. Субъектҳои ҳудуди фазои геополитикӣ ва мақсади онҳо вобаста ба қонеъсозии талаботи худ сарчашмаи пайдоиш ва ташаккулёбии манфиатҳои геополитикӣ мебошанд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки манфиатҳои геополитикӣ маҷмуи талаботе мебошад, ки субъекти сиёсат онҳоро бо дарназардошти фазоҳои геополитикӣ ташаккул додааст ва мундариҷаи он дар марҳилаҳои гуногуни рушди давлатдорӣ метавонад тағйир ёбад. Ба ибораи дигар, манфиатҳои геополитикӣ аз ҷониби элитаи ҳукмрон дарк гардидани талаботи давлат дар фазоҳои геополитикӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки манфиатҳои геополитикии давлат бояд дар асоси талаботи мавҷудаи он дар ҳудуди фазои геополитикӣ муайян карда шаванд. Дар энсиклопедияи сиёсӣ зери мафҳуми талабот ҳолати нарасидани чизе муаррифӣ мегардад. Ҳолате мебошад, ки барои пурра намудани чунин норасоӣ фаъолияти субъектро ба вуҷуд меоварад ва шакл медиҳад [18, с.454]. Аммо дар маҷмуъ, ҳамаи талаботро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: талаботи табиӣ ва сунъӣ, ки аз ҷониби ҷомеа ташаккул дода мешаванд. Дар сатҳи байналмилалӣ талаботи табиии давлат онҳое мебошад, ки тавассути онҳо мавҷудияти давлат таъмин мегардад ва амалкарди он дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ беҳтар мешавад. Пайдоиши талаботи дигар аз қонеъшавии талаботи аввалиндараҷа вобаста мебошанд. Масалан, талаботи давлат барои ворид шудан ба таркиби созмонҳои байналмилалӣ ё баръакс, барои хориҷ шудан аз онҳо, ҳамроҳ шудан ба созишномаҳои байнидавлатӣ ё баръакс, баромадан аз онҳо.

Ба ҳамаи он нигоҳ накарда, ки фазоҳои ҷуғрофӣ ва ҳудуди ҷуғрофӣ категорияҳои классикии геополитика мебошанд, дар замони муосир онҳо на танҳо аҳаммият ва муҳиммияти худро аз даст надодаанд, балки ҳамчун объекти асосии муборизаҳои геополитикӣ боиси пайдоиши фазоҳои дигари геополитикӣ шудаанд. Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки талаботи ҳудудии давлат, ҳаракатҳои сиёсию ҳарбӣ ва тамаддунҳо талаботи ҳаётӣ мебошанд ва сарчашмаи ташаккулёбии манфиатҳои геополитикӣ дониста мешаванд, зеро барои субъектҳои мазкур аз даст додани ҳудуди ҷуғрофӣ маънои онро дорад, ки онҳо аз харитаи сиёсии олам ва манзараи геополитикии ҷаҳон нест мешаванд. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, гуфтан

мумкин аст, ки талаботи бунёдӣ ва талаботи фазоҳои геополитикӣ, бахусус фазои ҷуғрофӣ, барои субъектҳои геополитикӣ хеле муҳим буда, дар як маъно фаҳмида мешаванд.

Масъалаҳои дар боло баррасишударо ба инобат гирифта, манфиатҳои геополитикиро аз рӯйи ду нишондод ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: якум, бо дарназардошти субъекти манфиатҳои геополитикӣ ва аз рӯйи миқёси паҳншавии онҳо. Дар муқоиса аз манфиатҳои миллию давлатӣ ба навъҳои ҳаётан муҳимму дувумдараҷа тақсим намудани манфиатҳои геополитикӣ ғайриимкон аст. Ҳатто онҳоро дарозмуддату кӯтоҳмуддат номидан мумкин нест, зеро асоси манфиатҳои геополитикиро талаботи бунёдии давлату миллат ташкил медиҳанд. Дар баъзе мавридҳо манфиатҳои геополитикии мустақим ва ғайримустақимро аз ҳам фарқ намудан мумкин аст. Манфиатҳои геополитикии мустақим аз мундариҷаи воқеаву ҳодисаҳои асосӣ бармеоянд, манфиатҳои геополитикии ғайримустақим бошанд ҳодисаҳои байналмилалие мебошанд, ки барои амалишавии манфиатҳои геополитикии мустақим мусоидат менамоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло қайд намудан бамаврид аст, ки ба инобат гирифтани вазъияти геополитикии ҳудуди муайян ва берун аз он яке аз нишондодҳои асосии муайян намудани манфиатҳои геополитикӣ мебошад. Як қатор олимон низ таъкид бар он менамоянд, ки дар сатҳи шуури сиёсию стратегии роҳбарияти субъекти геополитикӣ ба таври амиқ дарк гардидани вазъияти геополитикӣ хеле муҳим мебошад [16, с.7]. Яъне ба инобат гирифтани талаботи геополитикии худ, муайян намудани роҳу усулҳои қонеъсозии он дар шароити гуногун, ба инобат гирифтани манфиатҳои геополитикии субъектҳои дигар, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва ғайра дар назар дошта мешавад. Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ташаккулёбии манфиатҳои геополитикӣ дар ҳолате дида мешавад, ки агар се шароити зарурӣ барои онҳо вуҷуд дошта бошад:

– Якум, мавҷудияти талаботҳои бунёдии қонеънашуда дар ҳудудҳои худ;

– Дуюм, мавҷудияти сарчашмаҳои қонеъсозандаи талаботи мазкур берун аз ҳудуди худ;

– Сеюм, мавҷудияти тасаввуроти дуруст дар бораи вазъияти геополитикии ҳудуди худ ва берун аз он.

Агар яке аз шароитҳои номбаргардида мавҷуд набошад, дар бораи ташаккулёбии ҳеҷ гуна манфиати геополитикӣ сухан рондан мантиқан дуруст нест. Ҳатто агар шароитҳои номбаргардида дар як вақт нею пай дар пай пайдо шаванд, наметавонанд заминаи ташаккулёбии манфиатҳои геополитикӣ гарданд.

Ҳамин тариқ, механизмҳои ташаккулёбӣ ва амалигардонии манфиатҳои геополитикии давлатро таҳлилу баррасӣ намуда, ба чунин хулосаҳои мушаххас расидан мумкин аст: якум, се марҳилаи ташаккулёбии манфиатҳои геополитикиро нишон додан мумкин аст: дарки талаботи бунёдӣ ва пайдоиши манфиатҳои геополитикӣ, таҳлилу баррасӣ шудани онҳо аз ҷониби роҳбарияти субъект ва дар амал татбиқ намудани онҳо; дуюм, манфиати геополитикӣ фаъолияти устувори субъекти геополитикиро талаб менамояд, зеро рафтори субъект агар дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ самти муайян ва мақсади муайян надошта бошад ва онҳо бо талаботи бунёдии онҳо мувофиқат накунанд, ҳеҷ гоҳ амалишавии манфиатҳои геополитикиро интизор шудан мумкин нест; сеюм, манфиатҳои геополитикӣ дар муқоиса бо роҳу усулҳои амалигардонии онҳо нисбатан устувор ва дертағйирёбанда мебошанд; чорум, манфиатҳои геополитикӣ ба он хотир ташаккул меёбанд, ки вазъияти мавҷуда тағйир дода шуда, талаботи бунёдии субъект қонеъ карда шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Волынчук, А.Б. Теоретические основы геополитических исследований - старые и новые правила / А.Б. Волынчук // Вестник Тихоокеанского государственного университета. - 2009. - №4. - С. 245-252.
2. Гаджиев К.С. Геополитика [Текст] / К.С. Гаджиев. –М.: Международные отношения, 1997. –С.263.
3. Гарусова, Л.Н. Имиджи России и США как фактор международных отношений / Л.Н. Гарусова // Территория новых возможностей. Вестник Владивостокского государственного университета экономики и сервиса. - 2012. - № 3. - С. 147-160.
4. Глущенко В.В. Методические аспекты развития геополитической экономики в условиях выхода из глобального кризиса // Международный научно-исследовательский журнал. – 2015. – № 9. – Часть 1. С. 25.
5. Денисюк Н.П. Политология: теория и практика [Текст] / Н.П. Денисюк, Т.Г. Соловей, Л.В. Старовойтова. –Минкс, 1998.
6. Драганов А.А. Геополитические интересы современного Ирана в Кавказском регионе: автореф. дис. … канд. полит. наук. – Пятигорск, 2011. – С.9.
7. Зеркин Д.П. Основы политологии [Текст] / Д.П. Зеркин. –Ростов на Дону: Феникс, 1997. –С.514-517.
8. Каледин Н.В. Политическая география: истоки, проблемы, принципы научной концепции [Текст] / Н.В. Каледин. –СПб., 1996. –С.92.
9. Карташев, В.А. Система систем: очерки общей теории и методологии / В.А. Карташев. - М.: Прогресс-Академия, 1995. - 214 с.

10. Краткая философская энциклопедия [Текст]. –М.: Прогресс, 1994. – С.183.

11. Крепский, А.П. Миграционные процессы на Дальнем Востоке: от регулирования к управлению / А.П. Крепский // Гуманитарные исследования в Восточной Сибири и на Дальнем Востоке. - 2011. - №3. -С. 43-47.

12. Коган, Е.В. Оценка управления политической репутацией / Е.В. Коган // Государственная служба. - 2012. - № 5. - С. 97-100.

13. Козлов, Л.Е. Применение культурных инструментов в современной внешнеполитической практике / Л.Е. Козлов // Вестник Челябинского государственного университета. - 2012. - №12. - С. 7-16.

14. Коробов А.А. Геополитический аспект международных конфликтов [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.02. –Саратов, 2002. –С.69.

15. Моро-Дефарж Ф. Введение в геополитику. – М., 1996.

16. Мягков С.М. Войны и природопользование [Текст] / С.М. Мягков // Вестник Московского университета. Серия 5. –2000. –№5. –С.7.

17. Ногаев, И.В. Категория «национальный интерес» и «национальная безопасность» / И.В. Ногаев // США и Канада: экономика, политика, культура. - 2008. - №2. - С. 69-83.

18. Огнева В.В. Политическая энциклопедия в 2-х томах. Т.1. [Текст] / В.В. Огнева. –М.: Мысль, 1999. – С.454.

19. Политология: словарь-справочник / М.А. Василик, М.С. Вершинин и др. - М.: Гардарики, 2001. - 328 с.

20. Политический атлас современности: опыт многомерного статистического анализа политических систем современных государств. - М.: Изд-во «МГИМО - Университет», 2007. - С.110.

21. Розанова, Н.Н. Создание коммуникативного репутационного пространства «власть-общество» как направление формирования репутации власти / Н.Н. Розанова // Век качества. - 2012. - №4. - С. 22.

22. Сафарализода Х.К. Транснациональные угрозы, столкновение геополитических интересов и перспективы обеспечения национальной безопасности // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2019. № 8. С. 275-282.

23. Сафарализода Х.К., Баротов И.И. Международный имидж государства и его взаимосвязь с национальной безопасностью страны // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2019. – № 4. – С. 88-97.

24. Сафарализода Х.К. Мягкая сила как инструмент реализации интересов и способ нейтрализации угроз // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 7. – С. 288-300.

25. Сафарализода Х.К. Реальности "мягкой силы": защита национальных интересов и перспектива борьбы с новыми угрозами современности // Таджикистан и современный мир. - 2020. -№ 2 (70). -С.35-52.

26. Сафарализода Х.К. Угроза как категория теории национальной безопасности // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 2. – С. 278-290.

27. Сафарализода Х.К. Осознание угроз в условиях трансформации политических процессов // Таджикистан и современный мир. - 2021. -№ 1 (73). -С.62-78.

28. Сивков К.В. Геополитические интересы России в XXI веке // Управление мегаполисом. – 2008. – №2. – С.177.

29. Тушков, А.А. Национальные интересы России в АТР / А.А. Тушков // Территория новых возможностей. Вестник Владивостокского государственного университета экономики и сервиса. - 2013. - №1 (19). -С. 201-209.

30. Шинковский, М.Ю. Геополитическое развитие Северной Пацифики (опыт системного анализа) / М.Ю. Шинковский, В.Г. Шведов, А.Б. Во-лынчук. - Владивосток: Дальнаука, 2007. - 338 с.

31. Шмитт К. Понятие политического // Вопросы социологии. – 1992. – №1. – С.65.

32. Эйвазов Д. Кавказ: лимиты и возможности регионального сотрудничества в сфере безопасности // Центральная Азия и Кавказ. – 2004. – № 4 (34). – С.144.

33. Jervis R. Realism, Game Theory, and Cooperation // World Politics, 1988, Vol. 40, Issue 3. P. 317.

## ФОРМИРОВАНИЕ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ИНТЕРЕСОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**САЙМАХМАДОВ ЛУТФУЛЛО НАСРИДДИНОВИЧ,**
соискатель отдела политических проблем международных отношений Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33;
тел.: (+992)940-11-81-81; e-mail: cutmodest2@mail.ru

*Геополитические интересы государства и процесс их формирования являются одним из факторов, которые влияют на региональные и глобальные политические процессы. В течении всех исторических периодов процесс формирования геополитических интересов имел свои особенности. Даже в современных условиях этот процесс коренным образом меняет свою форму под*

*влиянием различных событий. Такая ситуация оказывает глубокое влияние на геополитическую ситуацию в регионе и мире. В настоящее время невозможно объяснить большинство региональных и глобальных проблем вне геополитических интересов государства. Поэтому изучение теоретических основ формирования геополитических интересов государства в современных условиях позволяет определить специфику этого процесса. Также очень важно раскрыть природу геополитических интересов в целях обеспечения национальной безопасности страны.*

***Ключевые слова:*** *геополитические интересы, национальная безопасность, геополитическая ситуация, конфликт геополитических интересов, национальные интересы, геополитические потребности, геополитические пространства.*

## FORMATION OF GEOPOLITICAL INTERESTS IN MODERN CONDITIONS

**SAIMAKHMADOV LUTFULLO NASRIDDINOVICH,**
Competitor of the Department of Political Problems of International Relations of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan.
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 33;
tel.: (+992) 940-11-81-81; e-mail: cutmodest2@mail.ru

*The geopolitical interests of the state and the process of their formation are one of the factors that influence regional and global political processes. In all historical periods, the process of formation of geopolitical interests had its own characteristics. Even in modern conditions, this process radically changes its form under the influence of various events. This situation has a profound impact on the geopolitical situation in the region and the world. At present, it is impossible to explain most of the regional and global problems outside the geopolitical interests of the state. Therefore, the study of the theoretical foundations of the formation of the geopolitical interests of the state in modern conditions allows us to determine the specifics of this process. It is also very important to reveal the nature of geopolitical interests in order to ensure the national security of the country.*

***Keywords:*** *geopolitical interests, national security, geopolitical situation, conflict of geopolitical interests, national interests, geopolitical needs, geopolitical spaces.*

УДК: 323.1

# ВУСЪАТЁБИИ ИДЕОЛОГИЯИ ИФРОТГАРОӢ МОНЕАИ АСОСИИ ТАВСЕАИ МУКОЛАМАИ ФАРҲАНГҲО ДАР НИЗОМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

**САМИЕВ БОБОҶОН ҶӮРАЕВИЧ,**
доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
734003, Тоҷикистан, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121;
тел.: (+992) 918-67-01-43; e-mail: samiev.veshab@mail.ru.

**БЕРДИЁРОВА ГУЛБАРГ ИБОДУЛЛОЕВНА,**
унвонҷӯйи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;
734003, Тоҷикистан, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121;
тел: (+992) 935-00-85-47; e-mail: samiev.veshab@mail.ru.

*Дар мақолаи мазкур муаллифон татбиқи принсипи дунявиятро дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, зикр мекунанд, ки он маънои ихтилоф доштан бо дин, яъне илҳод (атеизм), маҳдуд кардани фазои озоди эътиқодоти динии мардумро дар ҷомеа надорад. Баръакс, принсипи дунявият дар низоми давлатдории миллӣ таъминкунандаи озодии эътиқод аст, ки дар заминаи он бояд ҳамаи табақаҳои ҷомеа, новобаста аз мансубияти мазҳабию пайравии ҷаҳонбинии ғайридинӣ будан, барои бунёд ва ташаккул додани ҷомеаи шаҳрвандӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд. Баъдан, ба таври мушаххас омезиши унсурҳои дунявӣ ва диниро дар таълимоти намояндагони мактабҳои гуногуни фалсафӣ, тамоилгирии низоми ҷомеадориро дар марҳилаҳои гузаштаи таърихӣ мавриди таҳлилу муқоиса қарор додаанд. Аз ҷумла қайд мекунанд, ки дар давраи исломӣ аз сабаби пайдо шудани фирқаву мазабҳои гуногун дар сохтори Хилофати Исломӣ муносибатҳо ба дин ва давлат тағйир ёфта, бархӯрди андешаҳо ривоҷ ёфтанд, таассубу хурофот ва ғайра авҷ гирифт. Ҳамаи ин омилҳо барои сар задани ҷунбишҳои миллӣ, ҳаракатҳои озодихоҳ мусоидат карданд.*

*Инчунин, ҳадафҳо ва вусъатёбии ҳаракатҳои ифротӣ, ки имрӯз сарчашмаи асосии барномаи сиёсии худро ба ислом иртибот медиҳанд ва монеаи асосӣ барои густариши муколамаи фарҳангҳо гардидаанд, таҳлилу мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.*

***Калидвожвҳо:*** *ҷомеа, давлат, дунявият, дин, давлатдории миллӣ, ислом, фарҳанги исломӣ, низоъҳои динӣ, ихтилофоти мазҳабӣ, ифротгароӣ, муколамаи фарҳангҳо ва ғайра.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тафоувут аз кишварҳои ҳамҷавор, ки бо мо умумияти муштараки фарҳангӣ доранд баъди пошхӯрии давлати Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлол роҳи дунявии давлатдории миллиро интихоб кард. Принсипи дунявият (секуляризм), чӣ тавре бархе аз пайравони мазҳабҳои гуногуни динӣ тавзеҳ медиҳанд ва ин мазмунро ба мафкураи омма ҷой додаанд, маънои ихилоф доштан бо дин, яъне илҳод (атеизм), маҳдуд кардани фазои озоди эътиқодоти динии мардумро надорад. Баръакс, принсипи дунявият дар ҳикмати амалӣ як шакли сиёсии таъминкунандаи озодии эътиқод аст, ки барои бунёд ва ташаккул додани ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ҳамаи табақаҳои ҷомеа, новобаста аз мансубияти мазҳабию пайравии ҷаҳонбинии ғайридинӣ будан, кӯшиш ба харҷ диҳанд. Дар доираи ин принсип афзалият гузоштан ҳам ба ифротгароии ғайридинӣ ва ҳам ифротгароии динӣ хос нест. Иттиҳодияҳои динӣ ва давлат дар доираи татбиқи ин низом аз ҳамдигар ҷудо буда, фаъолияташон дар доираи қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда мешавад. Аз ин рӯ, шабоҳат додани дунявият ба атеизм ҳисси нобоварии шаҳрвандонро нисбат ба сохтори сиёсии давлатдорӣ, ки онро гурӯҳҳои муайян дар мубориҳаҳои сиёсии худ барои сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ истифода мебаранд, дучанд мекунад. Ё ба фаҳмиши дигар «Аслу асоси дунявиятро пазируфтан маънои ҷудо кардани ақоиди динӣ аз сиёсати давлатиро ифода намуда, ҳеҷ гоҳ мақсади аз ҳаёти ҷамъиятӣ берун овардани динро пайгирӣ намекунад». [2, с.19]

Интихоби ин роҳи амалӣ кардани низоми идоракунии далватӣ ба тоҷикон имконият дод, ки дар муддати на чандон тӯлонии давлатдории миллӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гарданд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати як кишвари демократию ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ ба расмият шинохта шавад. Хусусан, роҳи интихобкарда барои мардуми кишвар озодиҳои зиёд дод, ҷиҳати иҷрои эътиқодоти динию фикрӣ, таъмини ҳамзистии мусолиҳатомез ва расидан ба зиндагии шоиста дар заминаи мазҳаби ақлгароӣ, таҳаммулпазирии ҳанафия ва арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ шароити мусоидро фароҳам овард. Конститутсияи кишвар низ тамоми заминаҳои ҳуқуқиро дар асоси санадҳои байналмилалӣ ҷиҳати ба роҳ мондани муносибати давлат ба иттиҳодияҳои диниро таъмин кард, ҳуқуқ, озодиҳои шаҳрвандонро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намуд, ки имрӯз натиҷаи он бахри амнияту субот ва рушд додани ҷомеа, дар зери як парчам муттаҳид гаштани тамоми мардум кишвар ва татбиқ кардани сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат оварда расонид.

Муҳаққиқи тоҷик Ф.Баротзода доир ба мавзуи ҷойгоҳи дин дар давлатӣ дунявӣ ва муносибати шаҳрвандони Тоҷикистон ба низоми давлати дунявӣ ва дин изҳори андеша карда, менависад, ки «табақаи рӯҳоният одатан низоми дунявии давлатдории миллиро хилофи ислом ва омили коҳиши дин дар ҷомеа меҳисобанд». [2, с.21] Ба андешаи мо ин гуфтаро метавон бо ду далел асоснок кард: аввалан, руҳониёни тоҷик, ки аз мактабҳои мухталифи исломӣ, ки хусусияти арабигароӣ, ғайриратсионалӣ ва таассубгародошта таълим гирифтаанд, мазмун ва моҳияти мафҳуми дунявиятро таҳти таъсири идеологияи онҳо дар мағз ҷой додаанд. Дуюм, руҳониёи тоҷик ба ғайр аз

сарчашмаҳои бунёдӣ ва асоситарини низоми фиқҳи исломӣ – Қуръон, суннат ва иҷмоъ аз сарчашмаи чаҳоруми низоми фиқҳи исломӣ қиёс, ки Абуҳанифа ҷорӣ мекунад ва талаботи илмияти он тавассути муҳокима ва баррасии паҳлуҳои мухталифи масъала баровардани ҳукмро тақозо мекунад, маълумоти зарурӣ надоранд.

Аз ин рӯ, олимони диншинос, ҷомеашиноси кишвар бояд тавассути баргузор кардани ҳамоишу конфронсҳои илмӣ, мизҳои мудаввар, вохӯрӣ дар масҷидҳо бояд сатҳи маърифати илмии руҳониёнро баланд бардоранд, шарҳи дурусти мафҳумҳо, мантиқан баён кардани фикрро ба онҳо омӯзонанд, зеро, дунявият роҳи беҳтари диндорӣ ба ҳисоб рафта, қонунан фаъолияти иттиҳодияҳои диниро аз назорати иҷбории давлат озод мекунад. Давлати дунявӣ «усули эътирофшудаи модели давлатдории муосир аст».[6, с.45]

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми дунявии идоракунии давлатро амалӣ мекунад, динро ҳамчун як унсури муҳимми фарҳангӣ қабул карда, барои рушди он заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам овардааст. Ҳатто дар осори пурғановати гузаштагонамон, ки дар давраи исломӣ таҳия ва нашр гаштаанд, дар баробари унсурҳои илмӣ, аносири динӣ ҷойгоҳи хоссаи худро доранд ва худи мутафаккирони тоҷик низ нисбат ба арабҳо ҷиҳати рушд ва тавсеаи фарҳанги исломӣ пешсаф буданд. Ё худ чӣ тавре файласуфи тоҷик Қ.Нурулҳақов зикр менамояд: «Вазифаи дунявият ҳамчун яке аз сифатҳои сохтори давлат дар асоси қонун таъмин кардани баробарҳуқуқии ҳамаи динҳо ва дигар навъи мафкураҳост, то ки ба таҳкими суботу амният, рушди ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мусоидат карда тавонад».[8, с.58]

Бинобар ин, илман шарҳу тавзеҳ надодани мафҳумҳо, риояи қудсияти имону эътиқод, асосҳои ақлгароӣ ва ахлоқгустарии мазҳабу равияҳои исломӣ, бахусус ҳанафия, таблиғи идеологияи мазҳабҳои хусусияти арабигароӣ ва зиддимиллидошта, аз ҷумла ҳанбалия, ки дар пояи он ҳаракати ифротгароии ваҳҳобия ва баъдан бо ивази ном дар ҷомеаи муосир салафия арзи вуҷуд кард ва ғайра метавонанд руҳониёни мутаассиби тоҷик, ҷавонони ноогоҳу гумроҳи кишварро пайрави идеологияи худ карда, барои иҷрои ҳадафҳояшон онҳоро ҳамчун сипар истифода баранд. Зеро ифротгароӣ хосси он гурӯҳҳои тундрав ва иртиҷоӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ҳар як марҳилаи таърихӣ онҳо қодиранд, ки вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангию иқтисодии кишварҳоро халадор намуда, барои амалӣ кардани ҳадафҳои зишти худ аз ҳар гуна роҳу воситаҳо, аз ҷумла куштору зӯроварии ғайриинсонӣ, истифода баранд.

Бояд гуфт, ки давлатдории миллии тоисломии тоҷикон дар заминаи унсурҳои дунявият таъсис ёфта буд. Масалан, давлати Пешдодиёнро нахустин давлати таҳия ва танзимкунандаи қонунҳо медонад. Дар китоби "Авесто" бошад, сарварӣ кардани ҷомеа, обод кардани кишвар ва хизмат кардан ба раият вазифаи масъулиятноки подшоҳ буда, салоҳияти руҳониёнро тарбияи ахлоқӣ ва бо ин восита сомонбахшии растагории ондунёии мардумон ташкил медод. [7, с.184-191] Таълимоти монавия хусусияти ирфонӣ дошта, оламро ба сурати зиндоне медид, ки зарраҳои нур, ки аз олами боло сарчашма гирифта аст, дар он маҳбус шуда ва инсон фақат ба василаи тарбия ва такомули руҳ, аз ин олам наҷот меёбад [5, с.234]. Андешаи монавия дар бораи фаҳмиши олам баъдан сарчашмаи муҳимме барои пайдоиши мактабҳои динӣ ва фалсафӣ

гардида, ба дигар кишварҳо, хусусан ғарби Чин то ҷануби Фаронса, ки маъмулан мухолифат ба динҳои насронӣ ва буддоӣ дошт, расид. Наҳзати Маздакро масъалаи асосӣ риояи адолат, таъмини баробарии иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳамаи мардум новобаста аз мансубияти динию нажодӣ ташкил медод. Ҳарчанд дар давраи Сосониён тавсияву пешниҳодҳояш амалӣ нагаштанд, вале он як ҷунбиши озодихоҳӣ барои барқарор кардани адолати иҷтимоӣ ёд карда мешавад.

Давлати Сосониён маркази фарҳанг ва тамаддуни дунёи қадим ба ҳисоб мерафт, зеро, аз як тараф, дар соли 529 милодӣ ҳангоме ки император Юстиниан мадрасаи фалсафии Афинаро баст ва охирин паноҳгоҳи афлотуниёни ҷадидро аз байн бурд, устодон ва муаллимони фалсафа, ки дар он ҷо ба тадрис иштиғол доштанд, ба Эрон фирор карданд ва ба таълим пардохтанд. Аз тарафи дигар, Ҳиндустон захираҳои адабӣ ва фалсафии худро ба Эрон фиристод. Китобҳои «Ҳазору як шаб», «Калима ва Димна», «Марзбонnома» ва ғайра дар ин давр эҷод шуданд ва ба ин тариқ Эрон маркази тамаддунҳои мухталифе гардид, ки дар ин ҷо бо ҳам омезиш ёфтанд. [14, с.1-4] Ё худ «Нақши эрониён дар таърихи таҳаввулоти фикрии башарӣ фақат аз ин ҷиҳат набуд, ки ақоид ва мазоҳиби ибтикории худро ба чаҳониён арза доштааст, балки ба иллати ин аст, ки доим дар тамос ва таъсири мутақобила бо миллали мухталиф буда, онҳо ҳатто бо мағлубини худ дар мунтаҳои рафтори ҳасана ва ҷавонмардӣ рафтор мекарданд. Ҳамчунин барои ҳамоҳанг сохтани адён ва ақоид кумаки шоёни таваҷҷуҳе анҷом доданд ва ин худ роҳро барои ҳамагонӣ сохтани адён ва таъсири орои мардум дар онҳо боз кард». [4, с.27-28] Ҳақиқатан, Сосониён дар тули чаҳор аср маркази асосии табодули афкори маънавии башарият гардида буданд ва дар байни се тамаддун: Византия, Чин ва Ҳиндустон, ки шаклан ва мазмунан бо ҳам ихтилоф доштанд, эътидоле барқарор карданд, ки дар таърих чунин саҳифае нодире ба назар кам мерасад.

Дар давраи исломӣ, пас аз ба зиммаи Уммавиён ва баъдан Аббосиён гузашти хилофат принсипҳои ҷоридошти адолат, тақво ва парҳезкорӣ, баробарию бародарӣ, ки аз меъёрҳои ахлоқии дини ислом ба ҳисоб мерафтанд эътибори худро аз даст дода, идеологияи пешгирифтаашон хусусияти арабигаройӣ касб кард. Бо сиёсати пешгирифта худ арабҳо зулму ситам, озору шиканҷа, таҳқири миллатҳои мусалмони ғайриараб, ки онҳоро «мавлӣ» мехонданд, ривоҷ дода, боиси пайдо шудани фирқаю равияҳо ва ҷунбишҳои гуногун дар миёни мардуми мусалмони ғайриараб, аз ҷумла мардуми тоҷику форс, ки шукӯҳу азамати дерини худро аз даст дода буданд, гардид.

Шӯриши Абумуслим ҳарчанд хилофати Банӣи Умайяро такон дод, вале натавонист идораи ҳукумати арабҳоро аз миён барад. Аммо «Бузургтарин наҳзати мардуми ғайриараб, хусусан эрониён, ки сабаби завол ва шикасти давлат ва сиёсати Банӣи Умайя шуд, наҳзати шуубия буд... Пайдоиши маслаки шуубия ҷунбиши бузурге дар олами ислом ва араб эҷод кард ва тағйироти амиқе дар куллияи аҳволи сиёсӣ, фикрӣ ва адабии араб падид овард ва кор ба ҷое расид, ки ҷамъи зиёде аз ҳар табақа ва миллате ҳатто аз ҷинси араб ба ин фирқа пайвастанд».[4, с.47]

Донишманди рус Е.А.Беляев наҳзати шуубияро мубориза и идеологии мардуми ғайриараб (асосан эронитаборон)-и музофотҳои шарқии Хилофат ба муқобили арабҳо арзёбӣ карда, пайравони онро мубориз они баробарии ҳуқуқӣ бо арабҳо ва ҳатто афзалтар аз онҳо дар мақому манзалати фарҳангӣ медонад. [3, с.195] Ба андешаи муҳаққиқ И.П.Петрушевский шууби наҳзати зиддиарабӣ ва ҷунбиши фарҳангии эронпарастона мебошад. [10, с.44]

Ҳошими Разӣ муътақид бар он аст, ки ҳаракати шуубия аз ҳамон қарни якуми ҳиҷрӣ шуруъ шуд ва арабу мусалмон дар ду ҷабҳа ба унвонҳои «панарабизм» ва «панаҷамизм» мавзеъ гирифтанд. Онҳо барои исботи мавқеъҳои худ ба ҷаъл намудани ҳазорон ҳадису ривоят пардохтанд ва ҳар ду тараф бо истифода аз он мавҷудияти худро мустаҳкам намуданӣ мешуданд. Вале чун шуубия зери фишор буданд, онҳо дар бораи Зардушт, подшоҳон, бузургон, ҳамосаҳо, адабиёт, улуми эронӣ сухану ривоятҳои бисёре аз рӯйи суханҳои ислом ва имомон сохтанд. Тарафи муқобил бошад, таблиғро то ба ҷое расонд, ки издивоҷ кардани мусалмонон (арабҳо) бо яҳудиёну насрониён раво аст, аммо бо зани маҷусия ҳаром аст. [11, с.216]

Дар давраи Сомониён ҳаракати шуубӣ дар либоси исмоилигарӣ ба авҷи аълои худ расида буд. Нуфузи он дар байни давлатмардон ба хубӣ эҳсос мегардид ва дар асрҳои IX-XI ҳаракати ин ҷараёни динӣ чашмгир буд. Беҳуда нест, ки бисёр муаллифони асрҳои миёна (Ибни Надим, Абдулқоҳири Бағдодӣ, Ибни Ҳазм, Низомулмулк) исмоилияро душмани сарсахти дини ислом эълон намуда буданд.

Хизмати бузургтарини намояндагони фарҳангии шуубия бар зидди Хилофати Араб таълиф, тарҷума ва интишори китоб ба ҳисоб мерафт, ки имрӯз онҳо ганҷинаи нодири тамаддуни ҷаҳонӣ гаштаанд ва фарҳанги давраи исломиро муаррифӣ менамоянд. Дар марҳилаҳои баъдӣ, бо сабаби ба сари қудрат омадани туркҳо дар кишварҳои исломӣ, наҳзати шуубия бо тасаввуф омехта гардид ва пайравони ин ҳаракат ба худ номи «ринд»-ро гирифтанд.

Ниҳоят, дар нимаи дуюми асри Х1Х ва асри ХХ бо зуҳури ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ на танҳо ҳукумати араб аз байн рафт, балки идеологияи исломии он низ ба куллӣ моҳияти худро тағйир дод. Ба кишварҳои алоҳидаи хилофати он, кишварҳои дигари мусалмоннишин имкон фароҳам омад, ки соҳиби давлати мустақили миллӣ гарданд. Барои арабҳо бошад, танҳо соли 1926 муяссар гардид, ки бо номи Арабистони Саудӣ давлати миллии худро таъсис диҳанд. Бо вуҷуди ин, дар низоми давлатдории кишварҳои мустақили миллӣ ислом ба сифати як рукни фарҳанги эътиқодоти миллӣ нигоҳ дошта шуд. Аммо ҳаракатҳои ифротӣ ва тундраве, ки имрӯз сарчашмаи асосии барномаи сиёсии худро ба ислом иртибот медиҳанд ва исломи нобро бадном менамоянд, боиси ба вуҷуд омадани на танҳо ноамнӣ дар сатҳи кишварҳо, балки ривоҷ ёфтани низоъҳои динию мазҳабӣ гардидааст, ки оқибати он на бо роҳи гуфтугӯ ҳал кардани масъалаҳои бамиёномадаро талаб мекунад, баръакс, боиси ривоҷ ёфтани бархӯрди тамаддунҳо гашта истодааст.

Ташкилот ва ҳаракатҳои тундгаро ва хатарзо, ки имрӯз барои амну осоиши ҷомеаи муосир осебпазир мебошанд «Ал-Қойида», «Ҳаракати толибон», «Бародарони мусалмон», «Ҳизби Исломии Туркистон» (собиқ

«Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон»), «Ҳизби Таҳрир», «Ҷамоати Таблиғ», «Ҷамоати Ансорулло», салафия, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон мебошанд.

Бештари коршиносон ва муҳаққиқони соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ имрӯз мафҳуми ифротгароиро, ки ихлосмандӣ ба охирин ақидаҳо ва ченакҳо, амалӣ кардани ҳадафҳо барои ба даст овардани қудрат тавассути ҷанг, куштор, харобкорӣ, одамрабоӣ, табаддулоти давлатӣ ва ғайра дорад, шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Омилҳои асосии пайдоиш он аз ҷанбаи сиёсӣ-иқтисодӣ ба тобеи хилофати ягона даровардани кишварҳои мусалмоннишин, ки захираи ғании моддӣ доранд ва аз сабаби ҷомеаи анъанавӣ будан дар онҳо низоъҳои динию мазҳабӣ ривоҷ дорад, сатҳи пасти зиндагииии мардум, сатҳи камбизоатӣ, нобаробарии даромадҳо, рушди муҳоҷират, бекорӣ ва шуғли зарурӣ надоштани дарсади муайяни аҳолӣ, бегонашавии қисми зиёди аҳолӣ, махсусан ҷавонон аз равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ; аз ҷиҳати иҷтимоӣ-фарҳангӣ вазъи дар ҳолати бӯҳрони маънавӣ қарор доштаии кишварҳо, сатҳи пасти маърифати динӣ ва дунявии шаҳрвандон, ҳолати равонии ҷавонон, ки дарҳол ҳама гуна идеологияро қабул мекунанд, муҳити носолими хонаводагӣ, гурӯҳбозӣ ва иерархияи мураккаби сохтори иҷтимоии ҷомеа, таълими динии дар руҳияи таассубу хурофот гирифтаи ҷавонон дар марказу донишкадаҳои динию таълимии як қатор кишварҳои исломӣ, ки пайрави бевоситаи гурӯҳҳои ифротӣ мебошанд ва ғайра.

Ҳадафҳои ифротгароёнро дар ҷомеаи имрӯза метавон ба таври зайл нишонрас намуд: ба таври маҷбурӣ тағйир додани асосҳои конститутсионӣ ва томомияти арзии кишварҳо; ҷонибдорӣ кардани амалҳои хусусияти террористидошта ва ҳар гуна фаъолиятҳои террористӣ; ба вуҷуд овардани ихтилоф, низоъ ё норозигии иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва динӣ дар ҷомеа; ташвиқи афзалият ё камарзишии инсон аз рӯйи нишонаҳои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ, мансубияти забонӣ ва муносибат ба дин; эътироф накардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд дар муносибат бо мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ, забонӣ ва динӣ; монеа пеш гузоштан ба ҳуқуқи интихобнамоии шаҳрвандон, ҷиҳати ширкат дар интихобот ва ё вайрон кардани овоздиҳии пинҳонӣ, маҷбуран муттаҳид кардан ё таҳдид намудани ашхос ҷиҳати иштирок дар раъйпурсӣ; монеа гузоштан алайҳи фаъолияти қонунии мақомоти давлатӣ, мақомотҳои маҳаллии худидоракунӣ, комиссияҳои интихоботӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятию динӣ ва дигар ташкилотҳо, ки ба таври таҳдид ва зурӣ муттаҳид карда мешаванд; ташвиқи расмии баргузории намоишҳои хусусияти миллатгароидошта; даъват ва таблиғ кардани маводи хусусияти ифротгароидошта ё ҳифз намудани онҳо бо мақсади паҳнкунӣ миёни омма; беасос бадном кардан коркунони идораҳои давлатӣ ҷиҳати бо онҳо ҳамкорӣ доштан ва ё ҳангоми иҷрои амали террористӣ ба онҳо ҳаммаслак будан; маблағгузорӣ кардан ва таъмин доштани ҳаракату ташкилотҳои хатарзо ва осебпазир ҷиҳати омодагӣ дидан ва ба амал татбиқ кардани амалҳои зишт, куштор, одамрабоӣ ва дигар аҳдоф бо маводи таълимӣ, воситаҳои техникӣ, ярoқ, телефонҳои мобилӣ ва дигар хизматрасониҳои иттилоотӣ.

Мусаллам аст, ки сарчашмаи асосии пайдоиши ифротгарӣ ба вуҷуд омадани низоъу нофаҳмиҳо дар доираи фирқаву равияҳои исломӣ, ба хотири таъсис додани Хилофати ягонаи исломӣ мебошад. Файласуфи тоҷик Қ.Нурулҳақов дар мавриди фаҳмиши маънои аслии истилоҳи “тавҳид” аз ҷониби пайравони салафияи ифротӣ, ҳадафҳои он, ки бевосита татбиққунандаи ғояҳои ҳаракати ифротии ваҳҳобия дар кишварҳои мусалмонӣ, ки асосгузораш Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ба ҳисоб рафта, дар заминаи таълимоти ҳанбалия, идеологияи Ибни Таймия (ҳанбалия шохаи мазҳаби суннӣ буда, баръакси таълимоти ҳанафия, шофеия ва моликия хираду мантиқ ва қиёсро дар баробари Қуръону суннат барои баррасӣ кардани масъалаҳои фиқҳӣ муҳим намешуморид. Танҳо Қуръону суннатро сарчашмаҳоии шариату фиқҳ ҳисобида, аз мазҳабҳои ғайриақлгароӣ маҳсуб меёфт) дар асри XVIII таъсис ёфтааст, барҳақ қайд мекунад, ки «Салафия танҳо Худоро сазовори тоату ибодат ҳисобида, ҳамаи дигар расму одатҳои исломӣ, ба монанди авлиёпарастӣ, зиёрати равзаи пайғамбар, ҷойҳои муқаддас, ҳаҷ, қурбонӣ, дар назди марқади ашхоси муқаддас сохтани масҷидҳо, бозӣ, мусиқӣ, рақс, сохтани гунбадҳо дар рӯйи қабр ва ғайраро як навъ бутпарастӣ меҳисобад. Гоҳе тафсири Қуръонро низ рад менамоянд. Ҳар касе, ки аз ин одатҳо пайравӣ мекунад, кофир буда, сазовори қатл аст ва бо ин гуна ашхос ҷиҳод раво мебошад».[9, с.73]

Ҳадафи асоии ҳаракати ифротии салафия таъсиси Хилофати исломӣ мебошад. Барои амалӣ кардани барномаи сиёсии худ дар баробари тавҳид ва шинохти пайғамбар ташвиқи ҷиҳодро низ нисбат ба мусалмонон, аз ҷумла тоҷикон, ки дар заминаи мактаби ҳанафия расму анъанаҳои худро иҷро мекунанд, шарт меҳисобад. Дар баробари Қуръон ва суннат ворид кардани иҷтиҳод, қиёс ва урфро аз ҷониби имомони мазҳабҳо, хусусан Имоми Аъзам, навоварӣ, олудасозии фарҳанги исломӣ ва бидъат мепиндорад, ки пурра хусусияти арабигароӣ ва ифротӣ дорад. Зеро ворид кардани иҷтиҳод, қиёс ва урф дар фиқҳи исломӣ мушкилоти ба вуҷудомадаи мардуми мусалмонро, ки ҳалли онҳоро аз Қуръон ва суннат пайдо кардан имкон надошт, осон кард. Пайравони ин ҳаракати тундрав эҳсос намекунанд, нодидабинанд, ки маҳз ин сарчашмаҳо боис гардиданд, ки исломи дар ибтидо ба сифати як падидаи динӣ-сиёсӣ, ба хотири дар доираи як Хилофат муттаҳид кардани арабҳо пайдошуда, рушд кард ва дини ислом дар байни дигар динҳои ҷаҳонӣ бо хусусияти ақлгароӣ, ахлоқмеҳварӣ ва адлгустарӣ бартарӣ пайдо намуд. Ҳамзамон, хулоса намекунанд, ки исломро қабул кардани мардуми зиёди кишварҳои олам ва 60%-и мусалмононро ташкил додани пайравони мазҳаби ҳанафӣ маҳз аз ҳалли ақлонии баровардани ҳукм ва таблиғи таҳаммулгароӣ, ки зербинои ин мазҳабро ташкил медоданд, вобастагӣ дорад. Пайравӣ кардани туркони усмонӣ аз мактаби фиқҳии ақлгароии Имоми Аъзам ва вусъат бахшидани нуфузи мазҳаби ҳанафия дар олами ислом, қувват гирифтани унсурҳои туркӣ, ташаккули фарҳанги сезабона: арабӣ, тоҷикӣ-форсӣ ва туркӣ, пайдоиши ҷунбишҳои иҷтимоӣ-сиёсии панэронизм ва пантуркизм дар ислом имрӯз нафрати арабҳоро дар симои салафияи ифротӣ баҳри татбиқи ҳадафҳои геосиёсии худ нисбати мурдуми мусалмони ғайриараб зиёд кард.

Ҳамин тавр, таблиғи арабигароӣ дар заминаи ҳаракати ифротии ваҳҳобия ба мувозинати сиёсии кишварҳои мусалмоннишини ғайриараб халал ворид карда, ба пайдошавии низоъҳои мазҳабӣ мусоидат намуд. Ё худ «Имрӯз барои давлати Арабистони Саудӣ пазируфтани мазҳаби ваҳҳобият ҳамчун идеологияи давлатӣ ба манфиат давлат ва миллати араб аст, зеро давлатдории араб бевосита дар зери парчами ислом ба вуҷуд омада буд. Аз сӯйи дигар, арабҳо, ки имрӯз даъвои эҳёи исломи ноб (салафият) доранд, бо ин роҳ худро мусалмони мутлаќу комил мешуморанд ва таълимоти мазоҳиби дигарро рад намуда, усули давлатдории худро бо миллатҳои ғайриараб таҳмил мекунанд. Аз ин лиҳоз, дар зери ниқоби мафҳуми «Хилофати исломӣ» ташкили давлати шабеҳи даврони Пайғамбар (с) не, балки пеш аз ҳама, қасди аз байн бурдани давлатҳои мустақили дунявии мардуми мусалмон ва дар ниҳоят такфир намудани арзишҳои фарҳангӣ ва мероси миллии онҳо меистад». [6, с.45]

Ҳамзамон, дар замони муосир арабҳо барои амалӣ кардани барномаи худ тавассути паҳн кардани идеологияи салафия, ки ҳадафаш аз нав эҳё кардани «хилофати ормонӣ» мебошад, имконияти зиёди молиявӣ ва дастгирӣ аз ҷониби давлатҳои абарқудратро доранд. Идеологияи худро метавонанд ба таври пинҳонӣ, бо воситаи ба роҳ мондани ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ бо кишварҳои рушдкардаи ғайрарабӣ, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Миёна, хусусан Тоҷикистон, ки сокинони онҳо пайравӣ аз мазҳаб ва равияҳои гуногун исломӣ доранд, татбиқ кунанд. Ё худ «салафияи такфирӣ зиддияти оштинопазир бо мардумони эронитабор, ки тоҷикон як қисми асосии онҳоянд ва ба фарҳангу тамаддуни тоҷику форс дорад. Дар мавриди густариш ёфтани он ба Тоҷикистон метавонад ба ҳувияту худшиносии миллӣ ва асолати таърихии тоҷикон зарбаи харобиовар занад». [9, с.93] Бинобар ин, зарур аст, ки ҳушёрии сиёсии мардумро тақвият бахшем, аз асли дин, мазҳаби ақлгароёна ва таҳаммулпазирии ҳанафӣ онҳоро воқиф созем, ҳадафи сиёсии ҳаракатҳои ифротиро барояшон равшан гардонем. Байни сокинони кишвар ва кишварҳои ҳамзабон ва умумиятҳои муштараки фарҳангидошта (Ҷумҳурии Исломии Эрон, Афғонистон), ки пайравӣ аз мазҳаби суннии ҳанафӣ ва шиа мекунанд, ҳамзистии мусолиҳатомез, дӯстию бародарӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳамкорию пайвандии хешу табориро густариш диҳем. Имкон надиҳем, ки идеологҳои гурӯҳҳои ифротӣ мафкураи шаҳрвандони моро тобеи ҳадафҳои худ гардонида, байни сокинони кишвар, ҳамзабонон низоъи мазҳабӣ, якдигарбадбиниро ба вуҷуд оваранд, арзишҳои фарҳанги миллии моро нобуд кунанд, дар вақти зарурат истифодаи расму анъанаҳои миллиро аз ҷониби шаҳрвандон манъ кунанд. Имрӯз, ки гуфтугӯи байни фарҳанг ва динҳо ниёз ба ҳамзистии мусолиҳатомез, руҳияи таҳаммулпазирӣ дорад бинобар ин, зудбоварона пойбанди идеологияи салфияи ифротӣ нагардем, зеро ғояи онҳо хавфнок, ба ғаразнок буда, ба муколамаи дину фарҳангҳо мусоидат намекунад ва кӯшишаш барангехтани кинаву адоват, ба вуҷуд овардани ихтилоф байни пайравони мазҳабҳо мебошад. Аз ҳадафҳояш баръало мушоҳида мешавад, ки барномаи геосиёсиаш хусусияти сирф

зиддиисломӣ, зиддимиллӣ ва зиддиинсонӣ дорад. Амалҳои таблиғгарон ва пайравони он террористӣ ва экстремистӣ аст.

Бинобар ин. пеши роҳи идеологияи салафиро гирифтан, на танҳо вазифаи мақомоти дахлдор, балки масъулияти олимони диншинос, ҷомеашинос ва руҳониён ба ҳисоб меравад. Онҳоро зарур аст, ки бо мардум аз асли фалсафаи ислом, мазҳаби таҳаммулпазири Имоми Аъзам, ҳадафҳои нопоки ҳаракатҳои ифротӣ суҳбату вохӯриҳо баргузор намоянд, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, ки имрӯз муштарии зиёди худро доранд, мақолаҳои илмиро бо забони тоҷикӣ навишта, паҳн кунанд. Ба далелҳои муътамад ва забони фаҳмо ба мардум расонанд, ки арабҳо аз мардуми ғайриараб, аз ҷумла эронитаборон ҷиҳати рушди фарҳанги исломӣ бартарият надоранд. Маҳз тоҷикон исломро ба дини ҷаҳонӣ ва фарҳанги исломиро ба як ҷузъи ҷудоинопазири тамаддуни ҷаҳонӣ табдил доданд. Бо ҷузъиёташ шарҳ диҳанд, ки ҳарачанд салафиён арзишҳои фарҳанги тоисломии ниёгони моро ботил пиндошта, нисбат ба онҳо бо мафҳумҳои таҳқиромези «маҷусон», «оташпарастон», «рофизиён» муроҷиат мекунанд ва номҳои эрониро «номҳои маҷусӣ» ва забони форсиро «забони аҳли дӯзах»[13, с.27] мехонанд, рисолати фарҳангофарии моро паст зада наметавонанд. Чунки аз як тараф, мазҳабу мактабҳои динию фалсафии мардумони эронитабор дар пояи ақлгароӣ ва таҳаммулпазирӣ бунёд ёфтаанд. Аз тарафи дигар, араб исломро ба кишварҳои ғасбкардаи худ тавассути ҷангҳои мудҳиш паҳн кард. Аммо мардуми эронитабор, бо вуҷуди бо шамшер қабул кардани ислом арзишҳои фарҳангии исломиро ба арзишҳои фарҳангии тоисломии худ омезиш дода, барои боз ҳам ғанӣ гардидани тамаддуни исломӣ саҳми хосса гузоштанд.

Ҳаракати дигари ифротӣ, ки идомаи мантиқии ваххобия ва ҳамназари идеологияи ифротии салафия мебошад – “Ҳизби Таҳрир” аст. Барои амалинамоии барномаи сиёсии худ ин ҳизб чунин тадбирро ба миён гузошт, ки аъзои он бояд бо афроди аз шариати исломӣ пурра воқифбуда якҷоя фаъолият карда, аввалан дар андешаи мардум таъсиси Хилофати исломиро ҷой дода, баъдан ба табаддулоти давлатӣ кӯшиш кунанд. Сохтори ҳизб бошад, мутамарказонида буда, фаъолияти он аз ҷониби роҳбарияти марказӣ зери назорат гирифта мешуд. Ташкилотҳои миллиро бошад, одатан гурӯҳҳое, ки аз 12 нафар ташкил мeёфтаанд, роҳбарӣ мекарданд. Занҳо ҷудо аз мардҳо, дар алоҳидагӣ ташкилоти худро созмон дода, фаъолият мебурданд. Ячейкаҳои асосии ҳизб аз 5 нафар иборат буда, онҳо сарвари хешро ҳамчун “мушриф” муаррифӣ мекарданд. Нисбати аъзои наве, ки ба ҳизб дохил мегашт, чунин усуле мавҷуд буд, ки ин афрод бояд ду сол курси муайяншударо гузарад, аз тамоми китоб ва маводи интишорёфта воқиф гардад, то он лаҳзае, ки нисбат ба эътимоднокии худ ба ҳизб савганд ёд кунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ин ҳизб тамоман манъ аст, аммо таҳти таъсири таҳрифкорони ӯзбекистонӣ ин ҳизб тавонист, ки аз миёни ҷавонон ва афроди гуногуни гумроҳшудаи кишвари мо аъзои худро пайдо кунад. Бояд гуфт, ки аввалан, қисми зиёди аъзои асосии ин ҳизбро дар Тоҷикистон шаҳрвандони муқимии вилояти Суғд ташкил медоданд. Баъдан, тавассути истифода аз онҳо роҳбарони ҳизб тавонистанд, ки идеологияи

худро дар дигар минтақаҳои кишвар паҳн карда, аз ҳисоби нафарони бетаҷриба, сатҳи маърифати пастро соҳиббуда, аъзои худро пайдо кунанд. Ҳарчанд имрӯз чанд нафар будани онҳо дар Тоҷикистон дақиқ маълум нест.

Ҳаракати ифротии ДОИШ низ дар либоси сиёҳи дӯстдории дини ислом "ниятҳои мармузи хоҷагони хориҷиашонро амалӣ карда истодааст, вале ин падидаи шум на танҳо пайванди худро ба манзилҳои қаблан харобкардааш гусастанӣ нест, балки ниятҳои ҳаштповор реша давонидан дар ақсои оламро пеша кардааст. Аз ин рӯ, фаъолияти неруҳои зиёдарави дохилӣ ва хориҷӣ тақозо менамоянд, ки мо садди роҳи амалӣ гаштанӣ ниятҳои носолими онҳо шавем, бо унсурҳои пархошҷӯ ҳамеша кор барем ва дар айни замон ба раванди ободонию созандагӣ ва рушди устувори иқтисодиёти ҷумҳурӣ хусусияти бебозгашт диҳем. [2, с.28] Пайвастани як гурӯҳ ҷавонони тоҷикистонӣ ба сафи ҳаракати ифротию террористии «Давлати Исломии Ироқу Шом» ДОИШ ба он далолат мекунад, ки хатари вуруд ва сирояти вабои ифротгароӣ ва зиёдарвии динӣ ба Тоҷикистон ҳанӯз аз байн нарафтааст. Ҳоло ҳам омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ва фарҳанги вуҷуд доранд, ки маълумоти бардурӯғро дар бораи вазъи дин, муносибати давлат ба дин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн мекунанд, боиси раҳгум задани ҷавонон ва бо ифротиён пайвастани онҳо мешаванд. Ҳоло ҳам омилҳое вуҷуд доранд, ки метавонанд дар байни мардуми ҳанафимазҳаби Тоҷикистон ва умуман минтақаи Осиёи Марказӣ, тафриқа ва ҷудоӣ андохта, ба амнияту ваҳдати миллии кишвар таҳдид намоянд. [12, с.17]

Хусусан, дар давраи Истиқлоли давлатӣ дар баробари салафия ва Ҳизби Таҳрир, ки онҳоро муҳаққиқи тоҷик К. Абдулҳаев [1, с.176] ба "неруҳои воқеан ифротӣ" ва Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикиситон (ҲНИТ)-ро ба "неруи мувaққатан ғайриифротӣ" дохил мекунад, розӣ шуда наметавонем. Зеро Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон аз рӯйи барномарезӣ, бешак, як шохаи гурӯҳи динӣ-ифротӣ ва такфирӣ-ҷиҳодии "Ихвон-ул-муслимин" ("Бародарони мусалмон") [9, с.135] ба ҳисоб рафта, пайравони асосиаш ҳаммаслакони марказҳои динӣ, хатмкунандагони мактабҳои бонуфузи кишварҳои исломӣ мебошанд, Ин андешаро ҳадафи ниҳоии он, ки бо маблағгузории хоҷагони хориҷиаш ҷиҳати таъсис додани "Давлати Исломӣ" ва муттаҳид кардани мусалмонон дар доираи як Хилофат, ба хотири тағйир додани тавозуни сиёсию қудратии кишвар ташкил медиҳад, тасдиқ мекунад. Имрӯз аз ҷониби Суди Олии кишвар ин ҳизб ҳамчун ҳизби экстремистӣ-террористӣ маҳкум шуд ва фаъолияти он қатъ гардид, вале то ҳол аз ҷониби кишварҳои абарқудрати аврупоӣ ва исломӣ ҷиҳати озодона мубориза бурдани намояндагони он дар хориҷи кишвар алайҳи низоми феълии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфта истодааст. Ин амал моро ҳӯшдор месозад, ки зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, дар баробари ташаккули тафаккури илмӣ, сатҳи маърифати динии худро баланд бардорем, ба суханҳои беасосу ифротии онҳо ҷавоби далелнок гардонида тавонем ва ғайра.

Ҳамин тавр, аз маълумот5и пешкашшуда метавон натиҷа бардошт, ки ин ҳаракату ташкилотҳо аз оғози пайдоиш худро ҳамчун ташкилотҳои динӣ-сиёсии дар пояи шариати исломӣ таъсисёфта, эътироф менамуданд.

Мақсади асосии худро бошад, барои таъсир расонидан ба мусалмонон барои баргашт ба исломи давраи пайғамбар ва паҳн кардани шариати исломӣ дар тамоми олами инсонӣ равона доштаанд. Агар амиқтар таваҷҷуҳ диҳем, чунин ба назар мерасад, ки бунёдгарони ин ташкилотҳо таълимоти худро чунин тарҳрезӣ кардаанд, ки дар назари аввал гӯё комилан таҷассумгари шариати исломӣ мебошанд ва таблиғи қонунҳои шариатро татбиқ мекарда бошанд. Аз гуфтор ва таблиғоти мубаллиғонашон низ бармеояд, ки ашадитарин ҳимоякунандаи ислом ва эҳёкунандаи суннатҳои исломӣ бошанд. Аммо ҳадафгириҳо инъикос медоранд, ки таълимоти онҳо наздикии комил ба ислом, ба китоби муқаддаси Қуръон ва ҳадис надорад. Идеологҳои ин ташкилоту ҳаракатҳо аҳком ва қоидаҳои шариатро тибқи фаҳмиши худ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода, исломро, ки дини покиву ростӣ, сулҳу салоҳ, бародарию баробарист, ҳамчун як дини тунду оштинопазир ва инкоркунандаи ҳамаи арзишҳои башарӣ нишон медиҳанд, ки ин бадтарин амали зишти назархоҳони ифротгаро маҳсуб меёбад ва бешак, дар ҷомеаи муосир барои вусъат пайдо кардани муколамаи фарҳангҳо монеа эҷод мекунанд.

Идеологияи ҳамаи ҳаракатҳои ифротӣ ва тундрав таҳрифкорона, хурофотӣ буда, ҳадафи асосиашон ворид кардани бенизомӣ миёни мардуми мамолики исломӣ ва ҳисси бадбиниро барқарор намудан байни давлатҳои дигари ҷомеаи башарӣ нисбати ислом ва давлатҳои исломӣ мебошад. Дар ин замина барои пешгирӣ аз вусъат пайдо кардани ин зуҳуроти номатлуб ба мардуми кишвар чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд: ҷиҳати таҳким ва устувории ваҳдати миллӣ, ки халқи тоҷикро аз хатари парокандагӣ ва давлати тозаистиқлоли тоҷиконро аз вартаи нобудӣ раҳоӣ бахшид, пайваста саҳмгузорӣ намоянд; барои андешаи сулҳу ваҳдати миллиро ҳамчун бозёфти нодири халқамон, инъикосу ифодаи ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии тамоми шаҳрвандон, наслҳо ва ақидаҳо муаррифӣ намудан, худшиносу худогоҳ бошанд. Зеро таҳти таъсири раванду рӯйдодҳои ҷаҳони пуртазоди имрӯза, аз ҷумла, торафт вусъат гирифтани таҳдиди хатарҳои нав, аз қабили таассубу хурофот, ифротгароии динӣ, терроризм ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ метавонанд мафкураи онҳоро осебпазир гардонанд; донанд ва эҳтиром гузоранд, ки сарфи назар аз мансубияти милливу динӣ ва ақидаи сиёсии худ рушди ҷомеа танҳо дар сурати пойдории сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ амалӣ мегардад; ҳушёру зирак будан, ба ҳар гуна дасисаву фиреби доираҳои манфиатхоҳи бегона фирефта нагардиданро ба ҳамсолону ҷавонони кишвар ташвиқ намоянд; истифодаи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва мубодилаи иттилоот ҳарчанд ба рушди зеҳният ва ташаккули тафаккури аҳли ҷомеа, бахусус наврасону ҷавонон, ба таври мусбат мусоидат менамояд, вале аз тарафи дигар, маншаи пайвастани ҷавонони ноогоҳу гумроҳ ба созмонҳои ифротӣ мебошад. Бинобар ин, ҳангоми истифодаи маълумоти интернетӣ, мутолиаи маводи шабакаҳои иҷтимоӣ бояд ба ақлу заковат ва донишу хиради худ такя намоянд, тафаккури хешро рахнаи гароиш ба ҳар гуна дасисаву тарғиботи бегонаи ғаразнок насозанд ва ғайра.

## АДАБИЁТ

1. Абдулҳаев К. Таҳдидҳои ифротгароии динӣ дар ҷомеаи муосир /Дар китоби «Хусусиятҳои равандҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ». – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 352с. – С.176.

2. Баротзода Ф. Ҷойгоҳи дин дар давлати дунявӣ/Дар китоби «Хусусиятҳои равандҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ». – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. - 352с. - С.19.

3. Беляев Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье. - М., 1966.-С.195.

4. Бекзода К. Нақши шуубия дар таърихи худшиносии халқи тоҷик [Матн]/*К.Бекзода //*Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа. - Душанбе, - 262с.

5. История таджикской философии с дравнейших времен до XV в. Том 1. - Душанбе, 2010.-С.234.

6. Маҳрамбеков М. Муносибати ҳокимияти сиёсӣ ба дин дар таҷрибаи давлатҳои миллӣ /Дар китоби «Хусусиятҳои равандҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ». – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 352с. – С.45.

7. Муминджонов Х. Авесто об этногенезе таджиков//Вестник АН РТ, 2002.-№1,2. - С.184-191.

8. Нурулҳақов Қ. Анъанаи дунявият дар фарҳанги сиёсии тоҷикон ҳамчун заминаи бунёдии давлати дунявии муосир/Дар китоби «Хусусиятҳои равандҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ». – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 352с. – С.58

9. Нурулҳақов Қ. Салафияи ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он [Матн]/*Қ.Нурулҳақов.* - Душанбе,2018. - 147с.

10. Петрушевский И.П. Ислам в Иране в VII-XV– веках. - Л., 1966.-С.44.

11. Разӣ Ҳ. Ҷашнҳои об. - Теҳрон, 1384.-С.216.

12. Раҳмонзода А. Рушди давлатдории миллӣ ва равандҳои идеологии исломи муосир/Дар китоби «Хусусиятҳои равандҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ». – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 352с. – С.17.

13. Холиқназаров Х. Раҳнамо А. Хатари тафаккури ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротгарои динӣ дар чист? [Матн]/ Х.*Холиқназаров, А.Раҳнамо.* – Душанбе, 2016. - 116с. - С.27.

14. Шарипов А. Взгляд на философские воззрения эпохи Сасанидов//Известия АН РТ. Серия философия и правоведение, 2001.-С.1-4.

# РАСШИРЕНИЕ ЭКСТРЕМИСТСКОЙ ИДЕОЛОГИИ – ГЛАВНОЕ ПРЕПЯТСТВИЕ РАСШИРЕНИЮ КУЛЬТУРНОГО ДИАЛОГА В СИСТЕМЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

**САМИЕВ БОБОДЖОН ДЖУРАЕВИЧ,**
доктор философских наук, профессор кафедры
философии и культурологии ТГПУ им. С. Айни,
734003, Таджикистан, Душанбе, проспек Рудаки 121;
тел.: (+992) 918-67-01-43; e-mail: samiev.veshab@mail.ru.

**БЕРДИЯРОВА ГУЛБАРГ ИБАДУЛЛОЕВНА,**
соискателя кафедры философии и культурологии ТГПУ им. С.Айни
734003, Таджикистан, Душанбе, проспек Рудаки 121;
тел: (+922) 93-500-85-47; e-mail: samiev.veshab@mail.ru.

*В данной статье авторы обсуждают вопросы применения принципа светскости в системе национального управления таджикским обществом и отмечают, что это не означает конфликта с религией, то есть атеизма, ограничением свободного пространства религиозных убеждений народа в обществе. Наоборот, принцип светскости в системе государственного управления обеспечивает свободу вероисповедания, на основе которой все слои общества, независимо от их религиозной принадлежности и приверженности нерелигиозному мировоззрению, должны стремиться к построению и формированию гражданского общества. Также особым образом проанализированы и сопоставлены сочетание светского и религиозного элементов в учениях представителей различных философских школ, тенденции общественного строя на прошлых исторических этапах. Особенно авторы отмечают, что в эпоху ислама в связи с появлением в структуре исламского халифата различных течений и сект менялось отношение к религии и государству, развивалось столкновение идей, развивались фанатизм и суеверия и т.д. Все эти факторы способствовали началу национальных движений и освободительных движений.*

*Также проанализированы и обсуждены цели и расширение экстремистских течений, которые сегодня связывают основной источник своей политической программы с исламом и стали главным препятствием для расширения культурного диалога.*

***Ключевые слова:*** *общество, государство, секуляризм, религия, национальная государственность, ислам, исламская культура, религиозные конфликты, межконфессиональные различия, экстремизм, культурный диалог и др.*

# EXPANSION OF EXTREMIIST IDEOLOGY IS THE MAIN OBSTACLE TO EXPAND CULTURAL DIALOGUE IN THE SYSTEM OF NATIONAL STATEHOOD

**SAMIEV BOBOJON JURAEVICH,**
Doctor of Philosophical Sciences, Professor of the Department of Philosophy and Cultural Studies, TSPU named after. S. Aini
734003, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121;
тel.: (+992) 918-67-01-43; e-mail: samiev.veshab@mail. ru.

**BERDIYAROVA GULBARG IBADULLOEVNA,**
the title of applicant for the Department of Philosophy and Cultural Studies of the TSPU named after. S. Aini
734003, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 12;
тel.: (+992) 93-500-85-47; e-mail: samiev.veshab@mail. ru.

*In this article, the authors discuss the application of the principle of secularism in the system of national governance of the Tajik society and note that this does not mean a conflict with religion, that is, atheism, limiting the free space of the religious beliefs of the people in society. On the contrary, the principle of secularism in the public administration system ensures freedom of religion, on the basis of which all sections of society, regardless of their religious affiliation and commitment to a non-religious worldview, should strive to build and form a civil society. Then, in a special way, the combination of secular and religious elements in the teachings of representatives of various philosophical schools, the tendencies of the social system in past historical stages are analyzed and compared. It is especially noted that in the era of Islam, in connection with the appearance of various movements and sects in the structure of the Islamic caliphate, the attitude towards religion and the state changed, a clash of ideas developed, fanaticism and superstition developed, etc. All these factors contributed to the beginning of national movements and liberation movements.*

*They also analyzed and discussed the goals and expansion of extremist movements, which today link the main source of their political program with Islam and have become the main obstacle to expanding cultural dialogue.*

***Keywords:*** *society, state, secularism, religion, national statehood, Islam, Islamic culture, religious conflicts, interfaith differences, extremism, cultural dialogue, etc.*

УДК: 327.3

# РЕГИОНАЛИЗАТСИЯ ҲАМЧУН ПАДИДАИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУОСИР

**ПАЙВАНДОВ ХАЙРИДДИН БОБОМУРОДОВИЧ,**
номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултаи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 985-56-25-30; e-mail: khayriddinjon@mail.ru

*Мақолаи ба таҳлили минтақагароӣ ҳамчун падидаи рушди муносибатҳои байналмилалии муосир бахшида шудааст. Муаллиф мафҳуми мазкурро дар қаринаи глобализатсия таҳқиқ намуда, фазои ҷаҳони имрӯзаро ҳамчун сохтори сесатҳа дида мебарояд. Аҳаммияти раванди регионализатсия дар замони муосир дар баробари раванди ҷаҳонишавӣ заруратӯ аҳаммияти хосса дорад ва маҳз сабаби пажӯҳиш низ аз ин иборат мебошад. Чунин раванди объективӣ, аз як тараф, қисми ҷудонашавандаи раванди ҷаҳонишавӣ, аз тарафи дигар, пайомад ва натиҷаи раванди мазкур арзёбӣ мегардад.*

*Ҳамчунин, таҳлили раванди регионализатсия дар қаринаи ҷаҳонишавӣ дар минтақаҳои гуногуни олам, махсусан дар минтақаи Осиё–ҳавзаи уқёнуси Ором ва Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯбаи ин мақола мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ регионализатсия як раванди мубрам, ногузир ва аҳаммиятнок дониста мешавад, ки зарурати иқтисодӣ ва амниятии раванди мазкур дар мақолаи мазкур фарогир гаштааст. Дар қаринаи регионализатсия минтақаи Осиёи Марказӣ бо омилҳои минтақавӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва фаъолияти сохторҳои минтақавӣ вобаста ба омилҳои геополитикӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Ҳамзамон, дар мақола нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди регионализатсия ва аҳаммияти ҳамкориҳои минтақавии кишвар бо дарназардошти дигаргуниҳои низоми минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таҳлилу арзёбӣ гаштааст.*

***Калидвожаҳо:*** *регионализатсия, сохтори минтақавӣ, ҷаҳонишавӣ, макрорегион, мегарегион, раванд, тамоюл, падида, зернизом, регионализм, интегратсия, сиёсати хориҷӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ, стратегия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, МОУО, Осиёи Марказӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, геополитика, СММ, ҳадафҳои рушди устувор.*

Дар асри XXI низоми муносибатҳои байналмилалӣ хусусиятҳо ва паҳлуҳои гуногуни сиёсӣ-иқтисодӣ ва геополитикӣ-амниятиро пайдо намуд, ки боиси зуҳур ва ташаккули равандҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ гаштааст. Яке аз равандҳои минтақавии ҷаҳони муосир регионализатсия мебошад, ки дар баробари глобализатсия ва глокализатсия зуҳур ва ташаккул ёфтааст. Регионализатсия ҳамчун унсури глобализатсия ва ҳамчун падидаи рушди ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналмилалии муосир дар шароити тағйирёбии низоми геополитикии ҷаҳон ва афзоиши проблемаҳои глобалӣ ба як раванди мубрам, фарогир, пешгирикунанда ва муттаҳидкунанда ба шумор меравад, ки ҳадафи асосии ин раванд ҳамгироӣ мебошад.

Дарвоқеъ, рушди муосири ҷаҳонӣ бо баланд шудани нақши объективии омилҳои минтақавӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳо робита дорад. Ин тамоюл олимон ва коршиносонро водор месозад, ки дар сатҳи минтақавӣ атрофи ҳалли мушкилоти глобалӣ таваҷҷуҳи бештар дошта бошанд. Дар ин миён тамоюли регионализатсия бо дарназардошти омилҳои зерини рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ пурзур мегардад: а) омили геополитикӣ, ки нақш ва ҷойгоҳи ин ё он минтақаро дар сиёсати ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд; б) иқтисодӣ, ки тақсимоти минтақавии меҳнат, рақобати миллии давлатҳоро инъикос мекунад; в) фарҳангӣ-тамаддунӣ, ки бо наздикии рамзи фарҳангӣ ва таърихии ҷомеаҳои бузурги этникӣ алоқаманд аст.

Дар асоси ин тамоюл регионализатсияи геополитикӣ ташкили гурӯҳи кишварҳоро дар «фазои бузург» ифода менамояд, ки хосси минтақаҳои геополитикӣ мебошад. Регионализатсияи иқтисодӣ натиҷаи шаклгирии гурӯҳи минтақавии фазои тиҷорати озод, иттиҳоди гумрукӣ ва бозори умумӣ (иттиҳоди иқтисодӣ) миёни сарҳадҳо ба шумор меравад, ба ин Иттиҳоди Аврупо мисол шуда метавонад. Регионализатсияи фарҳангӣ ба раванди рушди навъҳои тамаддунҳои локалӣ бо мақсади тафовут пайдо намудани хусусиятҳои сотсиофарҳангии худ таваҷҷуҳи асосӣ равона мегардад, ки яке аз хусусиятҳои хосси асри XXI ва раванди глокализатсия дониста мешавад [22, с. 10-13].

Мафҳуми “регионализатсия” раванди мураккаби тақсимоти қобилияти ҳокимият, интиқоли вазифаҳои давлат ба сатҳи минтақавӣ, пайдоиш ва инкишофи шаклҳои нави ниҳодҳо, ки ба нақши нави минтақаҳо дар раванди қабули қарорҳо дар сатҳи миллӣ ва фаромиллӣ ҷавобгӯ мебошад, фаҳмида мешавад. Ба ибораи дигар, регионализатсия рӯ овардани кишварҳо ба минтақаи худ, дар шакли ташкили иттиҳоди давлатҳо, муттаҳидшавӣ ва самаранок истифодабарии имкониятҳои табиӣ

дар доираи манфиатҳои муштарак ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ фаҳмида мешавад.

Ҳамзамон, истилоҳи “регионализатсия” ба ду маънӣ фаҳмида мешавад: а) идеологӣ ё лоиҳае, ки ягонагии минтақавиро ба вуҷуд меорад, ё нигоҳ медорад, ки дар истилоҳи байналмилалӣ онро “регионализм” мегӯянд; б) раванди эмпирикии хеле наздик шудани ҳамкориҳои дохилиминтақавӣ *(ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра.)*, ки онро ба истилоҳи байналмилалӣ “регионализатсия” мегӯянд. [12, с. 105].

Аҳаммияти раванди регионализатсияи глобалӣ дар замони муосир дар баробари раванди ҷаҳонишавӣ зарурату аҳаммияти хосса пайдо намудааст. Чунин раванди объективӣ, аз як тараф, қисми ҷудонашвандаи раванди ҷаҳонишавӣ, аз тарафи дигар, пайомади худи ҷаҳонишавӣ дониста мешавад. Ин аст, ки вақтҳои охир дар назария ва амалияи сиёсати ҷаҳонӣ, геополитика ва низоми муносибатҳои байналмилалӣ мафҳумҳои “регионализми глобалӣ”, “регионализатсияи глобалӣ”, глокализатсия ва ё худи “регионализатсия” бештар мушоҳида мегардад.

Ҳамин тавр, таҳлили фазои иҷтимоию ҳудудии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва нақшаҳои харитаи сиёсии сайёра имкон медиҳад, ки падидаи регионализатсияи глобалиро муайян карда шавад, зеро он шакли нави пайдоиши сохтори ҷомеаи ҷаҳонро нишон медиҳад, ки яке аз василаҳои пешгирии проблемаҳои глобалӣ мебошад.

Регионализатсияи глобалӣ раванди воқеии ҷаҳонӣ мебошад, ки бояд ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонишавӣ баррасӣ карда шавад. Ҷаҳонишавӣ ба ҷустуҷӯйи муқобилвазниҳо ва кӯшиши офаридани баробарвазнии геополитикӣ, тавассути регионализатсия дар муносибатҳои байналмилалӣ оварда расонид. Ҷомеаи ҷаҳонии муосир бо фазои воқеии ҷуғрофӣ маҳдуд карда намешавад, он бисёрҷанба гардидааст. Ҳамзамон, регионализатсия натиҷаи пайдоиши ҷаҳонишавӣ мебошад, ки ба тақсимоти ҷаҳон ба макро-минтақаҳо ва ташаккули системаи ҷаҳонии иерархӣ оварда мерасонад, ки аз қутбҳо, марказҳои қудрат (қувва), даъвогарони (довталабони) марказҳои қудрат ва системаҳои минтақавии ҷомеаи ҷаҳонӣ иборат аст.

Айнан ба ҳамин тариқ, глобализм ҳамчун идеологияи сохтани ҷаҳони бидуни марз ва ҷаҳонишавӣ раванди эмпирикии татбиқи он дониста мешавад. Регионализатсия метавонад дар таъсиси созмони фаромиллӣ, монанди Иттиҳоди Аврупо, шабакаи вуруди мутақобилаи низомҳои минтақавӣ бидуни ташкилоти расмӣ ё таъсиси фазои ягонаи ҷуғрофӣ, ки дар он танҳо «узви рудиментӣ»-и (неомедиевализм) давлатҳои куҳна боқӣ мондаанд, таҷассум ёбад. Ҳамчунин, ҳамгироии минтақа бо роҳбарии гегемони қудратманд низ имконпазир аст, ки намунаи он дар фазои

пасошуравӣ мушоҳида мешавад. Дар зинаҳои болоии раванди регионализатсия давлатҳои минтақа мебояд сиёсати дохилию хориҷии худро тағйир дода, талаботи сохторҳои минтақавиро иҷро намоянд. Чун қоида, нишонаи асосӣ ва мақсади ниҳоии раванди регионализатсия ташкили созмони минтақавӣ мебошад. Намунаи барҷастаи раванди регионализатсия Иттиҳоди Аврупо ва АСЕАН шуда метавонанд.[13.] Махсусан, Иттиҳоди Аврупо ҳамчун мисоли намунавии раванди ҳамгироӣ ва регионализатсия ба шумор меравад, ки аз шаклигирии фазои озоди тиҷоратӣ то иттиҳоди сиёсӣ омада расидааст. Дар баробари ин, АСЕАН дуюмин иттиҳоди муваффақи ҳамгироии ҷаҳон баъд аз Иттиҳоди Аврупо шинохта шудааст, ки он равобити минтақавиро миёни кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба роҳ мондааст. [11, с. 136]

Муттаҳид кардани захираҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки бештар ба ҳадафҳои стратегӣ расанд ва ба амнияти дастаҷамъи роҳ ёбанду дар раванди ҷаҳонишавӣ устувору ҳамқадам бошанд. Аҳаммияти раванди регионализатсияи глобалӣ дар шакли фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ, тақсимоти байналмилалии меҳнат, афзоиши созмонҳои минтақавӣ ва ташаккули низоми бисёрқутбию зернизомҳои минтақавӣ дар баробари раванди ҷаҳонишавӣ мубрамияти хосро пайдо намудааст.

Асосан, дар зери мафҳуми “регионализатсияи глобалӣ” регионализатсия (фрагментатсия, сегментатсия)-и фазои ҷомеаи ҷаҳониро бояд дарк намуд, ки дар амалия худро сохтори се зинагӣ нишон медиҳад: яъне, суб, мезо ва макроминтақаҳо ва мафҳуми “минтақа” бошад, ҳамчун унсури асосии системаи се зинагии ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад. [6, с.59] Раванди регионализатсия, ки имрӯзҳо атрофи он зиёд ҳарф мезананд, на танҳо дар зинаи зерминтақаҳо (субрегион) ва минтақаҳои миёна (мезорегион), балки дар сатҳи минтақаҳои бузург (макрорегион), яъне дар сатҳи қитъа низ ба назар мерасад. Худи истилоҳи “минтақа” бошад, ба маънои зерин истифода мешавад:

–воҳиди маъмурии дохилидавлатӣ (Уэлс, Корсика, Флорида) ҳамчун зерминтақа дар дохили як давлат фаҳмида мешавад;

–муайян кардани гурӯҳи давлатҳо (минтақаи Осиё–ҳавзаи уқёнуси Ором, минтақаи Амрикои Шимолӣ, минтақаи Аврупо ва ғайра) ҳамчун макроминтақа фаҳмида мешавад;

–мафҳуми «минтақа» бо мафҳуми «давлат» айният дорад, ки метавонад ҳамчун мезоминтақа муайян карда шавад. [6, с. 66]

Дар баробари ин, дар арсаи ҷаҳонӣ на танҳо раванди барқароршавии муносибатҳо миёни давлатҳои ҷудогона, балки миёни минтақаҳо низ ба назар мерасад, ки онро интеррегионализм меноманд. Интеррегионализм ба чунин маънист, ки ду ва ё зиёда минтақа ҷиҳати пешгирии проблемаҳои

глобалӣ ва истифодаи имкониятҳои мавҷуда ҳамкории мутақобила доранду бо ҳам ҳамгиро мешаванд, ки бештар ба асри XXI хос мебошад.

Ин аст, ки дар интиҳои асри XX ва ибтидои асри XXI интеррегионализм хислатҳои сиёсӣ ва геополитикиро бештар дар худ касб намуд, ки дар мисоли «Осиёи Марказии Бузург» (наздикшавии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ), «Осиёи Шарқии Бузург» (наздикшавии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Шимолу Шарқии Осиё), ва «Шарқи Наздики Бузург» (наздикшавии Ховари Миёна ва Африқои Шимолӣ) мушоҳида гардидааст. Аммо маҳз масъалаҳои марбут ба интеррегионализм хеле кам омӯхта шудаанд ва равишҳои илмӣ ба он дар ҳоли шаклгирӣ ҳастанд. [12, с.105]

Дар ин радиф, ба андешаи муҳаққиқ Х.Ҳенгги панҷ навъи ҳамкориҳои байниминтақавӣ (интеррегионализм) вуҷуд доранд: [20, с. 31]

1. ***Муносибати созмони минтақавӣ (гурӯҳи минтақавӣ) бо мамлакатҳои сеюм*** (масалан, муносибатҳои дӯстонаи АСЕАН – Ҷопон, АСЕАН – Австралия, Иттиҳоди Аврупо – Русия, Иттиҳоди Аврупо – Ҷопон, Иттиҳоди Аврупо – Ҳиндустон, САҲА – Таиланд, Гурӯҳи Рио – Канада).

2. ***Муносибати як созмони минтақавӣ бо дигар*** (масалан: ИА–АСЕАН, ИА–САДК, ИА–МЕРКОСУР, АСЕАН–МЕРКОСУР, ЭКОВАС–МЕРКОСУР). Иттиҳоди Аврупо чун созмони ҳамгироияш бештар дар ибтидо маркази ҷазби блокҳое буд, ки бо ин созмон ҳамкорӣ доштанд, вале миёни ҳам робита барқарор накарда буданд. Ин тарҳ номи «сеҷумак»-ро гирифт. Пас аз хотима ёфтани «ҷанги сард» ва ибтидои минтақагароии муосир шарикони ИА бидуни «сеҷумак»-и аврупоӣ байни ҳам муносибатҳои дуҷониба барқарор карданд.

3. ***Муносибати созмони минтақавӣ бо гурӯҳи минтақавии мутааллиқ ба дигар минтақа.*** Дар форумҳое чун АЗЕМ, нишастҳои «Африқо–Аврупо», «Аврупо–Амрикои Лотинӣ», Аврупо тавассути созмони расмӣ–Иттиҳоди Аврупо намояндагӣ мешавад, вале шарикони муколамааш гурӯҳҳои минтақавӣ мебошанд. Чун қоида, давлатҳо дар асоси узвияти фардиашон ба форумҳо ҳамроҳ мешаванд. Намунаи барҷаста аз гурӯҳҳои байниминтақавии навъ сеюм–«АСЕАН + се (Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ)» мебошад, ки дар ҳоли ҳозир ягона платформаи муттаҳидкунандаи кишварҳои Осиёи Шимолу Шарқӣ миёни ҳамдигар ва бо ҳамсоягонашон аз Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба ҳисоб меравад.

4. ***Муносибат миёни ду ва ё зиёда гурӯҳҳои минтақавӣ.*** Анҷумани ҳамкориҳои Осиёи Шарқӣ ва Амрикои Лотинӣ ҳоло ягона намунаи чунин ҳамкорӣ аст, ки соли 2001 таъсис шудааст. Анҷумани мазкур ягона созмонест, ки таъсисаш бидуни «катализатор» – созмонҳои минтақавие амсоли ИА ё АСЕАН сурат гирифтааст.

5. ***Муносибатҳои бисёрҷониба миёни давлатҳо, давлатҳои минтақавӣ ва гурӯҳҳои минтақавие, ки ба минтақаҳои гуногун шомил мебошанд,*** *масалан*, АТЭС, АРФ, Иттиҳодияи ҳамкориҳои минтақавии мамолики уқёнуси Ҳинд ва ғайра. НАТО ва САҲА амалан анҷуманҳои байниминтақавӣ мебошанд, ҳарчанд расман созмонҳои минтақавӣ ном доранд. Чунин муносибат замоне ба вуҷуд меояд, ки мамлакатҳои мутааллиқ ба манотиқи гуногун кӯшиш мекунанд, ки иттифоқҳои метаминтақавӣ (муттаҳидшавии ду минтақа) ташкил диҳанд. Аъзои анҷуманҳо дар дохили он вобаста ба минтақаҳояшон ба гурӯҳҳо тақсим намешаванд, аз ин рӯ, «интеррегионализм» моҳияти чунин созмонҳоро ба пуррагӣ ифода намекунад. Баъзан барои ифодаи хусусияти анҷуманҳои навъи панҷум истилоҳоти ***«мегарегионализатсия», «фароминтақагароӣ»*** ё ***«фароқитъагароӣ»*** истифода мешаванд. [12, с. 107]

Бояд ёдовар шуд, ки имрӯз ҷаҳон мувофиқи таснифи СММ ба 22 минтақаи хурду бузург тақсим мегардад, ки ҳар кадоми он дорои умумиятҳои хосси таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, геополитикӣ, иқтисодӣ, ҳамгироӣ ва идеологию амниятӣ мебошанд. Илова бар ин, дар минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон зернизомҳои минтақавӣ ташаккул ёфтааст, ки нишонаи он натанҳо низоми бисёрқутбӣ, балки ташкили ин ё он созмони минтақавӣ арзёбӣ мегардад. Маҳз ташкили созмонҳои минтақавӣ натиҷаи раванди ҳамгироӣ ва раванди ҳамгироӣ натиҷаи регионализатсия, регионализатсия бошад, натиҷаи глобализатсия ниниста мешавад.

Як нуктаро бояд қайд намуд, ки яке аз омилҳои пешрафти иқтисодӣ, суботи минтақавӣ ва ҳалли мушкилоти байнидавлатӣ фаъолияти пурсамари созмонҳои минтақавӣ шуда метавонад. Масалан, Иттиҳоди Аврупо асоси пешрафти давлатҳои Аврупо, АСЕАН асоси танзими муносибатҳои байнидавлатӣ ва пешрафти кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, СҲШ асоси субот ва омили рушди муносибатҳои фароминтақавӣ ва ғайра ба шумор мераванд. [2, с.78]

Маҳз регионализатсияи глобалӣ шакли нави ниҳодгардонии ҷаҳониро муайян намуда, равандҳои минтақавӣ, низомҳои минтақавӣ ва қудратҳои минтақавиро фаъол намудааст. Бо дарназардошти тамоюли мазкур, кишварҳо ҷиҳатҳои мусбат ва манфии раванди ҷаҳонишавиро ба назар гирифта, ворида регионализатсия мешаванд, ки ин таваҷҷуҳ ва рӯоварӣ бештар дорои ду зарурат ва ду омил мебошад:

1. Иқтисодӣ–истифодаи кофии имкониятҳои табиӣ бо мақсади рушди иқтисодиёти рақобатпазир ва ҳамқадамӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ. Дар ин радиф кишварҳо дар доираи минтақаҳои худ талош бар он доранд, ки дар равандҳои гуногуни замони муосир тобовар, рақобатпазир ва пешрафта бошанд.

2. Амниятӣ–бо дарназардошти зуҳури хатарҳои ғайрианъанавӣ ва таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ зарурати муттаҳидшавии давлатҳо дар доираи ин ё он созмонҳои ҳарбӣ-низомӣ ё амниятӣ-сиёсӣ ба миён омадааст, ки дар мубориза алайҳи падидаҳои номатлуб қодиру тавоно мубориза баранд. [12, с.5]

Дар маҷмуъ, регионализатсия–раванди ташаккули минтақаҳо мебошад, ки дар таъсисёбии сохторҳои гурӯҳӣ ё низомҳои минтақавӣ (зернизом) ифода мегардад. Ба сифати зернизом метавонад ҳар гуна унсури система баромад кунад, ки дар навбати худ маҷмуи унсурҳои ҳамкорикунанда *(як навъ система аст, вале чун дар чаҳорчӯбаи системаи бузургтар бошад, зернизом номида мешавад).* Дар чунин маврид муҳити беруна барои зернизом чун системаи умумитар баромад мекунад. [15, с. 29]

Омӯзиши муқоисавии маълумот нишон медиҳад, ки тамоюли табдилшавии ҳамгироиҳои иқтисодӣ ба сиёсӣ дар сатҳи умумиҷаҳонӣ мушоҳида мешавад. Вобаста ба ин, регионализатсия яке аз масъалаҳои мубрам дар низоми муносибатҳои байналмилалии муосир табдил ёфтааст, ки равандҳои иттиҳоду ҳамгироии давлатҳо дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва низомҳои нави ҷаҳониро дар бар мегирад. Ташаккули зернизомҳои минтақавӣ ҷанбаи муҳимми регионализатсия дониста мешавад, ки ҳамчун ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналмилалӣ низ бештар мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор мегирад.

Бояд қайд намуд, ки регионализатсия раванди саросарӣ ба шумор рафта, зерсистемашавии глобалиро дар назар дошта метавонад. Албатта, яке аз механизмҳои ин равандро созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ташкил менамояд. Чунончи дар боло зикр намудем, дар регионализатсия мегарегионализатсия низ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ мушоҳида мегардад, ки онро интеррегионализм низ номидан мумкин аст.

Мисоли мегарегионализатсия бештар дар Минтақаи Осиё–ҳавзаи уқёнуси Ором (минбаъд – МОУО) ба назар мерасад. МОУО, ки онро АТР (Азиатско-Тихоокеанский регион) низ меноманд, мафҳуми иқтисодӣ ва сиёсӣ буда, кишварҳоеро дар бар мегирад, ки дар периметри уқёнуси Ором ё давлат-ҷазираҳои сершумори уқёнус ҷойгиранд. Ин минтақа 58 кишварро бо аҳолии 4,5 млрд. нафар дар бар мегирад, ки баъзан ба минтақа Непал, Муғулистон, Иттиҳоди Мянма ва Ҳиндустон низ ҳамроҳ мегардад. Дар МОУО захираву иқтисодиёти бузурги гуногун: ба таври динамикӣ тараққӣ ёфтани Гонконг, Тайван ва Сингапур, технологияи баландсуръати Ҷопон, Корея, Тайван ва дар Ғарб ИМА, захираҳои табиии Австралия, Канада, Филиппин ва Шарқи Дури Русия, захираҳои инсонӣ дар Чин ва Индонезия, сатҳи рушди баланди истеҳсолоти кишоварзии Чили, Зеландияи Нав, Филиппин ва ИМА дида мешавад. Бисёр иқтисодчиён чунин мепиндоранд,

ки маркази иқтиодиёти ҷаҳон аз Аврупо ва ИМА тадриҷан ба МОУО ҷойгузин хоҳад гашт. [10.] Далелаш дар он аст, ки дар ин минтақа кишварҳои бузурги олам ҷойгиранд ва муборизаҳои рақибонаи ширкатҳои бонуфузи фаромиллӣ (ТНК) дар минтақа сурат мегиранд. МОУО дар худ минтақаҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Осиёи Шарқӣ (Шимолу Шарқӣ) ва Осиёи Шарқии Бузургро фарогир аст. Аммо вобаста ба равандҳо, падидаҳо ва ҳамкории кишварҳои МОУО, махсусан иштироки кишварҳои асосии ҷаҳон (ИМА, Ҷопон, Русия ва Чин) минтақа ба маркази нави қувва ва зернизоми муносибатҳои байналмилалии ҷаҳон табдил ёфтааст.

Раванди регионализатсия дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ дар ибтидои асри XXI бештар мушоҳида гардид, ки беш дар пеш ба тағйирёбии низоми геополитикии минтақа ва ҷаҳон алоқамандӣ дорад. Мусаллам аст, ки дар Осиёи Марказӣ трансформатсияи геополитикӣ бо иштироки аслан кишварҳои абарқудрати Русия, ИМА ва Чин ҷараён дорад. Бо дарназардошти вазъияти кунунӣ коршиносони соҳа вобаста ба тавсифи ин вазъият ба ду гуруҳ тақсим гаштаанд:

1. Ба он назаранд, ки дар замони муосир дар минтақа раванди «Эҳёи Роҳи Бузурги Абрешим» ҷараён дорад, ки дар он Ҷумҳурии Мардумии Чин нақши калидиро мебозад;

2. Бар зидди гурӯҳи якум ба он ақиданд, ки дар минтақа раванди «Бозии Бузурги Нав» ҷараён дорад, ки дар он на танҳо Русия, ИМА ва Чин, балки Ҷопон, Ҳиндустон, Покистон, Эрон, инчунин, баъзе кишварҳои аврупоӣ ва арабӣ нақш ва мавқеи хоссаро соҳибанд. [3, с. 123]

Бояд ёдовар шуд, ки нишонаҳои асосии раванди регионализатсия дар Осиёи Марказӣ метавонад дар нуқтаҳои зерин мушоҳида гарданд:

- баргузории Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ;
- ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои минтақа дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё;
- таҳаввулоти робитаҳои байнидавлатӣ бо ивазшавии роҳбарони нави баъзе кишварҳои минтақа (Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон) дар самтҳои гуногун;
- умумиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва динӣ ҳамчун омилҳои баҳамоии кишварҳои минтақа дар самти таҳкими ҳамкориҳои гуногунсоҳа;
- самтгирии сиёсати амниятмеҳварии кишварҳои минтақа вобаста ба қазияи Афғонистон ва наздикшавии ҳамкориҳои амниятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва низоми онҳо дар доираи СҲШ ва СААД.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди регионализатсия. Ёдовар бояд шуд, ки ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди регионализатсия дар мисоли Осиёи Марказӣ муҳим ва назаррас мушоҳида гашта, сиёсати хориҷии бисёрсамтии кишвар дар 31 соли Истиқлоли давлатӣ ба рушди ҳамкориҳо дар

минтақа аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад. Дар амалияи сиёсати хориҷии кишвар зери мафҳуми «минтақа» ба таври анъанавӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар назар дошта шудааст. Тоҷикистон ҳамкорӣ ва ҳамгироии густурдаи минтақавиро василаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад. [5.] Дар санадҳои расмии соҳа дар ин бора таъкид мегардад, ки таҳкими муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон, бояд ҳамеша аз рӯйи эътимод, дӯстӣ ва ҳамкории судманд ба роҳ монда шаванд. Ҳадафҳо ва вазифаҳои муштарак дар минтақа кишварҳоро водор месозанд, ки бо истифода аз зарфиятҳои ҳар як кишвари минтақа барномаҳо ва стратегияҳои муштаракро дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ коркард намуда, бо дарназардошти манфиатҳои кишварҳои ҳамсоя сиёсати созанда ва устуворро пеша намоянд. Инро хусусияти махсуси раванди регионализатсия дар Осиёи Марказӣ гуфтан мумкин аст.

Аҳаммияти самти минтақавии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар он ифода мешавад, ки имрӯз манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ ва рушди иқтисодии кишварҳои минтақа ба ҳам вобастагии зич дошта, таъмини комили рушду амнияти ҳар кишвар танҳо дар заминаи таъмини рушду амнияти минтақавӣ имконпазир мебошад. Ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи унсурӣ ва фаъоли минтақа ҷонибдори ҳамкориву ҳамгароии минтақавӣ буда, ба рушди робитаҳои баробарсатҳ дар ин самт аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад. [5.]

Дар раванди регионализатсия солҳои охир ҳамкориҳои Тоҷикистон дар шакли (формати) гуногуни минтақавӣ ва байналмилалӣ густариш ёфт. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар форуми "Кишварҳои Осиёи Марказӣ" ва форматҳои "Осиёи Марказӣ + ИМА", "Осиёи Марказӣ +Кореяи Ҷанубӣ", "Осиёи Марказӣ + Ҷопон", "Осиёи Марказӣ + Иттиҳоди Аврупо", "Осиёи Марказӣ + Ҳиндустон", "Осиёи Марказӣ + Чин" ва "Осиёи Марказӣ + Россия" ба таҳкими муколама ва амалишавии манфиатҳои умумӣ, тавассути татбиқи лоиҳаҳои мутақобилан мувофиқашуда мусоидат намуданд. Махсусан, соли 2020 раёсати Тоҷикистон дар Хазинаи байналмилалии наҷоти баҳри Арал, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Раванди Истанбул оид ба Афғонистон оғоз шуд. [8, с.20]

**Минтақашиносии хориҷӣ.** Чӣ тавре маълум аст, регионализатсия ва ё минтақагароӣ натиҷаи ҷаҳонишавӣ ва ё давоми ҷаҳонишавӣ мебошад, ки дар сатҳи минтақаҳои олам ташаккул меёбад. Барои кишварҳои олам, махсусан кишварҳои рӯ ба инкишоф, ҷиҳати пайгирӣ намудани раванди регионализатсия ва омӯзиши модел ва таҷрибаи минтақаҳои хориҷӣ ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ифтитоҳ гардидааст. Ҳанӯз соли 2013 дар факултаи

муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кафедраи минтақашиносии хориҷӣ ифтитоҳ гардид, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналмилалӣ, равандҳои минтақавӣ, зернизомҳои минтақавӣ ва хислатҳои гуногуни минтақаҳои хориҷии машғул мебошад. Зарурати фаъолияти кафедраи минтақашиносии хориҷӣ барои Тоҷикистони камзамин, аммо аз ҷиҳати захираҳои табиӣ ғанӣ, пеш аз ҳама, дар пажӯҳиши минтақаҳои муваффақи ҷаҳон, зарфиятҳои онҳо, раванду сохторҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо, инчунин, истифодаи таҷрибаи онҳо барои пешрафти мамлакатамон дониста мешавад. Мақсади асосии фаъолияти кафедра омода сохтани мутахассисони самти минтақаҳои хориҷӣ, ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои минтақавӣ ба шумор меравад.

Дар замони муосир асоси рушди давлатҳои оламро омӯзиш, муқоиса ва таҳлили равандҳо, муваффақиятҳо, таҷрибаҳо ва имконияту шароитҳои минтақаҳои хориҷӣ ташкил дода, дар шакли таъсиси пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии минтақаҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд, ки ин дар шароити рушди раванди ҷаҳонишавӣ ва пурзӯршавии рақобати иқтисодӣ аз манфиат холӣ нест.

Дар охир вобаста ба мавзуи баррасишаванда ва натиҷагирии таҳлили раванди регионализатсия дар қаринаи дигарганиҳои геополитикӣ ва рушди босуръати раванди ҷаҳонишавӣ якчанд хулосаҳои қобили зарур иброз мегардад:

1. Регионализатсия маҳз воситаи пешгирии хатарҳои ғайрианъанавӣ буда, шакли нави ҳамкориҳоро байни минтақаҳо ташкил медиҳад, ки онро метавон интеррегионализатсия низ номид;

2. Регионализатсия ҳамчун унсур ва ё натиҷаи ҷаҳонишавӣ зуҳур карда, бо мақсади пеширигии натиҷаҳои нохуши ин раванд ва рақобати иқтисодии кишварҳо дар доираи сохторҳои минтақавӣ бо мақсади ҳамқадамии раванди ҷаҳонишавӣ ба миён омадааст;

3. Регионализатсия ҳамчун падидаи нави рушди муносибатҳои байналмилалӣ шинохта мешавад, ки омили асосии рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ, ташкили иттиҳод ва созмонҳои минтақавӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, ташкили раванди ҳамгироӣ ва бартарафсозии проблемаҳои минтақавӣ ва глобалӣ арзёбӣ мегардад;

4. Регионализатсия дар асри XXI раванди фаъол ва муҳим дониста шуда, дар қаринаи дигаргуниҳои геополитикӣ, зуҳури хатарҳои нав, қафомонии раванди ҷаҳонишавии кишварҳои ғайри G-20 ва ҷиддӣ гаштани проблемаҳои глобалӣ барои кишварҳои рӯ ба инкишоф бештар мувофиқ ва зарур мебошад;

5. Регионализатсия ба худ тарафдорони зиёди давлатҳои гуногунсатҳи иқтисодиро ҷалб намудааст, ки дар асоси омилҳои на сиёсӣ, балки иқтисодӣ ба шаклгирии ҳамгироии иттиҳодҳо равона мегардад;

6. Муваффақият дар мукаммалшавии раванди ҳамгироии Иттиҳоди Аврупо дар қаринаи регионализатсия шавқ ва ҳавасмандии бузургро ба ҳамгироии минтақавии минтақаҳои дигари ҷаҳон ба миён овардааст;

7. СММ бо мақсади расидан ба 17 ҳадафи рушди устувор худ, раванди регионализатсияро метавонад самаранок истифода бурда, дар сатҳи минтақавӣ ва байниминтақавӣ, дар доираи иттиҳод ва созмонҳои минтақавӣ ҳамкориҳо ва ҳамоҳангсозиҳои густурдаро миёни кишварҳо баҳри рушди устувор, суботи байналмилалӣ ва расидан ба ҳадафҳои худ ба роҳ монад;

8. Тағйирёбии вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон мубрамияти раванди регионализатсияро дучанд намуд, зеро танҳо фаъолнокии ин раванд дар шакли созиши давлатҳои минтақа, муттаҳидшавии давлатҳо дар доираи иттиҳоде, бунёди раванди ҳамгироӣ ва дарки таҳдиди хатароти геополитикӣ боиси пешгирӣ ва шикасти дилхоҳ ҳуҷуми геополитикӣ мегардад;

9. Регионализатсия шакли рақобати нави геополитикиро миёни кишварҳои абарқудрат дар доираи иттиҳодҳои минтақавӣ пурзӯр сохт. Такроршавии нишонаҳои ҷанги сард ва тақсимшавии кишварҳои олам ба гурӯҳи кишварҳои ғарбӣ (ИМА, узвияти ИА ва НАТО) ва гурӯҳи кишварҳои шарқӣ (Русия, Чин, Ҳиндустон, узвияти СҲШ, БРИКС) ҳамчун омили фаъолшавии раванди ҳам регионализатсия ва ҳам интеррегионализатсия, ки дар боло ишора гардид, ба шумор меравад; [12, с.13]

10. Регионализатсия дар мисоли минтақаи Осиёи Марказӣ низ фаъол ва ногузир мушоҳида мегардад, зеро дар ин минтақаи геополитикӣ ва стратегӣ омилҳои зиёди минтақавӣ, ба монанди қарор гирифтани минтақа дар меҳвари манфиатҳои геополитикии ҷаҳони муосир, наздикии минтақа ба минтақаҳои хушунатбор, манбаъҳои зуҳури терроризм, марказҳои таълими ифротгароӣ ва маҳалҳои тавлиди воситаҳои нашъадор ва ғайра ба назар мерасад. Аз ин рӯ, фаъолнокии раванди регионализатсия барои ҳар як кишвари минтақа мувофиқи манфиатҳои миллӣ буда, ҳам барои истифодаи самараноки имкониятҳои табиӣ ва ҳам барои таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Абрамов Ю. А., Куйбарь В. И. Глобальная регионализация: к обоснованию понятия // Социально-гуманитарные знания. 2008. № 1. С. 242–250.

2. Анвари Сафарӣ. Ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ асоси ҳамкориҳои ниҳодӣ дар Осиёи Марказӣ. Паёми ДМТ. 2020, №1 – С. 78.

3. Асламов Б.С., Умаров С.Н. Роҳи бузурги абрешим: масоили Афғонистон ва бархурди манфиатҳои геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имруз №4 (42) 2014, - С. 123

4. Глобалистика: Энциклопедия / под ред. И. И. Мазура, А. Н. Чумакова. М.: Радуга, 2003. (Global studies: Encyclopedia / Ed. by I. I. Mazur, A. N. Chumakov. Moscow: Raduga, 2003).

5. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] 27 январи соли 2015 №332 [Манбаи электронӣ] URL: https://mfa.tj/?l=ru&art=1072 (санаи мурочиат: 26.08.2017).

6. Леонова О. Г. Глобальная регионализация как феномен развития глобального мира. [Текст] / О.Г. Леонова // Вестник Век глобализации №1. 2013. – С. 59–66.

7. Леонова О. Г. Россия и мир в XXI веке // Россия и мир в XXI веке. Вып. 4. М. : Научный эксперт, 2010.

8. Муҳаммадзода П.А. Таҳлили дастовардҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020. [Матн] / П.А. Муҳаммадзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. УДК: 502:338:502.171(575.3). – С. 20.

9. Нуриддинов Р.Ш., Нуриддинов П.Ш., Сиёсати ҷаҳонӣ, Душанбе.- 2016.– С.68.

10. Океанскую систему принято разделять на три крупные части: Австралия, Новая Зеландия, страны Океании. Основные очертания Новой Зеландии Zuidland, то есть «Южной земли» были установлены голландским мореплавателем Абелем Тасманом (1603—1659 гг.) в 1642—1673 гг.

11. Пайвандов Х.Б. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ – минтақаи рушдёбанда. Паёми ДМТ. 2019, №9 – С. 136.

12. Пайвандов, Х.Б. Ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналмилалӣ (комплекси таълимӣ-методӣ) [Матн] / Ф.С. Розиқов, Х.Б. Пайвандов. – Душанбе: 2019. – 400 с.

13. Паниятие Регионализация. https://ru.wikipedia.-org/wiki .

14. Политическая энциклопедия: в 2 т. Т. 2. М. : Мысль, 1999.

15. Самиев Х.Д. Сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ. Душанбе 2018, – С. 29.

16. Троицкий М. Глобальный регионализм и внешняя политика России // Свободная мысль. 2009. № 11. С. 35–46.

17. Чумаков А. Н. Глобализация. Контуры целостного мира. 2-е изд. М. : Проспект, 2011.

18. Шарипов А. Масоили мубрами Шарқи муосир.–Душанбе.-2016. – С. 220.

19. Юрий Федров. Современный терроризм: особенность и перспективы. - М.,2005. - С.3.

20. Hiinngi H. Interregionalism as a Multifaceted Phenomenon: in Search of a Typology // Interrcgionalism and International Relations. Ed. by H. HSnngi, R. Roloff. J. Rueland. L.: Routledge. 2006. P. 31-62.

21. Быков А.Н. Глобализации и регионализация: российские интересы и перспективы евразийской интеграции // Российский экономический журнал. 2001. № 7. С. 59-74.

22. Дергачев В.А., Вардомский Л.Б. Регионоведение. М.: Юнити Дана, 2004.

23. Евразийский экономический союз стал реальностью // http://www.vesti.ru/doc.html?id=2244042.

## РЕГИОНАЛИЗАЦИЯ КАК ФЕНОМЕН РАЗВИТИЯ СОВРЕМЕННЫХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

**ПАЙВАНДОВ ХАЙРИДДИН БОБОМУРОДОВИЧ,**
кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры международных отношении факультета международных отношении Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17;
тел.: (+992) 985-56-25-30; e-mail: khayriddinjon@mail.ru

*Данная статья посвящена анализу регионализма как феномена развития современных международных отношений. Автор исследует это понятие в контексте глобализации и рассматривает пространство современного мира как трехуровневую структуру. Значение процесса регионализации в современности, наряду с процессом глобализации, имеет особое необходимости и значение, и это является поводом для исследования. Такой объективный процесс, с одной стороны, является составной частью процесса глобализации, с другой стороны, оцениваются последствия и итоги этого процесса.*

*Также в рамках данной статьи изучается и обсуждается анализ процесса регионализации в условиях глобализации в разных регионах мира, особенно в Азиатско-Тихоокеанском регионе и Центральной Азии. В современной системе международных отношений и мировой политики регионализация является актуальным, неизбежным и значимым процессом, экономические и силовые факторы которого рассматриваются в данной статье. В контексте регионализации изучен и проанализирован центральноазиатский регион с безопасностью, экономическими и геополитическими факторами, связанными с деятельностью региональных структур. В то же время в статье анализируются роль Республики Таджикистан в процессе регионализации и значение регионального сотрудничества в стране с учетом изменений в региональной и глобальной системе.*

***Ключевые слова:*** *регионализация, региональная структура, глобализация, макрорегион, мегарегион, процесс, тенденция, явление, подсистема, регионализм,*

*интеграция, внешняя политика, региональное сотрудничество, стратегия, Республика Таджикистан, АТР, Центральная Азия, международные отношения, геополитика, ООН, Цели устойчивого развития.*

## REGIONALIZATION AS A PHENOMENON OF THE DEVELOPMENT OF MODERN INTERNATIONAL RELATIONS

**PAYVANDOV KHAYRIDDIN BOBOMURODOVICH,**
Candidate of historical sciences, Senior teacher, Department of International Relations, Faculty of International Relations, Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17;
тел.: (+992) 985-56-25-30; e-mail: khayriddinjon@mail.ru

*This article is devoted to the analysis of regionalism as a phenomenon of the development of modern international relations. The author explores this concept in the context of globalization and considers the space of the modern world as a three-level structure. The significance of the regionalization process in modern times, along with the process of globalization, is of particular necessity and importance, and this is the reason for the study. Such an objective process, on the one hand, is an integral part of the globalization process, on the other hand, the consequences and results of this process are evaluated.*

*Also, within the framework of this article, the analysis of the process of regionalization in the context of globalization in different regions of the world, especially in the Asia-Pacific region and Central Asia, is studied and discussed. In the modern system of international relations and world politics, regionalization is an urgent, inevitable and significant process, the economic and power factors of which are considered in this article. In the context of regionalization, the Central Asian region with security, economic and geopolitical factors associated with the activities of regional structures has been studied and analyzed. At the same time, the article analyzes the role of the Republic of Tajikistan in the process of regionalization and the importance of regional cooperation in the country, taking into account changes in the regional and global system.*

***Keywords:*** *regionalization, regional structure, globalization, macro-region, mega-region, process, trend, phenomenon, subsystem, regionalism, integration, foreign policy, regional cooperation, strategy, Republic of Tajikistan, Asia-Pacific, Central Asia, international relations, geopolitics, UN, Sustainable Development Goals.*

**УДК: 334.02**

# ДОКТРИНА ВА НИЗОЪҲОИ МУСАЛЛАҲОНА ҲАМЧУН САРЧАШМА ВА ОМИЛИ АСОСИИ ТАШКИЛУ ТАШАККУЛИ СОЗМОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲАМГИРОИИ ИТТИҲОДИ АВРУПО

**ИДИЗОДА ФАЙЗАЛӢ ФУЗАЙЛШО,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734001, Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Пушкин- 1, ҳуч.10;
тел. 988-98-31-98; e-mail: faizali.idiev@gmail.com

*Дар мақола бори нахуст ба забони тоҷикӣ ақидаи олимони намоёни соҳаи сиёсатшиносӣ, фалсафа ва ҳуқуқ оид ба масаъалаи таъсиси созмони байналмилалии хислати ҳамгироидошта–Иттиҳоди Аврупо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, андешаҳои муаллиф вобаста ба мавзуи матраҳшаванда манзур мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *Иёлоти Муттаҳидаи Аврупо, Иттиҳоди Панаврупоӣ, Аврупои воҳид, ҳамгироии аврупоӣ, оилаи аврупоӣ, федератсия, конфедератсия, монархия, Сулҳи Версал, Лигаи миллатҳо, Авратом, ҷомеаи Аврупо, Шартномаи Маастрихт, Иттиҳоди Аврупо, Олмон, Фаронса.*

Замони муосир ҳаракати бештар дар самти муттаҳидшавии давлатҳои дар доираи созмонҳои байналмилалии хислати ҳамгироидошта зиёд шуда истодааст, ки асоси онро таъсиси бозори ягонаи дохилӣ, ҳаркати озодонаи мол, одамон, хизматрасонӣ ва сармоя ташкил медиҳанд. Бонуфузтарин созмони байналмилалии хислати ҳамгироидошта дар замони муосир Иттиҳоди Аврупо мебошад. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки вобаста ба ташкил ва ташаккули созмони мазкур, мухтасар,дар ҳаҷми як мақола таҳлил манзур намоем.

Иттиҳоди Аврупо яке аз созмонҳои байналмилалии замони муосир мебошад, ки бо хусусиятҳои хосси худ аз дигар созмонҳои байналмилалӣ фарқ намуда, он марҳила ба марҳила таъсис ва рушд ёфтааст.

Ақидаву ташаббусҳо оид ба муттаҳид сохтани миллату давлатҳои аврупоӣ дар тули асрҳо идома доштанд ва аз ҷониби олимону сиёсатмадорон низ ақидаву андешаҳои гуногун пешниҳод гардидаанд. Аввалин иқдомҳо дар самти муттаҳидшавии давлатҳои қитъаи Аврупо хислати динӣ доштанд ва онҳо асосан барои муттаҳид намудани миллатҳои аврупоӣ равона гардида буданд. Аввалин касе, ки иттиҳоди миллатҳои аврупоиро эълон карда, ягонагии насрониҳоро сурудааст,

Данте Алигери буд. Данте зарурати таъсиси монархия (империя)-и умумиевропоиро аз баракати калисо дониста, хулоса мекунад: ин монархия ё империя набояд давлати мутамарказ бошад, баръакс, бояд иттиҳод дар гуногунрангӣ, як навъ федератсия бошад [8; 25].

Пешниҳоди Данте Алегри баъдан аз ҷониби олими дигар Марселио Падуанский ҷонибдорӣ ёфт. Чӣ тавре дар боло қайд гардид, Данте Алегри ташкили монархияро бо иродаи илоҳӣ асоснок менамуд. Марселио Падуанский дар фарқият аз Данте Алегри ташкили империяи Умумиаврупоиро бо иродаи халқ асоснок меҳисобид [8 ; 25].

Соли 1306 аз ҷониби ҳуқуқшиноси фаронсавӣ Пер Дюбуа лоиҳаи инқилобӣ дар хусуси таъсиси «Ҷумҳурии Насронӣ» дар Аврупо пешниҳод гардид. Пер Дюбуа дар соли 1306 лоиҳаи воқеан инқилобиро барои «Ҷумҳурии Насронӣ» дар миқёси аврупоӣ пешниҳод кард, як навъ конфедератсия, ки «метавонад аз ҷониби шурои ғайринизомиён, ки бо эҳтиёт, таҷриба ва эътиқод дода шудааст, идора карда шавад, ки Тахти Муқаддас барои онҳо як ҳаками имконпазир хоҳад буд; дар ҳоле, ки таҳримҳои ҷорӣ мусодираи молу мулк ва депортатсия ба сарзамини муқаддас муваққатӣ хоҳанд буд» [6; 23].

Ба муттаҳидшавии давлатҳои аврупоӣ низоъҳои мусаллаҳонаи байнидавлатӣ дар ин қитъа, ки дар асрҳои гузашта ба вуқуъ пайваста буданд, таъсири асосӣ расонидаанд. Ҳар гоҳ, ки дар ҳудуди Аврупо ҷангҳои хунин баргузор мегардид, аз ҷониби олимону сиёсатмадорон ва сарони давлату ҳукуматҳо лоиҳаҳои зиёде оид ба постдории сулҳ, ҳамчунин, муттаҳидшавии давлатҳои Аврупо дар доираи як созмони байналмилалӣ манзур мегардид.

Яке аз муаллифони муттаҳидшавии сиёсии Аврупо бо роҳи қувваҳои мусаллаҳ ва ҷанг императори Фаронса Наполеон 1 мебошад. Ӯ нақшаҳои худро бо чунин тарзи муттаҳидкунии Аврупо дар асараш «Post faktum», ҳангоми дар бадарға дар ҷазираҳои Еленаи Муқаддас буданаш, баён намудааст. Наполеон 1 мехост «низоми федератсияи аврупоӣ»-ро ташкил намояд, ки ба тамоми қитъаи Аврупо шодиву шукуфоӣ орад. Ба ақидаи ӯ, дар низоми мазкур барои тамоми Аврупо низоми ягонаи ҳуқуқӣ бо кодекси ягонаи аврупоӣ, суди аврупоӣ, воҳиди ягонаи пулӣ, низоми ягонаи чорабиниҳо ва академияи илмҳои аврупоӣ амал намояд [11 ; 16].

Яке аз пешниҳодҳои мақбули ин давра дар бораи ташкили «Иттиҳоди Давлатҳои Аврупоӣ» соли 1814 аз ҷониби файласуфи немис Карл Краузе ироа гардида буд. Муаллиф зери мафҳуми Иттиҳоди Давлатҳои Аврупоӣ «Иттиҳоди абадан эълоншудаи давлатҳои озоду мустақилро дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ» дар назар дошт, ки дар марҳилаи ниҳоӣ ба давлати федеративӣ табдил меёбад. Дар он давраҳо

таъсири калисо ба ҳама муносибатҳои ҷамъиятӣ бештар ба чашм мерасид ва Карл Краузе иродаи ин муассисаро ҳамчун асос барои фаъолияти Иттиҳоди Давлатҳои Аврупоӣ намеҳисобид.

Ба ақидаи Карл Краузе, фаъолияти Иттиҳод бояд дар асоси шартномаи устувору асосӣ сурат гирад. Пешниҳодҳои асосии муаллиф оидба ташкили Иттиҳоди давлатҳои Аврупоӣ, ки дар шартнома дарҷ гардида буданд, дар зер меорем.

1. Давлатҳои аҳдкунанда муттаҳид мешаванд, то ин ки дар муносибатҳои байни худ доир ба ҳуқуқи халқҳо дар тамоми ҳаҷмаш аҳамият диҳанд .

2. Пеш аз ҳама, онҳо аҳд мекунанд, ки қонунгузорие, ки ҳуқуқи халқҳоро муқаррар менамояд, мувофиқ бошад, тибқи он муносибатҳои ҷамъиятиро ба роҳ монанд, мазмунашро бо ризояти якдигар такмил диҳанд, бо роҳи назорати доимӣ, бо роҳи пешгирии ҳаргуна таҷовуз аз дохил ва хориҷ онро нигоҳ дошта ҳифз намоянд. Мазмуни мухтасари қонуни халқии мазкур аз инҳо иборат аст:

a) ҳар як халқ дар дохили иттиҳод ва давлатҳо баробарҳуқуқ мебошанд, ҳуқуқҳои муқарарнамудаи иттиҳодро новобаста аз шумора ва бузургӣ истифода мебаранд. Ба ҳайси давлати аъзои иттиҳод ҳамаи давлатҳои муттаҳидшуда ва ҳукуматҳои онҳо мақоми якхела ва ҳуқуқҳои баробар дошта, ҳамаи онҳо дар назди қонун ва суди Иттиҳод баробар мебошанд;

b) давлатҳои муттаҳида ба якдигар кафолатҳои тарафайни баробарии ҳуқуқиро дар ҳудуди худашон ва ҳуқуқи тарафайни ҳангоми ташриф овардан ба ҳудуди давлати дигар, ҳамчунин ҳуқуқи баробарро барои истифодаи обҳои умумӣ, обҳои дохилӣ ва уқёнусҳоро дар ҳамон ҳадде, ки ҳокимияти иттиҳод татбиқ мекунад, медиҳанд;

c) шомилшавии ҳар як халқ ба иттиҳод ихтиёран сурат мегирад. Иттиҳоди давлатҳо наметавонад ягон халқро аз узвияти Иттиҳод бе иҷозати шартномаи иттиҳод ва суд, ҳатто дар ҳолате, ки агар ин халқ шартномаи асосии иттиҳодро вайрон карда бошад, хориҷ намояд;

d) давлати ба иттиҳод муттаҳидшуда, метавонад давлатҳои дигареро, ки то ҳол ба он шомил нашудаанд, барои муттаҳидшавӣ даъват намояд, ба шарте, ки озодӣ, озодии ирода ва ё рушди ин халқҳоро халалдор насозад, ҳамчунин бо роҳи зӯроварӣ кӯшиши ба иттиҳоди давлатҳо шомил шудани онро накунад;

e) давлати ба иттиҳод муттаҳидшуда ҳуқуқи тамоми халқҳоро эҳтиром менамояд, новобаста аз узвияти ин халқ ба иттиҳод. Давлати аъзои иттиҳод ҳангоми кӯшиши маҳрум сохтани ҳуқуқи халқҳо, пурра ва бечунучаро аз ҳуқуқи худмудофиа ё қасос маҳрум мегардад. Давлатҳои

иттиҳод ниҳод ва қарорҳои қабулнамудаи иттиҳодро, ки дар ҷаласаи суди якҷояи халқҳо қабул гардидаанд, эътироф менамоянд. Байни тамоми давлатҳои иттиҳод сулҳи устувор амал намуда, ягон давлати ба он шомилбуда наметавонад ҳамчун давлати алоҳида бар зидди давлати дигари узви иттиҳод набуда амалиёти ҷангиро оғоз намояд. Аз болои қарори Суди Иттиҳод шикоят (аппелятсия) оид ба бекор кардани он оварда намешавад ва давлати қарорро эътироф накарда, аз узвияти иттиҳод хориҷ шуда, минбаъд нисбаташ ҳамчун давлати хориҷӣ муносибат карда мешавад;

g) давлатҳои муттаҳидшуда ваъда медиҳанд, ки дар ҳамбастагӣ ҳуқуқҳои якдигар, яъне ҳуқуқи ҳар як давлати узв ва ҳуқуқи умумиашонро ҳифз мекунандва ҳамчун қувваи муттаҳида бар зиддди дилхоҳ таҷовуз ё зулми бар зидди иттиҳод содиршуда амал менамоянд. Дар сурати оғоз гардидани ҷанги одилона онҳо уҳдадоранд, ки шартнома дар бораи мудофиа ва ҳуҷумро ба имзо расонида, онро мавриди ратификатсия қарор диҳанд. Танҳо иттиҳод, дар маҷмуъ, ҳуқуқи эълони ҷанг ва бастани сулҳро дорад [4 ; 360-361].

3. Давлатҳои аҳдкунанда суди халқиро ташкил дода тамоми мушкилоти марбут ба давлатҳои муттаҳидшударо дар самти ҳуқуқ ва поймолшавии ҳуқуқ баррасӣ менамоянд. Суди мазкур қарорро озодона вобаста ба қонуни халқҳои дар боло овардашуда, дар асоси тафтиши одилона вобаста ба ҳар парвандаи ба он вогузоршуда қабул менамояд.

4. Онҳо ба якдигар кафолат медиҳанд, ки дар ҳокимиятҳои муттаҳидаи худ қонунҳо ва қарорҳои суди халқро мавриди амал қарор медиҳанд.

5. Давлатҳои аҳдкунандаи Иттиҳод бо мақсади фаъолияти қонунгузорӣ ва дар маҷмуъ, ҳуқуқэҷодкунӣ Шурои доимоамалкунандаи Иттиҳодро таъсис медиҳанд. Идоракунии Иттиҳод танҳо аз ҷониби Шурои Иттиҳод сурат мегирад. Шуро аз ҳисоби намояндагони олӣ ва мустақили ҳукумати ҳар як давлати узв, волиёну аристокаратҳо ва президентҳои давлатҳои шакли идораи ҷумҳуриявӣ, ки шахсан худашон дар кори Шуро иштирок менамоянд ва ё ваколати худро ба шахси доимии дар кори Шуро ширкаткунанда, баҳри нигоҳ доштани ҳуқуқҳояшон вогузор менамоянд. Ҳамаи аъзоёни Шуро ҳуқуқи баробар доранд [4 ; 361].

Ба ақидаи мо, ин аввалин таклифи мукамммал ва илман асоснок барои дар оянда ташкил намудани созмони байналмилалии Иттиҳоди Аврупо ба ҳисоб мерафт.

Олими фаронсавӣ Сен Симон низ якчанд таклифҳои худро вобаста ба муттаҳидшавии Аврупо дар доираи як созмон пешниҳод намудааст. Ӯ зарурати ба роҳ мондани ҳамкории иқтисодиву сиёсии давлатҳоро ҷиҳати

бунёди Аврупои ягона, иштироки якҷояи онҳо дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ, соҳаи бонкдорӣ, тиҷорати муштараки фаросарҳадӣ, саноат ва ғайраро пешниҳод намуда буд. Дар лоиҳа ташкили воситаи ягонаи муомилот пешбинӣ шуда буд.Ба ақидаи Сен Симон, шакли беҳтарини идоракунии давлатҳо ин демократияи парлумонӣ ба ҳисоб рафта, парлумони миллии давлатҳо ҷиҳати ташкили парлумони ягонаи умумӣ барои ҳама, ки манфиати тамоми ҷомеаи аврупоро ҳимоя менамояд, мусоидат хоҳад кард. Аз нигоҳи ҳуқуқӣ лоиҳаи Сен Симон ба конфедератсияи аврупоӣ шабоҳат дорад, ки ягонагии он бо роҳи чунин мезханизмҳо чун ниҳодҳои умумӣ, амалигардонии манфиатҳои умумӣ ва ғ. таъмин карда мешуд. Лоиҳаи мазкур соли 1814 барои чоп омода гардида, вале аз ҷониби ниҳоди махсус (сензура) манъ гардида, танҳо соли 1832 ба нашр расид [3; 20]. Дар маҷмуъ, Сен Симон пешниҳод намуда буд, ки низоми сиёсии тамоми давлатҳои Аврупо ягона карда шуда, миллатҳои аврупоӣ тавассути таъсиси институтҳои ягонаи сиёсӣ ва ҳукумати ягонаи федеративӣ, ки комилан аз ҳукуматҳои миллӣ вобаста набошанд, муттаҳид карда шаванд [ 1 ].

Соли 1878 яке аз олимони намоёни соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ К.Блунтшли (Швейтсария) дар мақолааш «Созмони Иттиҳоди Давлатҳои Аврупо» таклиф менамояд, ки Иттиҳоди мазкур таҳти идоракунии Шурои федералӣ ва Сенат, ки бо тариқи бевоситаи умумӣ интихоб мегарданд, қарор дода шавад [5 ; 23 ].

Ҷанги якуми ҷаҳон ба қитъаи Аврупо талафоти зиёдиҷониву иқтисодӣ оварда, бо имзо намудани Сулҳи Версал аз 28 июни соли 1919 ба ҷанг хотима бахшида шуд. Зикр кардан бамаврид аст, ки тибқи шартномаи мазкур Олмон барои зарарҳои ҳарбии расонидааш уҳдадориҳои байналмилалиро ба зиммаи худ гирифт. Дар моддаи 45-уми Шартномаи сулҳи Версал дарҷ гардидааст, ки ба сифати ҷуброни вайронкунӣ конҳои ангишт дар шимоли Фаронса ва ҳамчун репаратсия барои зиёни ҳарбӣ, ки аз Олмон ҳисоб карда мешавад, охирин ба фоидаи Фаронса ба моликияти пурра ва бемаҳдуд, бидуни тамоми қарзу уҳдадориҳо бо ҳуқуқи мустаснои истифодабарӣ захираҳои ангишт, ки дар Ҳавзаи Саарск воқеъ гардидаанд, месупорад [7 ; 22]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки то ва баъди Ҷанги якуми ҷаҳон, инчунин, баъди анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон, байни Олмону Фаронса муносибати ҷангӣ ва норозигиҳо ҷой доштанд. Бинобар ин, сиёсатмадорону олимон роҳҳои муттаҳидшавии давлатҳои Аврупоро дар сулҳу созиши байни ин ду давлат маънидод менамуданд, ки дар ин бора дар поён муфассалтар сухан хоҳем ронд.

Пас аз анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳон бароимуттаҳидшавии давлатҳои Аврупо кӯшишҳои зиёд шуд. Соли 1923 аз ҷониби файласуфи австриягӣ

Рихард Куденхов-Калерги китобе бо номи «Панаврупо» ба нашр расид, ки дар он таъсиси сохтори байниҳукуматии «Иттиҳоди Панаврупоӣ» пешниҳод гардида буд. Барномаи Р.Куденхов-Калерги ҷиҳати таъсиси Панаврупо аз 9 банд иборат буд. Чунончи:

- таъсиси иттиҳоди аврупоии давлатҳои баробарҳуқуқ, ки амният ва мустақилии ҳар кадоми он бояд кафолат дода шавад;
- таъсиси низоми ягонаи судӣ барои ҳалли низоъҳои байнидавлатии эҳтимолӣ;
- таъсиси ҳайати ҳарбии умумиаврупоӣ, ҳамчун восита ё афзори дастгирии сулҳ ва халъисилоҳи умум;
- таъсиси иттифоқи гумрукӣ;
- ифтитоҳи тарафайни мавзеъҳо барои тиҷорати озод;
- таъсиси асъори озод барои муомилот;
- нигоҳ доштани айнияти фарҳангии давлатҳои узви «Иттиҳоди Панаврупоӣ» ҳамчун асоси он;
- ҳимояи ақаллиятҳои милливу динӣ бо роҳи қабули Хартияи бузурги таҳамулгароии умумиаврупоӣ;
- ҳамкорӣ бо Лигаи Миллатҳо [11 ; 24-25].

Ақидаҳои Р.Куденхов-Калерги асос ва барои бунёди Иттиҳоди Аврупо минбаъд ба таври васеъ истифода шуда, дар баъзе адабиёт ӯро ҳамчун «падари ҳамгироии аврупоӣ» ном мебаранд. Р.Куденхов-Калерги асосгузор ва аввалин президенти (соли 1926 интихоб гардид) ҳаракати байналмилалии Иттиҳоди Панаврупоӣ мебошад, ки ин ҳаракат айни ҳол амал намуда, ба ҳолати то январи соли 2022 ба узвияти он 28 давлати аврупоӣ шомил аст.

Ба ҳамин монанд, соли 1929 аз ҷониби олими фаронсавӣ Аристил Бриана лоиҳаи муфассал оид ба муттаҳидсозии Аврупо дар заминаи «рабитаи федеративӣ», «бозори умумӣ» пешниҳод гардид, ки мақсади асосии он болоравии иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аврупоиён ба ҳисоб мерафт [5; 25].

Зикр кардан бамаврид аст, ки пас аз анҷоми Ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳон яке аз ташаббускорони муттаҳидшавии Аврупо собиқ сарвазири Британияи Кабир У. Черчилл ба ҳисоб мерафт. У. Черчил дар яке аз баромадҳояш қайд намуда буд, ки «Тамоми фикри ман дар навбати аввал ба Аврупо ба эҳёи бузургии Аврупо, гаҳвораи тамаддун ва миллатҳои муосир равона гардидааст... Айни ҳол инро гуфтан мушкил нест ва ман фикр мекунам, ки оилаи миллатҳои аврупоӣ метавонанд якдилона таҳти роҳбарии Шурои Аврупо амал намоянд. Ман ба оянда дар хусуси таъсис додани Иёлоти Муттаҳидаи Аврупо бовар дорам» [3 ; 160].

Ҷанги дуюми ҷаҳон аз ҳама зиёд ба қитъаи Аврупо таъсири манфӣ расонида, иқтисодиёти давлатҳо фалаҷ гардида, миллионҳо одамон қурбон шуданд. Дар ин давра зарурати эҳёи иқтисодиёти давлатҳо, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, созмон додани механизми самараноки ҳамкорӣ ва ҳалли мусолиҳаомези тамоми баҳсҳои байнидавлатӣ ба вуҷуд омада буд. Роҳи асосии раҳоӣ аз вазъияти бавуҷудомаро олимону сиёсатмадорон дар муттаҳид сохтани давлатҳои Аврупо меҳисобиданд.

Пас аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон соли 1946 сарвазири Британияи Кабир У. Черчилл зимни баромадаш дар Донишгоҳи шаҳри Сюрихи давлати Швейцария муттаҳидшавии давлатҳои Арвупоро дар самти ташкили Иёлоти Муттаҳидаи Аврупо даъват намуд. Ӯ қайд намуд, ки «Як роҳи асосие ҳаст, ки агар ҳамаи кишварҳои аврупоӣ якҷо мусолаҳат кунанд, манзараи ҳозираро ба таври муъҷизавӣ тағйир медиҳад ва тӯли чанд сол тамоми Аврупо ё ҳадди ақалл қисми зиёди онро мисли Швейтсария озод ва хушбахт мегардонад. Ин муъҷиза чист? Дар барқарор намудани оилаи халқҳои Арвупо дар ҳайати пурратар ва ба вай додани чунин сохте, ки ҳаёти осоишта, бехатар ва озодонаро таъмин кунад. Мо бояд чизе монанди Штатҳои Муттаҳидаи Аврупо созем» [10 ; 102].

Дар маърузаи хеш У.Черчилл ду пешниҳод ҷиҳати муттаҳидшавии Аврупо манзур намуда буд:

1) барқароркунии «оилаи аврупоӣ», ба монанди Штатҳои Муттаҳидаи Аврупо – сохторе, ки сулҳу амният ва озодиро таъмин намояд;

2) ба созиш ва шарикӣ овардани Олмону Фаронса [ 9 ; 22].

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар матн ибораи “оилаи аврупоӣ” бештар истифода мегардад ва ин ба маънои давлатҳои дар ин қитъа воқеъбуда, ҳамчунин, тамоми халқу миллатҳои дар дохили ин давлатҳо иқоматдошта дар назар дошта шудааст. Дигар ин, ки ақидаҳои У.Черчил дар бораи ба сулҳу созиш овардани Олмону Фаронса яке аз проблемаҳое мебошад, ки ин ду давлат вориди Ҷанги якуми ҷаҳон шуданд ва баъдан дар Ҷанги дуюми ҷаҳон низ Фаронса аз ҷониби артиши гитлерӣ забт гардида буд. Пас аз хатми Ҷанги дуюми ҷаҳон низ Фаронса ҳамчун товони зарари ҷанг як қисми заминҳои Олмонро ба ҳудуди худ ҳамроҳ намуд, ки ин масъала дар ниҳоят норозигии зиёдеро ба вуҷуд овардааст, ки дар ин бора дар поён муфассал оварда мешавад.

Аввалин қадаме, ки баҳри таъсиси Иттиҳоди Аврупо дар шакли нав гузошта шудааст, ин изҳорот ё Эъломияи вазири корҳои хориҷии Фаронса Роберт Шуман мебошад, ки соли 1950 дар Париж эълон гардидааст. Ин изҳоротро Роберт Шуман 9 майи соли 1950 аз номи Ҳукумати Фаронса баён намуд ва ин рӯзро ҳамчун Рӯзи Аврупо ҷашн мегиранд. Шуман дар

изҳороташ қайд намуда буд, ки «Пас аз панҷ сол, рӯзе, ки ба рӯзитаслимшавии бечунчарои Олмон рост меояд, Фаронса қадами нахустин ва устувори худро дар самти бунёди Аврупо гузошта, Олмонро низ ба ин бунёдкорӣ ҳамроҳ менамояд. Дар натиҷа, шароити зиндагии аврупоӣ куллан тағйир ёфта, то ҳол собиқ амалинашвандаҳо дар натиҷаи амалҳои якҷоя имконпазир мегарданд. Яъне, Аврупои боварибахши муттаҳид ва устувор бунёдшаванда тавлид меёбад. Ба туфайли муттаҳид гардонидани истеҳсолот ва васеъ гардидани бозорҳо нархҳо ба пастшавӣ омада расида, сатҳи зиндагонӣ дар Аврупо баланд мегардад» [2 ; 2]. Роберт Шуман таклиф намуда буд, ки «Ҳукумати Фаронса пешниҳод мекунад, ки ҳамаи истеҳсолоти ангишту пӯлоди фаронсавиву олмонӣ таҳти итоати Мақомоти Олии идоракунӣ, ба ҳайси созмон (созмони байналмилалӣ - тавзеҳи И.Ф.Ф) вогузор намоянд, ки он хислати ошкоро дошта, ҳамаи давлатҳои Аврупо ҳуқуқи ба он ҳамроҳ шуданро доранд» [ 2 ; 10].

Гарчанде изҳоротро Роберт Шуман баён карда бошад ҳам асосгузори ин нақша ходими дигари намоёни сиёсӣ Жан Монне, ки ҳамон давра вазифаи комиссар оид ба нақшагирии Ҷумҳурии Фаронса ва баъдан аввалин раиси мақомоти олии Иттиҳодияи Аврупоии саноатчиёни ангишту пӯлод, ҳамчунин, асосгузори роҳбари Кумитаи мубориза баҳри Иёлоти Муттаҳидаи Аврупоро ба уҳда дошт, мебошад. Дар аксари адабиёт Жан Моннеро ҳамчун «меъмор» ё «падар–асосгузор»-и Ҷомеаи Аврупо меноманд.

Ҳамин тариқ, нақшаҳои Робет Шуман ва Жан Монне самар дода, 18 апрели соли 1951 дар шаҳри Париж аз ҷониби давлатҳои Фаронса, Олмон, Италия, Белгия, Нидерландия ва Люксембург Шартнома дар бораи таъсиси Иттиҳодияи аврупоии саноатчиёни ангишту пӯлод (номи ғайрасмиаш “Шартномаи Париж” аз соли 1951) ба муҳлати 50 сол ба имзо расонида шуда, пас аз мавриди тасвиб қарор гирифтани шартномаи мазкур дар парлумони ин давлатҳо 25 июли соли 1952 мавриди амал қарор гирифт.

Ба ғайр аз шартномаи номбаршуда, 25 марти соли 1957 дар Рим аз ҷониби намояндагони ҳукуматҳои Белгия, Италия, Люксембург, Нидерландия, Фаронса ва ҶФО Шартнома дар бораи таъсиси Ҷомеаи Аврупоии энергияи атомӣ (Евратом) ба имзо расонида шуд, ки баъди ба тасвиб расидан аз ҷониби ин давлатҳо аз 1-уми январи соли 1958 ба ҳукми қонун даромад.Ҷидду чаҳди давлатҳои мазкур ба он оварда расонид, ки 25 марти соли 1957 дар Рим Шартнома дар бораи таъсиси Ҷомеаи иқтисодии Аврупо ба имзо расида, 1 январи соли 1958 мавриди амал қарор гирифт.

Дар соли 1990 ду конфронси оид ба коркарди Иттиҳоди иқтисодиву сиёсӣ баргузор гардид, ки натиҷаи ниҳоии кори он, имзо гардидани Шартнома дар бораи Иттиҳоди Аврупо мебошад. Шартномаи мазкур 7

феврали соли 1992 дар шаҳри Маастрихт (Нидерландия) ба имзо расида бо номи ғайрирасмии «Шартномаи Маастрихт» машҳур мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки баҳри мавриди амал қарор гирифтани ҳар як шартномаи байналмилалӣ, тасвиби он аз ҷониби мақомоти олии қонунгузори кишвар ё райъпурсӣ ногузир аст. "Шартномаи Маастрихт" соҳибихтиёрии давлатҳои онро маҳдуд сохта, ислоҳоти конститутсиониро талаб менамуд. Пас аз ба тасвиб расидан аз ҷониби давлатҳои узв 1 ноябри соли 1993 "Шартномаи Маастрих" ба қувваи қонунӣ даромад.

"Шартномаи Маастрихт" тағйиротро ба фаъолияти се созмони солҳои 1951 ва 1957 таъсисдодашуда ворид намуд. Пеш аз ҳама, созмони нави ҳамгироии Иттиҳоди Аврупо таъсис ёфт, ки он фарогири тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Ба ин созмон на танҳо ҳамгироии иқтисодӣ, балки сиёсати умумии хориҷӣ ва сиёсат дар соҳаи амният ҳамчун такягоҳи дуюм таъсис дода шуд. Дар доираи ҳамкорӣ дар соҳаи адолати судӣ ва корҳои дохилӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти давлатҳои узв баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва мубориза бо ҷинояткорӣ таъсис дода шуда, минбаъд дар ин замина мақомоти ҳифзи ҳуқуқи созмон, аз қабили АВРУПОЛ, АВРУЮСТ ва ғ. таъсис дода шуданд.

Ҳамин тариқ, дар ташкил ва ташаккули созмони байналмилалии хислати ҳамгироидоштаи Иттиҳоди Аврупо дар баробари низоъҳои мусаллаҳонаи байнидавлатии дар қитъаи мазкур баргузоргардида, бӯҳрони иқтисодиву сиёсӣ ва демографии бавуқуъпайваста саҳм гузошта, доктринаи аз ҷониби олимону сиёсатамадорон манзургардида марҳила ба марҳила ба пайдоиши созмони мазкур мусоидат карда, дар охир ба ташкили бозори умумӣ оварда расонид, ки дар он ҳаракати озодонаи мол, одамон, хизматрасонӣ ва сармоя кафолат дода шуда, давлатҳои аъзои он аз рӯйи сиёсати умумии хориҷӣ ва сиёсат дар соҳаи амният дар арсаи байналмилалӣ фаъолият менамоянд.

## АДАБИЁТ

1. Ахвердян Т.А. Истоки европейского единства. URL:https:-//infourok.ru/nauchnaya-statya-po-teme-istoki-evropeyskogo-edinstva-521240.html (санаи муроҷиат 23.11.22)

2. Декларация от 9 мая 1950 года, оглашенная Робером Шуманом, министром иностранных дел, в Париже, на Кэд' Орсэ в салоне часов // История Европейской интеграции. Хрестоматия. В 3-х частях. Ч 1. История Европейских Сообществ. Составители: Браницкий А.Г., Леушкин Д.В. – Н. Новгород: Нижегородский госуниверситет, 2014. – 130 с.

3. Волков Ф.Д. За кулисами второй мировой войны. - М.: Мысль, 1985. - 304 с.

4. Карл Краузе. Набросок проекта Союза Европейских государств в качестве основы всеобщего мира и правового средства предотвращения

любых посягательств на внутреннюю и внешнюю свободу Европы// Трактаты о вечном мире / Сост. И. С. Андреева и А. В. Гулыга. — СПб.: Алетейя, 2003. — 398 с.

5. Кашкин С.Ю. Право Европейского Союза. Учебное пособие. – М.: Проспект, 2009. -304 с.

6. Кашкин С.Ю., Четвериков А.О., Калиниченко П.А. и др. Право Европейского Союза: учебное пособие (отв. ред. С.Ю. Кашкин). - 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Проспект, 2011. – 274 с.

7. Ключникова Ю.В., Сабанина А. Версал. Версальский мирный договор полный перевод с французского подлинника. Издание Литиздата НКИД. - Москва, 1925. - 236 с.

8. Ковлер А.И. Европейская интеграция: федералистский проект (историко правовой очерк). – М.: Статут, 2016. – 216 с.

9. Кольцов, Михаил Вячеславович. Европейская интеграция: история и современность: текст лекций / М. В. Кольцов; Яросл. гос. ун-т им. П. Г Демидова. – Ярославль: ЯрГУ, 2014. – 68 с.

10. Чернышёв Е.Ю. У. Черчилль и проблема центрально-европейской интеграции // Ретроспектива: всемирная история глазами молодых исследователей: сборник научных статей. Кол. авт. Российский государственный университет им. И. Канта, отв. ред. Сергеев В.В. - Калининград. 2005. - С. 94 -103.

11. Юмашев Ю.М. Европейская идея и ее развитие от «Христианской Республики» до Европейского Союза // Труды Института государства и права Российской академии наук. - №3. - 2015. - С.5-46.

## ДОКТРИНА И ВООРУЖЕННЫЕ КОНФЛИКТЫ КАК ОСНОВНОЙ ИСТОЧНИК И ФАКТОР СОЗДАНИЯ И РАЗВИТИЯ МЕЖДУНАРОДНОЙ ОРГАНИЗАЦИИ ИНТЕГРАЦИОННОГО ХАРАКТЕРА – ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА

**ИДИЗОДА ФАЙЗАЛИ ФУЗАЙЛШО,**
доцент кафедры международного права юридического факультета
Таджикского национального Университета
734001, Таджикистан, город Душанбе, улица Пушкина 1, кв.10;
тел. (+992) 988-98-31-98; e-mail: faizali.idiev@gmail.com

*В статье впервые на таджикском языке анализируются и рассматриваются мнения ученых философов, политологов и юристов по вопросам создания и развития международной организации интеграционного характера – Европейского союза, а также в конце предлагается мнение* ***автора по этому вопросу.***

***Ключевые слова:*** *Соединенные штаты Европы, Паневропейский союз, Единная Европа, Европейская интеграция, Европейская семья, федерация, конфедерация, монархия, Версальский мир, Евратом, Европейское*

*сообщество, Маастрихтский договор, Лига Наций, Европейский союз, Германия, Франция.*

## DOCTRINE AND ARMED CONFLICTS AS THE MAIN SOURCE AND FACTOR IN THE CREATION AND DEVELOPMENT OF THE INTERNATIONAL ORGANIZATION OF INTEGRATION – OF EUROPEAN UNION

**IDIZODA FAIZALI FUZAILSHO,**
Associate professor of the department of international law of the faculty of law of theTajik national University
734001, Tajikistan, Dushanbe, Pushkin street 1, apart.10;
tel. (+992) 988-98-31-98; e-mail: faizali.idiev@gmail.com

*For the first time in the Tajik language, the article analyzes and examines the opinions of scientists, philosophers, political scientists and lawyers on the creation and development of an international organization of an integration nature – the European Union, and also at the end the author offers his opinion on this matter.*

***Keywords:*** *United States of Europe, Pan-European Union, United Europe, European integration, European family, federation, confederation, monarchy, Versailles Peace, Euratom, European Community, Maastricht Treaty, League of Nations, European Union, Germany, France.*

УДК: 327.8

# САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ ТЕРРОРИЗМ ВА ОМИЛҲОИ ИНКИШОФИ ОН

**МАҲМАДЁРОВ БАХТИЁР МАЪМУРОВИЧ,**
унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 54/2;
тел.: (+992) 93-444-18-72; e-mail: bekhruz.20@mail.ru

*Дар мақола сабабҳои пайдоиши терроризм ва омилҳои инкишофи он дар замони муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дар заминаи таҳқиқ муайян намудааст, ки сабабҳои асосии пайдоиши терроризм нобаробарии иҷтимоӣ, ноустувории сиёсӣ, зиддиятҳои этникӣ, сиёсишавии дин ва вазъи номусоиди иқтисодӣ мебошад. Омилҳои инкишофи ин зуҳурот дастрасӣ пайдо кардани гурӯҳу созмонҳои террористӣ ба технологияи муосир, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовару силоҳу аслиҳа, қудрати сиёсиро дар Афғонистон ба даст овардани созмони байналмилалии террористии ҳаракати “Толибон” ва оғоз шудани марҳалаи расмишавии терроризми муосир, таълимоти ғайриқонунии динӣ, таҳсили ғайрирасмии наврасону ҷавонон дар муассисаҳои динӣ, дониши нокифояи динӣ ва дунявӣ, муҳоҷирати корӣ, таъсири маънавию ахлоқии оила ва муҳити истиқомат ва ҷаҳонишавӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *терроризм, сиёсишавии дин, зӯроварӣ, низоъ, хушунат, идеология, бунёдгароӣ, мубаллиғ, технологияи муосир, нобаробарии иҷтимоӣ, зиддиятҳои этникӣ, ихтилофоти иҷтимоӣ.*

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 15 апрели соли 2009 таъкид шуда буд, ки *“Имрӯз инсоният бо таҳдидҳои нав, аз ҷумла терроризми байналмилалӣ, аслиҳаи қатли ом, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, гармои умумисайёравӣ ва бемориҳои сирояткунанда рӯбарӯ гардидааст. Тоҷикистон комилан ҷонибдори собитқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти мубориза бо терроризми байналмилалӣ буда, дар он саҳми хешро мегузорад. Дар баробари ин, мо зарурати бартараф намудани сабабҳо ва омилҳои бавуҷудорандаи терроризмро, ки аз камбизоатӣ, аз адолати воқеӣ дур будани воқеияти низоми ҷаҳонӣ, сатҳи пасти маърифат, ҷудоиандозии миллӣ, ихтилофи фарҳангӣ ва амалҳои худгароёнаи баъзе давлатҳо дар арсаи байналмилалӣ иборатанд, ногузир мешуморем”* [1].

Ҳар лаҳза фаъолияти пасипардагии ташкилоту гурӯҳҳои террористӣ таҳдиду хатарҳои воқеиро ба ҳар як фарди сулҳҷӯ ва осоиштаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд меоранд. Зуҳури падидаи мазкур ҳанӯз аз замонҳои қадим маншаъ гирифта, сабаби пайдоишаш манфиатҳои қавмӣ, гурӯҳӣ, шахсӣ ва ғайра мебошад [17]. Асоси ин манфиатҳоро талаботи иқтисодӣ ташкил медиҳад. Алорағми манфиатҳо, ки мақсадаш ҷамъ кардани сарват ва пулу мол аз ҷонибест, чӣ қадар хуни халқи бечора рехта мешавад. Муҳаққиқон беҳуда нагуфтаанд, ки ҷангро сиёсиён ва манфиатҷӯён оғоз мекунанд, вале халқи бечора қурбон мегардад. Воқеан, ҳамин тавр аст, вагарна барои манфиати касоне, ки худ аз ҷангу куштор ва майдони муноқиша фарсоххо дуранд, вале амалиёти ҷангро аз дуриҳо назорат ва идора мекунанд.

Бозингарони аслии саҳнаҳои геополитикӣ бағоят хушзеҳн, ҳушёр ва андешаманд буда, аз лиҳози стратегӣ, пешакӣ сари даҳсолаҳо ва ҳатто садсолаҳои оянда фикр мекунанд, барнома месозанд ва ба амалисозии он мепардозанд. Онҳо бар он мекӯшанд, ки душманони идеологии худро хуб омӯзанд. Талош меварзанд, ки табиат ва психологияи миллатеро, ки ҳадаф қарор додаанд, ба дараҷаи максималӣ азбар намоянд, то тавонанд ҷараёнҳои режими сиёсии мавриди назарро ба даст гирифта, баъдан идора кунанд. Онҳо қаноатманд мешаванд, замоне ки бо халқҳои “каммаърифат”, ба ибораи дигар “содалавҳ” дучор меоянд, зеро “вақте халқ тираақл аст, идора карданаш осон мебошад” [14, с. 18-19].

Дар иртибот ба ин, терроризм ва экстремизм дар кишварҳое густариш меёбанд, ки мардумони онҳо аз лиҳози фарҳангу маърифат ва умуман дониш, қафо мондаанд, зеро яке аз василаҳои муфид каммасраф ва ниҳоят осонӣ татбиқи ин барномаҳо истифодаи мақсадноки зуҳуроти терроризм ва экстремизм мебошад. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир падидаҳои мазкур ҳамчун афзори геополитикӣ мавриди истифодаи кишварҳои манфиатҷӯ қарор дошта, таҳдиду хатарҳои онҳо ба амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ миқёсан афзуда истодааст. Ин аст, ки танҳо соли 2017 бештар аз сад давлати дунё мавриди ҳамлаи террористон қарор гирифтаанд. Бар асари ҳамлаҳои террористӣ садҳо ҳазор нафар аҳолии осоишта ба ҳалокат расида, миллионҳо нафар ҳамчун гурезаи иҷборӣ макону манзили зисти худро тарк кардаанд. Зарари ба иқтисодиёти ин кишварҳо расонидашуда садҳо миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад [13, с.250-251].

Терроризм дараҷаи амалии зоҳиршавии экстремизм буда, асосҳои сохтори конститутсионӣ, истиқлоли сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, мавҷудияти давлату миллатҳо ва ниҳоятан аз байн бурдани низоми амнияти миллию минтақавиро ҳадафи хеш қарор медиҳад. Барои муайян кардани дараҷа ва сатҳи таҳдиду хатарҳои ин зуҳуроти номатлуби фаромиллию фаромарзӣ,

инчунин, таъмини самаранокии муқовимат ба он ва ноил гардидан ба мақсадҳои сазовор, ошкор сохтан ва аниқ намудани сабабҳои аслии пайдоиши терроризм ва омилҳои густариши он ба манфиат созгор аст.

Зуҳуроти терроризм ҷанбаҳои зиёд ва мухталиф дорад, ки омӯзиш ва таҳқиқи он низ равишу муносибатҳои гуногунро тақозо менамояд. Ин масъалаи тахассуси ҳуқуқӣ, таҳлили сиёсатшиносӣ ва баҳодиҳии иҷтимоию психологии сабабҳо ва оқибатҳои муайян кардани решаҳои таърихӣ мебошад. Бо дар назардошти он ки терроризм бо сабабҳои зиёди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ, таърихӣ ва ғайра ба вуҷуд меояд, муқовимат бо он кори ниҳоят мушкил ва заҳматталаб аст. Имрӯз зарурати муайян ва таҳлил кардани шароитҳо, сарчашмаҳо, омилҳо, сабабҳои терроризм дар заминаи таърихӣ ва замони муосир барои аниқ ва мушаххас намудани шаклу усулҳо ва воситаҳои самараноки муқовимат бо ин зуҳуроти мураккаб ва барои ҷамъият хавфнок ба миён омадааст. Дар шароити кунунӣ аксари коршиносон ва мутахассисони соҳа ба хулосае омадаанд, ки мубориза бо терроризм маъракаи кӯтоҳмуддат ва мансуб танҳо ба давлати алоҳида набуда, андешидани тадбирҳои бунёдии ҳамаҷониба ва дорои захираҳои бузурги инсонӣ ва моддиро тақозо менамояд. Новобаста аз мураккабӣ ва бузургии мушкилот, имрӯз бисёр масъалаҳое мавҷуданд, ки ба самаранокии тадбирҳои андешидаи давлатҳои алоҳида ва умуман ҷомеаи ҷаҳон таъсири калон мерасонанд. Дар робита ба ин, фаъолияти пешгирикунанда бояд на танҳо бо тадбирҳои мушаххасе, ки ба объекти таъсир нигаронида шудаанд, алоқаманд бошад. Муҳимтар аз ин, коркарди дастгоҳи консептуалӣ аст, ки тамоми махсусиятҳои падидаро инъикос намояд, зеро мубориза бурдан бо он зуҳуроте, ки сабабҳои пайдоиш, мафҳум, моҳияти аслӣ ва хусусиятҳои он ноаён аст, мушкил буда, расидагӣ ба мақсади ниҳоӣ имконнопазир аст.

Бинобар ин, имрӯзҳо муборизаи муштарак ва ҳадафмандонаи давлатҳою халқҳо, ниҳодҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятҳо, пеш аз ҳама, бо решаву сабабҳои зуҳуроти терроризм аҳаммияти махсус касб менамояд [3]. Вақте сабабҳои пайдоиши терроризм пурра муайян мегарданд, моҳияти он возеҳу равшан ва тадбирҳои мубориза низ хусусияти воқеӣ мегиранд. Ҳадафи мубориза бар зидди ин падида нишонрас гардида, пояҳои бунёдӣ ва манбаъҳои пайдоиши он комилан фалаҷ мегарданд, ки боиси ба даст овардани натиҷаҳои назарраси муқовимат ва расидан ба мақсади ниҳоӣ мешаванд.

Мураккабӣ ва гуногунии шаклҳои терроризм, ки дар замони муосир пайдо мешаванд, гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки бидуни омӯзиши табиат ва сабабҳои бунёдии он, муқовимат ба он ғайриимкон аст. Дар баробари ин, бо дарназардошти робитаи амиқ ва вобастагии терроризми дохилӣ ва бай-

налмилалӣ, маҷмуи сабабҳо ва шароитҳое, ки онҳоро ба вуҷуд меоранд, асосан умумӣ мебошанд.

Таърифи кӯтоҳ ва дарбаргирандаи нишонаҳои аслии ин падидаро директори Пажӯҳишгоҳи омӯзиши низоъҳо дар Фаронса Б. Крозе чунин шарҳ додааст: *"Терроризм зӯровարии далелнок бо мақсадҳои сиёсӣ мебошад"* [5, с.173].

Тибқи назарияи ҳуқуқшиноси рус Л. В. Щербаков *"Зӯроварӣ дар қонуни ҷиноятӣ қасдан, барои ҷамеа хавфнок, ғайриқонунӣ бар хилофи иродаи шахси дигар содир шуда, барои муносибатҳои ҷамъиятӣ хатар эҷод мекунад"* [15, с.12]. Ба маънои дигар, зӯроварӣ ҳама гуна ҷабру фишор нисбат ба фард ё гурӯҳ, ҳалли хушунатомези низоъ мебошад [8, с.259]. Низоъ вазъи воқеии иҷтимоию сиёсӣ, ки ба он ҳадди ақал ду тараф (фардҳо, гурӯҳҳо, кишварҳо) кашида шудаанд ва ҳар яки онҳо аз оғоз ҳадафҳои носозгор доранд [8, с.262].

Сабабҳои пайдоиши терроризм мисли шаклҳои он гуногун аст. Яке аз сабабҳои асосии пайдоиши терроризм ва манбаъҳои зуҳури он дар ҷомеа нобаробарии иҷтимоӣ мебошад. Нобаробарии тақсимоти имкониятҳо, ҳаҷми неъматҳои иҷтимоӣ, ҳокимият ва сарват метавонад боиси ривоҷи низоъҳои иҷтимоӣ байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ гардад. Аксари ин низоъҳои иҷтимоӣ тадриҷан хусусияти сиёсӣ пайдо менамоянд. Роҳи ҳалли ин низоъҳо метавонад бо истифода аз зӯроварӣ, ки дар шакли терроризм зоҳир мегардад, анҷом ёбад, зеро ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ кӯшиш менамояд, ки мавқеи худро дар ҷомеа беҳтар ва қавӣ карда, неъматҳои моддии зиёдро дар ихтиёр дошта бошад. Ба соҳибшавии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби ин ё он гурӯҳ афзалияти бештар дода мешавад. Дар натиҷа, муноқишаҳои иҷтимоӣ ба муноқишаҳои сиёсӣ табдил меёбанд.

Низоъҳои сиёсии бинобар нобарор тақсим кардани неъматҳои моддӣ бавуҷудомада метавонанд боиси дараҷаи баланди шиддатнокӣ гарданд. Ин аст, ки охири асри XVIII дар Фаронса ва аввали асри XX дар Русия дар заминаи чунин низоъҳо инқилобҳо ба вуҷуд омаданд. Дар ҷараёни инқилобҳои мазкур нисбат ба синфҳои сарнагуншуда амалҳои фоҷиабори зӯроварӣ дар шакли терроризм анҷом дода шуданд.

Ба нобаробарии иҷтимоӣ ҳамчун сабаб ҳанӯз Карл Маркс диққати худро равона карда буд: *"Ҳар қадар хона хурд бошад ҳам, то вақте хонаҳои атрофи он низ хурданд, ин хона талаботи ба иморати истиқоматӣ доштаи ҳамаи хоҳишмандонро қонеъ мегардонад. Аммо, агар дар паҳлуи он қасре бисозанд, он гоҳ ин хонаи хурд мисли кулбаи назарногир ба чашм мерасад"* [7, с.110]. Ин ҳолат боиси бухлу ҳасад, ихтилофоти иҷтимоӣ, эътирозҳо, бадбинӣ ва дигар амалҳои номатлуб мегардад, ки дар шаклҳои гуногуни норозигиҳо, то ҳадди зӯроварию таҷовуз зуҳур меёбанд.

Ноустувории сиёсӣ низ сабаби пайдоиш ва зуҳури терроризм маҳсуб ёфта, аз рӯйи омори ҷорӣ дар давраи он теъдоди амалҳои террористӣ бамаротиб меафзояд. Мисоли он вазъи кунунии Афғонистон ва амалкардҳои ҳаракати "Толибон" шуда метавонад. Умуман, солҳои тулонӣ то ба ҳол набудани суботи сиёсӣ дар Афғонистон ва муноқишаи давомдор бо мухолифин имкон надод, ки режими ҳоким ва аҳолӣ ба барқарор кардани инфрасохтор ва иқтисодиёти харобшуда шуруъ кунанд. Баъди шикасти режими коммунистӣ мубориза алайҳи назорат аз болои Афғонистон дигар муборизаи идеологӣ ва ё мубориза барои озодихоҳии миллӣ набуд, он ба мубориза барои қудрат ва назорат байни пешвоёни гурӯҳҳо, ки бештар аз манфиати қавмӣ ва минтақавӣ маншаъ мегирифт, мубаддал гашт.

Бесуботӣ ва даргириҳои беохир Афғонистонро ба беҳокимиятӣ ва анархияи комил гирифтор кард. Ҳукумати марказӣ танҳо Кобулро роҳбарӣ мекард, дар дигар минтақаҳо қумандонҳои ҷангӣ ва пешвоёни гурӯҳҳои муҷоҳидин ҳукмронӣ меронданд. Дар вилоят ва вулусволиҳо сарварони қавмҳо ва роҳбарони гурӯҳҳои иртиҷоӣ мустақилона волиҳои худро таъйин мекарданд. Ҳамин тавр, ноустувории сиёсӣ барои пайдоиш ва густариши терроризм дар Афғонистон замина фароҳам овард [11, с.199]. Ин боиси он шуд, ки пас аз хуруҷи неруҳои ИМА ва НАТО аз қаламрави Афғонистон (моҳи августи соли 2021), ташкилоти террористии ҳаракати "Толибон" дар Афғонистон сари қудрат омад.

Одатан, дар давраи ноустувории сиёсӣ пояи қонунгузорӣ, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон заиф шуда, кафолати таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат зери суол қарор мегирад. Ин вазъият боиси афзудани амалҳои террористӣ ва густариши терроризм мегардад.

Сабаби дигари пайдоиши терроризм зиддиятҳои этникӣ мебошад, ки дар натиҷаи маҳдуд ва поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои қавму миллатҳои алоҳида, халалдор гардидани манфиатҳои миллӣ, ҷорӣ гардидани зулму ситам, хушунат, муноқишаҳои қавмию нажодӣ, барангехтани кинаю адовати миллӣ, таҳаммулнопазирии миллӣ, ба вуқуъ пайвастани муноқишаю низоъҳо миёни ақаллиятҳои миллӣ ва ғайра ба вуҷуд меояд. Ин низоъҳо ва бархӯрдҳо боиси зӯроварӣ дар намуди терроризми миллӣ мегарданд. Бештар дар ҷаҳони муосир чунин терроризми миллӣ дар терроризми ирландӣ, сикхӣ, курдӣ, арманӣ, уйғурӣ, албанӣ ва баскӣ зоҳир мешавад.

Дар асри якуми милодӣ аввалин гурӯҳи муташаккили террористӣ, ки ҳамчун субъекти ғайридавлатӣ дар музофоти Яҳудия (Фаластини Ҷанубӣ)-и империяи Рим амал мекард, гурӯҳи яҳудии Сикариён (Ханҷардорон) мебошад. Аъзои гурӯҳи террористӣ ашрофони яҳудиро, ки бо румиҳо ҳам-

корӣ карда, кӯшиши бо онҳо бастани сулҳро доштанд, бинобар бар хилофи манфиатҳои миллӣ амал кардан, гунаҳгор донистa, ба қатл мерасониданд. Умуман, ин гурӯҳ ба муқобили римиҳо ва намояндагони ашрофони яҳудӣ, ки барои мухторияти музофотҳои худ бо Рим ҳамкорӣ мекарданд, мубориза мебурданд [9, с.14-15].

Дар шароити мураккаби равандҳои сиёсии ҷаҳон, сиёсишавии дин ва исломишавии сиёсат сабаби калидии пайдоиши терроризм маҳсуб меёбанд. Вобаста ба ин, файласуф ва иқтисодчии амрикоӣ Фрэнсис Фукуями қайд намудааст, ки дар заминаи бархӯрди тамаддунҳо дар тамоми кишварҳои Шарқи Наздик, Африқои Шимолӣ ва ғайра бо роҳандозии тарҳҳои алоҳида аз ҷониби давлатҳои қудратманди ҷаҳонӣ раванди сиёсишавии дин ва исломишавии сиёсат оғоз ёфтааст.

Ба ақидаи муҳаққиқи рус М.П. Требин, дар шароити мураккаби сиёсии ҷаҳон асоси сиёсишавии динро бунёдгарой ташкил менамояд, ки ба ин ё он андоза хосси тамоми динҳои ҷаҳонӣ мебошад [5, с.177-178].

Аслан сесад сол қабл раванди сиёсишавии дин дар Ғарб, дар олами католикӣ ба вуқуъ пайваста буд. Аммо Ғарб ба дарки зарурати бунёди давлатҳои миллии секулярӣ (дунявӣ) баъди барқароршавии сулҳи Вестфал ва дар асоси меъёрҳои коркарднамудаи католики ватандӯст Мартин Лютер расида буд. Ғарб аз ин пушаймон нашуд. Барои он ки имрӯз пурра аз муноқишаву низоъҳои динӣ дур шудааст, чунин ҳолат ба диндорони одӣ ҳам хеле писанд аст. Захираҳои давлатӣ ба самти рушди иқтисодию иҷтимоии худи давлат равона мегардад, на ин ки ба муҳофизат аз терроризм, экстремизм ва идеологияю таълимоти онҳо [14, с.21].

Аммо дар шароити муосир сиёсишавии дин бештар дар шакли сиёсишавии ислом зоҳир мегардад. Нисбати халқиятҳое, ки пайрави ислом мебошанд, бозингарони геополитикӣ маҳз аз ҳамин омили дин истифода мебаранд. Аниқтараш на худи дин, балки сиёсӣ намудани аҳкоми он. Бо тағйир додани хислатҳои трансседентӣ он ба афзори бозингарони геополитикӣ мубаддал мегардад. Барои паҳнсозӣ ва амиқгардонии ин ақида, ҳамасола миллиардҳо доллар харҷ мешавад [14, с.21].

Дар иртибот ба ин раванд, моҳи сентябри соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи дониш чунин қайд намуда буданд: *“Даҳсолаҳои охир баъзе доираҳои манфиатҷӯй исломро ҳамчун омили муборизаи сиёсӣ истифода карда, боиси бадномии дини ислом ва мардуми мусалмон шуда истодаанд. Мо чунин кӯшишҳои сиёсисозии дини мубини исломро ҳамеша маҳкум мекунем ва бар зидди хурофот ва таассуби динӣ мубориза мебарем”* [4].

Неруҳои сиёсие, ки динро ҳамчун силоҳи идеологӣ истифода мебаранд, барои тағйир додани сохти конститутсионии давлат, ки мақсади

ниҳоии онҳо аст, ба ҳама гуна воситаҳои мубориза, аз ҷумла зӯроварӣ, ки дар шакли терроризм зоҳир мешавад, низ рӯ меоваранд. Дар ин замина идеологияҳои зиёд, ба монанди ваҳҳобизм, салафизм, таҳриризм, толибизм ва ғайра дар хориҷа сохта шуда, миёни мусалмонон ворид карда шуданд [14, с.21-22].

Воқеан, дар замони муосир бархе аз кишварҳои манфиатҷӯйи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ барои расидагӣ ба ҳадафҳои стратегӣ ва қонеъ гардонидани манфиатҳои геосиёсию геоиқтисодии худ зуҳуроти сиёсишавии динро мақсаднок босамар истифода менамоянд. Натиҷаи тамоюли тағйирёбанда ва шиддат гирифтани вазъи амниятӣ дар сатҳи ҷаҳон ва минтақа собит менамояд, ки сиёсишавии дин ва исломи сиёсӣ хусусияти устувор пайдо карда, ба як хатари глобалӣ табдил ёфтааст. Одатан, кишварҳои манфиатҷӯ аз хушбоварӣ ва эътиқоди баланди динии аҳолии давлатҳои мавриди назар истифода бурда, ба сиёсикунонии дин, ки боиси пайдоиш ва инкишофи терррориզм мегардад, машғул мешаванд, зеро зуҳуроти терроризм, ки маҳсули он аст, яке аз василаи осон, каммасраф ва муфид барои қонеъ гардонидани манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ маҳсуб ёфта, заҳмат ва харҷи зиёдро тақозо намекунад.

Падидаи сиёсисозии ислом аслан зуҳуроти нав нест. Дини ислом аз ибтидо барои миллати араб ба ҳайси идеологияи давлат хизмат карда, раванди пайванди дину сиёсатро дар таърихи ислом дар худ таҷассум намудааст. Баъд аз зуҳури дини ислом аллакай дар асри VIII барои ҳифзи аркони аслӣ ва пояи исломи ноб салафия ҳамчун ҷараён шакл гирифта буд. Тадриҷан, ин ҷараёни бунёдгарои динӣ дар заминаи мазҳаби суннии ҳанбалӣ, аз ҷониби Ибни Таймия (1263-1328) ва Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (1703-1791) поягузорӣ шуда, дар ибтидо бо номи “ваҳҳобия” шуҳрат ёфт. Сипас пайравони он барои пинҳон намудани амалҳои тундгароии худ, номи “салафия”-ро интихоб намуданд [10, с. 8-9]. Идеологияи он дар заминаи бунёдгароӣ ташаккул ёфта, ба исломи ноб такя менамояд, мазҳабҳо ва арзишҳои нави ба ислом воридшударо пурра инкор месозад. Ин аллакай заминаи иҷтимоиро барои барангехтани низоъ, ки одатан дар асоси зӯроварӣ зоҳир мегардад, ташкил менамояд. Мубаллиғони он бо овардани иқтибосҳои гуногун зӯровариро, ки ба пайдоиши терроризм мусоидат менамояд, асоснок мекунанд.

Агар нишондиҳандаи дарсади баромади нах ба андозаи соли 2017, яъне 33,2% нигоҳ дошта мешуд, имкони 9483,5 тонна нахи иловагӣ ба маблағи 15234,3 ҳазор доллари амрикоӣ даромад гирифтан буд. Нархи миёнаи нахи пахта аз бозорҳои ҷаҳонӣ вобастагӣ дорад. Чӣ тавре аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, фарқи нархи миёнаи он нисбат ба нархи баландтарин (2013,3 дар соли 2021) 25,3 дарсадро ташкил медиҳад. Нархи миёнаи хариди пахта аз хоҷагиҳо бо нархи ҷаҳонии пахта мутобиқ нест. Масалан, дар солҳои 2016–2021 нархи хариди пахтаи хом дар ҶДММ ”Латиф Муродов”-и шаҳри Ҳисор чунин буд (ниг. ба ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. Нархи миёнаи хариди пахтаи хом дар ҶДММ”Латиф Муродов”-и шаҳри Ҳисор дар солҳои 2016–2021.

| Нишондиҳан-даҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори пахтаи фурӯхта-шуда, т | 67,5 | 658,0 | 1127,7 | 734,0 | 625,4 | 794,8 | 4007,4 |
| Маблағи умумии воридгашта, ҳаз. Сомонӣ | 270120 | 3237736 | 6234616 | 3098528 | 2755510 | 7138774 | 22735284 |
| Хароҷот барои пахтаи хом, сомонӣ | 282586 | 2544882 | 6661588 | 3866988 | 3198445 | 4906315 | 21460804 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нархи миёнаи 1 тонна пахтаи хом, сомонӣ | 4001,8 | 4920,6 | 5528,6 | 4221,4 | 4406,0 | 8981,8 | 5673,3 |
| Фоида(+), зарар (-), сомонӣ | -12466 | 692854 | -426972 | -768390 | -442935 | 2232459 | 1274480 |

***Сарчашма**: Ҳисоботҳои солонаи ҶДММ"Латиф Муродов"-и шаҳри Ҳисор дар солҳои 2016-2021.*

Хоҷагӣ дар солҳои 2016-2021 дар маҷмуъ, аз истеҳсоли пахта 1274480 сомонӣ фоида ба даст овардааст, ки дараҷаи даромаднокии он 5,9 дарсадро ташкил дод. Даромаднокии истеҳсоли пахта аз ҳисоби афзоиши нархи он дар солҳои 2017 ва 2021 ба даст омадааст. Хоҷагӣ аз ҳисоби истеҳсоли пахта дар солҳои 2016, 2018, 2019, 2020 ба маблағи умумии 1650763 сомонӣ зарари иқтисодӣ дидааст.

Тибқи ҳисобҳои мутахассисони Вазорати кишоварзии Тоҷикистон, хароҷот барои истеҳсоли 1 тонна пахтаи хом тибқи меъёр дар хоҷагиҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 бояд чунин бошад (Ҷадвали 5)

**Ҷадвали 5.** Сохтори хароҷот барои истеҳсоли 1 тонна пахтаи хом дар хоҷагиҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022.

| Р.т/т | Номгӯйи хароҷот | Хароҷот | Нарх, сомонӣ | Маблағи умумӣ, сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шудгор ва ба кишт тайёр намудани замин, 1 га | 1 | | 1585 |
| 2 | Тухмӣ, кг | 90 | 10 | 900 |
| 3 | **Нуриҳои минералӣ** | | | **7260** |
| 3.1 | Селитра, кг | 200 | 13,00 | 2600 |
| 3.2. | Карбамид, кг | 250 | 10,80 | 2700 |
| 3.3. | Суперфосфат, кг | 200 | 4,40 | 880 |
| 3,4 | Калий, кг | 100 | 10,80 | 1080 |
| 4 | **Сӯзишворӣ** | | | **3270** |
| 4,1 | Сӯзишвории дизелӣ, л/га | 230 | 13,00 | 2990 |
| 4,2 | Равғанҳои молиданӣ | 8 | 35,00 | 280 |
| 5 | Заҳрхимикатҳо, ҳамагӣ кг | 5 | 220 | 1100 |
| 6 | Музди кор, сомонӣ | х | х | 14490 |
| 6.1 | Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 25% | х | х | 3622,50 |
| 6.2 | Андози даромади шахсони воқеӣ,13% | х | х | 1883,70 |
| 7 | Андози ягонаи замин, сомонӣ | х | х | 150 |
| 8 | Хароҷоти истифодаи об, сомонӣ | 10000м$^3$ | х | 200 |
| 9 | Қисмҳои эҳтиётӣ, сомонӣ | х | х | 3000,0 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 10 | Фарсудашавии воситаҳои асосӣ | х | х | 200,0 |
| | **Ҷамъи хароҷоти асосӣ, сомонӣ** | **х** | **х** | **32155,0** |
| 11 | Дигар харҷот (10-15%), сомонӣ | х | х | 1720,0 |
| 12 | **Ҷамъи хароҷоти истеҳсолӣ, сомонӣ** | **х** | **х** | **33875,0** |
| 13 | Даромаднокӣ (меъёр 25%) | х | х | 2758,0 |
| 14 | **Ҳамаи хароҷот, сомонӣ** | **х** | **х** | **36633,0** |
| 15 | **Арзиши аслии 1 кг пахта** | **х** | **х** | **14,65** |

***Сарчашма**: Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Тибқи агротехникаи парвариш ба даст овардани ҳосили баланди пахта хароҷоти истеҳсолии зиёдро талаб менамояд ва новобаста аз мушкилоти молиявӣ хоҷагиҳои кишоварзӣ барои рӯёнидани 25 сентнер ҳосили пахта бо дарназардошти нархҳои амалкунанда тибқи таҳлили пешакии мутахассисон арзиши аслии 1кг пахта 14,65 сомониро ташкил медиҳад.

Соли гузашта ҳангоми сафарбаркунии аввалин “Корвони тиллои сафед” ба нуқтаҳои пахтақабулкунӣ аз тарафи аксари корхонаҳои қабул ва коркард ҳар як тонна пахтаи ҷамъоваришуда бо нархҳои 11-12 ҳазор сомонӣ харида шуда буд. Муттаассифона, баъдтар ва то имрӯз нархи хариди пахта то 7-8 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфт, ки ин ҳавасмандии хоҷагиҳои пахтакорро дар таъмини дурнамои кишт ва истеҳсоли пахта дар оянда заиф мегардонад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд ва ҳамчунин, вазъи ташвишовар ҳам ҳаст, ки як қисми кишоварзон бо дарназардошти паст будани нархи хариди пахта ҳосили истеҳсолшударо ба корхонаҳои коркард насупорида, маҷбур шуданд, ки то боло рафтани арзиши он дар хонаҳояшон нигоҳ доранд.

Дар даврахои аввали ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ барои таъмин ва ҳамкорӣ бо хоҷагиҳои кишоварзӣ ширкатҳои фючерӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Оғоз аз кишт то ҷамъоварии пахта ширкатҳои фючерӣ кишоварзонро дар асоси шартномаҳои тарафайн бо ҳамаи маводи зарурӣ, аз қабили тухмӣ, нуриҳои минералӣ, маблағҳои накдӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ ва ғайра таъмин менамуданд. Ин ҳолат то андозае кори кишоварзонро осон мегардонид. Сониян, баъди барҳам хӯрдани ширкатҳои фючерӣ кишоварзон то ҳоло тавассути сармоягузорони алоҳида ва бонкҳои ҷумҳурӣ фаъолияташонро идома дода истодаанд, ки ин ҳолати коҳиш ёфтани нархи пахта, хароҷоти молиявии хоҷагиҳои пахтакорро намепӯшонад ва онҳоро дар назди сармоягузору бонкҳо қарздор менамояд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон назорати давлатӣ ҷиҳати таъмини шароити меҳнати чинакчиён саривақт ва пурра пардохти

музди меҳнат, ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз тарафи мақомоти меҳнатӣ ва иттифоқҳои касаба роҳандозӣ карда мешавад. Ҳамчунин, дар аввали моҳи август нархи пахтаро бо дарназардошти нархҳои бозори ҷаҳонӣ ва пешниҳоди вазорату идораҳои масъул ба кишоварзон арзиши як тонна ашёи хомро эълон менамояд.

Барои ҷорӣ намудани низоми нави баланд бардоштани ҳосили пахта дар назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шурои соҳаи пахтакорӣ таъсис дода шудааст, ки онро Вазири рушди инноватсионӣ роҳбарӣ мекунад.

Дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар доираи "Солҳои рушди саноат 2022-2026" дар ҷумҳурӣ сохта ба истифода додани панҷ маҷмааи коркарди ниҳоии нахи пахта бо маблағи зиёда аз 11 млрд сомонӣ рушди саноатикунонии босуръати кишварро таъмин менамояд.

Дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ шумораи корхонаҳои коркарди пахта 22 ададро ташкил медод, ҳоло бошад, он ба 207 адад расидааст, ки 110 адад заводи калон ва 97 адад корхонаи хурд мебошанд. Мутаассифона, бинобар ба кластери муосир пурра ҷавобгӯ набудани аксари ин корхонаҳо тамоми силсилаи истеҳсоли пахта, коркарди аввалияи пахта, ресандагӣ, бофандагӣ, рангубор ва дӯзандагиро фаро гирифта наметавонанд.

Ба ҳолати имрӯза дар ҷумҳурӣ 6 корхонаи коркарди ниҳоии пахта, аз қабили ҶСП "Ҷунтай–Данғара Син Силу Текстил", ҶДММ "Нассоҷи тоҷик", "Ҷавонӣ", "Нассоҷи Хуҷанд", "САТН"-и Хуҷанд ва ҶСК "Ресандаи Қӯрғонтеппа" фаъолият карда истодаанд.

Тибқи ҳисобу китоби иқтисодчиён, аз як тонна пахта вобаста ба навъ ба ҳисоби миёна 300–350 кг нах ва 560–580 кг тухмӣ гирифта мешавад. Аз ин миқдор нах 350–400 метри мураббаъ матоъ ва аз чигит 100–120 кг равған, тақрибани 270 кг кунҷора ва 170 кг пасмондаи пӯсти чигит истеҳсол кардан мумкин аст.

Дар Тоҷикистон ҳамасола зиёда аз 400 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ карда мешавад. Аз ин миқдор тақрибан 120–140 ҳазор тонна нах ҳосил мегардад. Ҳудуди 20 ҳазор тоннаи он (15%) дар дохили Тоҷикистон коркард шуда, боқимонда ба содирот меравад. Тибқи ҳисоби мутахассисони соҳа, агар 100 ҳазор тонна нахи пахта дар дохили кишвар коркард шавад, аз он метавон аз 350 то 400 млн. метри мураббаъ матоъи гуногун истеҳсол кард. Аз 100 ҳазор тонна нахи пахта бо нархҳои имрӯза метавон 290 млн. доллари амрикоӣ даромад ба даст овард, лекин агар аз он матоъ истеҳсол карда шавад, даромад метавонад зиёда аз як млрд доллари амрикоиро ташкил диҳад ва ин ҳам бо ҳисобҳои тахминӣ,–чунин изҳори андеша доранд мутахассисони соҳа. Бар иловаи ба даст овардани асъори хориҷӣ, роҳандозии коркарди пахта дар

дохили Тоҷикистон имкон медиҳад, ки садҳо ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд. Ғайр аз ин, аз 400 ҳазор тонна пахта зиёда аз 40 ҳазор тонна равғани пахта ва қариб 45 ҳазор тонна хӯроки чорво гирифтан мумкин аст.

Чунонки Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии имсолаашон қайд карданд, талаботи бозори истеъмолии имрӯзаи мамлакат аз ҳисоби равғани истеҳсоли ватанӣ ҳамагӣ 22 дарсад таъмин гардида истодааст. Дар сурати ба фаъолият оғоз кардани корхонаҳои равғанбарории шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Конибодом ва коркарди ниҳоии пахта талаботи аҳолии мамлакат бо равғани истеҳсоли худӣ беш аз 70 дарсад таъмин мегардад.

Ҳамчунин, коркарди ниҳоии пахта барои фаъолият ва рушди саноати нассоҷию дӯзандагӣ бо дарназардошти қувваи арзони корӣ шароит муҳайё менамояд.

Ба ҳолати имруза сохтори корхонаҳои саноатӣ нассоҷию дӯзандагӣ аз

–6 корхонаи азими коркарди ниҳоии пахта;

–12 корхонаи калону миёнаи ресандагӣ;

–6 корхонаи кешбофӣ ва ҷӯроббофӣ;

–149 коргоҳи калон, миёна ва хурди дузандагӣ;

–108 корхонаи коркарди аввалия пахта (пахтатозакунӣ) иборат аст.

Ҷалби кластеркунонии соҳа манфиатбахш ва самаранок буда, дар оянда метавонад ба коркарди ниҳоии пахта дар ҷумҳурӣ замина гузорад. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки калонтарин корхонаҳои коркарди ниҳоӣ бинобар маблағҳои кофии гардишӣ надоштан, фаъолияти пурсамари доимиро таъмин карда наметавонанд. Аз ин рӯ, бори ташкили кластерҳоро танҳо он корхонаҳои азиме, чун ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил" ба зимма гирифта метавонад, ки маблағҳои калони захиравӣ доранд. Маблағгузорӣ асосии ин корхонаи азими муштарак яке аз ширкатҳои бонуфузи Чин мебошад.

Ҳолати дигари матраҳ шудани масъалаи мазкур аз ташкили ҳолдингҳо, яъне ихтиёран муттаҳид шудани истеҳсолкунандагони ашёи хом ва корхонаҳои коркарди саноатӣ ҳолдинг созмон додан аст.

Ба ақидаи мутахассисон, аз коҳиши ҳаҷми содироти пахта ба сифати ашёи хом Тоҷикистон бурд хоҳад кард. Барои даромади иловагӣ гирифтан аз афзоиши коркарди пахта, пеш аз ҳама, истеҳсол ва ҳосилнокии онро зиёд кардан лозим аст. Мутаассифона, ҳосилнокии пахта соли 2022 дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна аз ҳар гектар ҳамагӣ 22,3 сентнерро ташкил дод.

Мавриди қайд аст, ки истеҳсол ва нигоҳдорию назорат нашудани коркарди пунбадонаи тухмӣ дар корхонаҳои коркарди пахта, яке аз омилҳои камшавии ҳосилнокии пахта гардидааст. Ин масъала бояд мавриди таваҷҷуҳ ва назорати

доимии масъулон қарор дошта бошад. Барои ба эътидол овардани нархи пахта ва хариди он аз ҷониби сармоягузорон ғамхорӣ ва назорати ҷиддӣ роҳандозӣ намудан зарур аст, то ки хоҷагидор аз маҳсули кораш манфиат бинаду дар назди бонкҳо ва сармоягузорон қарздор намонад.

Чун аз натиҷаҳои хариди нархи имсолаи пахта деҳқонон на он қадар қаноатманданд, ин метавонад дар оянда ба коҳиш ёфтани майдони кишти пахта ва истеҳсоли он таъсири манфӣ расонад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти вазъи соҳаи пахтакорӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем.

–Дар шароити муосир пахтакорӣ дар ҳолати ногувори иқтисодӣ қарор дорад ва дидани чораҳои бетаъхирро тақозо менамояд, зеро арзиши аслии он баланд рафта нархи ҷаҳонии он тамоюли поёнравӣ дорад. Дар Тоҷикистон майдони кишти пахта нисбат ба солҳои аввали истиқлол 40,5 %, истеҳсоли он 56,1 дарсад, ҳосилнокии миёна 7,2 сентнер аз як гектар кам аст.

–Яке аз сабабҳои паст будани ҳосилнокии пахта вайрон намудани қоидаҳои агротехникии он буда, ба истифодаи нуриҳо вобаста аст, ки ба як гектар замини пахта нисбат ба соли 1991-ум 7,7 маротиба кам шудааст.

–Баҳисобгирии истеҳсоли пахта беҳбудиро мехоҳад, зеро на ҳамаи пахтаи истеҳсолшуда ба заводҳои коркард ворид мешавад, ки ба ду омил шарҳ дода мешавад: якум, изофанависии ҳангоми пешниҳоди ҳисобот, дигаре дар хонаводa нигоҳ доштани он. Ин нишондиҳанда ба 3,0 дарсади пахтаи ҳисоботдодаро ташкил медиҳад. Ба ин нигоҳ накарда, баромади нах то 28,7 дарсад коҳиш ёфтааст ва аз ин ҳисоб иқтисодиёти соҳа 15234,3 ҳазор доллари амрикоӣ зарар дидааст. Нархи ҷаҳонии нахи пахта ноустувор буда, тамоюли пастравӣ дорад. ҶДММ «Латиф Муродов»-и шаҳри Ҳисор дар маҷмуъ, дар шаш сол аз истеҳсоли пахта 1274480 сомонӣ фоида гирифта бошад ҳам, вале дараҷаи даромаднокии он 5,9 дарсадро ташкил додааст, ки хеле кам аст. Хоҷагӣ аз ҳисоби истеҳсоли пахта дар солҳои 2016, 2018, 2019, 2020 ба маблағи умумии 1650763 сомонӣ зарари иқтисодӣ дидааст. Вазъи муосири нархи пахта нигаронкунанда аст, зеро дар соли 2022 нархи хариди он 8-9 сомониро ташкил дод, дар ҳолате, ки арзиши аслии як кг пахтаи хом ба 14,65 сомонӣ баробар аст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки пахтаи соли 2022 барои хоҷагиҳои пахтакор зараровар мешавад.

–Зарурати таъмини коркарди пурраи саноатии нахи пахта дар кишвар расидааст, зеро арзиши иловагии коркарди саноатӣ бамаротиб зиёд аст ва имкони таъмини талаботи аҳолӣ бо равған ва хӯроки чорво муҳайё мешавад.

Бо дарназардошти ин, барои рушд намудани соҳаи пахтакорӣ татбиқ намудани чорабиниҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Мавриде фаро расидааст, ки минбаъд баҳри ғанӣ гардонидани буҷаи ҷумҳурӣ, тавлиди ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҳсулоти ватанӣ истеҳсол, коркард ва хариди пахта таҳти назорати давлатӣ қарор дода шавад.

2. Ба манфиати кор мебуд, агар Ҳукумати ҷумҳурӣ эҳтимол моҳи июн нархҳои тавсиявии хариди пахта аз хоҷагиҳои деҳқониро бо дарназардошти масрафи воқеии онҳо ва хусусиятҳои ҳар минтақа муқаррар намояд.

3. Аз ҳисоби буҷаи давлат, бонкҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ба соҳибкорони корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ қарзҳо бо фоизи пасти солона (то 7 фоиз) ба мухлати 5-10 сол ҷудо карда шавад.

4. Беҳтар намудани фаъолияти хоҷагиҳои тухмипарварӣ ва таъмини саривақтии хоҷагиҳо бо тухмиҳои хушсифат, ташкили мағозаҳои фурӯши тухмӣ;

5. Азназаргузаронии дурусти заминҳои кишоварзӣ, ки ба майдонҳои боғзор ва таги сохтмонҳо ҷудо карда шудаанд ва самараю натиҷаҳои он. Мақсаднок ва оқилона истифода намудани заминҳои кишоварзӣ, хусусан пахтакорӣ, ки ба пайдо гардидани ҷойҳои нави корӣ, зиёд шудани маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва пайдо гардидани манбаъҳои буҷети маҳаллӣ замина мегузорад.

6. Роҳ надодан ба камшавии майдонҳои кишт ва ҳосилнокии он, минтақабоб намудани навъҳои нави серҳосил, ташкили дурусти илмии киштгардони зироат, ки боиси барқарор намудани қобилияти ҳосилхезии хок мегардад.

7. Афзоиши нархи бемайлони нуриҳои минералӣ боиси кам гардидани ҳосилнокии пахта гаштааст. Дар ҳолати аз як гектар замини кишти пахта 30 сентнер кам гирифтани ҳосил дараҷаи даромаднокии пахтаро ба сифр баробар мекунад. Аз ин ҷо баланд намудани суръати ба кор даровардани Корхонаи нуриҳои азотии Вахш амри зарурист. Дар дигар ҳолат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки барои таъмин намудани талаботи соҳа бо Русия, Қазоқистон ва Ӯзбекистон шартномаи байнидавлатӣ баста, воридоти нуриҳоро бо нархҳои дастрас таъмин намояд.

## АДАБИЁТ

1. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022.-С.95

2. Пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022.-С.7

3. Ҳисоботҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои мухталиф: 3-пахта- Ҳисбот дар бораи истеҳсоли пахта; 1-

пахта- Ҳисобот дар бораи истеҳсоли нахи пахта: 2-пахта Ҳисобот дар бораи натиҷаи коркарди пахтаи ҷамъоваришуда пахтаи хом”.

4. Ҳисоботҳои солонаи ҶДММ”Латиф Муродов”-и шаҳри Ҳисор дар солҳои 2016-2021

# ПОЛОЖЕНИЕ ХЛОПКОВОДСТВА И ПРОБЛЕМЫ ЕЕ РЕШЕНИЯ

**АШУРОВ ИХТИЁР САИДОВИЧ**,
д.э.н., профессор кафедры финансов и кредита, Российско-Таджикского (славянского) университета
735025, Таджикистан, город Душанбе, улица Мирзо Турсунзода 30;
тел.: (+992) 905-55-77-88

**КАРИМИЁН ИМОМНАЗАР,**
начальник Управления исследования отраслевого развития Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рӯдакӣ 89;
тел:(+992) 93-503-27-28

*В статье исследовано современное состояние хлопководства, и авторы отмечают, что хлопководство находится в тяжелом экономическом состоянии и требует неотложных мер, так как его реальная стоимость возросла, а мировая цена имеет тенденцию к снижению. Одной из причин низкой урожайности хлопчатника является нарушение его агротехнических правил и недостаточное использование удобрений. Авторы отмечают, что учет производства хлопка нуждается в совершенствовании, так как не весь произведенный хлопок поступает на перерабатывающие предприятия. Уровень рентабельности выращивания хлопка оценивается как низкий. Текущая ситуация с ценой на хлопок вызывает тревогу, и можно подвести итоги 2022 года с убытком, поскольку закупочная цена хлопка низкая по сравнению с его первоначальной стоимостью. В статье подчеркивается необходимость обеспечения полной промышленной переработки хлопкового волокна в стране и доказывается ее эффективность.*

***Ключевые слова:*** *производство хлопка, плохое состояние, посевная площадь, урожай, урожайность, минеральные удобрения, агротехнические нормы, реальная стоимость, цена, учет, перезапись, переработка, волокно, отпускная цена, рентабельность, ущерб, промышленная переработка, потребность, эффективность.*

# THE SITUATION OF THE COTTON INDUSTRY AND ITS SOLUTION PROBLEMS

**ASHUROV IKHTIYOR SAIDOVICH**
Doctor of economic sciences, professor of the Departament of finance and credit
Russian-Tajik (slavonic) University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, M. Tursunzoda str, 30;
tel:(+992) 905- 55-77-88; e- mail: ikhtiyor.ashurov@inbox.ru

**IMOMNAZARI KARIMIYON,**
head of the department of research on issues of industrial development of the Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel:(+992) 93- 503-27-28; e- mail: r.sohavi@mts.tj

*In the article, the modern state of cotton cultivation was investigated, and the authors noted that cotton cultivation is in a bad economic condition and requires urgent measures, because its real value has increased and its world price tends to decrease. One of the reasons for the low productivity of cotton is the violation of its agrotechnical rules and the insufficient use of fertilizers. The authors noted that accounting for cotton production needs improvement, as not all produced cotton enters processing plants. The level of profitability of cotton cultivation has been assessed as low. The current situation of the cotton price is alarming, and it is possible to summarize the results of 2022 with a loss, because the purchase price of cotton is low compared to its original value. The article emphasizes the need to ensure full industrial processing of cotton fiber in the country and proves its effectiveness.*

*Key words: cotton cultivation, poor condition, cultivated area, yield, productivity, mineral fertilizers, agrotechnical rules, real value, price, accounting, surplus, processing, fiber, selling price, profitability, damage, industrial processing, necessity, efficiency.*

**УДК: 336.2**

# ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРӢ БАРОИ АМАЛИСОЗИИ ЛОИҲАҲОИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҲОФИЗОВ ҲАФИЗ АСГАРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон , ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел: (+992) 93-512-60-44; e-mail: boadab@mail.ru

**НАБИЕВ БАҲОДУР АҲМАДОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон , ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел: (+992) 918-67-50-65.

*Дар мақолаи мазкур вобаста ба таъмини сармоягузорӣ барои амалисозии лоиҳаҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оварда шудааст. Аз ҷониби муаллифон зимни таҳқиқот чунин усулҳои муайян намудани арзиши дисконтии иҷрои лоиҳаҳои сармоягузорӣ (зарурияти муқоисаи хароҷоти имрӯза ва даромади оянда), баҳогузории лоиҳаҳо (ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот оид ба миқдори дисконти воридоти молиявии оянда), муайян кардани муҳлати пӯшонидани хароҷоти сармоя (шумораи солҳо барои баргардонидани сармояи ҷалбшудаи зарурӣ), ҳисоби даромади миёнаи сармоягузорӣ ва арзиши аслии он (тақсими даромади софи солона ба арзиши миёнаи ҷалби сармоягузорӣ) мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Инчунин, методикаи андозагирии миқдори самаранокии ҷалби сармоя ба соҳаи энергетика, аз ҷумла, тавассути формула барои ҳисоб кардани арзиши софи дисконтиронидашуда (NPV) ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат ($\Delta Q$) мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар назар аст, ки баҳо додан ба самаранокии ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика раванди мураккаб мебошад, ки таҳлили хусусиятҳои ҷалби он ба инобат гирифтани омилҳо ва шартҳои сершумори таъсирбахшии лоиҳаҳои сармоягузориро талаб мекунад. Дар мақола қайд мегардад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраиислоҳоти иқтисодӣ яке аз соҳаҳои муҳиме, ки метавонад истиқлоли иқтисодии онро таъмин намояд, комплекси*

*энергетикӣ мебошад. Аз тарафи дигар, кам будани сатҳи маблағҳои зарурӣ имкон намедиҳад, ки таъмири капиталӣ ва ҷории агрегатҳои фаъолияткунандаи корхонаҳои энергетикӣ гузаронида шаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *Сармоягузорӣ, лоиҳаҳои энергетикӣ, рушд, энергетика, ҷалби сармоя, даромади соф, дисконт, самаранокӣ, неругоҳи обӣ, барқ, захираҳои энергетикӣ*

Соҳаи энергетика яке аз бахшҳои калидии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, инъикоскунандаи унсури пешбарандаи равандҳои иқтисодӣ мебошад. Айни замон кишвар ва минтақаҳое, ки аз захираҳои энергетикӣ бой мебошанд, босуръатона рушд карда метавонанд. Чун аз ҳаводиси охирини ҷаҳон бармеояд, соҳиби захираҳои энергетикӣ на танҳо дар равандҳои иқтисодӣ мавқеи хешро устувор кардааст, балки дар арсаи сиёсӣ низ «вазн»-и худро дорад. Ин аз ҳаводиси охирини ҷаҳонӣ баръало намоён гардида истодааст ва ҳамчун «фишанг» истифода шудани захираҳои энергетикӣ аз ҷониби баъзе кишварҳо ба таври фаъол ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, дороие чун «захираи энергетикӣ» метавонад дар баробари «ҳамчун фишанг истифода шуданаш», инчунин, такондиҳандаи бахшҳои дигари иқтисодиёт гардад. Аммо барои кишваре чун Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳри самаранок истифода гардидани зарфияти захираҳои энергетикӣ маблағ зарур аст, ки онро метавон танҳо дар доираи ҷалби сармоягузориҳо амалӣ намуд. Таъмини сармоягузорӣ барои азхуд кардани лоиҳаҳои энергетикӣ бояд дар доираи афзалиятҳои сиёсати давлатии ба рушди соҳаҳои иқтисодиёт равона гардида, мақоми хосро касб намояд. Барои табиқи ин раванд бояд тамоми чорабиниҳои давлатӣ аз лиҳози самаранокӣ, эътимоднокӣ, меъёриву ҳуқуқӣ ба таври мушаххас мавриди таҳаққуқ қарор дода шавад ва афзалиятҳои бартариятдор муайян карда шаванд.

Ислоҳотҳои иқтисодии охирон бавуқуъомада нишон доданд, ки соҳаи муҳиме, ки битавонад истиқлоли иқтисодии Тоҷикистонро таъмин намояд, комплекси энергетикӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон комплекси энергетикӣ соҳаи фоиданоки сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои миллии сармоягузорӣ мебошад, ки он дорои сарчашмаҳои устувори захираҳои гидроэнергетикӣ аст. Соҳаи мазкур дар баробари дар ҳамаи минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ дорои захираҳои зарурӣ будан, ҳамзамон, соҳаи афзалиятнок барои сармоягузорӣ низ ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар, нарасидани васоити молиявӣ имкон намедиҳад таъмири капиталӣ ва ҷории агрегатҳои фаъолияткунандаи корхонаҳои энегетикӣ гузаронида шавад. Дар ин вазъ зарур аст ба раванди хусусигардонии марҳилавии корхонаҳо, таъсири онҳо ба норасоии энергетикӣ ва фаъолкунии ҷалби сармоя, баланд

бардоштани сатҳи маҳорати идоранамоӣ, дониши технологӣ, таҷҳизоти пешқадами технологӣ ва монанди инҳо диққати махсус дода шавад.

Ҷалби сармоягузорӣ дар комплекҳои энергетикӣ бештар аз мукаммалсозии базаи меъёрию ҳуқуқии давлат дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ, вобаста аст. Бояд қайд кард, ки бисёр кишварҳо ҷараёни воридкунии сармоягузориҳои хориҷиро тавассути либерализатсияи қонунҳои миллӣ оид ба сармоягузориҳои хориҷӣ ҳавасманд мекунанд, қонунҳои мавҷударо тағйир медиҳанд ё қонунҳои навро қабул мекунанд, ки барои сармоягузорони эҳтимолӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Ба ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ислоҳот ворид мекунанд ва шароити нави мусоид барои сармоягузорони потенсиалӣ фароҳам мекунанд. Дар ин ҷо меъёрҳои асосиро аз нигоҳи мо фаъолияти сармоягузории соҳаҳо ва муҳити мусоиди мукаммалнамоии онҳо ташкил медиҳанд. Муаммои мазкурро аз ҳисоби беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва афзоиш додани ҳаҷми сармоягузорӣ ҳал кардан мумкин аст. Барои ҳалли масъалаи ҷалби сармоягузорӣ ба комплекси энергетикӣ, таъмини устуворӣ ва мутобиқшавии реҷаи фаъолияти сармоягузорӣ, шароитҳо ва омилҳои зарурии баланд бардоштани ҳавасмандкунии комплекси энергетикии мамлакат ба ҳисоб меравbooанд.

Ин муносибатҳо барои баланд гардидани таъмини даромаднокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ ҳамчун асос баромад намуда, ҷалб кардани сармоягузоронро талаб мекунанд. Ҳаҷми захираҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои мушаххас аз вазъи фазои сармоягузорӣ, даромаднокии таҷдиди иҷтимоиву иқтисодӣ, сатҳи рушди дигар соҳаҳои иқтисод, динамикаи истеҳсолӣ-молиявӣ, инфрасохторҳои истифодаи фоиданоки неруи табиию захиравӣ вобаста аст.

Барои ҷалби сармоягузорони эҳтимолӣ дар соҳаи энергетика сиёсати давлатӣ дар робита бо сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, милликунонии амволи хориҷӣ, бастани шартномаҳои байналмилалӣ, устувории ниҳодҳои давлатӣ, устувории ҳокимияти сиёсӣ, дараҷаи дастгирии давлатии соҳаҳои афзалиятноки иқтисод ва ғайра муҳим аст.

Дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ раванди ҷалби сармоягузорӣ дар секторҳои воқеии иқтисод ва мақсадҳои мушаххаси сармоягузориро (татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузорӣ) ҷудо намудан зарур аст. Ба ҳайси гурӯҳи барқароркунандаи ниҳодҳои миёни истифодабарандагони захираҳои сармоявӣ ва сармоягузорон дар аксар ҳолатҳо робита миёнарави молиявии амалиётгузаронанда дар бозори молиявӣ (бонкҳо), фондҳои сармоягузорӣ, ширкатҳои суғуртавӣ ба ҳисоб меравbooанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки меъёрҳо ва навъҳои лоиҳаҳои сармоягузориро дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ тасниф кунем. (расми 1.).

Дар шароити муосир барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди иқтисодиёт, Ҳукуматро лозим аст, ки тавассути ҷалб кардани захираҳои қарзӣ ё грантӣ ва густариш додани фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, минтақаҳо, тавассути таҳия ва такмили механизми сатҳи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки низоми мақсадҳои рушди сармоягузории кишвар ва дастгирии сармоягузориро дар ҷумҳурӣ муттаҳид менамояд, такмил диҳад.

**Расми 1**. Таснифоти лоиҳаҳои сармоягузорӣ




Айни замон аз 120 лоиҳаи барои сармоягузорӣ пешниҳодшаванда дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 лоиҳаи сармоягузорӣ (18,3%) дар шаҳри Душанбе, 36 лоиҳа (30%) дар вилояти Суғд, 14 лоиҳа (11,7%) дар ВМКБ, 25 лоиҳа (20,8%) дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) ва 23 лоиҳа (19,2%) дар вилояти Хатлон тааллуқ доранд [3].

Лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ба татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди кишвар нигаронида шудаанд, дар соҳаи гидроэнергетика (52,3%) ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ, барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ нигаронида шудаанд, ба монанди истихроҷи маъдан дар соҳаи саноат, кишоварзӣ ва соҳаи иҷтимоӣ (36,2%) ҷалб карда шудаанд (ҷадвали1).

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии лоиҳаҳои сармоягузории соҳавӣ аз рӯйи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| I | II | III | IV | V | VI | VII | VIII | IX |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гидроэнергетика | 53 | – | 16 | 16 | 12 | 9 | 1965,4 | 52,3 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 17 | 2 | 2 | 8 | 3 | 2 | 987,2 | 26,2 |
| Саноати сабук | 18 | 8 | 1 | 6 | 2 | 1 | 338,8 | 9,0 |
| Инфрасохтор | 12 | 7 | 1 | 2 | 1 | 1 | 79,3 | 2,1 |
| Кишоварзӣ | 3 | - | 1 | - | 1 | 1 | 5,5 | 0,2 |
| Бахши иҷтимоӣ | 15 | 4 | 3 | 4 | 4 | - | 368,4 | 9,8 |
| Туризм | 2 | 1 | 1 | - | - | - | 16,6 | 0,4 |
| Ҳамаги лоиҳаҳо, воҳ. | 120 | 22 | 25 | 36 | 23 | 14 | - | 100,0 |
| Ҳамагӣ % | 100 | 18,3 | 20,8 | 30,0 | 19,2 | 11,7 | - | 100,0 |
| Маблағи умумии лоиҳаҳои сармоягу-зорӣ млн. долл. США. | 3761,2 | 227,3 | 1531,7 | 1119,6 | 857,2 | 25,5 | 3761,2 | – |
| Ҳамагӣ % | 100 | 6,0 | 40,7 | 29,8 | 22,8 | 0,7 | 100,0 | – |
| Эзоҳ: I-Соҳа; II-Ҳамагӣ лоиҳаҳо; III-Душанбе; IV-НТМ; V-Суғд; VI-Хатлон; VII-ВМКБ; VIII-Маблағи умумии татбиқи лоиҳа млн. долл. ИМА; IX-бо % дар маҷмӯъ. | | | | | | | | |

***Сарчашма:** Маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон-[захираи электронӣ]: https://investcom.-tj/langtaj.html.

Агар пештар ҷалби сармоягузорӣ дар чунин соҳаҳо, мисли тиҷорат ва молия равона карда мешуд, дар солҳои охир рушди босуръат дар як қатор соҳаҳои дигар (энергетика, коммуникатсия, амволи ғайриманқул, об-таъминкунӣ, хизматрасониҳои гуногун ва ғ.) ба қайд гирифта шудааст. Ба ғайр аз ин, омилҳои асосии таъмини даромаднокии зиёди истифодаи захи-раҳои нисбатан арзони энегетикӣ, ашёи хом, маводҳо ва қувваи корӣ, тавсеаи ҳаҷми истеҳсолот ва гирифтани фоида аз сармоягузории дохилӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории ком-плекси энергетикӣ, усулҳои баҳогузории комплекси энергетикӣ, усулҳои баҳогузории экспертӣ ва хароҷот барои муайян кардани дараҷаи таъсири ин ё он омил барои ҷалби сармоягузорӣ ва объективӣ будани онро истифо-

да мекунанд. Баҳогузории омилҳои ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили шароити мусоиди ҷараёни сармоягузориро талаб мекунад.

Дар шароити имрӯза фаъол кардани ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ, дар асоси баланд бардоштани сатҳу сифати сохтмони НОБ-ҳо ва минбаъд зиндагии аҳолӣ дар назар дошта шудааст.

Дар қатори омилҳои асосии ба даромаднокии ҷалби сармоягузорӣ ва ҳавасмандкунӣ барои ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии ҷумҳурӣ таъсиррасон, омилҳои зеринро низ бояд ба назар гирифт:

- сатҳу сифати дастгирии давлатӣ ва ҳифзи сармоягузорони ватанию хориҷӣ;
- ҳаҷми дархости дохилию хориҷӣ ба неруи барқ;
- сатҳи камбизоатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- сатҳи фасод (коррупсия) ва фазои сармоягузорӣ;
- сифати ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ;
- сатҳи маълумот ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ;
- суръати рушд ва таназзули бюрократия ва ғ.

Баҳогузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ муаммои бениҳоят мураккаб буда, усулҳо ва муносибатҳои гуногуни миқдорию сифатиро ҳангоми сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии мамлакат талаб намуда, ба сармоягузории хориҷӣ низ тааллуқ дорад. Ҳангоми баҳодиҳии лоиҳаҳо як қатор шарт ва омилҳои иловагӣ ба миён меоянд, ки онҳоро бояд ба ҳисоб гирифт, хусусан, барои ин нишондиҳандаҳои даромаднокии сармоягузориҳои бевосита ва устувор муҳим аст. Аз ин рӯ, баҳои даромаднокии дилхоҳ лоиҳаи сармоягузорӣ, аз он ҷумла сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ раванди бетанаффусро тақозо мекунад. Он аз лаҳзаи асосноккунии техникӣ ва иқтисодии лоиҳа оғоз шуда, ҷузъи назорат (мониторинг)-и он дар рафти иҷрои кор ба ҳисоб меравад ва аз анҷоми он натиҷаи ҷамъбастиро пешниҳод мекунад.

Ҳангоми коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ интихоби соҳаи сармоягузорӣ муҳим аст, зеро дар он ҷое ки шаклҳои беҳтари рушд вуҷуд дорад, боиси таъмини даромаднокии баланд мебошад. Барои қабули қарорҳои идоракунии ҷалби сармоягузорӣ зарур аст, ҳаҷми сармоягузорӣ бо воридшавии захираҳои молиявӣ ва даромадҳо пас аз татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дақиқ муайян карда шавад. Барои ин ҳаҷми сармояи ҷалбшуда ва захираҳои дар оянда воридшаванда бояд чен карда шавад, вақти зиёдшавӣ ва камшавии воситаҳои пулии дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энегетикӣ бо муайян кардани арзиши ҷорӣ ва арзиши минбаъдаи лоиҳаҳои сармоягузориро ба ҳисоб гирифта, ҳамчунин, зарур аст, ки ҷараёни сармоягузорӣ расмӣ карда шавад.

Муаммои арзиши дисконтии иҷрои лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетикӣ (азхуд кардани захираҳои нави гидроэнегетикӣ), зарурати муқоисаи хароҷоти имрӯза ва даромади ояндаро дар бар мегирад.

Барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои гидроэнергетикӣ нархгузорӣ карда шавад. Усулҳои баҳогузории лоиҳаҳо дар ҷойи мазкур асосан ба ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот оид ба миқдори дисконти воридоти молиявии оянда такя мекунад ва бояд даромади аз лоиҳаи татбиқшаванда интизорбуда ва ҳаҷми сармояи гузошташудаи сармоягузориро инъикос намояд. Ҳангоми коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ зарур аст чунин шартҳои он ба ҳисоб гирифта шавад: тамоюли рушди соҳаҳо, имкони тағйири мавқеи комплекси энергетикӣ дар бозори дохилӣ ва роҳҳои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ, тағйири мавқеи молиявии худи соҳа ва шарикони он, дастрасӣ ба маводҳои табиӣ, молиявӣ ва захираҳои иттилоотӣ.

Дар асоси ин маълумот ва шартҳо усулҳои гуногуни баҳогузорӣ истифода мегардад, ки барои қабули қарорҳо дар интихоби стратегияи сармоягузории соҳаҳо хизмат мекунанд. Усулҳои аз ҳама маъмул муайян кардани муҳлати пӯшонидани хароҷотҳои сармоя ба ҳисоб меравад, яъне шумораи солҳо барои баргардонидани сармояи ҷалбшудаи зарурӣ, ки он барои осон кардани қабули қарор, баҳисобгирии давраи пӯшонидани хароҷот ва марҳилаҳои минбаъдаи сармоягузорӣ хело мувофиқ аст.

Усули дигари ҳисоби даромади миёнаи сармоягузорӣ ва арзиши аслии он аст. Ин усул бо тақсими даромади софи солона, ба арзиши миёнаи ҷалби сармоягузорӣ муайян карда мешавад, вале он ҷараёни молиявии муваққатан ташкилшударо ба ҳисоб намегирад. Барои корхонаҳои хориҷӣ ё соҳаҳо нишондиҳандаҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ муҳлати пӯшонидани хароҷоти сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Агар доир ба марҳилаҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ сухан ронем, он гоҳ тибқи ақидаи Сергеев И.В. ва Веретеникова И.И., дар раванди қабули қарорҳои сармоягузорӣ айни замон се марҳилаи он истифода мешавад: ҳаҷми сармоя ва муайян кардани сарчашмаҳои маблағгузорӣ, пешбинии афзоиши пулӣ аз татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, баҳогузории вазъи молиявии корхона ва имконоти он дар иштирок ба фаъолияти сармоягузорӣ [9, с. 64]. Дар ин ҷо марҳилаи муҳимми баҳодиҳии ҷалби сармоягузорӣ таҳлили ҳолати соҳаҳо, комплексҳо ва муайян намудани давраи пӯшонидани хароҷот ба ҳисоб меравbooked.

Барои таҳлили вазъи молиявии соҳаҳо аз ҳама муҳим баҳодиҳии хароҷоти доимӣ аст, яъне хароҷоте, ки ҳангоми тағйири ҳаҷми истеҳсолот тағйир намеёбанд. Ба ин дохил мешавад: иҷорапулӣ, маоши моҳонаи роҳбарият ва ғ., агар ҳаҷми фурӯши неруи барқ кам гардад, он гоҳ ха-

роҷоти доимӣ дар сатҳи пештара боқӣ мемонад ва дар натиҷа даромад низ нисбат ба маблағҳои ҳаррӯза гирифташаванда камтар мегардад, вале хароҷоти тағйирёбанда низ ҳамчун як қисмаи ҳаҷми истеҳсолот тағйир меёбад. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки хавфи сармоягузорӣ дар соҳаҳое, ки хароҷоти доимашон зиёд аст, нисбат ба соҳаҳое ки хароҷотҳои тағйирёбандаашон зиёд аст, бештар мебошад. Дар ҳамин асос бояд гуфт, ки ҳангоми қабули қарор, дар мавриди таҳлили ҳисоботи соҳаҳо, зарарҳо, вомҳо ва қарзҳои дар вақташ супориданашуда, уҳдадороиҳои муҳлати пардохташон гузаштаи қарздорону қарздиҳандагонро низ ба инобат гирифта шаванд.

Марҳилаи дигари баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ёрии таҳлили низоми коэффитсентҳои молиявӣ гузаронида мешавад, ки ҳангоми гуногуншакл будани онҳо чунин нишондиҳандаҳо дохил карда мешаванд: муфлисшавӣ, устувории молиявӣ, фаъолияти корӣ ва даромаднокӣ. Асоснок кардани меъёрҳои баҳодиҳии лоиҳа муқоисаи коэффитсентҳои молиявии соҳаҳоро талаб мекунад, ки муаммои муҳимми дилхоҳ иқтисод аст. Дар робита ба ин зарур аст беҳтарин нишондиҳандаҳоро дар соҳаи мазкур ё коэффитсентҳои молиявии аҳаммияти баёнисоҳавӣ доштаро истифода кард.

Истифодаи усулҳои дар боло зикршуда ҳолати воқеии фаъол гардидани ҷалби сармоягузориро нишон медиҳад, дар ин ҷо метавон меъёрҳои дигарро низ ҳамроҳ намуд, вале ин усулҳоро танҳо дар якҷоягӣ амалӣ намудан мумкин аст. Он дорои формулаҳои мушаххаси математикӣ, натиҷаҳо ва даромадҳо мебошад, ки дар таҳияи лоиҳаҳои сармоягузории соҳавӣ хеле муҳиманд. Онҳо ҳамчун нишондиҳандаи интегралӣ муайян карда мешаванд, ки дар худ таъсири бисёр омилҳоро инъикос мекунанд. Муҳимтарини онҳо: вазъи умумии иқтисоди мамлакат дар маҷмуъ, вазъи низоми асъорӣ, молиявӣ, қарзӣ, реҷаи гумрук, имкониятҳои истифодаи қувваи корӣ, арзиши қуваи корӣ ва ғайра мебошанд.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарин ҳангоми баҳодиҳии даромаднокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таҳлили он аст, ки оё он лоиҳа то чӣ андоза ба мақсад ва стратегияи рушди соҳаҳо ё умуман иқтисод мувофиқат мекунад. Дар шароити зарурии истиқрори вазъи иҷтимоиву иқтисодии кишвар, давлат имрӯз бештар ба масъалаҳои ҷалби сармоягузорӣ ба комплекси энергетикӣ диққати асосӣ медиҳад. Мувофиқи андешаи Наумов Э.Б. ва Лохманов В.В., механизмҳои сармоягузорӣ ба неруи барқ талаб мекунанд, ки сармоягузориро барои болоравии тарофа аз ҳисоби бароришии қоғазҳои қиматнок таъмин кардан мумкин аст. Тибқи андешаи онҳо, ин амал ширкатҳои энергетикиро барои дастрасӣ ба васоити танзими фаъолият аз ҳисоби хароҷоти фоидаовар, ки ҳамчун илова кардан ба тарофа ва танзими

давлатӣ ба даст меоянд, ҳавасманд мекунанд. Аз ин рӯ, ҷалб ва ҳавасманд-кунии сармоягузорӣ дар шакли лоиҳаҳои сармоягузорӣ вазифаи муҳимми сиёсати давлатии дар соҳаи комплекси энегетикии мамлакат ба ҳисоб меравад [7].

Барои бартараф кардани бухронҳои молиявӣ дар соҳаи энергетика, коркард ва мукаммал кардани усулҳои баҳодиҳии лоиҳаҳо, ки ҳангоми баҳисобгирии истифодаи сарчашмаҳои иловагии сармоягузорӣ барои татбиқи онҳо равона карда шуда ба инобат гирифта шудаанд, хеле зарур аст. Ҳангоми истеҳсоли неруи барқ кам кардани хароҷоти энергетикӣ имкон медиҳад, ки барои таъмини сатҳи номиналии куҳнашавии фондҳои асосӣ ва фарсоишӣ, воситаҳои иловагии пулӣ ба даст овард. Барои ин лоиҳаҳои коркардшуда аз ҳисоби махсусияти равандҳои технологӣ дар марҳилаҳои гуногуни истеҳсоли неруи барқ фоидаи иқтисодӣ меоранд. Шароити рушди инфрасохторҳои истеҳсолӣ шарти муҳимми ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Ин зарфият аз рӯйи вазъи иқтисодию ҷуғрофии ҷумҳурӣ ва рушди инфрасохторҳо тавсиф ва шарҳ дода мешавад.

Ҳамин тавр, дар даҳсолаи охир барои раҳоӣ бахшидани ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва баромадан ба бандарҳои ҷаҳонии баҳрӣ 23 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ, дар ҳаҷми умумии 32 миллиард сомонӣ татбиқ гардида буд. Дар натиҷаи татбиқи ин лоиҳаҳо 1650 км роҳҳои мошингард азнавсозӣ гардида, 109 пул ва 27 км нақб сохта ба истифода дода шуд. Дар айни замон дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ, дар ҳаҷми 3,5 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст [8]. Дар чор минтақаи ҷумҳурӣ барои ҷалби сармоягузорон минтақаҳои озоди иқтисодӣ сохта шудааст: Суғд, Панҷ, Данғара, Ишкошим. Ҳамаи ин ба ҳисоби умумӣ неруи ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи комплекси энергетикиро ташкил медиҳанд.

Шарти дигари ҷалби сармоягузорӣ мисли пештара неруи демографии ҷумҳурӣ боқӣ мемонад. Барои сармоягузорон на танҳо тафсифи миқдорӣ, балки тавсифи сифатии бозори қувваи корӣ муҳим аст, ки ба он сатҳи омодагии касбӣ, пешакӣ омода кардани кадрҳо барои соҳаҳои гуногун, маълумот, синну сол, вазъи саломатиро дохил кардан мумкин аст. Ҳангоми баҳодиҳии онҳо чунин нишондиҳандаҳо муҳимманд: мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ, қувваи кори ихтисоснок, талабот ва пешниҳод ба неруи меҳнатии соҳаҳо ва ғ.

Дар шароити имрӯза шумораи қувваи кории ихтисосманд ҷузъи муҳимми ҷалби сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки 67,5% аҳолии мамлакатро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки ин қувваи асосӣ барои муайян кардани устувории рушди иҷтимоӣ–иқтисодӣ гардидааст. Дар ин

шароит татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ сиёсати ҳалношуда ва муаллақмондаи давлатии ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ва сатҳи ҳавасмандгардонии сармоягузории соҳаҳоро талаб мекунад, ки самтҳои асосии он иборатанд аз: такмили омодагӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ба вуҷуд овардан ё бунёди низоми омӯзиши талаботи бозори меҳнат аз ҳисоби фаъолнокии сармоягузории комплекси энергетикии ҷумҳурӣ.

Гузаштан ба рушди инноватсионии барои истифодаи фоиданоки неруи инноватсионӣ шароит фароҳам меоварад ва имкон медиҳад рушди устувори иқтисод ва соҳаҳои муҳими онро таъмин гардад.

Дар идораи соҳаҳои энергетикӣ баробари захираҳои ташкилию иқтисодӣ омилҳои инноватсионӣ низ аҳаммияти муҳимро доранд. Дар алоқа ба ин сатҳи ҷалби сармояро бештар характери истифодаи неруи инноватсионӣ муайян мекунанд. Аз ин рӯ, неруи инноватсионӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои асосии сатҳи рушди илму техника ва ҷорӣ намудани технологияи нав дар истеҳсоли неруи барқ, дар аксар ҳолатҳо ба яке аз унсурҳои муҳимми такрорстеҳсолкунии зарфияти табиию захиравии соҳаҳо табдил меёбад. Қайд кардан зарур аст, ки ҷалби сармоягузории соҳаи энергетикӣ аз таъсири омилҳо, таҳлил ва баҳодиҳию пешбинии лоиҳаҳои сармоягузорӣ вобастагӣ дорад. Ин имкон медиҳад самтҳои асосӣ ва роҳҳои фаъолсозии захираҳои сармоягузорӣ ва ҳавасмандкунии фаъолияти сармоягузорӣ аниқ карда шаванд.

Шарти дигари ҷалби сармоягузорӣ дастрасии иттилоот оид ба вазъи сиёсӣ ва иқтисодии неруи сармоягузорӣ, дастрасӣ ба захирахои интернетӣ ва дар маҷмӯъ имиҷи соҳаҳо ба ҳисоб меравад, бунёди шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ сатҳи даромаднокии фаъолияти сармоягу- зориро баланд мебардорад.

Шарти дигар барои сармоягузорон таҷрибаи устувори байналхалқии базаи ҳуқуқӣ, танзимкунандаи ҷараёни захираҳои сармоягузорӣ, махсусан сармоягузории хориҷӣ, ба ҳисоб меравад. Тағйироти доимӣ дар қонунгузории танзимкунандаи ҷалби сармоягузорӣ, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, бо пешрафти ҳуқуқии фаъолияти сармоягузории хориҷӣ дар комплекси энергетикиро душвор мегардонад. Дилхоҳ сармоягузор пеш аз маблағгузорӣ кардан, захираҳои пулии худро барои сармоягузорӣ истифода бурдан, доир ба хавфҳои ҳуқуқӣ ва муносибати ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти сармоягузориро баррасӣ мекунад. Барои ҳамин неруи сармоявии соҳаҳо комилан таҳти пайгирии дақиқ ва сиёсати илман асоснок дар соҳаи ҳавасмандкунии сармоягузорӣ ва идораи хавфҳои сармоягузорӣ қарор дорад.

Ҳамин тавр, шартҳои зиёди ба ҷалби сармоягузорӣ таъсиргузорро дида баромада, қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми мушаххас омӯхтани ҳар яке аз ин шартҳо, барои тартиб додани лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ба фаъолияти устувори сармоягузории иқтисод расидан мумкин аст.

Рушди иқтисодии бахши энергетика равандест, ки рушди нобаробари соҳаҳои иқтисоди миллиро боз ҳам душвортар месозад ва аз бисёр шароити мусбат ва манфии иқтисодиёт ва бахшҳои он вобаста аст.

Ҳангоми асоснок кардани баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бояд муайян кард, ки нишондиҳандаҳои шуморавӣ ва сифатии манбаъҳои баланд бардоштани самаранокӣ кадомҳоянд. Дар чунин шароит сарчашмаи ҷалби сармоягузорӣ метавонад сармоягузории озод бошад, дар сурати пайдо шудани имконияти зиёдтар гирифтани даромад ва даромаднокии баландтар нисбат ба сармоягузориҳо дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва диверсификатсияи онҳо.

Ҳамзамон, шарти таъмини даромаднокии соҳа истифодаи захираҳои арзони энергетикӣ, ашёи хом, мавод ва қувваи корӣ, инчунин имкони қудрати харид дар бозор, афзоиши босуръати истеҳсолот ва сарфа намудани арзиши аслии маҳсулот мебошад.

Дар поёнтар методикаи андозагирии миқдори самаранокии ҷалби сармоя ба соҳаи энергетика муфассал пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми арзёбии миқдорӣ бояд меъёрҳои асосӣ, ки таркиби даромад ва хароҷоти сармоягузориро муайян мекунанд, ҳисоби самаранокии онҳо ба назар гирифта шаванд. Дар ин робита, муҳлати баргардонидани лоиҳаи сармоягузорӣ: аз рӯзе, ки лоиҳаи сармоягузорӣ бо истифодаи сармоягузории мустақим маблағгузорӣ карда мешавад, то фарқи байни маблағи ҷамъшудаи фоидаи соф бо тарҳи фонди фарсоиш ва ҳаҷми хароҷоти истеҳсолӣ бояд мусбат бошад. Ин меъёри қонун бо формула барои ҳисоб кардани арзиши софи дисконтиронидашуда NPV муайян карда мешавад:

$$NPV = \sum_t \frac{D_t}{(1+d)} t - \sum_t \frac{I_t}{(1+d)} t > 0$$

Дар ин ҷо t = 1,2…n – муҳлати солҳои лоиҳаи сармоягузории амалишуда; Dt - гардиши солонаи пули нақд, аз ҷумла фоидаи соф ва фарсудашавӣ; ∑ - омили тахфиф, ки дар ин ҳолат ҳамчун доимӣ дар тамоми давраи барномаи сармоягузорӣ бо дарназардошти арзиши иловашуда гирифта мешавад; t - ҳаҷми ҷалби сармоя дар давоми татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши энергетика бо монандии формулаи ҳисобкунии хусуси-

ятҳои ташаккули арзишҳои беруна мавҷуданд, ки дар формулаи мазкур оварда шудаанд. Пеш аз ҳама, муҳлати баргардонӣ (t) наметавонад худсарона бошад ва барои ҷалби сармоягузорӣ муқаррар карда шавад, ҳадди ақал ҳафт сол.

Дар мавриди гардиши солонаи пули накд (Dt) дар таҳлили баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ, хусусиятҳои усулҳои муайян кардани фоидаи соф аз натиҷаи татбиқи лоиҳаи захираҳои сармоягузорӣ дар соҳаи нав тавассути ҷалби сармоягузорӣ ё тавлиди неруи барқ аз ҷалби сармоягузорӣ вобаста аст.

Барои ба даст овардани арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавон ҳам нишондиҳандаҳои микдорӣ ва ҳам хароҷотро истифода бурд. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳим дар ин ҳолат афзоиши ҳосилнокии меҳнат, ки афзоиши он дар ҳама сатҳҳо тавассути ΔQ-афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ҳисоб карда мешавад-Q:

$$\Delta Q = \left(\frac{Q_t}{P_t} - \frac{Q_{t-1}}{P_{t-1}}\right) \times P_t$$

Ин ҷо: Qt, Qt-1 – ҳаҷми истеҳсолот мутаносибан дар t-м давра, баъд аз амалӣ кардани сармоягузории хориҷӣ ва дар t-1 давраи аввал–пеш аз амалӣ намудани онҳо; Pt-1–шумораи миёнаи солонаи кормандон мутаносибан дар ин давраҳо. Ҳамзамон, дар ин маврид бояд омили тағйирёбии таваррум дар нархҳо ба эътибор гирифта шавад. Зеро дар натиҷаи татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ, гузариш ба истеҳсоли маҳсулоти ҷавобгӯйи талаботи истеъмолӣ ва маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза сурат гирифта, бозори барқро бо нархҳои мусоидтар таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, баҳодиҳӣ ба самаранокии ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика раванди мураккабест, ки таҳлили хусусиятҳои ҷалби сармоягузорӣ ва бо дарназардошти омилҳо ва шартҳои сершумори таъсирбахшии лоиҳаҳои сармоягузориро талаб мекунад.

Дар маҷмуъ, зимни баррасии мавзуи мазкур ошкор карда шуд, ки дар давраи ислоҳотҳои иқтисодӣ яке аз соҳаҳои муҳиме, ки метавонад истиқлоли иқтисодии Тоҷикистонро таъмин намояд, комплекси энергетикӣ мебошад. Аз тарафи дигар, кам будани сатҳи маблағҳои зарурӣ имкон намедиҳад, ки таъмири капиталӣ ва ҷории агрегатҳои фаъолияткунандаи корхонаҳои энергетикӣ гузаронида шаванд. Дар ин вазъият зарур аст ба раванди хусусигардонии марҳилавии корхонаҳо, таъсири онҳо ба норасоии энергетикӣ ва фаъолкунии ҷалби сармоя, баланд бардоштани сатҳи маҳорати идоранамоӣ, дониши технологӣ, таҷҳизоти пешқадами технологӣ ва монанди инҳо диққати махсус дода шавад. Ҳамчунин, бояд дар назар дошт, ки дар қатори омилҳои асосии ба даромаднокии ҷалби сармоягузорӣ ва ҳавасмандкунӣ барои ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энер-

гетикии ҷумҳурӣ таъсиррасон, омилҳои сатҳу сифати дастгирии давлатӣ ва ҳифзи сармоягузорони ватанию хориҷӣ, ҳаҷми дархости дохилию хориҷӣ ба неруи барқ, сатҳи камбизоатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сатҳи таъсири фасод ба фазои сармоягузорӣ, сифати ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, сатҳи маълумот ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, суръати рушд ва таназзули бюрократия ва ба омилҳои ба инҳо монанд низ бояд ба назар гирифта шаванд.

Ҳамин тавр, муайян карда шуд, ки қиёсан дар солҳои охир, чунон, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, ҳарчанд воридот кам шуда бошад ҳам, содирот низ тамоюли камшавӣ дорад, ки боиси коста гардидани даромадҳо аз ин сарчашма мегарданд. Вобаста ба ин зарурати шиддатнок намудани сармоягузорӣ ба ин самт хеле саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Муайян карда шуд, ки ҳангоми зиёд шудани шумораи неругоҳҳои обию барқӣ, муаммоҳои экологии намнок шудани иқлими ҷумҳурӣ, ки ба кам шудани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин, об шудани пиряххо, ҳамчун сарчашмаи асосии НОБ-ҳо ба ҳисоб меравaнд, дучор гардидан имконпазир аст ва ин хавфҳоро низ танзим намудан лозим мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Альберт Е. Инвестиции в инфраструктуру: Деньги, проекты, интересы. ГЧП, концессии, проектное финансирование. - М.: Альпина Паблишер, 2015. - 715 с.
Дар Барномаи мазкур зикр шудааст, ки тадбиру чораҷӯйиҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 то 2006-ум барои рушди минбаъдаи иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои заминавии иқтисодӣ ва паст кардани шиддати сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар давраи ҳозираи рушд заминаи амалӣ гузошт. Тоҷикистон барои рушди минбаъдаи иқтисоди бозорӣ замина омода намуда ва ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола тамоми кӯшиши худро равона кардааст.

Қисми муайяни мушкилилоти иҷтимоии аҳолӣ дар ин марҳала ҳалли худро пайдо карда бошанд ҳам, ҳанӯз ҳаҷми масъалаҳои ҳалталаби дигаргунсозиҳои муносибатҳои бозорӣ дар Тоҷикистон зиёданд. Пеш аз ҳама, ин ба зарурати навсозии шароити институтсионалӣ барои рушди миллӣ, таҳкими шароити моддӣ барои рушди иқтисодӣ, тараққӣ додани дастрасӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола алоқаманд мебошад.

Дар давраи нави инкишофи кишвар рушди минбаъдаи давлати ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муҳим дорад. Ҳамаи проблемаҳои зикргардида зарурат ва имконпазирии ҳалли доираи масъалаҳои номбурдаро дар давраи муосири инкишоф тақозо менамояд.

Ҳамзамон, ба рушди устувор ва дарозмуҳлати иқтисодӣ, ки тавонад ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон омилҳои зиёд таъсир мерасонанд, ки барои ҳаллу фасли онҳо бояд дар дурнамои дарозмуҳлат ҷавоб пайдо намоянд. Давраи гузариш, ки бо мушкилоти иқтисодӣ-

иҷтимоӣ ва сиёсӣ тавсиф меёбад, боиси ниҳоят бад шудани вазъи бахши иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф ва илм, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъмини об, беҳдошт, хоҷагии манзилию коммуналӣ, экологӣ, муносибатҳои гендерӣ), паст шудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои сифатан баланди иҷтимоӣ ва шароити зиндагӣ гардид.

Ҳифзи иҷтимоӣ дар ҳолати ҷорӣ чунин нишондодҳоро (СМР-2015) дорад. Ҳиссаи маблағҳои давлатии барои ҳифзи иҷтимоӣ ҷудошаванда 5,5 дарсади ММД-ро ташкил медиҳад. Масрафи аз ҳама калон дар доираи бахши мазкур пардохти нафақа мебошад, ки дар соли 2015 ҳаҷми он 4,5 дарсади ММД-ро ташкил дод. Ҳиссаҷудокуниҳо барои нигоҳ доштани муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоии кӯдакон, шахсони маъюб, пиронсолон, осоишгоҳҳо ва табобатгоҳҳо ҷойи дуюмро аз рӯйи ҳаҷм дар моддаҳои хароҷот танҳо 0,1 дарсади ММД-ро ташкил медиҳанд. Мутаносибан кумаки иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоате, ки кӯдакони мактабхон доранд, маблағи боз ҳам камтарро (0,02 дарсад) ташкил медиҳад. Чунин ҳолат қисман самтгирии низоми ҳифзи иҷтимоиро барои таъминоти нафақавӣ инъикос менамояд.

Дар давраи солҳои 2011-2015 ҳаҷми маблағгузориҳои буҷетӣ ба низоми ҳифзи иҷтимоӣ зиёда аз 2,5 маротиба афзоиш ёфт. Зимнан пардохтҳои нафақавӣ аз 2,8 дарсад то 4,5 дарсади ММД зиёд шуданд. Коэффитсиенти таносуби андозаи миёнаи нафақа нисбат ба музди миёнаи меҳнат *(ба ҳисоби миёна дар панҷ сол 32 дарсад)* ҳоло ҳам на он қадар баланд аст ва ин нишон медиҳад, ки таъмини ҳифзи кофӣ, бо дарназардошти дурнамои афзоиши шумораи аҳолии синну соли нафақавӣ ва маъюбон, хароҷоти боз ҳам бештари молиявиро талаб менамояд. Яъне тадриҷан пир гаштани аҳолӣ *(аз ҷумла, дар натиҷаи зиёдшавии давомнокии умр)* ба маблағгузории низоми таъмини нафақа дар оянда таъсир расонида, имкониятҳои онро, агар низоми дастгирии рушди пурмаҳсул ва шуғли расмӣ фаъол карда нашавад, дар дастгирии муассир ва устувори пиронсолон маҳдуд менамояд.

То соли 2016 дар ҷараёни ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон комёбиҳои зерин ба даст оварда шуд:

– таҳия ва таъмини татбиқи таҷрибавии барномаи нави кумаки суроғавии иҷтимоӣ дар асоси усули таҷдиди назаршуда. Дар соли 2015 ин Барномаи давлатӣ дар 25 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ амалӣ гардид ва пурра фаро гирифтани он дар миқёси кишвар дар соли 2018 ба нақша гирифта шуд;

– таъмин намудани пешрафтҳои пайваста дар татбиқи ислоҳоти низоми таъминоти нафақа. Татбиқи ислоҳот дар ин самт аз 1 январи соли 2013 дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи

нафақавӣ ва давлатӣ” бо ҷорӣ намудани принсипҳои суғуртавӣ таъмин карда мешавад;

– таъмин намудани пешравӣ доир ба масъалаҳои риояи ҳуқуқи шахсони маъюб, аз ҷумла дар самти афзоиш додани тавонбахшии маъюбон дар сатҳи маҳал ва ҳаҷми кумакпулиҳо. Дар давраи миёнамуҳлати рушд “Стратегияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025” таҳия, қабул ва татбиқ мешавад.

Мушкилоти соҳа. Ба дастовардҳои ноилшуда нигоҳ накарда, дар бахш баъзе мушкилот боқӣ мемонад:

- ҳаҷми маблағҳое, ки тавассути барномаҳои кумаки иҷтимоӣ равона мешаванд, на он қадар ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ таъсир мерасонанд. Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, тақрибан 460000 нафар дар ин ё он шакл кумакпулии молиявӣ мегиранд. Сатҳи афзоиши хизматрасонии иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба онҳо умуман дар ҳолати ибтидоӣ қарор дошта, аҳолиро нобаробар фаро гирифтааст. Сатҳи аз ҳама пасти таъмин бо чунин хизматрасониҳо дар ноҳияҳои деҳот ба назар мерасад. Дар мамлакат самтҳои мазкур: муайян намудани талабот, хизматрасониҳои расонидани иттилоот ба аҳолӣ, дастгирии оила ва механизмҳои дахлдори ҳамоҳангсозӣ (ба назди мутахассис равон кардан) дар сатҳи иттиҳодҳо ҳоло ҳам хуб рушд наёфтааст.
- инкишоф наёфтани заминаи институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ. Ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоӣ пурра амалӣ карда нашуд. Дар вақте, ки барои ислоҳоти маъмурӣ вақти лозима то соли 2015 ҷудо шуда буд, барномаи нави кумаки суроғавии иҷтимоӣ танҳо 25 шаҳру ноҳияро фаро гирифт.
- фарогирии нобаробари низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ. Хизматрасониҳои иҷтимоии нисбатан инкишофёфта барои аҳолии калонсол, маъюбон ва кӯдакони бесаробонмонда ҳоло ҳам дар ҳамаи ноҳияҳо ба таври мураттаб пешниҳод намегарданд ва дар фарогирии ҷуғрофии аҳолӣ бо ин хизматрасониҳо камбудиҳо ба назар мерасанд. Ҳоло ҳам бо хизматрсониҳо фаро гирифтани нашъамандоне, ки ба воситаи сӯзандору маводи нашъадор истеъмол мекунанд, шахсони мубтало ВНМО/БПНМ ва қурбониёни зӯроварӣ дар хона паст мебошад. Ҳамзамон, шахсоне, ки аз парасторӣ берун мондаанд ва шахсони бехона камтар ба хизматрсониҳо фаро гирифта мешаванд.

Афзалиятҳо. Низоми ҳифзи иҷтимоӣ барои рушди сармояи инсонӣ тавассути татбиқи афзалиятҳои зерин шароит фароҳам меорад:

– таҷдиди институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, хусусан дар сатҳи маҳал;

– таъмини устувории дарозмуҳлати низоми нафақа;

– тақвияти самти ҳавасмандкунандаи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ.

Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалиёт барои афзалиятҳо дар соҳаи таҷдиди институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ.

1. Ташаккул ва инкишофи механизмҳои тақвияти суроғавӣ ва баланд бардоштани дараҷаи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ тавассути:

– андешидани маҷмуи тадбирҳо доир ба инкишофи заминаи ҳуқуқӣ ва танзимкунанда дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ;

– таъсиси низоми ҳамкорӣ доир ба беҳтар намудани воситаю механизмҳои мониторинги камбизоатӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ;

– мушаххас намудани ҳадаф ва нишондиҳандаҳои рушди устувор барои низоми миллии ҳифзи иҷтимоӣ, ташкили мониторинги пешрафт дар ин самт;

– инкишофи усулҳои алтернативии пешниҳоди хизматрасониҳо ба табақаҳои аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир тавассути таъсис додани низоми сершохаи хизматрасониҳои сифатнок дар доираи воҳидҳои марзию маъмурӣ;

– андешидани маҷмуи тадбирҳо оид ба рушди заминаи иттилоотии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, хусусан дар соҳаи таъминоти нафақа ва фаро гирифтани шахсони маъюб;

– ташаккули низоми дараҷаи ҳадди ақалли кафолатҳои иҷтимоӣ, бо дарназардошти инкишофи муколамаи иҷтимоӣ;

– таъмини меъёрҳои минималии стандартҳои иҷтимоӣ доир ба пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ, аз ҷумла дар самти хизматрасонии манзилию коммуналӣ;

– андешидани маҷмуи тадбирҳо доир ба рушди низоми тайёр намудани кадрҳо, ҷалб ва ба кор дар муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ вобаста кардани мутахассисон;

– фароҳам овардани заминаи лозимаи ташкилӣ барои пурра ҷорӣ намудани низоми “равзанаи ягона” ё механизми роҳнамоии иҷтимоӣ дар ҷараёни пешниҳоди шаклҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоӣ;

– ҷорӣ намудани низоми устувори шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои расонидани хизматҳои иҷтимоӣ дар заминаи марказҳои/шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ.

Дар бахши таъмини устувории низоми таъминоти нафақа.

2. Таҷдиди низоми таъминоти нафақа тавассути:

– таҳия ва дар амал татбиқ кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи низоми нави таъминоти нафақа дар доираиислоҳоти амалишаванда;

– андешидани маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани устувории низоми таъминоти нафақа *(ҳавасмандгардонии шуғли расмӣ, ташаккули заминаи институтсионалии низоми пасандозҳои нафақавӣ ва амалиёти дахлдори молиявӣ, инчунин, ба роҳ мондани амалиёти зиддикоррупсионӣ дар низоми мазкур)*.

Дар бахши тақвияти самтҳои ҳавасмандкунии ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ. Дар навбати худ дар ҷумҳурӣ барои тайёр намудан ва тарбияи кадрҳо чорабиниҳои зиёд баргузор мешаванд. Қабули чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2016-2020, Барномаи давлатии тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба омода намудани кадрҳои мақомоти соҳавӣ бахшида шудаанд, далели таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ин масъалаи мазкур мебошад.

Таҳлили вазъ нишон медиҳад, ки тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб дар шароити имрӯза баҳри амалӣ гардидани тадбирҳои низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ дар солҳои минбаъда заминаи боэътимод муҳайё хоҳад сохт. Дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ бошад, айни замон дар аксари муассисаҳои ин соҳа мутахассисони соҳибкасб фаъолият надоранд. Таҳлилҳо дар шуъбаҳои (марказҳои) хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ (шаҳрҳои Кӯлоб, Конибодом, Хоруғ ва ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Қубодиён) шаҳодат медиҳанд, ки дар ин шуъбаҳо 105 корманд кор мекунанд. Аз онҳо 94 нафарашон дар вазифаи «корманди иҷтимоӣ» ба кор қабул гардидаанд. Аз шумораи умумии кормандон 26 нафар ё ки 24,7 дарсадашон соҳиби таҳсилоти олӣ (ғайри ихтисоси ҳифзи иҷтимоӣ), 41 нафар ё ки 39,2 дарсадашон соҳиби таҳсилоти миёнаи касбӣ (асосан ҳамшираҳои тиббӣ ё омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ё томактабӣ) ва 38 нафар ё ки 36,1 дарсади онҳо баъди таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд.

Барномаи маҷмуии давлатии омода намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №148 қабул шудааст.

## АДАБИЁТ

1. Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2015. Душанбе: 2007.

2. Стратегияи миллии рушди ҶТ барои даврои то соли 2030. Душанбе: 2016.

3. Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе: 2006.

4. Марупова Н.Ш. Развитие системы социальной защиты населения в условиях рыночной экономики. Диссер. на соиск. канд. экон. наук по спец. 08.00.05–Экономика и управление народным хозяйством (экономика труда).

5. Комилова З.А., Рыбакова М.В. Государственное управление модернизацией интегрированной системы социального обслуживания в Таджикистане. //Государственное управление. Электронный вестник Выпуск № 72. Февраль 2019 г.

6. Ходжаева М.И. Социальная защита как важнейшая составляющая социальной политики // Иқтисодиёт.

7. Государственная программа по оказанию адресной социальной помощи в Республике Таджикистан на 2018 - 2020 годы.

8. Базаров Б.В., Камилова З.А. Управление системы социальной защиты на селения Таджикистана // Власть М:, 2018 №2 стр.89-93.

9. Замраева З.П. Социальная защита и социальное обслуживание населения. Учебник М:, “Дашков и К”, 2018.

## ЭТАПЫ СТАНОВЛЕНИЯ ИНСТИТУТА СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

**ГИЁЕВ КУРБОН ХИЛОЛОВИЧ,**
кандидат философских наук, доцент кафедры социальной
работы Таджикский национальный университет
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17;
тел: +992 90-795-63-07; e-mail:KGiyoev@yandex.ru;

*Процесс формирования эффективной системы социальной защиты населения является центральным элементом социальной политики государства и Правительства Таджикистана, а разработка и реализация государственных программ и стратегий в этом направлении подтверждают данную мысль. Социальная защита населения в широком понимании этого понятия выражается как в совокупности социально-экономических мер государства, направленных на создание достойных условий жизни, удовлетворение потребностей, так и на обеспечение жизнеобеспечения и социальной защищенности граждан, поддержку малообеспеченных слоев населения, группы насе-*

*ления республики. Изучение и исследование темы позволяет объективно осознать проблем и оценить достижения в этой сфере.*

***Ключевые слова**: социальное государство, социальная политика, социальная защита, социальная защита населения, социальная обслуживания, социальное проблемы, стратегия, реформы.*

## STAGES OF FORMATION OF THE INSTITUTION OF SOCIAL PROTECTION OF THE POPULATION OFTHE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**GIYOEV KURBON HILOLOVICH,**
candidate of philosophical sciences, associate professor,
department of social work, Tajik national university
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17;
tell: +992 90-795-63-07; e-mail:KGiyoev@yandex.ru;

*The process of forming an effective system of social protection of the population is a central element of the social policy of the state and the Government of Tajikistan, and the development and implementation of state programs and strategies in this direction confirms this idea. Social protection of the population in the broadest sense of this concept is expressed as a set of socio-economic measures of the state aimed at creating decent living conditions, meeting needs, ensuring life support and social protection of citizens, and supporting low-income segments of the population, population groups of the republic. The study and research of the topic allows you to objectively understand the problems and evaluate the achievements in this area.*

***Keywords:** welfare state, social politics, social protection, social protection of the population, social services, social problems, strategy, reforms.*

УДК 316.

# ТАҒЙИРИ СТРАТЕГИЯИ ҲАЁТИИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНШАВИИ ҶОМЕА

**НАЗИРОВА МАРҲАМАТ НАЗАРОВНА,**
муовини сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89$
тел.: (+992) 918-42-91-84; e-mail: nmarxamat@mail.ru

*Дар давраҳои гуногуни таърихии тараққиёти ҷомеа ташаккули стратегияи ҳаётӣ гуногун буда, дар он давомнокӣ ва устувории раванди ҳаёти ҳар шахс инъикос меёбад. Имрӯз ҷавонон, ки қисми фаъоли ҷомеа ба шумор меравад,таҳлили фаъолияти ҳаётии онҳо ҳам барои худ ва ҳам барои пешбинии дурнамои рушди ҷомеаи муосир аҳамияти илмӣ дорад. Аз ин рӯ, мақолаи мазкур ба таҳлили тағйири стратегияҳои ҳаётии ҷавонон равона гардидааст, ки таҳлили ин масъала дар ҷомеаи муосир хеле муҳим аст ва стратегияи ҳаётӣ дар ҳолатҳои мушаххаси зиндагӣ, ки бо интихоб алоқамананд аст, маънои онро ошкор менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷавонон, стратегияи ҳаётӣ, тағйир, сохтори иҷтимоӣ, стратегияи ҳаётии ҷавонон, самтгирии арзишӣ, насли ҷавон.*

Раванди ташаккул, тағйири самтҳои арзишӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ низ мисли раванди иҷтимоишавӣ дар тули тамоми зиндагӣ ба амал меояд. Инсон самтгирии арзишҳои худро ташаккул медиҳад, ки баъдан метавонад таҳти таъсири муҳити иҷтимоӣ – фарҳангӣ, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, ба тағйирот дучор шавад. Дар шароити тағйири сохтори иҷтимоӣ, дигаргунӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон, таҳаввулоти иҷтимоӣ, тағйири раҳнамудҳои иқтисодӣ ва дигар равандҳо, фаъолияти ҳаётӣ ва ташаккули стратегияи ҳаётии ҷавонон ҷанбаи мураккаб ва гуногуннавъро ба худ мегирад.

Инсоният дар остонаи марҳилаи нав гузаштаро арзёбӣ карда, кӯшиш мекунад ба оянда назар афканад. Барои одамон бовар кардан, умедвор будан ба зиндагии беҳтар хос аст ва маъмулан, онҳо умедвории худро ба оянда бо фарзандонашон иртибот медиҳанд. Ин вазъи муайяниро ба вуҷуд оварда, итминон ба амалишавии орзуҳои онҳо мегардад, ки дар ин самт маҳз стратегияи ҳаётӣ ҷавононро тайи муддати тулонӣ раҳнамоӣ мекунад.

Ҷавонон, ки дар ҷомеа ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд, маҳз онҳоояндаи кишвар ба ҳисоб рафта, ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ ҷиддӣ муносибат мекунанд. Аз ин рӯ, ҳадафҳои ҳаётии ҷавонон ва воситаҳои даст-

расӣ ба онҳо омили муҳимми фаъолнокии иҷтимоӣ дар ҷомеаи мо мебошад. Дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоии глобалӣ таҳқиқи дурнамои ҳаётии ҷавонон аҳамияти зиёд дорад, зеро ҷавонон кафили рушди ҷомеа мебошанд ва омӯзиши стратегияи ҳаётии онҳо нишондиҳандаи муҳим дар самти ояндабинии равандҳои иҷтимоӣ ва тамоюлоти рушди ҷомеа мебошад.

Имрӯз таҳқиқи фаъолияти ҳаётии ҷавонон ҳам барои фаҳмиши хусусиятҳои ин гурӯҳи иҷтимоӣ ва ҳам барои пешбинии дурнамои рушди ҷомеаи муосир аҳамияти илмӣ дорад. Таҳлили ин масъала, махсусан, дар ҷомеаи муосири тағйирёбанда, ки бисёр тағйироти гуногунро дар шаклгирӣ ва мутобиқшавии ҷавонон ба вуҷуд меоварад, муҳим аст.

Дар ҷомеаи муосир раванди иҷтимоишавии ҷавонон ба сабаби мушкилоте, ки дар натиҷаи бознигарии анъанаҳо, меъёрҳо ва арзишҳо ба вуҷуд меоянд, мураккаб мешавад. Агар дар гузашта ҷавонон бештар ба таҷрибаи насли гузашта такя мекарданд, имрӯз онҳо таҷрибаи нави иҷтимоиро аз худ ва бунёд карда, ба худашон такя мекунанд, ки ин мавҷудияти тамоюлоти зиддиятнокро дар шуур ва рафтори ҷавонони муосир ифода мекунад.

Раванди тағйири стратегияи ҳаётии ҷавонон ва мутобиқати онҳо бо ҳаёти иҷтимоӣ–иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ яке аз қисмҳои таркибии ҳамгироии умумии иҷтимоӣ мебошад ва самту суръати он ҳам ба инкишофи худи ҷавонон ва ҳам ба рушди ҷомеа таъсир мерасонад. Аз як тараф, ҷавонон чун субъекти иваз кардани насл, дар натиҷаи фаъолнокии бошууронаи худ таҷрибаи иҷтимоиро касб мекунанд, онро таҷдид менамоянд ва ба насли минбаъда интиқол медиҳанд. Аз ҷониби дигар, ҷавонон яке аз захираҳои тавонманди ҷомеа мебошанд, ки аз мутобиқати иҷтимоӣ ва сафарбаршавии онҳо қобилияти ҳаётии ҷомеа вобаста аст.

Хусусияти мутобиқшавии иҷтимоии ҷавонон аз он иборат аст, ки ҷавонон бояд ҳарчи бештар вақти худро барои воридшавӣ ба муҳити нави иҷтимоӣ сарф кунанд, ки дар натиҷа, шароит на танҳо барои амалисозии талаботи онҳо ва ҳадафҳои ҳаётӣ, балки барои пешрафти худи ҷомеа низ фароҳам меояд. Мутобиқати ҷомеа ба манфиатҳои ҷавонон шароитро барои мутобиқшавии амиқтари шахсият ва худсозии вай ба вуҷуд меоварад ва мутобиқшавии шахсият дар навбати худ, ба ҳамгироии ҷомеа, рушди босубот ва устувори он мусоидат мекунад.

Имрӯз ҷавонон на ҳама вақт ба воқеияти иҷтимоии тағйирёфта бомуваффақият мутобиқ мешаванд. Дар амал онҳо аксар вақт бо мушкилоте дучор мешаванд, ки барои амалисозии имкониятҳои онҳо монеа ба вуҷуд меоваранд. Дар аксари мавридҳо ин бо кофӣ набудани таҷрибаи иҷтимоӣ,

вобастагӣ аз ақидаи дигарон ва тақлидкорӣ, набудан ё нарасидани имкониятҳо барои худтакмилдиҳӣ ва ғайра алоқаманд аст [5, с.25-31].

Дар давраҳои гуногуни инкишофи иҷтимоӣ стратегияи ҳаётӣ мазмуни худро дар вазъияти мушаххаси ҳаётии алоқаманд бо интихоб ошкор намуда, муҳимтарини он интихоби касб мебошад. Бар хилофи дигар навъҳои интихоб, интихоби касб сарчашмаи таъмини ҳаётиро муайян намуда, муҳимтарин заминагузори мустақилияти иқтисодӣ, шаклгирии ҳам камолоти иҷтимоӣ ва ҳам субъективияти иҷтимоии ҷавонон мебошад. Ин навъи интихоб бевосита аз шароити иҷтимоӣ – иқтисодӣ вобаста буда, дар худ тамоми зиддиятҳои институтсионалӣ дар соҳаҳои таълим ва меҳнатро ҷамъ намудааст ва проблемаҳои сершумори иҷтимоиро дар фаъолияти ҳаётии ҷавонон ба вуҷуд меорад.

Ҷанбаи иҷтимоии тақсими меҳнат аввалияти сохтори иҷтимоӣ ва ҳамвобастагии он бо худмуайянкунии иҷтимоии наслро муайян мекунад. Фаъолияти истеҳсолӣ ҷалби ашхосро ба коллективҳои меҳнатии мушаххас бо меъёрҳо, арзишҳо, тарзи рафтори онҳо таъмин менамояд, ки ин ба ташаккули талаботи умумии иҷтимоии одамон, ки вазифаи меҳнатии ба ҳамин монандро дар шароити ҳаммонанди иҷтимоӣ анҷом медиҳанд, оварда мерасонад. Навъи нави фаъолияти истеҳсолӣ боиси таҷдиди сохтори мавҷудаи пештара дар ҷомеа, иваз шудани фаъолият ва дар ниҳоят, боиси сохтори нави иҷтимоӣ мегардад. Зарурати ҷамъиятии ба категорияи махсуси одамон вобаста кардани ин намуди нави фаъолият ба вуҷуд меояд, ки онҳо бо дигар одамон барои истеҳсоли василаҳои зиндагӣ вориди муносибатҳои махсус мегарданд [3, с.32-35].

Ба воситаи сохторҳои ҷамъиятӣ ҳамгироии насли ҷавон ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва суботи вазъияти ҳаётии ин насл ба амал меояд. Сохторҳои шаклгирифта дар замони насли пештара, насли ҷавони минбаъдаро қабул мекунанд, ташаккул медиҳанд ва мутобиқ мекунанд. Аммо насли ҷавон ҳангоми ворид шудан ба ҳаёти ҷамъиятӣ бояд ин сатҳи рушди таърихиро субъектӣ намояд, яъне онро ба сарвати худ табдил диҳад. Таҷрибаи гуногуни таърихӣ имкониятҳои гуногуни ҷавононро дар лаҳзаи худмуайянкунӣ дар ҳар як ҷомеаи мушаххас муайян менамояд. Қадами насли пештара дар масири рушд вазъияти ибтидоие мебошад, ки насли ҷавон аз он саҳми худро дар ҳаёти ҷамъиятӣ оғоз мекунад ва онро чун ҳаёти шахсӣ мешиносад ва ҳамин тавр идома медиҳад.

Дар ҷомеаи анъанавӣ, вақте ки мақоми иҷтимоии фард бо меъёрҳои тааллуқияти вай ба ҷомеа, ба табақа муайян мешуд, вақте ки насли ҷавон ба ҳаёти ҷамъиятӣ ба воситаи оилаи волидон ворид мешуд, пешрафти иҷтимоӣ бо суръати паст пеш мерафт ва талабот ба худмуайянкунӣ муҳим набуд. Аммо рушди ҷомеаи муосири саноатӣ шароити объективии фаъолияти ҳаётии одамонро ба куллӣ тағйир медиҳад, талабот ба худмуайянкунӣ нисбат ба гурӯҳҳо ва умумиятҳои гуногунро ташаккул медиҳад. Ин аз як тараф, ба насли ҷавон

имконият медиҳад, ки таҷрибаи иҷтимоиро, ки аз таҷрибаи волидон хеле фарқ мекунад, азхуд кунад ва сониян, худи раванди худмуайянкуниро мушкил месозад [7, с.46].

Дар ҷомеаи кунунӣ дар стратегияи ҳаётии ҷавонон кори ҷолиб, даромади баланд ва муваффақият дар расидан ба зинаҳои баланд нақши муҳим мебозад. «Мавҷудияти нақшаҳои ҳаётӣ муваффақиятро кафолат дода наметавонад, аммо нақша ин чорчӯбаи зарурие мебошад, ки муваффақият бояд дар он ҷой гирад. Муваффақияти стратегияи ҳаётӣ ба андозаи зиёд, махсусан, дар давраи буҳрон, аз сохтори он ҳадафҳое, ки одамон дар назди худ мегузоранд ва аз имкониятҳо барои дастрасӣ ба ин ҳадафҳо вобаста аст» [4, с.73-91].

Ҳадафҳои воқеии ҳаёт ва стратегияҳои дурусти ба даст овардани онҳо имкон медиҳанд, ки ҷавонон ба муваффақият ноил шаванд, аз лоиҳаҳои анҷомёфта қаноатманд бошанд ва дар ин замина худбаҳодиҳиро афзун кунанд.

Дар стратегияи ҳаётӣ таҳти самтгирии арзишӣ, арзишҳое фаҳмида мешаванд, ки ҳадафи зиндагӣ ва воситаҳои дастрасӣ ба он алоқаманд мебошанд. Ин ба мо имкон медиҳад дар бораи он сухан ронем, ки самтгирии арзишӣ аз тарафи шахсият дарк карда мешавад ва дар фаъолияти ҳаётии вай амалӣ мешавад. Низоми самтгирии арзишӣ сохтори чандсатҳӣ дорад, ки асоси онро арзишҳои ҷаҳонбинии вобаста ба ҳадафҳои фаъолияти ҳаётии инсон ташкил медиҳанд, яъне мақсад ва маънои зиндагии инсонро муайян месозанд. Ин низом ҳамчунин, самти нисбатан устувори манфиатҳо, талабот ва мақсади фаъолияти фардро таъмин менамояд.

Тибқи пурсиши сотсиологӣ, ки мутахассисон гузаронидаанд, самтгирии арзишӣ дар стратегияи ҳаётии ҷавонони ҷомеаи кунунӣ, қабл аз ҳама, эҳсоси шаъну эътибори худ мебошад. Ҳамчунин, неъматҳои моддӣ, садоқат ва дурусткорӣ барои ҳаёт муҳим дониста шудааст. Нуфузу эътибори иҷтимоӣ, вафодорӣ, таҳаммулпазирӣ ва дигар сифатҳо низ дар стратегияи ҳаётии ҷавонон ҳамчун арзиш шинохта шудааст. Дар айни замон, ҳадафи асосии ҷавонон дар зиндагии онҳо дар ҷомеаи муосир беҳбудии моддӣ, музди меҳнати баланд ва кори ҷолиб маҳсуб мешавад. Мо дар ин ҷо ақидаи баъзе ҷавононро дар бораи самтгирии арзишӣ ва тағйироти он дар стратегияи ҳаётии онҳо меоварем:

«Эҳсоси шаъну эътибор дар шахс новобаста аз он, ки вай сарватманд аст ё камбағал, бояд бошад. Инсон бояд ин эҳсосро ҳифз карда тавонад ва ба ҳеҷ кас иҷозат надиҳад, ки онро поймол намояд. Вафодор будан ба оила, хешовандон, кишвар хеле муҳим аст. Вақте ки ёриат лозим шавад, ту бояд барои Ватани худ ҳама чизро диҳӣ. Таъмини неъматҳои моддӣ вазифаи мард мебошад. Пеш аз ҳама, бояд худ ва оилаи худро таъмин кард. Дар дини мо дурӯғ

гуноҳ аст. Агар шахс поквиҷдон бошад вай аз ҳеҷ чиз наметарсад ва фақат пеш меравад (ҷавонмард, 22 сола, ш. Душанбе).

«Арзишҳо тағйир ёфтаанд. Масалан, чунин арзишҳо, монанди боадабӣ ва некукорӣ. Некукорӣ имрӯз низ ҳаст, ман намегӯям, ки он пурра аз байн рафтааст, аммо як навъ дигар шудааст ё камтар шудааст. Одамон бештар хашмнок шудаанд. Онҳо эҳсосоти худро бештар зоҳирӣ нишон медиҳанд, на аз дилу ҷон. Шояд ин бо он ҷанге алоқаманд аст, ки солҳои 90 паси сар кардем, зеро ин ба ҳолати руҳии инсон таъсири сахт мерасонад. Бинобар ин, шояд ин бо он алоқаманд аст, ки мо чунин фишори руҳиро (стресс) аз сар гузаронидем» (ҷавондухтар, 24 сола, донишҷӯ, ш. Душанбе).

«Ҳар як шахс, ки ҳокимият, оила дорад ва умуман, имконият дорад, бояд ба дигарон ёрӣ расонад, вай бояд корҳои нек кунад. Таҳаммулпазирӣ низ имрӯз хеле муҳим аст, чунки бо рушди кишвар ва технология дар одамон ақида ва нуқтаи назари нав дар бораи зиндагӣ ба вуҷуд меояд ва агар ту босабр ва шикебо набошӣ, проблема хоҳад буд, ҷанҷол ва занозанӣ. Бояд одамонро тавре ки онҳо ҳастанд, қабул кард» (ҷавондухтар, 20 сола, донишҷӯ, ш. Душанбе).

«Барои ман чӣ муҳим аст? Адолат, босабрӣ, ботоқатӣ, боғайратӣ, дурусткорӣ, ҳамчунин, бояд таҳаммулпазир буд» (ҷавонмард, 16 сола, ш. Душанбе)[2].

Ҳамин тавр, аксари ҷавонон муҳимтарин сифатро эҳсоси шаъну эътибор ба худ мешуморанд.

Дар ҷомеаи муосир яке аз нишондиҳандаҳои ҷиддии таъсиррасон ба раванди мутобиқшавии иҷтимоии ҷавонон арзёбии вазъияти моддӣ аз тарафи онҳо мебошад. Тафовут дар баҳодиҳӣ ба вазъи моддии оилаи худ аз тарафи ҷавонон ва насли калонсол таъсири худро ба арзёбии ояндаи онҳо мегузорад. Масалан, шумораи ҷавононе, ки беҳбуди вазъи моддии худро дар оянда интизор доранд, бештар аз теъдоди онҳое аст, ки бад шудани вазъияти моддиро интизор доранд. Дар насли калонсол метавон манзараи зидди инро мушоҳида кард.

Ҳамин тавр, арзёбии беҳбуди шароити моддии ҷавонон нисбат ба насли калонсол хушбинонатар аст. Сабаби инро метавон чунин шарҳ дод, ки аксар ҷавонон нисбат ба насли калонсол ба дигаргуниҳои ҷамъиятӣ осонтар мутобиқ мешаванд ва зудтар воситаи маблағи муайян ба даст овардан ва беҳбуди вазъи моддии худро пайдо мекунанд.

Ошкор намудани стратегияи ҳаётии ҷавонон ҳам омилҳои берунии таъсиррасон ба тағйири фаъолияти ҳаётии ҷавонон ва ҳам омилҳои дохилӣ, ки дар шакли нақшаҳои зиндагӣ ва самтгирии арзишӣ зоҳир мешаванд, дар назар мегирад. Масалан, дар шароити ҷомеаи муосир зарурати мунтазам офарида шудани идеяҳои нав барои худинкишофдиҳӣ, ба вуҷуд омадани

гурӯҳҳои пешбари ичтимоии офарандаи андешаҳои инноватсионӣ ба амал меояд.

Ҳифз ва рушди кишвар ва ҷомеа дар ҷаҳон аз стратегияи ҳаётӣ вобастагӣ дорад. Албатта, ҳоло дар ҳаёти ҷавонон тағйироти амиқ ба вуҷуд меояд, шароити нави ичтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсӣ вазъ ва рафтори мутлақо навро талаб мекунад. Ҷавонон бояд ҳангоми худтакмилдиҳӣ ҷараёни инкишофи ҷомеаи муосирро ба назар гиранд, ки он механизмҳои гуногуни бозориро ба вуҷуд меорад.

Рақобатпазирӣ меъёри худамалисозии муваффақонаи ҷавонон мебошад. Ҷомеаи муосир – ҷомеаест, ки дар он ҳастии инсон аз ҳаллу фасли созандаи проблемаҳои глобалӣ вобаста аст, ки ба раванди таълими ҷавонон таъсир мерасонад. Ба туфайли гузариш аз иқтисодиёти банақшагирӣ ба иқтисоди бозорӣ, барои ҷавонон на танҳо афзалиятҳо, балки мушкилот низ ба вуҷуд омадааст. Имрӯз муҳимтарин бартарӣ доштани дониш ва малакаҳое шинохта мешаванд, ки дар бозори меҳнати муосир арзиш дошта бошанд.

Ҳамин тавр, тағйироти стратегияи ҳаётии ҷавонон раванди хеле ҳассос маҳсуб шуда, омӯзиши он метавонад ба ошкор кардани роҳҳои таъсирасонии ниҳодҳои дахлдори ҷамъиятӣ ба шахсияти ҷавон ба мақсади заиф кардани фишори руҳӣ ба вай ва пешгирӣ кардани ташаннуҷи эҳтимолии ичтимоӣ мусоидат намояд. Ҷаҳони арзишии ҷавонон ифодакунандаи гуногунандешӣ ва самтгирии арзишҳо буда, гуногуннавъии муносибатҳои ҷамъиятиро дар шароити набудани идеологияи давлатӣ, идеали ҷамъиятӣ ва идеяи умумимиллӣ инъикос менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Волокитина А.А. Жизненные стратегии молодежи в условиях профессионального выбора. / А.А. Волокитина // Социология и жизнь. – 2010. – № 4. – С. 217–221.

2. Молодежь Центральной Азии. Таджикистан: На основе социологического опроса. / Под науч. руководством проф. Клауса Хурельмана и Пэра Тешендорфа (Германия, Берлин). – Алматы, 2017. – 396 с.

3. Радаев В.В., Шкаратан О.И. Социальная стратификация. – С.32–35.

4. Седова Н. Жизненные цели и стратегии: контекст пассионарности // Социологический журнал. – 2016. – Том 22. – № 2. – С. 73–91.

5. Соловых О.В. О теоретических аспектах самоактуализации личности // Вестник ОГУ. 2011. № 6 (125). – С. 25–31.

6. Титма М.Х., Саар Э.А. Молодое поколение. –М.: Мысль, 1986. – С.4-5.

7. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений. – Душанбе: Ирфон, 2006, – С.46.

# ИЗМЕНЕНИЕ ЖИЗНЕННОЙ СТРАТЕГИИ МОЛОДЕЖИ В КОНТЕКСТЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ ИЗМЕНЕНИЙ

**НАЗИРОВА МАРХАМАТ НАЗАРОВНА,**
заместитель начальника Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел (+992) 918-42-91-84; e-mail: nmarxamat@mail.ru

*На разных исторических этапах развитии общества формирование жизненных стратегий происходит по-разному, что отражает непрерывность и устойчивость жизненного процесса каждого человека. Сегодня для молодых людей, которые являются активной частью общества, анализ их жизнедеятельности имеет научное значение как для них самих, так и для перспектив развития современного общества. Поэтому данная статья посвящена анализу изменений жизненных стратегий молодежи, которые очень важны в современном обществе, и раскрывают смысл жизненных стратегий в конкретных жизненных ситуациях, связанных с выбором.*

***Ключевые слова:*** *молодежь, жизненная стратегия, изменение жизненных стратегий, социальная структура, жизненная стратегия молодежи, ценностные ориентации, молодое поколение.*

# CHANGING OF YOUTH LIFE STRATEGY IN THE CONTEXT OF SOCIAL CHANGE

**NAZIROVA MARHAMAT NAZAROVNA,**
deputy head of the Department analysis of social problems of
the Center for strategic researchs under the President of the Republic of Tajikistan,
734025 Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992 ) 918-42-91-84; e-mail: nmarxamat@mail.ru

*In different historical stages of the development of society, the formation of life strategies occurs in different ways, which reflects the continuity and stability of the life process of each person. Today, among young people who are an active part of society, the analysis of their life activity is of scientific importance both for themselves and for the prospects for the development of modern society. Therefore, this article is devoted to the analysis of changes in the life strategies of young people, which is very important in modern society, and reveals the meaning of life strategies in specific life situations associated with a choice.*

***Keywords****: youth, life strategy, change in life strategies, social structure, life strategy of youth, value orientations, young generation.*

УДК: 1МИ7

# ОМӮЗИШ ВА ТАҲЛИЛИ МАСЪАЛАҲОИ ОИЛАДОРИИ МИЛЛӢ

**ҲОДИБОЕВ ФАРИДУН АБДУАЛИЕВИЧ,**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, сардори Маркази иттилоот ва таҳлили Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
735700, Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбекова 1;
тел: (+992) 92-888-46-05; e-mail: Faridun84.84@mail.ru

*Дар марҳилаи гузариш бисёр урфу одатҳои неки ниёгон эҳё шуда, дар мавриди дигар бархеи онҳо дар ҷомеаи имрӯза коста гардидаанд.*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои оиладорӣ, фарҳанги миллӣ, урфу одатҳои ниёгон ва анъанаҳои оиладорӣ аз муҳимтарин масоили ҷомеа маҳсуб ёфта, мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.*

*Он бо такя ба адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ ва мутафаккирони бузурги олам рӯйи кор омада, масоили оиладории миллӣ ба риштаи илм ва баҳси он кашида шудааст. Махсусан, ҳифз ва гиромидошти анъана, расму оинҳои миллӣ, ки ақлу заковат, хиради азалӣ, фарҳангпарвариву инсондӯстии мардуми моро инъикос мекунанд, тоҷику тоҷикистониёнро даъват намудааст, ки он ба ҷаҳониён муаррифӣ карда шавад.*

***Калидвожаҳо**: оила, никоҳ, хонавода, фарҳанги оиладорӣ, оиладории миллӣ, анъана, урфу оодатҳои миллӣ, тарбияи фарзанд*

Фарҳанг падидаи таърихӣ буда, дар марҳилаҳои муайяни тараққиёти ҷомеаи инсонӣ шаклу шеваҳои махсусро ба худ касб карда, инкишоф ёфтааст. Дар ин миён фарҳанги оиладории ҳар як халқ низ бо мурури замон рушд мекунад ва ё рӯ ба таназзул оварда, бори дигар эҳё мешавад. Ҷомеаи инсонӣ бе фарҳанг, расму оини оиладорӣ арзи ҳастӣ карда наметавонад, зеро фарҳанг ва урфу одатҳои миллӣ барои муаррифии дастовардҳои халқу миллатҳо хизмат намуда, ҳамчун одат ва мерос ба наслҳои оянда боқӣ мемонанд.

Дар ҷамъият ячейкаҳои иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ, ба монанди ҳамсолон, ҳампешагон, ҳамсинфон, ҳамкасбон, ҳамзабон, ҳамчунин, коллективҳои меҳнатӣ, клубҳои ҷавонон, клубу ҷамъиятҳои варзишӣ, ҳунармандӣ, эҷодӣ ва ғайра хеле зиёд ба назар мерасанд. Аммо оила ва фарҳанги оиладорӣ аз ҷумлаи ячейкаи ҷамъиятие мебошад, ки мақому мароми онро дигар ячейкаҳои дар боло зикрёфта ба зимма гирифта наметавонад. Аз ин рӯ, фаъолиятмандии ячейкаҳои зикршуда, пеш аз ҳама, аз оилаю оиладорӣ, тавониста ба ҷо овардани вазифаҳое, ки дар назди онҳо истодааст, вобастагии зич дорад.

Бояд тазаккур дод, ки миллат як ҷузъи томи ҷомеаи башарист, ҳамин гуна як таносубе дар байни фарҳанги миллӣ ва фарҳанги умумибашарӣ ҷой дорад. Фарҳангҳои мухталифи миллату халқҳои гуногунзабон, дин, мазҳаб, урфу одат ва дигар унсурҳои иҷтимоӣ ҳамеша бо ҳамдигар дар иртибот буда, ба якдигар таъсири мутақобила мерасонанд. Ҳамин гуна алоқамандии байни фарҳангҳо ҳамеша дар ҳама давру замонҳои таърихи башар ба таври пайваста ҷараён дошта, дар ҷомеаи кунунӣ боз ҳам қавитар гаштааст.

Дар марҳилаи гузариш бисёр урфу одатҳои неки ниёгон эҳё гардида, дар мавриди дигар бархеи онҳо коста гардиданд. Муҳаққиқи номвари тоҷик Назирҷон Турсунов низ дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки ба қавли мардум ба рӯйи фарши хона андохтани бӯрё аҳаммияти калони амалӣ дошт, кори савоб ҳисобида мешуд, зеро, бӯрё намии фаршро ба қолину палос намегузаронид, чангу ғубори рӯйи гилему намадро ба замин мефаровард, ба пайдоиши ҳар гуна хазандаҳо ва ҳашароти зараррасон монеъ мешуд. Мегуфтанд, ки ҳангоми болои бӯрё хондани намоз, вассаҳои он салавот мехондаанд [1, 192].

Кӯрпаву болинро ба болои сандуқу сандуқча дар таҳмони хонаи нав зани рӯзгордидаву солхӯрдаи соҳибэътибор таҳ мекард, то ки зиндагии оилаҳои ҷавон устувор ва пурбаракат бошад. Баъдан мӯйсафеди солору табаррук дасти кушода дуо мекард, то ки хонаю манзили нав насибу рӯзӣ кунад.

Ҳамчунин, дар урфу одатҳои миллии тоҷикон дар арафаи тӯй маъаракаҳои маслиҳатошӣ, дар арафаи сохтмони биноҳо ва суннатҳои иморати миллӣ ҳашарҳои умумӣ анъана буд, ки феълан дар баъзе манотиқи кишвар ба чашм мерасанд, вале ҳоло қисме аз онҳо қариб аз байн рафтаанд. Дигар анъанае, ки аз гузаштагон ба мо мерос мондааст, саҳар барвақт аз хоб хестани наварӯсон ва ҳавлию хонаро об зада рӯбучин намудан аст. Зеро гузаштагони мо мегуфтанд, ки саҳар барвақт аз хоб хеста, дарвозаҳоро кушода, ҳавлиро об зада, рӯбанд, файзу баракат аз он даргоҳ канда намешавад ва фариштаҳо ба он хона ворид мешаванд. Аз ҷониби дигар, саҳархезӣ, тозаю озода кардани ҳавлӣ ва гирду атрофи он, расидани бӯи хуши нармии обу хок ба машом ва ғайра ба аҳли оила таровати тоза мебахшад. Аммо дар баъзан маврид оила ҳамчун оилаи муосир ё замонавӣ унвон гирифта, баъзе анъанаҳои неки ниёконамон боиси фаромӯшӣ гардидааст. Ҷойи онро бо такя ба урфу одатҳои кишварҳои ғайр хизматгор, рӯбандаву пазанда ва танзимгару таъмиргар гирифтааст. Ба ин хотир, то ҳанӯз ҷомеаи мо ба эҳёи расму оин ва анъанаҳои оиладории аз ниёкон меросӣ ва зинда нигаҳ доштани он эҳтиёҷ дорад, зеро ҳаёти ҳар як фарди тоҷику тоҷикистонӣ ба расму оин, анъанаҳо, маросимҳои иҷтимоиву оилавӣ бояд тобеъ бошад. Тоҷикон дар таърихи фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҷашну маросимҳои зиёди оилавиро риоя ва барпо намуда меоянд, ки он дар тарбияи башарият нақши созгор мегузорад, зеро ҳаёти инсон бидуни ҳамин анъанаву чорабиниҳо маънии худро гум мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оила дар маркази таваҷҷуҳи давлат буда, он дар моддаи 33-юми Конститутсия чунин омадааст: «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳӣ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд. Бисёрникоҳӣ манъ аст».

Оиладорӣ яке аз муҳимтарин рукнҳои зиндагии инсонӣ маҳсуб гашта, пойдорӣ ва мустаҳкамии он асоси хушбахтии аъзои он дар ҳаёти шахсӣ ба шумор меравад.

Муносибатҳои никоҳиву оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конститутсия, Кодекси оила ва дигар санадҳои ҳуқуқии кишвар ба низоми муайян медароянд.

Масъалаи хонавода ва арзиши иҷтимоию иқтисодии он дар чандин сарчашмаҳои таърихи куҳан аз ҷумла, дар китоби «Авесто» ёд шуда, вобаста ба зан ва оила масъалаҳои гуногун гузошта шудааст. Дар қисматҳои Меҳряшт, Обоняшт, бобҳои Ясмову Виспарад ва Вандидод Зардушт ҳамон занонро ситоиш кардааст, ки дар хонавода якҷоя бо шавҳар бо камоли покманишӣ зиндагӣ карда, фарзандони бисёр ба дунё овардаанд, онҳоро ҷисману руҳан ва маънаван солим парварида, ба ҷамъияти худ ворид сохтаанд. «Инак заминро меситоем; замине ки моро дар бар гирифтааст. Эй Аҳуро Маздо! Занонро меситоем. Занонеро, ки аз они ту ба шумор оянд ва аз беҳтарин Аша бархӯрдоранд, меситоем». Дар ҳамин қисмат илова мешавад, ки «Занеро истода хоҳам, ки дар андешаву гуфтору кирдор нек, саромаду хубомӯхтаву фармонбардори шавҳар ва /ради/ ашаван /чун/ Спандармард ва /чун/ занонест, ки аз они туанд…» [3, 163-164].

Муҳаққиқи тоҷик Зумрадхон Ҳакимова дар таҳқиқоти худ баён менамояд, ки «Дар замони Зардушт мақсади асосии издивоҷ дар натиҷаи расидан ба балоғати ҷисмонию руҳӣ, барои қавми худ ва ҷамъияти худ овардани фарзандони наку ва барӯманд буд. Ҳар хонаводае, ки ба ҷамъият фарзандони зиёд ва шоиста тарбият менамуд, барои он хонавода ин хизмат мояи ифтихор маҳсуб мегашт [4, 64].»

Дар достонҳои ҷудогонаи ҷузъи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ ки мавриди таҳлилу таҳқиқи Ҷ.Саидзода қарор гирифтааст, ташкили оила ва тавлиди фарзанд мавриди омӯзиш ва таҳқиқи бадеӣ қарор ёфтаанд. Дар ҳақиқат, сохтори иҷтимоӣ дар миёни мардуми мо чунин аст, ки «инсон пас аз соҳиби фарзанд шудан дар иҷтимоъ ба унвони падар ва модар шинохтаву эътироф карда мешавад ва мақоми волою арҷманд пайдо менамояд. Аз ин рӯ, одамон оила ташкил менамоянд ва бад-ин тартиб яке аз вазифаҳои асосӣ ва муқаддаси худро, ки аз издивоҷ ва ташкили хонаводаю таваллуди фарзанд иборат мебошад, ба анҷом мерасонанд» [5,5].

Дар боби фарҳангу маърифати оиладорӣ гузаштагони адабпарвари тоҷик низ таваҷҷуҳи хосса доштанд ва андешаҳои устувори онҳо то кунун арзиши ахлоқии худро гум накардааст. Чунончи аз нигоҳи Имом Ғаззолӣ дар асари безаволи ӯ «Кимиёи саодат» дар боби ташаккули фарҳанги оиладорӣ ва бунёди оилаи солим мусоидат намуда, ба ин восита саодати ҳайати оиларо таъмин хоҳанд кард. Муҳаммад Ғаззолӣ дар мавриди муҳимтарин арзиши оиладорӣ, ки ҷузъи ҷудонопазири фарҳанг ва оини миллии шарқиёна аст, никоҳ назари хосса дошт. Дар боби «Одоби никоҳ» мутафаккир иброз медорад, ки чӣ тавре бақои ҳаёти инсон бе шаробу таом мумкин нест, «пас ҳамчунин, ба бақои ҷинси одамӣ ва насли вай ҳоҷат аст ва ин бе никоҳ мумкин нест. Пас никоҳ сабаби асли вуҷуд аст ва таом сабаби бақои вуҷуд аст» [6, 380].

Дар фарҳанги оиладории миллии тоҷикон никоҳ мавқеи асосӣ дошта, заминаи асоси ташкили оила аз никоҳ маншаъ мегирад. Ин анъана аз дини мубини ислом сарчашма мегирад ва мардуми тоҷик низ анъанаҳои ин динро ҳифз намуда, дар бисёр мавридҳо аз он истифода мебаранд ва ҷузъи фарҳанги ҳар як хонавода аст. Агар тибқи қонунгузорӣ сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ҳолати барпо намудани тӯйи арӯсӣ сурат гирад, никоҳ низ ҷузъи таркиби фарҳангист, ки бидуни он дар урфу одат ва расму оинҳои фарҳанги оиладорӣ сурат намегирад.

Мутафаккир пиромуни манфиати никоҳ аз нуқтаи назари динӣ ва инсонӣ чанд нуктаро муҳим мешуморад, ки ин бозгӯйи фарҳанги оиладории пурғановати тоҷикон аз гузаштаро шаҳодат медиҳад. Ғаззолӣ панҷ манфиати никоҳро барои пойдории оила зикр намудааст: манфиати аввал, дар фарзанд аст ва ба сабаби фарзанд никоҳ чор гуна савоб дорад: аввал, ки бақои насли вай аст, сабаби дуюм он ки «никоҳ барои шаҳват нест, ки некӯ шаҳватро шоистатар аст аз зишт, савоби севвум он ки аз фарзанд дуо ҳосил ояд… яке фарзанди солеҳ аст, ки дуои вай пас аз марги падару модар пайваста бошад ба падару модар мерасад, савоби чаҳорум аз он бувад, ки фарзанд бошад, ки пеш аз падар фармон ёбад, то падар ранҷи он мусибат бикашад ва фарзанд шафеи вай гардад [6, 381-382].

Аз нигоҳи мутафаккир никоҳ аз чанд ҷиҳат ба пойдории оила мусоидат мекунад ва аз нигоҳи динӣ низ оиларо мустаҳкам мекунад. Андешаҳои пурқимати Ғаззолӣ барои дарки моҳияти иҷтимоӣ ва арзиши баланди ахлоқии никоҳ дар ҷомеаи имрӯза, аҳаммияти никоҳ барои идомаи насли солими оянда ва пешгирии ҳодисаҳои нангини ҷудошавии оилаҳо, аз ҷумла оилаҳои ҷавон, таваллуди фарзандоне, ки берун аз никоҳ таваллуд мешаванд, бағоят муҳим аст.

Дар мавриди никоҳ ва фарҳанги барпо намудани оила ва оиладорӣ бисёр мутафаккирон: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз зумраи онҳоест, ки ҳамчун олими ҳамадон ва мутафаккири бузурги давр дар раванди таҷрибаву му-

шоҳидаҳои худ масъалаи муносибатҳои зану шавҳарро дар тарбияи фарзандон ва муҳити солими оилавӣ дарк намуда, барои наслҳо баррасӣ ва мерос мондааст. Ҳамчун донишманди бузург камбудиву нуқсонҳои замони хешро ба хубӣ дарк намуда, барои ҳалли онҳо сахт талош варзидааст. Яке аз ин гуна масъалаҳои муҳим тарбияи оилавӣ буд, ки мутафаккир роҳҳои ҳал ва бартараф намудани онро ба хубӣ дарёфтааст. Ба андешаи ӯ, агар завҷ ба завҷа дар муносибатҳои оилавии худ қоидаҳои аз тарафи шариат муқарраргардидаро риоя намоянд, бартараф намудани масъалаҳои дар ин раванд ҷойдошта барояшон осон мегардад. Дар мавриди никоҳ мутафаккир чунин таъкид медорад: «…ҳуқуқи никоҳ аз донистан ва амал кардан бад-он пора нест, ҳафт шарт аст: шарти аввал – муошират, шарти дувум – сиёсат, севум – ғайрат, чаҳорум – нафақа, панҷум – таълим, шашум – қисмат, ҳафтум – таъдиб» [7,77].

Баъд аз барпо шудани оила ва соҳиби фарзанд гардидан барои марду зан масъулияти дигар ва асосиро то поёни зиндагӣ фароҳам овардани осоишу оромиш дар хонавода ва тарбияи дурусти фарзанд пеш меояд. Ин тақозо менамояд, ки ҳар як аъзои оила бояд масъулият дошта бошад, ки дар баробари бархӯрдорӣ аз неъмати ҳамсару фарзанд, аз пойдории оромиш дар оила ва тарбияи дурусти насли оянда низ бетафовут набошад. Аз ҳамин нуқтаи назар масъалаи устувори занон дар пойдории асолати хонаводагӣ муайян мешавад.

Дар робита ба ин, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон низ зимни суханронии хеш дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму ойинҳо ва анъанаву маросимҳои динӣ, 24 майи соли 2007 махсусан таъкид намуда буданд, ки «вазифаи муқаддаси падару модар, пеш аз ҳама, тарбия намудани фарзанди баодоб, хушахлоқ ва ватандӯсту ватанпарвар мебошад» [8, 44].

Ба таъкиди мутафаккир шахсони никоҳшаванда бояд аз шартҳои нишондодашуда огаҳ ва онро хуб донанд. Дар чунин ҳолат оилаҳои мустаҳкам ва фарзандони солеҳ дар чунин оилаҳо ба камол хоҳанд расид. Дар ҳолати надонистани шартҳои зикршуда Алии Ҳамадонӣ никоҳро зарур намешуморад.

Ӯ дар мавзуи сиёсати оиладорӣ доираи ҳуқуқҳои занро нисбат ба мард то андозае маҳдуд гардонидааст. Ҳадаф аз гуфтаҳои ӯ, дар асл на маҳдуд гардонидани ҳуқуқҳои зан, балки аз он иборат аст, ки дар оила бояд як нафар сардори оила бошад ва дар ҳалли мушкилоти пешомадаи оилавӣ қарори мушаххас бароварда, раванди корҳои оилавиро доимӣ назорат барад. Дар ин маврид мутафаккир тибқи анъанаву суннатҳои замони худ муносибат карда, ҳуқуқи занҳо ҳамчун зан-модар не, балки ҳамчун сардори оила муносибат кардааст.

Дар робита ба ин, дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои пойдории оилаҳои ҷавон ва тарбияи дурусти фарзандон дар роҳи худшиносию худогоҳӣ ва ватандӯстию меҳанпарастӣ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро ба тасвиб расонид. Дар Қонуни мазкур омадааст: «–барои саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанди худ ғамхорӣ намоянд;– фарзандонро ба ҳаёти мустақилона ва меҳнати софдилона омода намоянд; –фарзандонро дар руҳияи эҳтироми Ватан, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд» [9, 24].

